**ISSN 2414 9217**

**https://www.gospravacheloveka.tj**

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 4 (24)**
**2021**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 4 (24)**
**2021**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ф., профессор** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Тоҳиров Ф.Т.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Авакян С.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. и. с., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ҷамшедов Ҷ.Н.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Павленко Е.М.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Наимов Б.Ғ., Сафарзода Н.Ф.**

**ISSN 2414 9217**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 4 (24)**
**2021**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал выходит с 2016 года, издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***



| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Тахиров Ф.Т.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Авакьян С.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Наимов Б.Г., Сафарзода Н.Ф.**


**ISSN 2414 921**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Шарофзода Р.Ш., Камолзода И.И.** | К вопросу о понятии международно-правовых актов в правовой системе Республики Таджикистан | **7** |
| **Азиззода У.А., Раҷабзода С.А.** | Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун навъи ҷавобгарии иҷтимоӣ | **13** |
| **Сафарзода Б.А., Шермуҳаммадзода С., Мирализода М.С.** | Масъалаҳои мубрами ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон | **24** |
| **Саъдизода Ҷ. Низомзода К.** | Андешаи дахлнопазирии инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик: дар мисоли Авесто ва Эъломияи Куруши Кабир | **33** |
| **Саидов Х.Х.** | К вопросу о совершенствания таможенного законодательства Республики Таджикистан | **49** |
| **Бобоева Н.И., Имомова Ф.С., Бобоева Ф.С.** | Масъалаҳои мубрами баробарҳуқуқии занону мардон | **57** |
| **Сафарзода Н.Ф.** | Рушди ҳуқуқ ба саломатӣ дар даврони Истиқлол | **65** |
| **Azimov S.Sh.** | Some theoretical and practical issues of the external labor migration of citizens of the Republic of Tajikistan to foreign countries | **72** |
| **Вализода С.А.** | Вазъи зӯроварӣ дар оила ва қонунгузорӣ дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар баъзе давлатҳои мусулмонӣ | **80** |
| **Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А.** | Асосҳои криминализатсия кардани тухмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **88** |
| **Розиқзода Д.З.** | Сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ: мафҳум, моҳият ва тафовут | **108** |
| **Абдулхайрзода Ҷ.** | Мафҳуми ҳуқуқҳои кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон | **115** |
| **Зайниддинзода А.К.** | Инкишофи асосҳои илмӣ-методологии мафҳуми «қонуният» | **128** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Шерализода Дж.Ш., Муродзода У.У.** | Конституция Республики Таджикистан и гарантии избирательных прав граждан | **138** |
| **Шарифзода И.М.** | Баъзе андешаҳои илмӣ оид ба таснифи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ | **144** |

## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Кодиркулов Х.Р.** | К вопросу о защите трудовых прав с иностранным участием по законодательству Республики Таджикистан | **152** |
| **Шерзода Б.С.** | Мафҳуми “молу мулк” ва “ашё” дар ҳуқуқи гражданӣ | **163** |
| **Додозода А.М.** | Гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ | **180** |


## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)


| | | |
|---|---|---|
| **Миралиев Э.Б.** | Баъзе андешаҳо оид ба такмили институти шартан татбиқ накардани ҷазо | **191** |
| **Зоирова П.Ҷ.** | Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади меъёрӣ-ҳуқуқии асосӣ барои пешгирии фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ | **203** |


## МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)


| | | |
|---|---|---|
| **Собиров М.Ш.** | Эҳтимолияти бегуноҳӣ: мафҳум, моҳият ва субъектони баамалбарорандаи он | **208** |


## ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)


| | | |
|---|---|---|
| **Саидзода И.И., Давлятов С. Ҳ.** | Фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон | **218** |
| **Одинаева Н.Ҳ.** | Юрисдиксияи универсалӣ – мероси ҳуқуқии Нюрнберг | **224** |


## ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ (ИХТИСОС: 12.00.11) – СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.11)


| | | |
|---|---|---|
| **Маҳмудов И.Т.** | Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар масири солҳои Истиқлоли давлатӣ: аҳамият, дастовард ва дурнамо | **230** |

## КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

| | | |
|---|---|---|
| **Қодирзода Д.С.** | Тактикаи пурсиш ва нақши он дар раванди ошкоркунии ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар | **254** |

## МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН – ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ

| | | |
|---|---|---|
| **Бобозода У.Э., Аламхонзода А.** | Становление и развитие права на труд в Советский период | **264** |

## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

| | | |
|---|---|---|
| **Зеленцов А.Б.** | Отзыв на автореферат диссертации Марифхонова Расулжона Нурматовича на тему «Административно-процессуальное права Республики Таджикистан: концептуальные проблемы современного развития» | **274** |

| | |
|---|---|
| **Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** | **278** |
| **Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** | **279** |

# НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

## К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ АКТОВ В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Шарофзода Р.Ш.,**
профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТНУ, д.ю.н.
**Тел.:** (992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Камолзода И.И.,**
доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТНУ, к.ю.н.
**Тел.:** (992) 918269888
**E-mail:** lhom2005_81@mail.ru

**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье рассматривается и анализируется понятийный аппарат международных нормативных правовых актов в правовой системе Республики Таджикистан. В частности, отмечается, что своеобразие национальной правовой системы Таджикистана также проявляется в использовании конституционных и иных законодательных нововведений относительно поятийного аппарата международных правовых актов.

**Ключевые слова:** международные акты, конвенция, декларация, конституция, нормативный правовой акт, правовая система, международные договоры.

## ОИД БА МАСЪАЛАИ МАФҲУМИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУКИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарофзода Р.Ш.,**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ.
**Тел.:** (992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Камолзода И.И.,**
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.
**Тел.:** (992) 918269888
**E-mail:** lhom2005_81@mail.ru

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктор илмҳои ҳуқукшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола дастгоҳи консептуалии санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил карда шудааст. Аз ҷумла зикр мегардад, ки асолати низоми ҳуқуқии миллии Тоҷикистон дар истифодаи навовариҳои конститутсионӣ ва дигар қонунгузориҳо нисбати дастгоҳи консептуалии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ зоҳир мегардад.

**Калидвожаҳо:** санадҳои байналмилалӣ, конвенсия, эъломия, конститутсия, санади меъёрии ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқӣ, шартномаҳои байналмилалӣ.

**Sharofzoda R.SH.,**
professor of the department of theory and history of state and law of the faculty of law of the TNU, doctor of law
**Phone:** (992) 901000770
**E-mail:** www-rustam-tj@mail.ru

**Kamolzoda I.I.,**
associate professor of the department of theory and history of state and law of the faculty of law of the TNU, candidate of law
**Phone.:** (992) 918269888
**E-mail:** lhom2005_81@mail.ru

**Reviewer:** Azizzoda U.A., doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article examines and analyzes the conceptual apparatus of international normative legal acts in the legal system of the Republic of Tajikistan. In particular, it is noted that the originality of the national legal system of Tajikistan is also manifested in the use of constitutional and other legislative innovations regarding the conceptual apparatus of international legal acts.

**Keywords:** international acts, convention, declaration, Constitution, normative legal act, legal system, international treaties.

Своеобразие национальной правовой системы Таджикистана также проявляется в использовании конституционных и иных законодательных нововведений относительно вопроса построения системы нормативных актов в Таджикистане. Одним из таких конституционных нововведений является положение, закрепленное в статье 10 Конституции Таджикистана, которое предусматривает включение в правовую систему государства международно-правовых актов. В ч. 3 ст. 10 Конституции Республики Таджикистан, в частности предусматривается, что: «Международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международно-правовым актам применяются нормы международно-правовых актов»[1]. Далее в части 4 указанной статьи Конституции закрепляется, что: «Законы и признанные Таджикистаном международно-правовые акты вступают в силу после их официального опубликования».

Дальнейшее правовое закрепление международно-правовых актов и их место в системе законодательства страны установлено в Законе РТ «О нормативных правовых актах Республики Таджикистан». В статьях 9-10 названого Закона указывается, что международно-правовые акты входят в систему нормативных правовых актов Таджикистана и «имеют прямое действие»[2].

Следует отметить, что вопрос включения международных правовых актов в систему нормативных правовых актов имеет ряд нюансов. Так, Конституция Республики Таджикистан определяет статус указанных актов как составной части правовой системы, а не права либо системы нормативных правовых актов. Следует подчеркнуть, что в теории права различаются понятия «система нормативных правовых актов», «система права» и «правовая система». При этом Закон РТ «О нормативных правовых актах» ставит международные правовые акты на третье место после Конституции и закона, принятого на референдуме в иерархии нормативных правовых актов Таджикистана. В законодательстве страны понятие «международно-правовой акт» имеет широкое распространение.

Все эти факторы приводят к тому, что в науке и в практической деятельности возникает ряд вопросов доктринального свойства относительно понятия международного правового акта, его существенных и отличительных свойств. Конституционно-правовое закрепление понятия «международно-правовой акт» в Республике Таджикистан породило ряд научных суждений, но, по нашему мнению, в литературе Таджикистана по правовым вопросам его анализу не уделяется должного внимания. Лишь в некоторых отечественных изданиях фрагментарно уделено внимание данному вопросу. Так, Х. Хамидов, исследуя проблематику источников конституционного права, признает «международно-правовые акты» и «акты международных организаций» в

[1] Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016.
[2] Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2017. - № 5.

качестве таковых[3]. Также он считает, что «данные термины можно называть обобщающим термином «международные документы». Разновидностями международно-правовых актов, по мнению отечественных авторов, таких как Х. Хамидов, А.И. Имомов, Б.А. Сафарзода, А.М. Диноршоев выступают «декларации, конвенции, пакты, договоры и т.д.»[4]. При этом Х. Хамидов, считая аналогичными понятия «международно-правовые акты» и «акты международных организаций», проводит разграничение таких видовмеждународных документов как «общие документы», принятые в рамках ООН, и «региональные конвенции о правах человека, принятые региональными международными организациями»[5].

Из этого можно было бы предположить, что под «международно-правовыми актами», как элементом правовой системы Таджикистана, подразумеваются как международные «акты-документы», так и «международные договоры». Однако такое предположение не соответствует смыслу текста ст. 89 Конституции РТ, где термин «международный договор» используется отдельно, так как эта статья уполномочивает Конституционный суд РТ проверять конституционность «не вступивших в законную силу договоров Таджикистана».

Как стало ясным, в тексте Конституции РТ используются сразу два понятия: «международно-правовой акт» и «международный договор». Причем они используются применительно к разным правовым ситуациям. Международно-правовой акт провозглашается составной частью правовой системы, а международный договор составляет предмет конституционного контроля. Данное суждение опять-таки является предположением, поскольку неточность конституционных формулировок приводит к догадкам и предположениям.

На основе текста ст. 10 Конституции РТ можно также выдвинуть и такое предположение: понятие «международно-правовой акт», вероятно, включает также «международные договоры». Однако, во-первых, сам текст Конституции РТ прямо не указывает на это, во-вторых, при изложении соответствующих конституционных статей не прослеживается четкого барьера между указанными понятиями. Например, согласно Конституции РТ, с одной стороны, международно-правовые акты являются составной частью правовой системы, но с другой стороны, приоритет в случае коллизии с законами республики придается не международному договору, а всем без исключения международно-правовым актам (естественно, признанным Таджикистаном). Между тем в мировой конституционной практике в большей мере используется положение о приоритете именно международного договорного права.

Таким образом, в рамках отечественных доктринальных разработок наблюдается казуистика по определению понятий «международно-правового

---

[3] См.: Хамидов Х.Х., Алиев З.М. Теория государства и права: метод. пособие. – Душанбе, 2004. – С. 252-256. (на тадж. яз.).

[4] Сафаров Б.А., Диноршоев А. Закрепление международных стандартов в области прав человека в национальной правовой системе Республики Таджикистан. - Душанбе, 2015. – С. 67-107.

[5] Менглиев Ш.М. Гармонизация и унификация гражданского законодательства Республики Таджикистан // Государство и право. – Душанбе, 2006. - № 3. – С. 54.

акта» и «международного договора». В одних случаях они признаются синонимами в других источниками отраслей права. Например, в качестве документов прямого назначения признаются договоры между федерацией и ее органами, между субъектами федерации, а также международный договор[6].

Но всё же понятие «международно-правовой акт», по сути, имеет теоретическое и прикладное значение. Так, по мнению Ш.М. Менглиева, «международно-правовые акты – это, прежде всего, общепризнанные принципы и нормы, которые выражены в договорной практике, а также в резолюциях международных конференций и организаций»[7].

Ф.С. Сулаймонов предлагает рассматривать понятие «международно-правовой акт» в узком и широком смысле. В широком смысле под международно-правовым актом необходимо понимать совокупность международных договоров, международных обычаев, актов международных организаций и конференций, в которые облекаются международные договорные и обычные нормы. В узком смысле, по мнению автора, под международно-правовым актом следует понимать конкретную форму, в которой отражаются нормы международного права, например, Конвенция о дипломатических сношениях 1961 года[8].

Исходя из указанных соображений, понятие «международно-правовой акт» подразумевает как «международный акт-документ», так и «международный акт-договор». Однако проблематично выработать общее определение указанного понятия.

Поэтому более правильным было бы использование в тексте Конституции РТ широко известных и общепризнанных терминов и понятий – «принципы и нормы международного права» и «международный договор».

Следует заметить, что в отличие от Конституции РТ указанные общеизвестные понятия и термины также широко используются в иных законодательных актах Таджикистана. В Гражданском кодексе Республики Таджикистан указано, что: «Общепризнанные принципы и нормы международного права и международные договоры Республики Таджикистан в соответствии с Конституцией Республики Таджикистан являются составной частью правовой системы Республики Таджикистан»[9].

Таким образом, разновидностью нормативных актов Таджикистана являются как «международно-правовой акт», так и «общепризнанные принципы и нормы международного права», а также «международный договор». Международно-правовой акт признан в качестве составной части Конституции РТ и соответственно, конституционного права. Международно-правовые принципы и нормы закреплены в гражданском, уголовном и в других отраслях права республики. Международный договор является синонимом международно-правового акта с точки зрения Конституции и иных законодательных актов в широком смысле.

---

[6] См.: Сулаймонов Ф.С. Место международно-правовых актов в правовой системе РТ: проблемы гражданского права и международного частного права. – Душанбе, 2014. – С. 50. - (на тадж. яз.).
[7] Гражданский Кодекс Республики Таджкистан. Часть1 [Электронный ресурс]. URL:adliya.tj
[8] См.: Сулаймонов Ф.С. Место международно-правовых актов в правовой системе РТ: проблемы гражданского права и международного частного права. - Душанбе, 2014 - С. 50. - (На тадж. яз.).
[9] Гражданский Кодекс Республики Таджкистан. Часть1 [Электронный ресурс]. URL:adliya.tj

Помимо того, международно-правовые акты (как международные документы – по замыслу ряда авторов Конституции РТ) включают также международные документы, содержащие общепризнанные принципы и нормы международного права.

**Литература:**


1. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016.
2. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2017. - № 5.
3. Хамидов Х.Х., Алиев З.М. Теория государства и права: метод. пособие. – Душанбе, 2004. (на тадж. яз.).
4. Сафаров Б.А., Диноршоев А. Закрепление международных стандартов в области прав человека в национальной правовой системе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 67-107.
5. Менглиев Ш.М. Гармонизация и унификация гражданского законодательства Республики Таджикистан // Государство и право. - Душанбе, 2006. - № 3. – С. 54.
6. Сулаймонов Ф.С. Место международно-правовых актов в правовой системе РТ: проблемы гражданского права и международного частного права. – Душанбе, 2014 – С. 50. (на тадж. яз.).
7. Гражданский Кодекс Республики Таджкистан. Часть 1 [Электронный ресурс]. URL:adliya.tj

# ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН НАВЪИ ҶАВОБГАРИИ ИҶТИМОӢ

**Азиззода У.А.,**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ.
**Тел.:** (+992907811285).
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Раҷабзода С.А.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** 907153715
**E-mail:** rajabov.9999@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола паҳлуҳои гуногуни фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад. Дар замони имрӯза дар шароити бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқӣ мебошад. Муаллифон ба хулоса меоянд, ки маҷбуркунии давлатӣ нишонаи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, аммо он моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро пурра тавсиф намедиҳад. Қайд мегардад, ки маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ дар алоқамандӣ бо ҷавобгарӣ бояд ҳамчун восита ва тарзу усули амалӣ шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста шавад.

**Калидвожаҳо:** масъулият, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии манфӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии мусбӣ, маҷбуркунии давлатӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, чораи маҷбуркунӣ, меъёри ҳуқуқ, мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии ретроспективӣ, ҷавобгарии ҳуқуқии перспективӣ.

# ЮРИДИЧЕСКАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ КАК МЕРА ГОСУДАРСТВЕННОГО ПРИНУЖДЕНИЯ

**Азиззода У.А.,**
профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н.
**Тел.:** +(992)907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Раҷабзода С.А.,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета,
**Тел.:** 907153715
**E-mail:** rajabov.9999@mail.ru

**Аннотация:** В статье рассматриваются существующие подходы к определению понятия юридической ответственности. В настоящее время в условиях построения демократического правового государства и гражданского общества в Таджикистане юридическая ответственность представляет собой одну из наиболее актуальных проблем юридической науки и правоприменительной практики. Автор приходит к выводу, что правовое принуждение, являясь необходимым признаком ответственности, не раскрывает в полной мере сущность юридической ответственности. Показано, что принуждение применительно к пониманию ответственности должно рассматриваться как инструмент, способ обеспечения реализации юридической ответственности.

**Ключевые слова:** ответственность, юридическая ответственность, негативная юридическая ответственность, позитивная юридическая ответственность, государственное принуждение, правонарушение, преступление, административное правонарушение, мера принуждение, норма права, понятие юридической ответственности, ретроспективная ответственность, перспективная ответственность.

## LEGAL LIABILITY AS A MEASURE OF STATE COERCION

**Azizzoda U.A.,**
professor of the department of human rights and comparative law of the law faculty of the Tajik national university, doctor of law
**Phone.:** +(992)907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Rajabzoda S.A.,**
applicant of the department of human rights and comparative law of the law faculty of the Tajik national university
**Phone:** 907153715
**E-mail:** rajabov.9999@mail.ru

**Annotation:** The article discusses the existing approaches to the definition of the concept of legal liability. Currently, in the context of building a democratic state of law and civil society in Tajikistan, legal liability is one of the most pressing problems of legal science and law enforcement practice. The author comes to the conclusion that legal coercion, being a necessary sign of responsibility, does not fully disclose the essence of legal liability. It is shown that coercion in relation to the understanding of responsibility should be considered as a tool, a way to ensure the implementation of legal liability.

**Keywords:** responsibility, legal liability, negative legal liability, positive legal liability, state coercion, offense, crime, administrative offense, measure of coercion, rule of law, concept of legal responsibility, retrospective responsibility, prospective responsibility.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ мавзӯи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои бештар таҳқиқшаванда ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ одатан дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун ҷавобгарии манфӣ ё ретроспективӣ ташаккул ёфтааст. Яъне он бевосита ба рафтори зиддиҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар ин асос, ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба субъектони ҳуқуқ хусусияти маҷбуркуниро мегирад, ки аз ҷониби субъектони муайян – ҷамъият, давлат, мақомоти давлатӣ ва шахсони муаяни ваколатдору мансабдор ба амал бароварда мешавад[10].

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлат баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мебошад, ки дар васеъ омухтан ва аз худ намудани ҳуқуқ ва нишондодҳои қонунгузорӣ ҳамчун воситаи асосии танзимнамоии ҳаёти иҷтимоӣ ифода меёбад. Аз ҷониби дигар баланд гардидани шуури ҳуқуқии аҳолӣ асоси босифат ва самаранок танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ гардида, боиси маҳдуд шудани имконияти амалҳои зиддиҳуқуқӣ мегарданд.

Шахс дар ҷамъият зиндагӣ намуда, наметавонад аз он ҷудо бошад. Ӯ вазифадор аст амалу рафтори хешро ба меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷамъият мавҷудбуда мувофиқ гардонад ва онҳоро пурра риоя намояд. Давлат ва ҷамъият бошад пайваста ин ҷараёнро назорат менамояд. Шахс дар асоси меъёру арзишҳои ҷамъият зиндагӣ намуда, бомасъулият амал мекунад ва дар навбати худ ҷамъият (давлат, коллектив, аъзоёни дигари ҷамъият) доимо фаъолияти шахсро назорат карда, ба ҳар як амали ӯ аксуламал нишон медиҳад – ӯро ҳавасманд мегардонад, ё шахси вайронкунандаи тартиботро ҷазо медиҳад ва м.и.[11].

Бо назардошти гуфтаҳои боло ҷавобгарӣ (дар мазмуни васеи иҷтимоияш) гуфта, зарурияти воқеии ҷавобгарии шахси барои вайрон кардани меъёрҳои дар ҷамъият муқарраргардидаро меноманд, ки дар

---

[10] Дар ин хусус ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.; Назаров, А.К. Уголовно-правовые нормы Корана и хадисов и их классификация по институтам уголовного права / Назаров А.К. – Душанбе :Дакики, 2014. – С. 207.

[11] Ниг.: Наумов С.Ю., Мордовец А.С., Касаева Т.В. Общая теория государства и права. Учебник. – Саратов: ССЭИ РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2018. – С. 278.

татбиқ кардани оқибатҳои ногувор нисбати ӯ ифода меёбанд (сарзаниш, танбеҳ, ҷарима, аз озоди маҳрум намудан, ҳукми қатл ва м.и.). Намудҳои гуногуни ҷавобгарии иҷтимоӣ вуҷуд доранд: ҷавобгарии сиёсӣ, маънавӣ, корпоративӣ, оилавӣ, динӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. Вале дар низоми ҷавобгарии иҷтимоӣ мавқии махсусро ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишғол менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ дар хусуси фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Мавҷуд набудани мафҳуми ягона ва истифодаи гуногуни истилоҳи ҳуқуқӣ дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ барои таҳлили институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушкилиҳои объективиро ба миён оварда, ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва низоми қонунгузорӣ монеъ шуда метавонад. Аз ин хотир, категорияи ҷавобгарӣ аз тарафи муҳаққиқони илми ҳуқуқшиносӣ ба тарзҳои гуногун маънидод карда мешавад. Ҳар кадоме аз онҳо таваҷҷуҳи худро ба паҳлуи муҳимми ин институт равона карда, нуқтаи назарро оид ба функсия, мақсад ва аҳамияти институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ баён мекунанд. Гарчанде ақидаҳои олимон ба тарзҳои гуногун ифода ёфта бошанд ҳам, аммо онҳо барои ҳалли як масъала – дарёфти мафҳуми илман асосноки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва самаранокии татбиқи он дар амалия равона карда шудаанд.

Яке аз нуқтаҳои назари бештар паҳншудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаҳмиши ҷавобгарӣ ҳамчун маҷбуркунии давлатӣ мебошад. Сарчашмаи чунин фаҳмиши ҷавобгарӣ дар он аст, ки аз аввал олимон танҳо ҷанбаи манфии (ретроспективӣ, ҷазо барои кирдори зиддиҳуқуқии дар гузашта содиршуда) ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳлил мекарданд ва худи ҷавобгарӣ бошад, ҳамчун воситаи асосии амалишавии функсияи муҳофизавии ҳуқуқ фаҳмида мешуд.

Нуқтаи назар оид ба чораи маҷбурсозӣ будани ҷазо дар ҳама марҳилаҳои таърихи инкишофи ҳуқуқ вомехӯрад. Масалан, дар марҳилаҳои аввал ва минбаъдаи давлатдории тоҷикон ҳама кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ҳамчун ҷиноят ё ҷурм дониста шуда, ҷавобгарӣ барои шахси содиркунандаи кирдори зиддиҳуқуқӣ дар шакли «ҷазо барои ҷиноят» инъикос меёфт. Яъне, монанди замони имрӯза ҷавабгарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва гражданӣ таснифбандӣ намешуд. Инчунин, мақсади ҷавобгарӣ танҳо ҷазо барои кирдори зиддиҳуқуқии дар гузашта содиршуда буд[12].

Масалан, мувофиқи ақидаи И. Буризода, ҷазо дар ҳуқуқи мусулмонӣ воситаи пешгирии ҷиноят дониста мешуд ва ин хусусият боиси татбиқи оммавӣ ва ё ошкорои он гардид, ки то ба дигарон нишонаи ибрат бошад[13]. Ш.А. Ишанов мақсади асосии татбиқи ҷазоро дар ҳуқуқи исломӣ аввалан, подош барои кирдор ва дуюм, ҳамчун чораи пешгирикунанда меҳисобад,

---

[12] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование. Монография. Душанбе, 2015. – С.10, 321.

[13] Ниг.: Буриев И.Б. Действия мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII - начало XX вв.). Душанбе. – С. 155.

ки бо мақсади пешгирии содиршавии чунин кирдор дар оянда чи аз тарафи ҷинояткор ва чи аз тарафи аъзоёни дигари ҷамъият татбиқ карда мешавад[14]. Ин нуқтаи назарро У.А. Азиззода низ дастгирӣ менамояд[15]. Ҳамчунин, ба мақсадҳои номбаршуда Д.А. Зиёуддин ҷуброни зарар, пешгирии содиршавии гуноҳ ва татбиқи муҷозотро, ки дар дунё ва охират ҳатман нисбат ба шахси гунаҳгор татбиқ мешаванд, илова менамояд[16].

Ақидае мавҷуд аст, ки тамоми навъҳои ҷавобгарӣ ба ин ё он дараҷа бояд хусусиятиислоҳнамоиро низ дошта бошанд. Он на танҳо худи гунаҳгорро, ки бевосита ба ҷавобгарӣ мубтало карда мешавад, ислоҳ мекунад, балки дорои оқибатҳои тарбиявӣ барои ҳамагон мебошанд, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ майл доранд[17].

Барои илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия муайян кардани мутаносибию алоқамандии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва маҷбуркунии давлатӣ, хислатҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо ниҳоят муҳим мебошад, зеро дар адабиёти ҳуқуқӣ институтҳои мазкур ягона ва дар мавридҳои дигар бошад, баръакс, аз ҳам ҷудо – ҳамчун институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ фаҳмида мешаванд.

Маҷбурсозии давлатиро метавон ҳамчун таъсири ҳуқуқии давлат нисбат ба субъекти фазои ҳуқуқии худ, ки бо мақсади ба амал баровардани вазифа ва функсияҳои худ татбиқ карда мешавад, муайян кард[18].

Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» низ ба ҳамин мазмун омадааст: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳгор барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ дар санксияҳои меъёрҳо пешбинӣ мешавад. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ аст. Агар ҳуқуқвайронкунӣ набошад, пас ҷавобгарӣ ҳам нест. Ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва ашхоси мансабдори босалоҳият бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун истифода мебаранд»[19].

Хислатҳои хоси маҷбуркуниро дар ҳуқуқ баён карда, таваҷҷуҳ бояд ба он зоҳир гардад, ки маҷбуркунии давлатӣ худ воситаи қатъии таъсиррасонӣ ба ҷамъият ва аъзоёни он мебошад. Он қувваи муташаккили бо қонун асоснокшуда мебошад, ки тавассути он иродаи давлатӣ ва низоми ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Бо ин хусусият маҷбуркунии давлатӣ воситаест, ки бо мақсади ба иродаи давлатӣ тобеъ кардани иродаи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ мешавад. Маҷбуркунии давлатӣ

[14] Ниг.: Ишанова Ш.А. Нормы шариата и их применение казийскими судами в Средней Азии до 1924 г.: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 1992. – С.18.

[15] Ниг.: Азиззода У.А. Мақсади ҷазо, хусусиятҳои таъйин кардан ва иҷрои он мувофиқи ҳуқуқи мусулмонӣ дар қаламрави Тоҷикистони тоинқилобӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ дар мавзӯи: «Рушди илмҳои ҳуқуқ дар даврони Тоҷикистони соҳибистиқлол», бахшида ба 80-солагии академик Тоҳиров Фозил Тоҳирович // Маҷалаи академии ҳуқуқ.- № 3 (31). – 2019. – С. 14-22.

[16] Ниг.: Зияуддин Д.А. Проблемы уголовной ответственности и наказания по мусульманскому праву и уголовному законодательству Афганистана (история и современный этап развития): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Одесса, 1994. – С. 20.

[17] Ниг.: Буриев И.Б. Асари зикршуда. – С. 159.

[18] Ниг.: Теория государства и права. Учебник. – М., 2002. – С. 616.

[19] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе, 2004. – С. 531.

чунин ҳолати воқеиро тавсиф медиҳад, ки агар қарори инсонро вобаста ба занҷираи ҳаёти фитриаш истисно накунад ҳам[20], ӯро дар вазъияте мегузорад, ки барои интихоб намудани навъи дигари рафтор чораи дигар мавҷуд набошад[21].

Маҳз ҳамин нишонаҳо ба маҷбуркунии давлатӣ ҳамчун воситаи боэътимоди иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти низомноки ҳуқуқӣ, амалишавии муқаррароти ҳуқуқӣ ва умумиҳатмӣ будани онҳоро таъмин намояд.

Консепсияи «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – чораи маҷбуркунии давлатӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби олимони сершумор тарҳрезӣ карда шуда, ҷонибдорони зиёд низ дорад. Чунончи, О. Иоффе ва М.Д. Шаргородский ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун чораи маҷбурсозии давлатӣ, ки бо баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба рафтори ҳуқуқвайронкунанда асос ёфта, дар муқаррар кардани оқибатҳои муайяни манфию ногувор нисбати ӯ дар намуди маҳдудсозии ҳуқуқҳои шахсӣ ё молумулкӣ ифода гардидааст, муайян мекунанд[22].

Ба ақидаи С.С. Алексеев, асоси ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳуқуқвайронкунии гунаҳгорона ташкил медиҳад, ки дар натиҷа ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои шахси кирдори зиддиҳуқуқиро содиркарда оварда мерасонад[23].

Олими дигари рус С.Н. Братус чунин қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ масъулияти иҷрои уҳдадориҳои муайян тавассути маҷбуркунии давлатӣ мебошад. Маҷбуркунии давлатӣ асоси ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Дар ҷое, ки маҷбуркунӣ набошад, он ҷо ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ буда наметавонад[24].

В.Н. Протасов фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқии перспективиро (позитивиро) эътироф мекунад, аммо тарафдори ҷавобгарии ҳуқуқии ретроспективӣ (манфӣ) мебошад. Ӯ мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро чунин шарҳ медиҳад: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз як тараф, навъи ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи давлат ба вуҷуд меояд ва аз ҷониби дигар, татбиқи он ҳамчун чораи маҷбуркунии ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шахсро иваз мекунад. Ба ақидаи ӯ, асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ кирдори зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳгоронаи шахс мебошад. Чун бе мавҷудияти гуноҳ ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ вуҷуд дошта наметавонад»[25].

Ба ақидаи Н.С. Малеин моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро аз рӯйи 3 хусусият дарк кардан мумкин аст: 1) пеш овардани оқибатҳои манфӣ ва ногувор ба ҳуқуқвайронкунанда; 2) маҳкум кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ; 3) хусусияти маҷбуркунии давлатӣ доштани он. Моҳияти ҷавобгарии

[20] Ниг.: Ребане И.А. Убеждение и принуждение в деле борьбы с посягательствами на советский правопорядок. Труды по правоведению. – Тарту, 1966. – С. 180.
[21] Ниг.: Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность (Очерк теории). – М., 1976. – С. 59.
[22] Ниг.: Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории права. – М., 1961. – С. 324.
[23] Ниг.: Алексеев С.С. Общая теория социалистического права. Вип 2. Свердловск. 1964. - С. 184-189
[24] Ниг.: Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность. М., 1976. - С.85-86.
[25] Ниг.: Протасов В.Н. Теория права и государства, проблемы теория права и государства, вопросы и ответы. – М., 1992. – С. 67-68.

ҳуқуқиро чораи ҷавобгарӣ – ҷазо барои кирдори зиддиҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ҷавобгарие, ки дорои чунин хусусият нест, ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътироф карда намешава[26]. Чунин нишона ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» низ дарҷ гардидаанд[27].

Р.Ш. Сотиволдиев қайд мекунад, ки истилоҳи “маҷбуркунии давлатӣ” ба маънои мазмун ва моҳияти ҳуқуқии чораҳои маҷбуркунии давлатӣ фаҳмида мешавад ва бинобар рушди давлатҳои демократию ҳуқуқбунёд, истилоҳи мазкурро “маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ” иваз мекунад[28]. Ба ин ақида розӣ шудан мувофиқи мақсад аст, зеро чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ дар заминаи вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ зери мафҳуми ҷавобгарӣ, асосан, татбиқи маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба шахси гунаҳгор барои содир намудани ҳуқуқвайрокунӣ фаҳмида мешавад. Ба ин чораҳо татбиқи ҷазои ҷиноятӣ барои кирдори содиршуда, таъйини ҷазо ё чораи дигари ҳуқуқӣ барои кирдори маъмурӣ, меҳнатӣ, интизомӣ ва гражданӣ дохил мешаванд. Гуфтан мумкин аст, ки нишонаи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ новобаста аз соҳаи ҳуқуқ содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ ва мухолифи талаботи муқаррарнамудаи давлат мебошад[29]. Ҳангоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунанда барои кирдори содиркардааш «ҷавоб мегӯяд», яъне бо чораҳои маҷбуркунии давлатӣ дучор шуда, ҳуқуқҳои ӯ маҳдуд ва ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун маҳрум карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо маҳкумкунии иҷтимоии кирдори ҳуқуқвайронкунанда, сарзаниши иҷтимоӣ ва маънавии рафтораш (рафтори зиддиахлоқию зиддиҳуқуқӣ) низ алоқаманд аст[30].

Л.В. Багрий-Шахматов ҷавобгарии ҳуқуқиро аз рӯйи ҷузъиётҳои зерин баҳо медод:

- аз рӯи хислатҳои хоси худ ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин шакли маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки бо меъёри қонун асос ёфтааст ва шахсро барои ҷавоб гуфтан барои ҳаракат ё беҳаракатии зиддиҳукуқии худ дар назди давлат, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахси мансабдори давлатӣ вазифадор мекунад;
- аз рӯи моҳият ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин маҷмуи муносибатҳои ҳукуқие мебошад, ки дар заминаи поймол шудани меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омада, дар чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ифода ёфтааст;
- аз рӯи мазмун ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин ҳуқуқу ухдадориҳои мутақобили субъектҳои ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд[31].

---

[26] Ниг.: Малеин Н.С. Имущественная ответственность в хозяйственных отношениях. – М., 1968. – С. 19.
[27] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе, 2004. – С. 531.
[28] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Кит. дарсӣ. – Душанбе, 2014. – С. 619-620.
[29] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по уголовному Кодексу Республики Таджикистан. Дисс. канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – С. 14-15.
[30] Ниг.: Алексеев С.С. Право. Азбука. Теория. Философия. Опыт комплексного исследования. – М., 1999. - С.83.
[31] Ниг.: Багрий – Шахматов Л.В. Уголовная ответственность и наказание. – Минск, 1976. – С.383.

Аз мафҳумҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки ҷавобгарӣ дар иртибот бо маҷбуркунӣ, ҳамчун ҷавобгарӣ – маҷбуркунӣ, ҷавобгарӣ – намуди маҷбуркунӣ ҷавобгарӣ – чораи маҷбуркунӣ ва ҷавобгарӣ – татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ баҳо дода мешавад.

Категорияҳои зикршуда дорои камбудӣ ё нуқсоне мебошанд, ки наметавонанд мафҳуми пурраи ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода намоянд. Чунончи, ҷавобгариро бо маҷбуркунӣ айният додан нодуруст буда, он мустақилияти категорияи ҷавобгариро зери шубҳа мегузорад. Он ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ дорои аломатҳои хоси худ буда, омезиши он бо мафҳуми маҷбуркунӣ ҳам аз рӯйи методология ва ҳам аз лиҳози мазмун нодуруст мебошад ва дигар нишонаҳои ҷавобгариро (пешгирӣ, ислоҳнамоӣ, тарбиявӣ) наметавонад фарогир бошад.

Бархе аз олимон ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун чораи маҷбуркунии ҳуқуқии давлат медонанд. Ин ақидаҳо асоснок карда шудаанд, аммо ибораи "чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ" бо "чораи маҷбуркунии ҳуқуқии давлат" ҳаммаъно нестанд. Чораи маҷбуркунии ҳуқуқии давлат мафҳуми васеъ буда дарбаргирандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аст. Ба ғайр аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ боз дигар намудҳои чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқии давлат, аз қабили ҷораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, ҷораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ, чораҳои пешгирӣ, ҷораҳои маҷбурии мурофиавӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва ғайраҳо дар амал татбиқ мешаванд. Махсусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки онро аз дигар чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқии давлат фарқ мекунад, бо санксияи меъёри ҳуқуқ татбиқ шудани он буда, ба шахси ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои манфию ногуворро пеш меорад.

Инчунин, ба он ақидае, ки ҷавобгариро ҳамчун намуди (шакли) маҷбуркунӣ меҳисобанд, метавон розӣ шуд. Тавре ки дар боло зикр гардид ба ғайр аз ҷавобгарӣ боз дигар шакл ё навъҳои маҷбуркунӣ мавҷуданд (чунончи, чораҳои маҷбуркунии дорои таъсири тарбиявӣ ва тиббӣ, реквизитсия, чораҳои пешгирӣ ва ғ.)[32].

Равшан аст, ки бештари чораҳои маҷбуркунӣ наметавонанд ҳамчун ҷавобгарӣ эътироф карда шаванд, зеро на ҳама вақт онҳо ба мақсади татбиқи ҷазо ва расидан ба мақсадҳои ҷазодиҳӣ равона гардидаанд. Масалан, ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ – ҷиноятӣ, ки мақсади асосии ҳуқуқтатбиқкуниро дар баамалбарории вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд ва ё татбиқи он бояд барои расидан ба мақсадҳои мурофиа мусоидат намоянд. Чунин чораҳо берун аз доираи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазо мемонанд. Ба ин гурӯҳ чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ ва тарбиявӣ доштаро дохил намудан мумкин аст, ки нисбати беморон ва ноболиғон татбиқ карда мешаванд[33].

Бо назардошти аломатҳои дар боло зикргардида метавон ба мафҳуми пешниҳоднамудаи О.С. Иоффе розӣ шуд. Ба ақидаи ӯ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ

[32] Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2010. – С. 63.
[33] Хачатуров Р.Л., Ягутян Р.Г. Юридическая ответственность. – Тольятти, 1995. – С. 376.

гуфта чораи маҷбуркунии давлатиро меноманд, ки бо маҳкумкунии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии рафтори ҳуқуқвайрокунанда асос ёфта, дар татбиқ кардани оқибатҳои муайяни манфӣ дар шакли маҳдудкунии ҳуқуқҳои шахсӣ ё молумулкӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда ифода меёбад[34].

Таъиноти асосии иҷтимоӣ – функсионалии ҷавобгарии ҳукуқӣ аз он иборат аст, ки ҳар шахсро барои риояи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои мусбии ҷамъиятӣ (яъне ҳамон муносибатиҳое, ки пурра ба манфиати ҷомеа равона шудаанд) маҷбур месозад. Оид ба «тобеъ кардани ҳуқуқвайронкунанда ба ин маҷбуркунӣ ва таҳаммул кардани он» бояд гуфт, ки ин восита ва тарзу усули ноил гардидан ба мақсади асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад[35].

Дар ҳолати ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидан бояд ду шакли (намуди) маҷбуркунӣ фарқ карда шавад: маҷбуркунӣ барои риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқ ва маҷбуркунӣ бо меъёри ҳуқуқ муқарраршудае, ки оқибатҳои манфию ногуворро ба зиммаи шахси ҳуқуқвайронкунанда мегузорад. Агар навъи якуми маҷбуркунӣ мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад, намуди дуюм тарзу усулест, ки ба воситаи он таъйиноти иҷтимоии ҷавобгарӣ ба амал бароварда шуда, мақсадҳои он ба даст оварда мешаванд. Аз ин лиҳоз, бо истифода аз чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, ки дорои хусусияти ҷазодиҳӣ-тарбиявӣ мебошанд, нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулоса кард, ки маҷбуркунӣ табиати ҳуқуқии ҷавобгарист. Маҷбуркунӣ воситаи зарурии амалишавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар паҳлуҳои манфӣ (ретроспективӣ) ва ҳамчунин мусбии (позитивии) он мебошад. Бо вуҷуди он, ки маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ (чораҳо, намуд, татбиқи он) аломати зарурии ҷавобгарӣ мебошад, моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро ба пуррагӣ равшан намесозад. Ба андешаи мо, маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ дар алоқамандӣ бо ҷавобгарӣ бояд ҳамчун восита ва тарзу усули амалишавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста шавад. Аз ин рӯ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ як навъи чораи маҷбуркунии ҳуқуқии давлат ба шумор меравад.

**Адабиёт:**

1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
2. Азизов У.А. Особенности становления и развития институтов преступления и наказания в государствах зороастрийского периода // Вестник педагогического университета (Республика Таджикистан). – 2014. - № 4 (59). – С. 76-82.
3. Азиззода У.А. Мақсади ҷазо, хусусиятҳои таъйин кардан ва иҷрои он мувофиқи ҳуқуқи мусулмонӣ дар қаламрави Тоҷикистони тоинқилобӣ //

[34] Ниг.: Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории права. – М., 1961. – С. 381.
[35] Ниг.: Чирков А.П. Ответственность в системе права: Учебное пособие. – Калининград, 1996. – С. 77.

Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ дар мавзӯи: «Рушди илмҳои ҳуқуқ дар даврони Тоҷикистони соҳибистиқлол», бахшида ба 80-солагии академик Тоҳиров Фозил Тоҳирович // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - № 3 (31). 2019. – С. 14-22.

4. Алексеев С.С. Общая теория сотсиалистического права: курс лекций Вып. II /С.С. Алексеев. – Свердловск,1964. – 495 с.

5. Алексеев С.С. Право. Азбука. Теория. Философия. Опыт комплексного исследования. – М., 1999. – 712 с.

6. Багрий – Шахматов Л.В. Уголовная ответственность и наказание. Минск, 1976. – 383 с.

7. Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность (Очерк теории). – М., 1976. – 215 с.

8. Буриев, И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII - начало XX вв.) / И.Б. Буриев. – Душанбе, 1999. – 199 с.

9. Зияуддин Д. Проблемы уголовной ответственности и наказания по мусульманскому праву и уголовному законодательству Афганистана (история и современный этап развития): автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Зияуддин Десабзи. – Одесса, 1994. – 26 с.

10. Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории права. – М., 1961. - 381с.

11. Ишанова Ш.А. Нормы шариата и их применение казийскими судами в Средней Азии до 1924 г.: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ишанова Ш.А. – Ташкент, 1992. – 26 с.

12. Камолов З.А. Сиситема наказаний по Уголовному кодексу Республики Таджикистан. Автореф. дис. канд. юрид. наук. / 12.00.08. / Камолов Зубайдулло Аюбович. – Иркутск. 2009. – 23 с.

13. Малеин Н.С. Имущественная ответственность в хозяйственных отношениях. – М. 1968. – 207 с.

14. Назаров, А.К. Уголовно-правовые нормы Корана и хадисов и их классификация по институтам уголовного права / Назаров А.К. – Душанбе: – Дакики, 2014. – 207 с.

15. Наумов С.Ю., Мордовец А.С., Касаева Т.В. Общая теория государства и права. Учебник. – Саратов: ССЭИ РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2018. – 392 с.

16. Ребане И.А. Убеждение и принуждение в деле борьбы с посягательствами на советский правопорядок. Труды по правоведению. – Тарту, 1966. – 316 с.

17. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Душанбе, «Империал-Групп», – 2014. – 720 с.

18. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Д., 2010. – 484 с.

19. Протасов В.Н. Теория права и государства. Проблемы теория права и государства. Вопросы и ответы. – М.: Новый юрист. – 1992. – 240с.

20. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – 600 с.

21. Хачатуров Р.Л., Ягутян Р.Г. Юридическая ответственность. – Тольятти, 1995. - 376 с.

22. Чирков А.П. Ответственность в системе права: Учебное пособие. – Калининград, 1996. – 77 с.

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ҶАҲОНИШАВИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Сафарзода Бахтовар Амиралӣ**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
**Тел.:** (+992) 907483200;
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Шермуҳаммадзода Сорбон,**
**Мирализода Меҳроб Суҳроб**
магистрантони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муаллифон масъалаҳои мубрами ҷаҳонишавӣ, таъсири он ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон, нақши давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалиро дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои инсон дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор додаанд. Ҷаҳонишавӣ дар замони муосир, ба ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад. Ҳамин аст, ки масъалаи мазкур фаъолона аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба паҳлӯҳои ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ дар тафовут аз дигар ҷанбаҳои он диққати камтар дода мешавад. Мубрам будани тадқиқоти масъалаҳои ҷаҳонишавӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба мушкилоти инсоният диққати на танҳо мақомоти идоракунии давлатӣ, балки созмонҳои байналмилалиро низ ҷалб менамояд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон наметавонанд танҳо дар дохили давлати муайян ҳаллу фасл шуда, ҳамчун масъалаи дохилидавлатӣ шумурда шаванд. Баръакс онҳо бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** Ҷаҳонишавӣ, ҳуқуқи инсон, озодӣ, халқият, созмонҳои байналмилалӣ, СММ, стандартҳои байналмилалӣ, демократия, ҳуқуқҳои шахсӣ, ҳуқуқҳои сиёсӣ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои фарҳангӣ.

# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ГЛОБАЛИЗАЦИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Сафарзода Бахтовар Амирали**
профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ
**Тел.:** (+992) 907483200;
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Шермухаммадзода Сорбон,**
**Мирализода Мехроб Сухроб**
магистранты юридического факультета Таджикского национального университета

**Аннотация:** В данной статье авторы анализируют актуальные проблемы глобализации, ее влияние на личные, политические, экономические, социальные и культурные права и свободы, а также роль отдельных государств и международных организаций в реализации прав человека в современных условиях. Глобализация в наше время затрагивает все стороны общественной жизни. Именно поэтому данный вопрос активно изучается отечественными и зарубежными учеными. Как показывает анализ, правовым аспектам глобализации уделяется меньше внимания, чем другим аспектам. Важность исследований глобализации заключается в том, что они привлекают внимание не только органов государственной власти, но и международных организаций к проблемам человечества. В процессе глобализации вопросы прав и свобод человека не могут решаться только в рамках определенного государства и могут рассматриваться как внутренние вопросы. Наоборот, они должны быть в центре внимания международного сообщества.

**Ключевые слова:** Глобализация, права человека, свобода, народы, международные организации, ООН, международные стандарты, демократия, личные права, политические права, экономические права, социальные права, культурные права.

# MAJOR ISSUES OF GLOBALIZATION OF HUMAN RIGHTS

**Safarzoda Bakhtovar Amirali**
Professor of the department of human rights and comparative law, faculty of law, TNU.
**Phone.:** (+992) 907483200;
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Shermuhammadzoda Sorbon,**
**Miralizoda Mehrob Suhrob**

masters of the faculty of law, Tajik National University

**Annotation:** In this article, the author analyzes major issues of globalization of human rights, its impact on personal, political, economic, social and cultural human rights and freedoms, the role of individual countries and international organizations in the implementation of human rights in this conditions. Globalization in our time affects all aspects of public life. That is why this issue is actively studied by domestic and foreign scientists. As the analysis shows, less attention is paid to the legal aspects of globalization than to other aspects. The importance of globalization studies lies in the fact that they attract the attention of not only government authorities, but also international organizations to the problems of mankind. In the process of globalization, issues of human rights and freedoms cannot be resolved only within the framework of a particular state and can be considered as internal issues. On the contrary, they should be at the center of the attention of the international community.

**Keywords:** globalization, human rights, freedom, people, international organizations, UN, international standards, democracy, personal rights, political rights, economic rights, social rights and cultural rights.

Ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон дар замони муосир яке аз масъалаҳое мебошад, ки ҳалли он на танҳо дар доираи қонунгузории миллӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ ба роҳ монда шудааст. Ҷаҳонишавӣ проблемаҳои навро вобаста бо амалишавӣ, афзоиш ва табдилёбии ҳуқуқи инсон ба миён оварда, вазифаҳои ҷадидро дар назди ҷомеаи байналмилалӣ гузошт[36]. Ҳангоми баромади худ дар Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 23-юми сентябри соли 2003 собиқ Котиби Генералии СММ Кофи

[36] Оид ба ҷаҳонишавии ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон ва фарҳанги ҳуқуқӣ муфассал ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / Э. С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: теоретико–методологический аспект: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. 160 с.; Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2017. – 241 с.; Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения международного и национального права. Материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24-25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014 – С. 264-272; Саъдизода Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право №10. – Москва: Издательства «ЮНИТИ-ДАНА», 2014. – С. 63-67; Саъдизода Дж. Законодательная политика в сфере прав человека и ее роль в формировании культуры прав человека // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (1). Душанбе, 2016. – С. 110-114; Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ. Мушкилоти корбасти истилоҳот аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон / Д.С. Раҳмон, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №2/10. – Душанбе, 2017. – С. 204-209; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.

Аннан чунин қайд намуда буд: "Ба ҷаҳонишавӣ бояд аз нигоҳи одамон нигарист, яъне аз доираи манфиати давлатҳои алоҳида берун баромада, умеду орзуҳои тамоми халқиятҳоро бояд ба назар гирифт. Имрӯз нисбат ба солҳои гузашта қисми зиёди одамон хоҳиши онро доранд, ки ба қатораи ҷаҳонишавӣ дер намонанд, вале дар баробари ин мехоҳанд донанд, ки ин қатора ба кадом самт ҳаракат мекунад ва суръати ҳаракати он барои зинда мондан кофӣ аст?"

Институти "ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон" дар илми ҳуқуқшиносӣ нисбатан нав ба ҳисоб меравад. Гарчанде ки дар адабиёти ҳуқуқӣ падидаи мазкур зиёд ба назар мерасад, вале дар илм нуқтаи назари аниқ оид ба ин масъала вуҷуд надорад. Дар ҷаҳони муосир ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд боз ҳам мубрам гашта, амалияи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дохилидавлатии он дар қатори масъалаҳои экологӣ, энергетикӣ, демографӣ ва ғайра хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо менамояд. Дар меҳвари таваҷҷуҳи раванди оламшумули ҷаҳонишавӣ хоҳу ноҳоҳ инсон меистад ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳуқуқи миллӣ бошад, баҳри муҳайё сохтани чунин шароите нигаронида шудааст, ки озодӣ, манзалати фардӣ, шартҳои одилонаи мавҷудияти шахсият ва ғайра таъмин карда шаванд[37].

Дар асоси Эъломияи ҳазорсолаи СММ "ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон" ҳамчун категорияи гуногунпаҳлу кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро барои дарёфти ҳалли масъалаҳои зерин дар бар мегирад: тасдиқ намудани принсипҳои шаъну шарафи инсон, адолат ва баробарӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таъмин намудани хуқуқу озодиҳои асосии дар сатҳи байналмилалӣ тасдиқшудаи инсон, мубориза бо ноадолатӣ, таъмини рушд барои ҳама халқиятҳои рӯи олам, аз байн бурдани камбизоатӣ, гуруснагӣ, беморӣ инчунин зӯроварӣ, терроризм ва ифротгароӣ, эмин нигоҳ доштани тамоми инсоният аз хатарҳои экологӣ, аз ҷангу ҷидолҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, бартараф кардани хатаре, ки аз истифодаи силоҳи қатли ом ба вуҷуд меояд.

Дар умум ҳамаи ҷанбаҳои номбаршударо ба назар гирифта, қайд кардан ба маврид аст, ки ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон ин раванди таъсири омилҳои гуногуни байналмилалӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ) ба ҳуқуқи инсон дар давлатҳои гуногун, алоқамандӣ ва таъсиррасонии ҳолати шахси алоҳида ба тамоми аҳолии мамлакат ва баръакс, умумияти таҷрибаи мусбати ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, эътироф ва тасдиқи мақоми умумиҷаҳонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳимояи онҳо дар сатҳи байналмилалӣ ба шумор меравад.

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун омили бисёрҷанба дар замони муосир, ки ба ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) таъсири худро мерасонад, фаъолона ҳам аз ҷониби олимони ватанӣ ва ҳам

---

[37] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – С.161.

олимони хориҷӣ омӯхта мешавад. Аммо ба паҳлуҳои ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ нисбат ба дигар ҷанбаҳои он ба монанди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ диққати камтар дода мешавад. Мубрам будани тадқиқоти масъалаҳои ҷаҳонишавӣ дар он дида мешавад, ки он ба мушкилоти инсоният диққати на танҳо мақомоти идоракунии давлатӣ, балки созмонҳои байналмилалиро низ ҷалб менамояд. Мутобиқи хулосаҳои Комиссияи байналмилалӣ оид ба омилҳои иҷтимоии ҷаҳонишавӣ, идоракунии босифат чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ бояд ҳатман дарбаргирандаи чунин арзишҳо аз қабили: озодӣ, баробарӣ, гуногунрангӣ, адолат ва якдилӣ бошад. Дар ниҳоят, масъалае, ки имрӯз бо ҷаҳонишавӣ тавъам аст, ҷараёни ягонаи навсозиеро мемонад, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон чун омили дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, асоси онро эҳтироми манзалат ва озодии шахсият ташкил медиҳад[38].

Ҷаҳонишавӣ тағйироти муайянеро ба мундариҷаи функсияи сиёсии давлат оид ба уҳдадориҳои он барои таъмини шароити муътадил баҳри рушди институти демократия ва идоракунии демократии давлат ворид мекунад. Дар ин масъала ба ақидаи профессор И.И. Лукашук розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: “Дар замони муосир раванди ҷаҳонишавии арзишҳои демократӣ гузашта истодааст. Демократия ҳамчун принсип дар умум фаҳмида мешавад ва ҳуқуқ ба он ҳамчун ҳуқуқи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст, ки дар ченаки афзоиш аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ дастирӣ карда мешавад”[39]. Дар баробари ин ҷаҳонишавӣ омили ниҳоят зиддиятнок ба ҳисоб меравад. Аз диди назари қисми зиёди одамон ҷаҳонишавӣ маънои аз байн рафтани шаклҳои анъанавии рушд ва афзоиш ба ҳисоб рафта, дар худ хатари аз байн бурдани арзишҳои таърихӣ ва фарҳангиро доро мебошад. Ҳамчунин бо пешравӣ ва афзоиши ҷаҳонишавӣ баҳсҳо на танҳо оид ба нобаробарӣ дар давлатҳои гуногун, балки оид ба нобаробарӣ дар дохили як давлат ва таъсири он ба одамон, ба оилаҳо ва ҷамъият низ пайдо шуда истодаанд.

Ҷаҳонишавӣ худ як падидаи пешрафта мебошад. Он раванди умумиҷаҳонии ҳамгироӣ ва муттаҳидсозии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти аълосифат, болоравии даромад ва пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ, пешрафти ҳаматарафаи сайёҳӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ зиёд карда шавад.

Ҷаҳонишавӣ имконият фароҳам овард, ки одамон аз доираи васеи манфиатҳо истифода баранд. Собиқ дабири кулли СММ Кофи Аннан қайд намудааст: “Барои қисми зиёди одамон давраи ҷаҳонишавии мо аз давраҳои қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Ҷаҳонишавӣ... на танҳо тарзҳои дарки дунёро аз тарафи мо, балки тарзи муносибати моро ба ҳамдигар низ барқарор мекунад”.

---

[38] Ниг.: Глухарёва Л.И. Права человека в системе теории права и государства: обшетеоретические, философско-правовые и методологические проблемы: диссертация док. юр. наук. − М., 2004. − С. 26-27.
[39] Ниг.: Лукашук И. И. Глобализация, государство, право. – М., 2000. − С. 23.

Тавре ки дар боло қайд кардем, ҷаҳонишавӣ раванди ниҳоят зиддиятнок аст ва зиддиятнокии он махсусан дар соҳаи иҷтимоӣ дар муносибат бо таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба назар мерасад. Имрӯз, ки иқтисодиёт торафт боз ҳам ҷаҳонӣ шуда истодааст, ҳуқуқу озодиҳои инсон пеш аз ҳама тавассути қоидаҳои маҳаллӣ, миллӣ ва минтақавӣ ба танзим дароварда шуда истодааст, ки чунин ҳолат зуҳуроти асосии нобаробариро бартараф намекунад. Қоида ва институтҳои иқтисодӣ ба болои институтҳои иҷтимоӣ ҳукмфармоянд, ки ин боз ҳам нобаробариро зиёдтар мекунад.

Корпоратсияҳои фаромиллӣ корхонаҳои бузургро сохта, истеҳсолотро васеъ мекунанд ва ба шуғли аҳолӣ мусоидат намуда, онҳоро ба маҳсулоти лозимӣ таъмин менамоянд. Аз ҷониби дигар, манфиатҳои онҳо аз манфиатҳои намояндагиҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба куллӣ фарқ мекунад. Стандартҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон ғояҳои барои ҳар як фард арзишмандеро дар бар мегиранд, ки риояи онҳо равобит миёни низом (стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон) ва зернизомҳои ҷудогона (стандартҳои миллӣ ва консепсияҳои ҳуқуқи инсон дар кишварҳои алоҳида)-ро боз ҳам устувор мегардонанд[40]. Дар рафти ҷаҳонишавӣ вартаи байни кишварҳои сарватманд ва камбизоат зиёдтар мешавад. Даромад аз раванди ҷаҳонишавӣ нисбатан нобаробар тақсим карда мешавад. Аз манфиатҳои ҷаҳонишавӣ танҳо қисмати ками аҳолии курраи замин истифода мебаранд, дар ҳолате, ки қисми зиёди одамон аз он қафо мемонанд. Баъзе аз тамоюлҳои муосири ҷаҳонишавиро таҳлил намуда иқтисодчии маъруф Джозеф Стиглитс сиёсати пешгирифтаи институтҳои ҷаҳонишавиро зери танқид қарор дода, қайд менамояд, ки онҳо ҷаҳонишавиро танҳо ба манфиати баъзе аз давлатҳои мутараққӣ истифода намуда, бо ин кор ба давлатҳои дигар зарари ҷиддӣ мерасонанд. Ҷаҳонишавии иқтисодӣ шароити зиндагии одамонро дар давлатҳои мутараққӣ беҳтар мегардонад, вале боиси он мегардад, ки ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандони зиёд халалдор карда шаванд. Қисми аз ҳама осебпазири аҳолӣ шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки тарзи зиндагии таҳҷоиро пеш мебаранд, махсусан заноне, ки аз рӯи камбизоатӣ ба шакли меҳнати мушкил машғул ҳастанд ва аз истифодаи воситаҳои истеҳсолот бехабар мебошанд. Бекорӣ ва шуғли кам барои қисмати зиёди аҳолии ҷаҳон тозиёна ба ҳисоб меравад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ раванди байналмилалӣ гардонидани ҳуқуқҳои инсон, ҳамгироӣ ва ҳамкории онҳо шиддат меёбанд. Раванди ҷаҳонишавӣ нишон медиҳад, ки мавқеи ҳуқуқи инсон дар як давлати муайян наметавонад танҳо дар дохили ҳамон давлат ҳаллу фасл шуда, ҳамчун масъалаи дохилидавлатӣ шуморида шавад. Қувваҳои мутараққӣ ва демократӣ наметавонанд ба халалдор шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон

[40] Ниг.: Шахрай С.М. Глобализация. Государство. Право: Теорико-методологические проблемы (вопросы теории и практики). – М., 2003. – С. 210.

муносибати хунукназарона намоянд. Танҳо бо кӯшишу ғайрати якҷояи ҷомеаи ҷаҳонӣ генотсид, шиканҷа ва истисмор, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, гуруснагӣ ва ғайраҳо пешгирӣ карда мешаванд.

Ҷаҳонишавӣ ин раванди фарогирсозии таҷрибаҳои мусбати тамоми давлатҳои дунё дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба шумор рафта, як комплекси мушкили ҳамгироии стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳуқуқҳои инсонро таъсис медиҳад. Ҷаҳонишавӣ зарурати коркарди меъёрҳои умумии рафтори иштирокчиёни сиёсиву иқтисодиро дар бозори умумиҷаҳонӣ ба миён меорад. Ин тамоюл алоқамандии низоми ҳуқуқии давлатҳои гуногунро тақвият дода, ба наздикшавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи кишварҳои алоҳида оварда мерасонад. Раванди болозикр ҳамчунин мувофиқсозии низоми ҳуқуқи миллиро бо стандартҳои мавҷудаи байналмилалӣ дар ҷодаи ҳуқуқ дар назар дорад.

Стандартҳои ҳуқуқӣ айни ҳол соҳаҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ, махсусан стандартҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиятро фаро мегиранд. Мувофиқан, ҷаҳонишавӣ ҳамчун як раванди объективӣ ба таври ногузир ба назария, ғоя, таълимот ва амалияи ҳуқуқи инсон таъсиргузор аст[41]. Дар ин самт нишондиҳандаи мусбат ҳамин аст, ки дар олам табиати ҳуқуқи инсон дигаргун гашта, он хислат ва имкониятҳои навро соҳиб шудааст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон аз сарҳади таъсири мутақобилаи давлат ва шахсият берун баромада, ба унсури муҳим ва ҳамзамон созандаи низоми давлатӣ-ҳуқуқии демократӣ табдил меёбад ва ба ҳамгироии муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ фаъолона мусоидат менамоянд. Баъзан онро ҳамчун унсури таркибии раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули башарияти воҳид маънидод месозанд[42].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши муҳимро оид ба таъмини ҳуқуқҳои инсон Созмони Милали Муттаҳид ва кумитаву комиссияҳои он (Шӯрои амнияти СММ, Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон, Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Кумита бар зидди шиканҷа, Кумита оид ба ҳуқуқҳои занон, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак, Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Комиссияи байналмилалӣ оид ба ҷанбаҳои иҷтимоии ҷаҳонишавӣ, Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ва ғайраҳо) иҷро менамояд.

Давлатҳои алоҳида низ наметавонанд аз ин раванд дур монанд. Ҳар як давлат санаду шартномаҳои байналмилалиро тасдиқ намуда, дар назди ҷомеаи байналмилалӣ уҳдадории ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро мустаҳкамтар менамояд. Давлатҳо дар раванди рушд ва такмили институт ва стандартҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон фаъолона ширкат меварзанд. Онҳо уҳдадор мешаванд, ки аввалин шуда, вайронкунии меъёрҳои

[41] Ниг.: Марченко М.Н. Государство и право в условиях глобализации. − М., 2011. − С. 361.

[42]Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – С. 261.

байналмилалии ҳуқуқи инсонро ошкор ва ба дуруст татбиқ намудани он мусоидат намоянд.

Ҳамин тавр, ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон ин раванди мусбате мебошад, ки тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии одамон, сулҳи умумиҷаҳонӣ ва бехатариро таъмин намояд, пеши роҳи паҳншавии ҳама намудҳои силоҳҳои қатли ом, беморӣ ва хатарҳои экологиро гирифта, роҳҳои дурусти истифодаи сарватҳои зеризаминиро пешниҳод созад, инчунин муҳити зистро ҳифз намуда, барои кулли одамони рӯйи замин шароити зиндагии арзанда ва инкишофи мусоидро фароҳам оварад.

Ҷаҳонишавӣ имконият фароҳам меорад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо дар доираи давлатҳои алоҳида, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ пазируфта, татбиқ ва таъмин карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. Алексеев С.С. Право на пороге нового тысячилетия. Некоторые тенднции мирового правового развития – надежда и драмма современной эпохи. – М., 2000.
2. Глухарёва Л.И. Права человека в системе теории государства и права: обшетеоритеческие, философко-правовые и методологические проблемы. диссертация док. юр. наук. − М., 2004.
3. Иванец Г.И., Червонюк В.И. Глобализатция, государство, право // Государство и право. – М., 2003.
4. Колотова Н.В. Право и права человека в условиях глобализации // Государство и право. – М., 2006.
5. Лукашук И.И. Глобализация, государство, право. – М., 2000.
6. Марченко М.Н. Государство и право в условиях глобализации. – М., 2011.
7. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.
8. Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография. [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.
9. Насурдинов Э.С. Правовая культура: теоретико–методологический аспект: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 160 с.
10. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.
11. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.
12. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ. Мушкилоти корбасти истилоҳот аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон / Д.С. Раҳмон, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – № 2/10. – Душанбе, 2017. – С. 204-209.

13. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.

14. Саъдизода Дж. Законодательная политика в сфере прав человека и ее роль в формировании культуры прав человека // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. Издательства юридического факультета ТНУ. №1 (1). Душанбе, 2016. – С. 110-114.

15. Саъдизода Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право №10. – Москва: Издательства «ЮНИТИ-ДАНА», 2014. – С. 63-67.

16. Саъдизода Дж. Культура прав человека как средство обеспечения прав и свобод человека и гражданина в правовом государстве // Проблемы соотношения международного и национального права. Материалы межуниверситетской научно-практической конференции 24–25 марта 2014 года / Под общей ред. Е.М. Павленко, А.М. Диноршоева. – Москва-Душанбе, 2014 – С. 264-272.

17. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2017. – 241 с.

18. Шахрай С.М. Глобализация. Государство. Право: Теорико-методологические проблемы (вопросы теории и практики). – М., 2003.

# АНДЕШАИ ДАХЛНОПАЗИРИИ ИНСОН ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК: ДАР МИСОЛИ АВЕСТО ВА ЭЪЛОМИЯИ КУРУШИ КАБИР

**Саъдизода Ҷ.,**
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail**: jahon_1967@mail.ru

**Низомзода К.Х.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел:** (+992) 988-43-04-30.
**E-mail:** nizomof@gmail.com

**Муқарриз:** Шоев Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Миллати тоҷик аз қадим то ба имрӯз ҳамчун халқи соҳибтамаддун ба ҳисоб рафта, бо сарчашмаҳои нодири ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, фарҳанг ва тамаддуни беназири худ дар ҷаҳон номдор мебошад. Халқи тоҷикро бо санадҳои таърихии қабулнамудаи фарзандони фарзонаи он, ки то имрӯз дар танзим ва такмили муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои инсон ва шаҳрванд нақши беандоза доранд, мешиносанд. Аз ҷумлаи чунин санадҳо китоби муқаддаси дини зардуштия – Авесто ва Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба ҳисоб мераванд, ки дар тамаддуни қадима дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши мондагоре доштанд. Авесто бо қисмати ҳуқуқии худ – Вандидод ва Эъломияи Куруши Кабир бо меъёрҳои инсондӯстона тавонистаанд, ки барои пешрафту инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, махсусан ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳам дар аҳди қадим ва ҳам дар замони муосир таъсиргузор бошанд. Махсусан дар ин ду сарчашмаи таърихии миллати тоҷик ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ инъикоси худро ёфта буд. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ дар ин ду санади таърихӣ-ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст. Яъне, ҳам Авесто ва ҳам Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир масъалаи озодии инсон, озод будани инсон аз ҳама гуна дастгиркуниҳои беасос, ҳабси ғайриқонунӣ ва ба ин монанд масъаларо фаро гирифта буданд.

**Калидвожаҳо:** Андеша, андешаи ҳуқуқи инсон, сарчашма, сарчашмаи ҳуқуқ, сарчашмаҳои таърихӣ, сарчашмаи ҳуқуқи инсон, Авесто, Эъломия, Куруши Кабир, халқи тоҷик, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон,

ҳуқуқ, озодӣ, дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии инсон, Конститутсия, низоми қонунгузорӣ.

# ИДЕЯ НЕПРИКОСНОВЕННОСТИ ЧЕЛОВЕКА В ИСТОРИКО-ПРАВОВЫХ ИСТОЧНИКАХ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА: НА ПРЕМЕРЕ АВЕСТА И ДЕКЛАРАЦИИ КИРА ВЕЛИКОГО

**Саъдизода Дж.,**
заведующий кафедрой прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н., доцент
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Низомзода К.Х.,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ.
**Тел:** (+992) 988-43-04-30.
**E-mail:** nizomof@gmail.com

**Рецензент:** Шоев Ф.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** С древности и по сей день таджикский народ считается цивилизованным народом и известен своими уникальными нравственно-правовыми истоками, культурой и цивилизацией в мире. Таджикский народ известен историческими документами, принятыми его великими потомками, которые и по сей день играют неоценимую роль в регулировании и совершенствовании правоотношений и защите интересов человека и гражданина. К таким документам относятся зороастрийская священная книга – Авеста и Декларация прав человека Кира Великого, сыгравшие важную роль в регулировании общественных отношений в древних цивилизациях. Авеста с её правовой составляющей – Вандидадом и Декларацией Кира Великого, посредством гуманных норм смогли повлиять на продвижение и развитие правовых отношений, особенно прав и свобод человека, как в древности, так и в новое время. В частности, в этих двух исторических источниках таджикского народа нашли отражение права и свободы человека, в том числе право на личную неприкосновенность. Право на личную неприкосновенность гарантируется и в этих двух историко-правовых актах. Иными словами, и Авеста, и Декларация прав человека Кира Великого затрагивали вопрос свободы человека, свободы человека от всех необоснованных задержаний, незаконных арестов и т.д.

**Ключевые слова:** Идея, идея прав человека, источник, источник права, исторический источник, источники прав человека, Авеста, декларация, Кир Великий, таджикский народ, нормативные правовые акты, права человека, право, свобода, неприкосновенность личности, неприкосновенность человека, Конституция, система законодательсва.

# THE IDEA OF HUMAN INVIOLABILITY IN THE HISTORICAL AND LEGAL SOURCES OF THE TAJIK PEOPLE: ON THE EXAMPLE OF THE AVESTA AND THE DECLARATION OF CYRUS THE GREAT

**Sadizoda J.,**
Head of the Department of human rights and Comparative law of the Law Faculty, Tajik National University, candidate of law, docent
**Phone.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Nizomzoda K.Kh.,**
Applicant at the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, TNU
**Phone.:** (+992) 988-43-04-30.
**E-mail:** nizomof@gmail.com

**Reviewer:** Shoev F.M., candidate of science in law, docent

**Annotation:** From ancient times to this day, the Tajik people have been considered a civilized people and are known for their unique moral and legal origins, culture, and civilization in the world. The Tajik people are known for the historical documents adopted by their great descendants, which to this day play an invaluable role in regulating and improving legal relations and protecting the interests of man and citizen. Such documents include the Zoroastrian holy book – Avesta and the Declaration of Human Rights of Cyrus the Great, which played an important role in regulating social relations in ancient civilizations. The Avesta, with its legal component, the Vandidad and the Declaration of Cyrus the Great, through its human norms, was able to influence the promotion and development of legal relations, especially human rights and freedoms, both in antiquity and in modern times. In particular, these two historical sources of the Tajik people reflected human rights and freedoms, including the right to personal inviolability. The right to personal inviolability is also guaranteed in these two historical and legal acts. In other words, both the Avesta and the Declaration of Human Rights of Cyrus the Great addressed the issue of human freedom, human freedom from all unreasonable detentions, illegal arrests, etc.

**Keywords:** Idea, idea of human rights, source, source of law, historical source, sources of human rights, Avesta, declaration, Cyrus the Great, Tajik people, normative legal acts, human rights, law, freedom, inviolability of person, human inviolability, Constitution, system of legislation.

Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ дар тамоми давраҳои мавҷудияти инсоният – ҷомеаи тодавлатӣ, давраи қадими давлатдорӣ, асрҳои миёнаву нав ва замони навтарин аз ҷумлаи муҳимтарин ҳуқуқ ба ҳисоб мерафт. Дар замони муосир, ки кишварҳо ва мардумони олам дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ ва бурхӯрди тамаддунҳо қарор доранд, ин ҳуқуқ аҳамияти худро гум накарда, ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ баҳри ҳимояи шахсият аз ҳама гуна таарруз ва дахолати беасос ба ҳаёт ва озодии шахсӣ баромад мекунад. Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва фитрии инсон ба шумор рафта, таърихи беш аз 2000-3000-сола дорад. Падидаи мазкур дар ҳар давру замон дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири назаррас расонида, аз диду таҳлил ва баррасии олимону ходимони илми ҳуқуқ ва донишмандони дигар бахшҳои илм низ дур намондааст. Тибқи таълимоти ғарбии ҳуқуқи инсон дахлнопазирии инсон ва шаҳрванд аввалин маротиба дар Ғарб дар санадҳои меъёрии қисмати давлатҳои ғарбнишин, аз он ҷумла дар Хартияи Бузурги Озодии соли 1215-и Англия[43], замони инқилоби буржуазӣ бошад, дар Санади таъмини озодии табааҳои Британия (Санади Хабеас Корпус) соли 1679[44], Эъломияи фаронсавии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд соли 1789[45] ва ҳуҷҷатҳои дигар чун кафолат аз дастгиркуниҳои беасос ва ҳабсҳои ғайриқонунӣ инъикоси худро ёфтааст. Аммо агар мо ба сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии қисмати сарзамини тоҷикнишин, аз он ҷумла сарзамини таърихии тоҷикон назар андозем, нишонаҳои аввалини дахлнопазирии инсон ва унсурҳои он ҳанӯз дар китоби муқаддаси Авесто ва Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир (539 пеш аз мелод), китобҳои динии давраи Хахоманишиҳо, Сосониён, аз ҷумла «Хвешкори редагон», «Шояст ва нашояст», «Қонунномаи Сосониён» ва ғайра ба назар мерасанд.

Гузаштагони миллати тоҷик дар масири таърих як халқи эҷодкор, серҳаракат, созанда ва нововари тамаддунро ҳамеша муаррифӣ менамуданд. Халқи тоҷик, аз замони бостон дар ҳавзаи тамаддуни форсии қадима бо хулқу одоб, таълимоти пешрафтаи динию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсати инсондӯстонаю бо хирад тавъами худ пайваста байни халқиятҳои

[43] Дар моддаи 39 Хартияи Бузургии Озодӣ чунин омадааст: «Ҳеҷ як фарди озодро ҳабс кардан ё ба ҳабс гирифтан ё аз озодӣ маҳрум кардан ё мавриди кофтуков эълон кардан ва ё бадарға кардан мумкин нест ва мо ба ин роҳ намеравем, танҳо кирдори шахс дар асоси ҳукм ва қонуни давлат мувофиқ бошад, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад».
[44] Мувофиқи Санади таъмини озодии табааҳои Британия (Санади Хабеас Корпус) соли 1679 ҳеҷ як шахси озодро дастгир, ҳабс кардан ва аз озодӣ маҳрум кардан мумкин нест, ғайр аз фармони шоҳ, карол, ё ки танҳо дар асоси супориши бевосита.
[45] Дар моддаи 1-уми Эъломияи фаронсавии ҳуқуқ инсон ва шаҳрванд соли 1789 чунин омадааст: «Одамон озод ва баробар ба дунё меоянд ва бояд озод ва баробар зиндагӣ кунанд. Тафовутҳои иҷтимоӣ танҳо дар сурате эътироф карда мешаванд, ки агар ба манфиати оммаи мардум бошанд.

дигар маълум ва машҳур буданд[46].

Дар бораи тамаддун ва фарҳанги бою ғании тоҷикон А.Ғ. Холиқзода андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Ӯ фарҳанги ҳуқуқӣ ва ахлоқии халқи тоҷикро оламшумул хонда, чунин қайд кардааст: «Фарҳанги ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиёсии ин халқият, ки дар заминаи афкори баланди ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиёсии ӯ тавлид шудааст, ба руҳу равони тамаддунҳои мухталиф илҳом бахшида, ҷиҳати оламгирӣ ва фановарии қавмияту халқиятҳои гуногун ғизои бемисл ва неруи ҷовидонӣ бахшида, худ дар ҳалқаи хислатҳои олии инсонӣ, таҳаммулпазирӣ, космополитизми фарзандонаш, бо захми шамшеру оташи ҷаҳли бесаводону лашкаркашони ғосиб олами ҳастии маънавӣ ва фарҳангиро дар пахнои модариаш қарнҳо падруд гуфт»[47].

Дарвоқеъ, миллати тоҷик дорои таъриху фарҳанги қадима мебошад, ки далели ин ду сарчашмаи муҳимми таърихӣ-ҳуқуқӣ – Авесто ва Эъломияи Куруши Кабир мебошанд. Авесто ҳамчун сарчашмаи динӣ-ҳуқуқии дунёи қадим саршори баландтарин афкори ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии мардуми тоҷик буда, ӯро дар қиболи бузургтарин мардуму тамадунҳои оламгири бостонии Мисрӣ, Бобулӣ, Ҳиндӣ ва Юнонию Румӣ, ба мисоли як қавми созанда, эҷодкор ва давлатдор дар пештоқи муқаддаси салтанатҳои ҷаҳонӣ ҷой кардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби муқаддаси мардуми ориёӣ – Авесторо маҳсули андеша ва ҷаҳонбинии фалсавию динӣ ва ахлоқии мардумон хондааст, ки дар радифи осори арзишманди ҷаҳонӣ қарор дорад ва ин асар ифтихори тамоми мардумони ориёнажод ва башар мебошад.

Зардуштия яке аз маъруфтарин адёни бостонии тоҷикон ва халқҳои эронинажод буда, он бо номи асосгузораш Зардушт номида шудааст. Асосгузори он Зардушт аз қадимтарин мутафаккирони шинохташудаи Эрони бостон эътироф шудааст.

Шахсияти Зардушт дар таърихи инкишофи афкори маънавии инсоният чандон бузургу ҷозибанок аст, ки бисёр халқҳои бостонӣ ӯро аз нобиғагони ҷаҳони куҳан донистаанд. Дини муқаддаси ӯ зардуштия ва китоби муқаддаси ӯ Авесто ба шумор рафта, гузашта аз ин қадимтарин ёдгории таърихӣ ва сарчашмаи хаттӣ-адабӣ, фалсафӣ ва динии халқҳои эронинажод мебошад[48]. Ҳарчанд нусхаи аслии Авесто то ба мо омада

---

[46] Ниг.: Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 6.

[47] Ниг.: Ҳамон ҷо. – С. 10-11.

[48] Мувофиқи маълумоти таърихӣ ва таҳқиқоти олимон аввалин бор Авесторо Гуштосп ё Доро дар ду нусха бар рӯи 120 ҳазор пӯсти гов ба ранги тиллоӣ навиштааст. Таҳрири якум дар замони Сосониён муназзам гардида, ба 348 фасл тақсим шуда, дар 21 китоб гирд оварда шуда будааст. Ин 21 китобро наск мегуфтанд, ки аз 350 000 калима иборат будаанд. Ин таҳрир то ба замони мо омада нарасидааст. Нусхаи қадимтарини таҳрири дуввуми Авесто, ки соли 1278 рӯнавис шуда, то замони мо боқӣ мондааст, чоряки таҳрири сосонии онро фаро гирифта, тамоми илми авестошиносӣ ва дониши инсоният дар хусуси ин ойин дар пояи ҳамин таҳрири Авесто қарор гирифтааст. Ин таҳрир ба панҷ бахши мустақил ҷудо шуда, тақрибан ҳовии 85 ҳазор калима аст. Ин бахшҳо чунин ном доранд: 1) Йасна; 2) Йаштҳо; 3) Вандидод; 4)

нарасида бошад ҳам, олими тоҷик Саъдулло Раҳимов менависад, ки Зардушт дар даврае, ки ҷомеа дар ҳолати бесарусомонӣ, ноадолатӣ, нобаробаӣ, дар замоне, ки мардуми одӣ ягон ҳуқуқ надоштанд, ҳукумат ба мақсади ба даст овардани фоида ба мардум дарафтода, молу мулкашонро тасарруф намуда, онҳоро ба қатл мерасонд, ба миёнаи таърих омад. Зардушт ва дини муқаддаси ӯ дар асоси оятҳои Аҳура Маздо, ба мақсади танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба ин ҳама бесарусомониҳо хотима бахшида, ҳамаи табақаҳои ҷамъиятиро баробарҳуқуқ эълон намудааст[49].

Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таълимоти зардуштия, махсусан сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии он дар масъалаи озодӣ ва манфиатҳои инсонӣ то андозае бартариҳо доштанд. Озодӣ ҳамчун яке аз нишонаҳои дахлнопазирии инсон дар қисми аввали китоби Авесто, яъне Йасна пешбинӣ шудааст[50].

Зардушт баҳри пазируфтани дини худ аз ҷониби дигарон, ки зери маломат қарор мегирад ва ҳангоми муроҷиат ба ҳамагон порае аз Йаснаи 29-ро мехонад: «Ба ҳамаи шумо ҷони гов талх гила мегузорад. Баҳри кӣ қолиби маро рехтаед, кӣ маро офаридааст? Барои бераҳмии хашму ҷабр,

---

Виспарад; 5) Хурдак-Авесто. Муфассал ниг.: Дини зардуштия. Авесто – китоби муқаддаси зардуштиён. – Манбаи дастрасӣ: https://allinweb.ru/dinshinosi/7683/ (санаи муроҷиат: 10.06.2021).

[49] Ниг.: Рахимов С. Из истории эстетических воззрений таджикского народа. Под ред. акад. М. Диноршоева. – Душанбе, Ирфон. 2005. – С. 35. Дар бораи фарҳанги ҳуқуқии тоҷикон, таърихи рушди низомии ҳуқуқии онҳо, махсусан низоми ҳуқуқии зардуштия муфассал ниг.: Дюшен-Гийеман Ж. Зардушт ва ҷаҳони ғарб. – Теҳрон, 1359; Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Пер. с англ. И.М. Стеблин-Каменского. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1988. – 303 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / Э. С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.; Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.; Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 366 с.; Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.; Сафаров, Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: история и современность: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Сафаров Дилшод Сафарбекович. – Душанбе, 2012. – 203 с.; Азизов У. А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 413 с.; Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02. – М., 2015; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.; Диноршоев, А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография / Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. – Волгоградскиӣ филиал ФГБОУ ВПО «Российская академия народного хозяйства и государственной службы». Волгоград: Изд-во Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 296 с.; Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Карахонович. – Душанбе, 2014. – 205 с.; Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.; Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях становления правового государства в Таджикистане. / автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Саъдизода Джахонгир. – Душанбе, 2017. – 22 с.; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 саҳ.

[50] Вожаи Йасна ба маънои парастиш, ниёиш, намоз ва ҷашн аст ва ин бахш бешак ба Аҳура Маздо бахшида шуда, аз маҷмуи сурудаҳо иборат мебошад, ки ҳангоми ҷашну маросим хонда мешуданд.

зиндону неру маро дар банд мадоред»[51]. Дар ин йасна мафҳуми «маро дар банд мадоред» ба маънои озодии маро маҳдуд макунед ва баҳри пазируфтани дини ман монеъ нагардед, омадааст.

Ё ин, ки дар Йаснаи 40, қисми 4 Зардушт Аҳура Маздоро барои озодии худ ситоиш намуда, чунин иброз медорад: «Эй Маздо Аҳура! Чунин бод, ки хешовандону ҳамкорону ёварон бо ононе аз шумо, ки бо эшон ягонаем, аз они шумо ба шумор оянд ва мо аз покону ашаваноне бошем, ки ончиро орзу мекардем, ба мо арзонӣ доред»[52].

Дар қисми дигари Йасна, Зардушт кирдорҳои ҷинояткоронаро мавриди сарзаниш қарор дода, дар Йснаи 65, қисми 7 аз худои худ Аҳура Маздо чунин дархост менамояд: «Эй обҳои нек! Эй беҳтарин офаридагони Маздо! Об аз они бадандеш мабод! Об аз они бадгуфтор мабод! Об аз они бадкирдор мабод! Об аз они дуждин, дӯстозор, муғозор, ҳамсояозор ва хонаводаозор мабод! Об аз они онон, ки ашаванонро зиён расонанд, аз они онон, ки тани маро, – ки касеро осеб написандем – газанд расонанд, мабод!»[53]. Ва дар Йснаи 65, қисми 8 идома медиҳад: «Об аз они дузд, тороҷгар, роҳзан, порсокуш, ҷоду, Ашмуғи нопорсо, дурӯғгӯи ситамкор ва касе, ки мурдор ба хок супорад, мабод! Ситеҳандагии инон ба худашон бозгардад. Касе, ки газандеро ангеза шавад, ҳамон газанд ба-д-ӯ расад...»[54]. Ё ин, ки дар фасли Йаштҳо, дар қисмати Рашн Йашт бо мақсади адолатро пойдор кардан дар миёни пайравонаш озодиро яке аз фактори асосӣ ҳисобида, зимни ситоиш аз фариштаи адолат, озодӣ ва қазоват чунин дархост менамояд: «Агар ту озода набошӣ, [додхоҳро] беҳтар [ба-д-он чӣ хоҳон аст], бирасонӣ, беҳтар захм фуруд оварӣ ва дузду роҳзанро беҳтар нобуд кунӣ»[55].

Дар таълимоти зардуштия ба дигар навъҳои озодӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Масалан оид ба озодии ҳаракат чунин омада: «Ман раво медорам озодии рафту омад, озодии манзил аз барои аҳолии хонумоне, ки дар рӯи ин замини мо чорпоён ба сар мебаранд»[56]. Ё ин ки масъалаи дахолат накардан ба сарҳади дигарон чунин омада: «Ин равони он марди пайрави дурӯғ аст, ки ба гетӣ ба сомон ва марзи касон андар шуд ва азони хеш кард»[57].

Қисмати дигари китоби Авесто, ки танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад, Вандидод[58] буда, аксаран масъалаҳоеро

---

[51] Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Аваcто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 139.
[52] Ҳамон ҷо. – С. 154.
[53] Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 177.
[54] Ҳамон ҷо.
[55] Ҳамон ҷо. – С. 241.
[56] Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н. Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 19.
[57] Ҳамон ҷо.
[58] Кристенсен А. қайд кардааст, ки Вандидод ягона наски комилест, ки аз Авестои даврони сосонӣ то замони мо расидааст. Кристенсен Андреас боварии комил дорад, ки ин бахши Авесто дар давраи подшоҳии Меҳрдоди аввали Ашконӣ (171-138 то м.) таълиф шудааст. Масъалаҳои ҳуқуқии муносибати

мавриди баҳс қарор додааст, ки аз ҳудуди қонуну дастурҳои динӣ баромада, тамоми ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ин фасл бештар ба масъалаҳои судӣ, аз ҷумла адолат ва додхоҳӣ бахшида шуда, дар баробари пешбинӣ кардани ҷиноят барои он ҷазоро низ пешбинӣ кардааст.

Ҳамзамон, ин қисм ба бардагон ва шахсоне, ки зану фарзандони онҳо дар ғуломӣ қарор доранд ва масъалаи озодии онҳо бахшида шудааст.

Мувофиқ ба фасли Вандидод, бахши Фаргарди 3, қисми 11 Зардушт ба Аҳурамаздо хитоб карда, ситоиш кардааст: «Ай додори гетӣ, артавонӣ![59] Дар рӯи ин замин панҷум дар куҷо нохушиву ноосудагист? Пас Аҳура Маздо гуфт: «[Дар он] ҷое, ки зану фарзандони нолони нобурнои марди артавиро, ай Зардушти Сипитам, ба роҳи бандагии хушку пурхоку чанг ҳаме бара(н)д»[60]. Дар ин ибора Зардушт ноосудагии кишварро дар ғуломӣ ва истисмор қарор доштани пайравонаш медид ва ҳар боре Аҳура Маздоро ситоиш мекард, аз ӯ барои пайравонаш озодиро талаб менамуд.

Мувофиқи Фаргарди 4-и Вандидод, бахши севум (А), қисмати 17 дар зардуштия барои вайрон кардани дахлнопазирии инсон ё ин ки лату куб кардани шахси дигар намуди муайяни ҷазо пешбинӣ шудааст: «Касе, ки ба оҳанги задани дигаре бархезад, гуноҳаш Огерепта[61] аст. Касе, ки бар сари дигаре фуруд ояд, то ӯро бизанад, гуноҳаш Авауиришта[62] аст. Касе, ки ба бадхоҳона оғоз ба задани дигаре кунад, гуноҳаш Аредуш[63] аст. Ҳар гоҳ панҷ бори дигар ба-д-ин кор даст занад, Пешутану[64] шавад»[65]. Яъне вақте,

байни одамон, доду ситад, оила ва ғайра, ки аксаран дар шакли ибтидоӣ матраҳ мешаванд, аз як сӯ, қимати замонии ин бахши Авесторо нишон дода, аз ҷониби дигар, чунин ба назар мерасад, ки он мақоми қонуни умумии иҷтимоиро доштааст. Мазмуну муҳтавои Вандидод бештар ба масъала ва матлабҳои зерин бахшида шудааст: ҷазо додан дар баробари гуноҳҳои мухталиф, ки одам дар баробари табиат, ҷамъият ва мавҷудоти хубу муфид содир мекунад, роҳҳои мубориза бар зидди палидиҳо ва касалиҳое, ки руҳи палид Аҳриман ва анбӯҳи девони ӯ дар ҷаҳон интишор дода, зиндагии ободкунандаи инсонро дар хатар мегузоранд.

[59] Дар инҷо ин ибора ба маънии «Офарандаи тамоми ҷисму ҷон, порсо ва адолатпарвар» омадааст. – Ниг: [Махзани электронӣ]: http://zoroastrism.ru/avesta/videvdat/fr3.phtml. (санаи муроҷиат: 09.07.2021 сол)

[60] Ниг.: Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 315.

[61] Огерепта: ба маънии «гирифтан» ва ба таъбири «Вандидод», номи гуноҳи касест, ки размафзор бар даст гирад ва қасди задани дигареро бикунад. Муфассал ниг.: Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 323-235.

[62] Авауиришта: (Ба маънии «тоб додан ва гардондан») номи гуноҳи касест, ки размафзоререо тоб диҳаду бигардонад ва оҳанги задани дигареро бикунад. Муфассал ниг.: Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 323-225.

[63] Аредуш: номи гуноҳи касест, ки бо размафзор оғоз ба задани касе кунад, аммо ба гунае, ки ӯро захмӣ насозад ё захме, ки бар ӯ ворид меоварад, дар муддати се рӯз дармон пазирад. Муфассал ниг.: Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 323-325.

[64] Оид ба кирдори Пешутану муфассал ниг.: Азизов У. А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – С. 76-104.

ки шахс ба размафзор (силоҳ) даст мерасонад ва мақсади расонидани зарар ба каси дигарро дорад, кирдораш Огерепта ё гиранда (муносибати ғайриқонунӣ бо силоҳ) мебошад, вақте, ки шахс размафзорро мебардорад, тоб медиҳад ва бо мақсади расонидани зарар ҷониби шахси дигар мегардонад кирдораш ҳамчун Авауиришта баҳогузорӣ мегардад. Аммо вақте шахс бо размафзор ба задан ё зарар расонидан ба таври воқеи шуруъ мекунад, яъне силоҳро дар муносибат бо каси дигар истифода мебарад, ки дар натиҷа ҷабрдида зарар намебинад ё ин ки зарари ночизи ҷисмонӣ мебинад, ки давомнокии барқароршавии он на бештар аз се рӯз аст, пас кирдори чунин шасх дар таълимоти зардуштия ҳамчун Аредуш унвон шудааст. Дар идома ҷазо барои ин гуноҳ дар қисмати дигари Вандидод дарҷ гардидааст: «Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Касе, ки ба гуноҳи Огерепта олуда шавад, подафраи гуноҳаш чист? Аҳура Маздо посух дод: Панҷ Тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор даҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, даҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор понздаҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, понздаҳ тозиёна бо сраушо-чарана»[66].

Вандидод он қисмати Авесто аст, ки пурра ба масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, дар он барои ҳар чор намуди кирдор (Авауиришта, Аредуш, Огерепта, Пешутану) ҷазоҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд[67].

Аз ин ҳама иборaҳои овардашуда, ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки Зардушт дар замони худ яке аз мубoризони роҳи озодӣ ба шумор рафта, бо воситаи дин ва китоби худ – зардуштия ва Авесто баробариро дар ҷомеа таъмин намуда, баҳри озодии ҳар як фард мубориза бурдааст. Китоби муқаддаси Авесто саршор аз ҳикматҳои динӣ-ҳуқуқӣ буда, зимни мутолиаи он бузургтарин ва нодиртарин меъёрҳои ҳуқуқӣ вохӯрда мешаванд, ки дар натиҷа Зурдуштро яке аз асосгузорони илми ҳуқуқ ва ё падидаи озодӣ муаррифӣ месозанд.

Сарчашмаи дигари таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон – ин Эъломияи ҳуқуқи башари нобиғаи таърихи халқи тоҷик Куруши Кабир (соли таваллуд номаълум – вафот 530 то милод) мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар баромади худ дар ин бора зикр намудааст: «...гарчанде илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварҳоро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар

[65] Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 324.

[66] Ҳамон ҷо. – С. 324-325.

[67] Муфассал ниг.: Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 324-331.

шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист»[68].

Гуфтан ба маврид аст, ки қонунэҷодкунандагон, таҳлилгарон, тадқиқотчиён ва олимони бузурги аср ҳастанд, ки дар илми муосири тоҷик аз гузашта то ҳозир, дар кадом сатҳ ва ё то кадом андозае набошад, ҳуқуқу озодиҳои инсонҳоро дар қонунгузориҳои мамлакати худ ва мамлакатҳои беруна, дар Конститутсияҳои кишварҳои худ ва кишварҳои дигари дуру наздик эътироф, риоя, ҳифз ва кафолати онҳоро мустаҳкам мегардонанд, таъкид мекунанд ва ба тасвиб мерасонанд.

Дар партави муқаррароти конститутсионӣ ишора намудан ба андешаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид мебошад, ки баён

[89] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – Душанбе, Нашриёти «Ирфон», 1979. – С. 16.

намудаанд: «Мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлолу демократӣ ҳангоми қабули Конститутсияи кишвари худ ба ҳайси халқи соҳибихтиёр озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас ва бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ эълон намудаанд, унсурҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин низоми мақомоти салоҳиятдорро дар ин самт муайян ва муқаррар намуданд. Дар тамоми кишварҳои мутараққӣ ва ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҷавҳари асосии сиёсати давлатро ташкил медиҳад. Аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ арзиши олӣ эътироф гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ гувоҳи ин ҳақиқат мебошад»[90].

Ташаккул ва инкишофи давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маданияти баланди ҳуқуқиро талаб менамояд, ки бе он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд пурра амалӣ шаванд.

Дар моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»[91].

Муносибати хуб бо сухани хуб дар матни ҳуқуқи инсон пешрави ва комёбиест, ки андозааш ҷаҳонист. Баробарҳуқуқии мардону занон маҳз аз муносибат ва якдигарфаҳмӣ сабз мегардад. Дар тамоми дунё муносибатҳо дар самти хуқуқи инсон аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, онҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди мустаҳкамкунӣ ва ба танзимдарории муҳофизат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз он ҷумла занон ба вуҷуд меоянд, ё ин, ки ин муносибатҳои ҳуқуқии инсон муносибати байниҳамдигарии шахс ва давлат мебошанд.

Дар ПБҲШС оид ба масъалаи занон ва баробарии онҳо моддаи алоҳида бахшида шудааст, ки дар он қайд мешавад: «Давлатҳои иштироккунандаи аҳдномаи мазкур уҳдадор мешаванд, ки ба занону мардон ҳуқуқи баробари истифодаи ҳамаи ҳуқуқҳои шаҳрвандию сиёсии пешбининаудаи аҳдномаи мазкурро таъмин намоянд»[92].

Дар самти ҳуқуқҳои инсон дар сатҳи байналхалқӣ дар ҷодаи ҳаракати ҳуқуқҳои зан ду марҳиларо ҷудо менамоянд.

Якум ин марҳилаи мубориза бар зидди табъиз, ки бо қабул гардидани Созишнома дар бораи нест кардани ҳамагуна табъиз нисбати занон ба мақсад расидааст. Он табъиз дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва маориф, муносибат аз тарафи ҷамъият, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва баробарии ҳуқуқ дар оиларо дар бар гирифтааст. Муқарраротот дар бораи таҷовуз нисбати зан дар Созишнома мавчуд нест, аммо ин маънои онро надорад, ки меъёрҳои Созишнома ба зӯроварӣ нисбати зан паҳн намегардад. Марҳилаи дуюм солҳои 1980 оғоз ёфтааст. Дар ин вақт масъалаи зӯровари нисбати зан ва нуқтаи назар ба ҳуқуқи зан дар матни ҳимояи ҳуқуқи инсон

[90] Паёми Президенти ҶумҳурииТоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 20-уми апрели с.2011.
[91] Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон. – Душанбе, 6-уми ноябри соли 1994.
[92] Санадҳои байналмилалӣ оид ба ПБҲШС аз 16.12.1966. саҳ. 5-6.

ба madди аввал баромад. Дар ҳаракати байналхалқии занон қуввае дида мешуд, ки имконияти амалан таъсир намудан ба мақомотҳои ҳокимият, водор намудани онҳо ба тағйироти меъёрҳои ҳуқуқ мувофиқи меъёри байналхалқиро доштанд. Ин марҳила бо қабул гардидани Эъломияи СММ дар бораи нест кардани зӯроварӣ нисбати зан ва дар назди Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон таъсис додани мақоми Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбати зан шарафёб гардид[93].

Чӣ тавре, ки дар боло қайд гардид, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баробарҳуқуқии ҳарду ҷинс диққати махсус дода мешавад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005 қабул карда шудааст[94].

Қонуни мазкур муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо ба танзим медарорад, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд[95].

Хулоса, кардан мумкин аст, ки дар маҷмӯъ яке аз вазифаҳои асосии он таъмини ҳуқуқ ва кафолатҳои занон, иштироки баробари мардон ва занон дар сатҳи қабули қарору нишондодҳо, иштироки бевоситаи онҳо дар сохтор ва идоракунии давлатӣ, кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар ҷамъбаст гуфтан ҷоиз аст, ки асоси ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида, амалигардии меъёрҳои дар онҳо мустаҳкамгардида рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд ва онҳо интишори худро дар амалия оид ба баробарҳуқуқии ҳарду ҷинс ёфта истодаанд.

Ба ин асос шуда метавонад, хусусан духтарони ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ имконият доранд дар асоси квотаи президентӣ ба мактабҳои олӣ дохил гарданд. Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ то 30 фоизи мансабҳои роҳбарикунандаро занҳо ишғол мекунанд, аз ин рӯ, сафи духтарон зиёд ва дар тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ҳамаи соҳаҳо афзуда истодаанд.

Ҷомеаи солим аз бунёди қувваҳои ҷозибаноки мардону занон дар пояи якфикрӣ, ҳамраҳӣ, якҷоягӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ботаҳаммулӣ, гузашт кардани гуноҳои якдигар дар ҳақаи оила ва фарзандон сурат мегирад.

**Адабиёт:**

1. Бобоева Н.И. Ҳуқуқи зан. Васоити таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2019. – С. 50-52.

[93] Радика Кумарасвами. Ҳуқуқҳои зан ва ҳуқуқи байналхалқии ҳуқуқи инсон. Ниг. ба расонаи: http://www.hrights.ru/text/inter/b7/index.htm.

[94] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005.

[95] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005.саҳ. 11.

2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С. 16.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 20-уми апрели соли 2011.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003, 2016. – Душанбе, 2016. С. 5.
5. Радика Кумарасвами. Ҳуқуқҳои зан ва ҳуқуқи байналхалқии ҳуқуқи инсон. [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: http://www.hrights.ru/text/inter/b7/index.htm.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005.
7. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966.

# РУШДИ ҲУҚУҚ БА САЛОМАТӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

**Сафарзода Н.Ф.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Раҳмон Д.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ ҳуқуқи инсонро дар сатҳи конститутсионӣ ба сифати арзиши олӣ эътироф намуд. Ҳуқуқ ба саломатӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ мазмун ва моҳияти худро дигаргун намуда, тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқӣ пайдо кард. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур рушди ҳуқуқ ба саломатӣ дар даврони Истиқлол мавриди баррасӣ қарор гирифта, мушкилоти танзим ва роҳи ҳалли онҳо манзур карда шудааст. Муаллиф иброз менамояд, ки новобаста аз кодификатсиякунонии ҳуқуқи инсон дар соҳаи тандурустӣ, ҳанӯз ҳам масъалаҳое вуҷуд доранд, ки таҷдиди қонунгузории соҳаро тақозо менамоянд. Пас аз таҳлили масъалаи баррасишаванда муаллиф хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ҷиҳати таҷдиди қонунгузории соҳа ва рушди илми ҳуқуқи тандурустӣ матраҳ кардааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ба саломатӣ, даврони Истиқлол, қонунгузории соҳаи тандурустӣ, Кодекси тандурустӣ, амалисозии ҳуқуқ ба саломатӣ.

# РАЗВИТИЕ ПРАВА НА ЗДОРОВЬЕ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

**Сафарзода Н.Ф.,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Научный руководитель:** Рахмон Д.С., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** После обретения государственной независимости Республика Таджикистан на конституционном уровне признала права

человека высшей ценностью. Право на здоровье в период независимости изменило свое содержание и сущность, нашло правовое регулирование посредством правовых актов. Поэтому в данной статье рассматривается развитие права на здоровье в период независимости и представлены проблемы регулирования и решения. Автор отмечает, что, несмотря на кодификацию прав человека в сфере здравоохранения, остаются вопросы, требующие решения в сфере законодательства. Проанализировав рассматриваемый вопрос, автор сделал научные выводы и рекомендации по пересмотру законодательства в сфере и развитию науки о здоровье.

**Ключевые слова:** права человека, право на здоровье, период независимости, медицинское законодательство, Кодекс здравоохранения, реализация права на здоровье.

## DEVELOPMENT OF THE RIGHT TO HEALTH DURING INDEPENDENCE

**Safarzoda N.F.,**
Junior lecturer of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University
**Phone:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Scientific adviser:** Rahmon D.S., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Sa'dizoda J., Candidate of Law, Associate Professor

**Annotation:** After gaining state independence, the Republic of Tajikistan at the constitutional level recognized human rights as the highest value. The right to health during the period of independence changed its content and essence, found legal regulation through legal acts. Therefore, this article examines the development of the right to health in the period of independence and presents the problems of regulation and solution. The author notes that, despite the codification of human rights in the field of healthcare, there are issues that need to be addressed in the field of legislation. After analyzing the issue under consideration, the author made scientific conclusions and recommendations for the revision of legislation in the field and the development of health science.

**Key words:** human rights, right to health, period of independence, medical legislation, Health Code, realization of the right to health.

Пас аз касби Истиқлоли давлатӣ марҳилаи нави тараққиёти соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардида, дурнамои минбаъдаи соҳаи мазкурро муайян карданд. Дар ин самт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози назар намудаанд: «Дар даврони истиқлолият мо як қатор қонунҳои соҳаи тибро

таҳия ва тасдиқ намудем, ки дар онҳо барои рушди соҳаи тандурустӣ заминаи меъёрии ҳуқуқии муосир фароҳам оварда, вазифа ва уҳдадориҳои кормандони соҳа, муассисаҳои табобативу пешгирикунанда ва дигар сохторҳои хизматрасонӣ дар ин самт муайян ва мушаххас гардиданд. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он 16 қонуни соҳавӣ муттаҳид карда шудааст»[96].

Ҷиҳати шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои наҷибро дар даврони Истиқлол рӯи даст гирифт ва дар сатҳи конститутсионӣ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ маънидод намуд. Яъне, халқи тоҷик дар масири давлатдории худ бори нахуст ба таври раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул намуд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам карда шудааст. Дар ин росто, ҳуқуқ ба саломатӣ истисно буда наметавонад. Зеро, ҳуқуқ ба саломатӣ қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ташкил дода, бо тағйирёбии вазъияти ҷомеаи инсонӣ мазмун ва моҳияти худро дигаргун намуда истодааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 38 кафолати ҳуқуқ ба саломатиро дар чунин шакл нишон додааст: «Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад. Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад»[97].

Месазад иброз намуд, ки миллати тоҷик натанҳо дар даврони Истиқлоли давлатӣ, балки ҳанӯз дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ нисбат ба ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқ ба саломатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамудаанд, ки инро метавон аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ба таври амиқ мушоҳида намуд. Воқеан, таҳқиқотҳои илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ башорат медиҳанд, ки миллати тоҷик дар саргаҳи халқу миллатҳое қарор дорад, ки ба инсоният ҳуқуқ, озодӣ ва адолатро инъом намудааст[98]. Аз ин

---

[96] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил дар таърихи 1-уми сентябри соли 2018. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/18286 (санаи мурочиат: 4.01.2021).

[97] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 11.02.2020).

[98] Муфассал ниг.: Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 стр.; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.; Сафарзода Н.Ф. Инъикоси ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён. // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 90-93.; Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ дар тамаддуни зардуштӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 103-104.; Сафарзода Н.Ф. Назаре

ҷост, ки халқи тоҷик худро дар дебочаи Конститутсия дар назди наслҳои масъул шумораast. Ин масъулият дар самти эътирофнамоии ҳуқуқ ба саломатӣ иҷро гардида, моҳияти ҳуқуқи ишорашуда дар моддаи 38 инъикос ёфта, дар заминаи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, соҳиби арзиши олӣ шудааст.

Минбаъд дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул гардиданд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон дар соҳаи тандурустиро мавриди танзим қарор медиҳанд.

15-уми майи соли 1997 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» қабул гардид, ки он муносибатҳои байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятиро сарфи назар аз шакли моликияташон дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ танзим менамуд. Дар асоси моддаи 2-и қонуни мазкур вазифаи он аз таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, муайян кардани салоҳият ва масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои онҳо дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ, муайян намудани ҳуқуқи касбӣ, вазифа ва масъулияти кормандони тиббӣ ва фармасевтӣ, муқаррар кардани кафолати иҷтимоии онҳо, амиқ намудани вазифаи шаҳрвандон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва ғ. иборат буд. Дар фарқият аз дигар санадҳои қабулгардида қонуни мазкур бори нахуст ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандонро дар соҳаи ҳифзи саломатӣ муайян намуда, ба онҳо асоси ҳуқуқӣ бахшид[99].

Бо дарназардошти танзим намудани муносибатҳои нав, ки дар соҳаи тандурустӣ ба вуҷуд омаданд, инчунин бо мақсади пешгирӣ намудани бемориҳои сироятии паҳншудатарин мақомоти қонунгузории кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаро қабул намуд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти хусусии тиббӣ» аз 2-юми декабри соли 2002, таҳти №60, Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18-уми июни соли 2008, таҳти №408, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи тиббию иҷтимоии шаҳрвандони мубталои диабети қанд» аз 19-уми майи соли 2009, таҳти №527, Қонуни ҶТ «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ» аз 2-юми декабри соли 2002, таҳти №72, Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии равонпизишкӣ» аз 2-юми декабри соли 2002, таҳти №90, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният» аз 28-уми декабри соли 2005, таҳти №150, Қонуни ҶТ «Дар бораи муолиҷаи маҷбурии бемории майзадагӣ ё нашъамандӣ» аз 27-уми июни соли 1991, таҳти №15, Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти №12 ва ғ. Дар баробари қонунҳои ишорагардида, инчунин санадҳои зиёди зерқонуние қабул гардиданд, ки паҳлуҳои мухталифи қонунгузории соҳаро мавриди танзим қарор медоданд.

---

ба ҳуқуқофаринии мардуми тоҷик // Илм ва фановарӣ. (Маҷаллаи илмии ДМТ). – Душанбе: Сино, 2015. – №2 (6). – С. 173-180.

[99] Ба таври муфассал ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» аз 17-уми майи соли 1997. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2020).

Яқин аст, ки бо инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷомеа ва ба вуҷуд омадани омилҳои нав қонунгузорӣ худро ба он мутобиқ менамояд. Соҳаи тандурустӣ низ то ҳадде инкишоф ёфтаву дар ҳоли рушд қарор дорад ва зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҷдид қарор дода шаванд. Ҳамин омилҳоро ба инобат гирифта, мақоми қонунбарори кишвар ташаббуси кодификатсиякунонии соҳаи мазкурро ба миён гузошт ва 30-юми майи соли 2017, таҳти №1413 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар асоси моддаи 222-и Кодекси тандурустӣ як қатор санадҳои қабулгардида, аз ҷумла қонунҳои фавқуззикр аз эътибор соқит даниста шуданд.

Кодекси тандурустӣ бори нахуст тавонист то ҳадди имкон соҳаи мазкурро ба таври пурра, бевосита ва бонизом танзим намояд.

Саломатӣ – ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани бемории ва нуқсонҳои ҷисмонӣ маънидод гардидааст. Аммо, Кодекси тандурустӣ мафҳуми ҳуқуқ ба саломатиро дар худ ҷой надодааст, ҳол он ки муносибатҳои танзимкунандаи он дар бештар маврид нигаронида шудаанд ба ҳуқуқи ишорашуда. Кодекси мазкур принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, салоҳияти мақомоти давлатӣ дар ин самт, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон ва кормандони соҳаи тандурустӣ, намуд ва шаклҳои расонидани кӯмаки тиббӣ, омода намудани кормандони соҳаи тандурустӣ, фаъолияти хусусии тиббӣ, тибби оилавию халқӣ, таъмини модарону кӯдакон бо кӯмаки тиббию санитарӣ, ҳифзи солимии ҷомеа, таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ, пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон, муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва ғ.-ро мавриди танзим қарор додааст. Яъне, маълум мегардад, ки муқаррароти қонунҳои қаблан қабулгардида қариб бе ягон тағйирот дар кодекси мазкур ҷой дода шудаанд ва дар ин самт камбудиҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд. Ҳамин аст, ки гурӯҳе аз олимони ватанӣ нисбат ба масъалаи мазкур аз лиҳози илмӣ баҳо дода, пешниҳод менамоянд, ки қисматҳои алоҳидаи кодекси тандурустии кишвар бояд аз нав мавриди баррасӣ қарор дода шаванд[100].

Маълум мегардад, ки пас аз касби Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба саломатиро дар сатҳи қонуни асосии кишвар кафолат дода, муносибатҳои соҳаи тандурустиро дар доираи санади кодификатсияшуда танзим намудааст. Яъне, ҳуқуқ ба саломатӣ дар шакли де-юре воқеан вуҷуд дорад. Аммо, дар шакли де-факто ва ё дар амал татбиқ гардидани ҳуқуқ ба саломатӣ тарафи дигари масъала мебошад.

---

[100] Муфассал ниг.: Бободжонзода И.Х. Правовые аспекты кодификации законодательства Республики Таджикистан о здравоохранении. // Правовая жизнь. – №3 (19). – Душанбе, 2017. – С. 23-39.; Бободжонзода И.Х., Тагайназаров Ш.Т., Диноршоев А.М. О правовой природе частей тела и ткачей человека и соматические права как объекты гражданского права. // Правовая жизнь. – №2 (26). – Душанбе, 2019. – С. 123-140.; Бободжонзода И.Х., Диноршоев А.М. Дискуссионные вопросы правового регулирования понятия «тело человека». // Правовая жизнь. – №1 (25). – Душанбе, 2019. – С. 36-58.; Сулаймонов Ф. Магар узвҳои инсон чун объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф мешаванд? // Минбари ҳуқуқшинос (нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – №9-10 (109-110), аз 23-юми майи соли 2019. – С. 6.

**Адабиёт:**

1. Бободжонзода И.Х. Правовые аспекты кодификации законодательства Республики Таджикистан о здравоохранении. // Правовая жизнь. – №3 (19). – Душанбе, 2017. – С. 23-39.

2. Бободжонзода И.Х., Диноршоев А.М. Дискуссионные вопросы правового регулирования понятия «тело человека». // Правовая жизнь. – №1 (25). – Душанбе, 2019. – С. 36-58.

3. Бободжонзода И.Х., Тагайназаров Ш.Т., Диноршоев А.М. О правовой природе частей тела и ткачей человека и соматические права как объекты гражданского права. // Правовая жизнь. – №2 (26). – Душанбе, 2019. – С. 123-140.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2020).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» аз 17-уми майи соли 1997. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.02.2020).

6. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 стр.

7. Сафарзода Н.Ф. Инъикоси ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён. // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 90-93.

8. Сафарзода Н.Ф. Назаре ба ҳуқуқофаринии мардуми тоҷик // Илм ва фановарӣ. (Маҷаллаи илмии ДМТ). – Душанбе: Сино, 2015. – №2 (6). – С. 173-180.

9. Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ дар тамаддуни зардуштӣ // Маводи конференсияи чумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 103-104.

10. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Бахманрӯд, 2016. – 164 с.

11. Сулаймонов Ф. Магар узвҳои инсон чун объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф мешаванд? // Минбари ҳуқуқшинос (нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – №9-10 (109-110), аз 23-юми майи соли 2019. – С. 6.

12. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ

бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ваоғози соли нави таҳсил дар таърихи 1-уми сентябри соли 2018. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/18286 (санаи муроҷиат: 4.01.2021)

# SOME THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF THE EXTERNAL LABOR MIGRATION OF CITIZENS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN TO FOREIGN COUNTRIES

**Azimov S.Sh.,**
assistant of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University,
**Phone.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Reviwer:** Sa’dizoda J., candidate of law, docent

**Annotation.** This article analyzes some theoretical and practical issues of external labor migration of citizens of the Republic of Tajikistan abroad and identifies the legal basis for regulating this process. The author argues that labor migration is divided into two parts: internal labor migration and external labor migration. This article highlights the situation with the rights of internal and external labor migrants and highlights the theoretical and practical issues of this process. As a result, useful conclusions in this area are presented.
**Keywords:** migration, migrant, migrant worker, legislation, external labor migration.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНИИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ХОРИҶИ КИШВАР

**Азимов С.Ш.**,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии берунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар таҳлил гардида, асосҳои ҳуқуқии танзими раванди мазкур муайян карда шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба ду қисм ҷудо карда мешавад: муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунӣ. Мақолаи мазкур фарогири вазъи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатии дохилӣ ва берунӣ буда, масъалаҳои назарӣ ва

амалии ин равандро дар бар мегирад. Дар натиҷа хулосаҳои судманд дар ин самт пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷират, муҳоҷир, муҳоҷири меҳнатӣ, қонунгузорӣ, муҳоҷирати меҳнатии берунӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ВНЕШНЕЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ ГРАЖДАН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЗАРУБЕЖНЫЕ СТРАНЫ

**Азимов С.Ш.**,
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета, Таджикского национального университета,
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридическихнаук, доцент

**Аннотация:** В данной статье анализируются некоторые теоретические и практические вопросы внешней трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу и выявляются правовые основы регулирования этого процесса. Автор утверждает, что трудовая миграция делится на две части: внутреннюю трудовую миграцию и внешнюю трудовую миграцию. В данной статье освещается ситуация с правами внутренних и внешних трудовых мигрантов и освещаются теоретические и практические вопросы этого процесса. В результате представлены полезные выводы в этой области.

**Ключевые слова:** миграция, мигрант, трудящийся мигрант, законодательство, внешняя трудовая миграция.

One of the most important issues in the field of migrant workers' rights is the correct understanding of concepts and sectorial terms. In other words, it is important for any person to know the concepts and terms in the field of migration, because if they do not know them, both the migrant and the migrant worker will face many insurmountable difficulties. To such concepts or terms includes internal and external migration. In order to better understand all aspects of internal migration, we need to consider the concept of internal labor migration in terms of its legal definition. The concept of internal migration is defined in the Law of the Republic of Tajikistan "On Migration" as follows: “Internal migration is free, temporary or seasonal movement of an individual within the territory of the Republic of Tajikistan”[101].

---

[101] Law of the Republic of Tajikistan "On Migration" from December 11, 1999 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1992, № 12, article 320. (in Tajik lang.).

The Republic of Tajikistan is considered one of the countries with the largest labor force in the Central Asia. This indicator is primarily related to the process of sustainable natural growth of the population. Annual population growth in the country is between 2.5 and 2.8 percent, which will lead to a decline in employment. This is due to the fact that as the population grows, the demand for suitable jobs will increase and, naturally, the demand for this type of employment will increase. In this demographic process, the domestic market of the country does not fully cover the able-bodied population. That is, in order to improve living standards, able-bodied people migrate to different countries as external migrant workers. The state and the Government of the Republic of Tajikistan are taking a number of measures to regulate this process. As the Leader of the Nation Emomali Rahmon noted in his regular Address to the Majlisi Oli on December 26, 2019 “by the 30th anniversary of state independence, we must improve our activities even further, using all available resources and capabilities to create at least 100,000 new jobs annually for the country's population, thereby reducing the intensity of labor migration”[102].

From the Address of the Leader of the Nation Emomali Rahmon it is clear that the state and the Government of the Republic of Tajikistan are interested in regulating the process of labor migration and creating new jobs. The creation of new jobs at homeland, the creation of farms by migrant workers and the involvement of citizens in vocational training will lead to a reduction in the process of attracting citizens to external labor migration. That is, the issue of effective use of available resources of economic regions of the country contributes to the process of internal migration. In this regard, it is necessary to ensure the development of the domestic labor market through the creation of new jobs, especially in the private sector, through state support for small and medium-sized businesses, in order to reduce the process of external migration.

The development and implementation of mechanisms and ways to ensure socio-economic conditions for citizens in all regions of the Republic of Tajikistan will allow to some extent reduce the growth rate of labor migration from the regions of the country to foreign countries.

Labor migration in the Republic of Tajikistan is regulated by a number of legislative acts. Article 35 of the Constitution of Tajikistan states: "Everyone has the right to work, to choose his or her profession, to labor protection and social protection in case of unemployment”[103]. That is, it means that every citizen of the country has the right to work, to choose a profession and type of employment. The right to social protection, the right to labor protection and working conditions that meet safety requirements are guaranteed.

Since the year 2000 the Government of the Republic of Tajikistan has been implementing a number of policy measures to regulate labor migration. These

[102] Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon to the Majlisi Oli, Dushanbe, 26 December 2019 (in Tajik lang.) – Source: http://president.tj/node/21975. (date of access 15.10.2021).

[103] Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (in Tajik and Russian). – Dushanbe: Ganj, 2016. – p. 27.

measures are mainly expressed in the revision and improvement of the legal framework and improvement of migration legislation.

The general framework of migration rules is provided by the Law of the Republic of Tajikistan "On Migration," which was adopted in 1999. This law regulates relations in the sphere of migration and defines the legal, economic, and social basis of migration processes, as well as the creation of necessary conditions of residence in a new place for individuals.

During the period of state independence the Government of the Republic of Tajikistan, in cooperation with relevant ministries and departments of the country, has taken a number of measures to regulate the process of internal labor migration and reduce the process of external migration.

The legal basis for labor migration is enshrined in Article 24 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, which defines the right of citizens to free movement and choice of place of residence, departure from the country and return.

If we consider the current migration situation in the country, the largest process is external (foreign) labor migration. It is impossible to imagine the current situation in the country without external labor migration, as it has become one of the largest social phenomena in the country. Despite the fact that labor migration abroad has a significant impact on the livelihoods of most families in the Republic of Tajikistan, the negative consequences of this phenomenon are clearly visible. In particular, the spread of infectious diseases, joining criminal groups such as drug trafficking, human trafficking, extremist movements, etc.

Migration is the movement from one region to another or from one country to another and return home. Therefore, the term "external migrants" refers to persons who legally leave Tajikistan for permanent residence in another country and acquire the status of an external migrant. Persons sent or recruited by or on behalf of a state outside its territory and participating in development or other cooperation programs whose license and status are governed by an agreement with the state of employment are deemed not to be migrant workers. Also, military personnel serving in peacekeeping missions, as well as those on study, medical treatment, tourism, and business trips are not considered labor migrants.

It must be recognized that external labor migration is a driving force behind Tajikistan's economic development. Because of limited employment and income opportunities within the country, external labor migration has become a key and effective factor in overcoming problems for many vulnerable and poor groups.

The International Labor Organization study conducted in 2010 identified three main types of external migrants:

1) long-term migrants who have been outside the Republic of Tajikistan for more than two years and have not visited their families during this period;
2) Long-term migrants who have been outside of Tajikistan for more than two years but have made several short-term visits with their families;

3) Short-term migrants who live outside of Tajikistan for a few months and return home for a few more months. Such migrants are also called seasonal migrants.

External labor migration is a complex phenomenon that requires profound research and attention, and its regulation is carried out in conjunction with other processes and phenomena of economic, social and political life of the country. The state policy of the Republic of Tajikistan in the sphere of external migration is aimed at achieving the main objectives, current and future challenges, taking into account the traditions and national-historical characteristics of the population of Tajikistan[104].

Legislative acts regulating external labor migration in the Republic of Tajikistan were formed too late. External labor migration began in 1991 as a mass phenomenon with a significant impact on the demographic and socio-economic development of the country. The first documents on external labor migration were issued in 1998, it was the "Concept of State Migration Policy of the Republic of Tajikistan", which was approved in 1998[105]. This document as a whole is systemic in nature and covers all aspects of external labor migration. This concept is seen as the basis for managing the migration process and protecting the rights and interests of migrants in Tajikistan and abroad.

According to this document, the main goals and objectives of state migration policy of the Republic of Tajikistan are:

a) Joining of the Republic of Tajikistan to international conventions in the field of migration;

b) Fulfillment of international obligations on migration issues;

c) Ensuring the protection of the rights and interests of migrants in accordance with internationally recognized standards, the Constitution and current legislation of the Republic of Tajikistan;

d) Improvement and development of the legal framework for regulating migration processes;

e) Prevention of illegal migration;

f) Coordination of activities of executive authorities to regulate migration processes, etc.

It should be noted that this concept contributes to the protection of the identity of the Tajik people, national security, as well as the socio-economic development and culture of the country.

The Law of the Republic of Tajikistan "On Migration" regulates the issue of labor migration of citizens of the country. It also defines the legal and social basis for the protection of citizens working abroad.

In the Republic of Tajikistan, at the level of the country's main law, i.e., the Constitution, there are a number of provisions that are devoted to the protection and support of the country's citizens abroad, especially external migrants. In

---

[104] Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the Concept of State Migration Policy of the Republic of Tajikistan", October 8, 1998, № 242. (in Tajik lang.) – Source: http://tajmigration.ru/koncepciya-gosudarstvennoy-migracionnoy-politiki -respubliki-tadzhikistan.html (date of access: 15.03.2020).

[105] Umarov N.N. State regulation of external labor migration in the Republic of Tajikistan: dissertation for the degree of candidate of economic sciences. (in Tajik lang.) – Dushanbe, 2019. – p. 136.

particular, according to part 4 of Article 11 of the Constitution, "the state shall cooperate with its compatriots abroad”[106]. Also according to Article 16 of the Constitution "a citizen of Tajikistan abroad is under the protection of the state”[107]. These are general norms enshrined in the Constitution of the Republic of Tajikistan concerning the issue of external migration.

On the basis of these provisions of the Constitution in 2001, the Concept of Labor Migration of Citizens of the Republic of Tajikistan Abroad[108] was developed and the next stage of the "National Strategy of Labor Migration of Citizens of the Republic of Tajikistan Abroad for 2011-2015"[109] was adopted. Considering that the Russian Federation is the main recipient country of migrant workers from the Republic of Tajikistan, in 2004 an agreement was signed "On Labor and Protection of Rights of Citizens of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation and Citizens of the Russian Federation in the Republic of Tajikistan", at the same time, there was a program of cooperation on the labor exchange between the Governments of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation[110].

The Republic of Tajikistan has signed agreements with the Russian Federation, the Republic of Kazakhstan, the Kyrgyz Republic and the Republic of Belarus to promote labor migration. Therefore, the Republic of Tajikistan pays special attention to solving issues related to external (foreign) migration. For more than 20 years, a bilateral intergovernmental agreement on the protection of the rights of migrant workers has been in effect, as well as relations at the interagency, intergovernmental, inter-parliamentary, and inter-regional levels.

All resolutions of the Government of the Republic of Tajikistan aimed at promoting the rights of migrant workers, the above bilateral laws and agreements are aimed at formalizing the status of migrant workers in the host country and providing employment and social protection.

Labor migration of citizens of the Republic of Tajikistan is seasonal and each year more than 800,000 people go abroad in search of temporary work[111].

According to the Migration Service of the Ministry of Labor, Migration and Employment, there was a relatively high trend of labor migration out of the country from 2005 to 2013. During this period since 2005 labor migration

---

[106] Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (in Tajik and Russian). – Dushanbe: Ganj, 2016. – p. 8.

[107] Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (in Tajik and Russian). – Dushanbe: Ganj, 2016. – p. 27.

[108] Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the Concept of Labor Migration of Citizens of the Republic of Tajikistan Abroad," June 9, 2001, No. 242. (in Tajik Lang.) - Source: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx ?Rgn=13950 (date of reference : 15.03.2020)

[109] Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the National Strategy of Labor Migration of Citizens of the Republic of Tajikistan Abroad for 2011-2015," from October 4, 2011, No.460. (in Tajik lang.)

[110] Agreement "On Labor Activities and Protection of Rights of Citizens of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation and Citizens of the Russian Federation in the Republic of Tajikistan," October 16, 2004. (in Tajik lang.) - Source: http://www.adlia. tj/show_doc.fwx?Rgn= 6220 (date of access: 17.03.2020)

[111] Sadizoda J., Safarzoda N.F. The rights of migrant workers: yesterday and today // Materials of the International scientific-theoretical conference "The Constitution of the Republic of Tajikistan and the national legal system: the basis of development and prospects of legal science", dedicated to the 25th anniversary of the Constitution and the 70th anniversary of the Faculty of Law of the Tajik National University // Edited by PhD in Law, Associate Professor Rakhmon D.S. - Dushanbe, 2019. (in Tajik lang.) - p. 176.

increased from 412,000 to 799,700 people. During the last three years (2014-2016) there has been a decrease in the labor migration process compared to 2013. In the Republic of Tajikistan labor migration in 2016 compared to 2013 decreased by 282.4 thousand people (35.3%) and reached 517.3 thousand people[112]. The number of migrant workers in 2017 reached 456.4 thousand people, and in 2018 the number of migrant workers was 483.9 thousand people. According to available data, the number of labor migrants in 2018 decreased as compared to 2016.

According to a report provided by the Ministry of Labor, Migration and Employment of the Republic of Tajikistan, 530,883 citizens of Tajikistan left the country for labor migration in 2019, including 453,870 men and 77,013 women. In particular, 518,066 migrant workers left to the Russian Federation and 9,771 to the Republic of Kazakhstan. The flow of labor migration abroad shows that compared to 2018, 62,680 people, or an increase in 13%. During this period, 419,150 migrant workers returned from abroad, including 344,002 men and 75,148 women, which is an increase of 4 percent over 2018[113].

Analysis shows that the process of labor migration of citizens of the Republic of Tajikistan abroad has decreased in recent years and in the last 5 years has decreased by more than 30%. Labor migration of our citizens abroad is mainly to the Russian Federation, more than 90 percent and a small portion on other countries.

In general, labor migration can be divided into two main directions: internal (mostly daily migration from the countryside to the city in search of work) and external (going abroad in search of work). That is, it is a voluntary and legal movement of people from one country to another, who then continue to work for remuneration in that country. From this we can conclude that the term "labor migrants" refers to people going from one region to another in search of work.

Thus, to strengthen the legal policy of the country to promote the rights of migrant workers today, taking into account the interests, cultural, historical and spiritual and moral characteristics of the nation it is necessary to expand international legal cooperation in the field of labor migration. That is, the main emphasis should be placed on strengthening the basis and regulatory framework. Because this base contributes to the implementation of mechanisms to regulate labor migration on the basis of mutual cooperation.

## Literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (in Tajik and Russian). - Dushanbe: Ganj, 2016. – p. 135.

2. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the Concept of State Migration Policy of the Republic of Tajikistan", October 8, 1998, № 242. (in Tajik lang.) - Source: http://tajmigration.ru/koncepciya-

[112] Project "National Strategy for the Development of Statistics of the Republic of Tajikistan", Ecastat No. tf017852. – Dushanbe, 2017. – p. 99.

[113] Press report on the results of the work of M inistry of Labor, Migration and Employment of the Republic of Tajikistan in 2019. - Source: http://migration.tj/2020/02/07/ (date of access: 15.03.2020).

gosudarstvennoy-migracionnoy-politiki -respubliki-tadzhikistan.html (date of access: 15.03.2020).

3. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the National Strategy of Labor Migration of Citizens of the Republic of Tajikistan Abroad for 2011-2015," from October 4, 2011, No.460. (in Tajik lang.)

4. Law of the Republic of Tajikistan "On Migration" from December 11, 1999 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1992, № 12, article 320. (in Tajik lang.)

5. Project "National Strategy for the Development of Statistics of the Republic of Tajikistan", Ecastat No. tf017852. - Dushanbe, 2017. - p. 99.

6. Odinaev K.S. Theoretical foundations of modern processes of labor migration (by the example of the Republic of Tajikistan): dissertation for the degree of candidate of economic sciences: 08.00.01. / Odinaev Komron Saidabrorovich. - Dushanbe, 2019. - 124 c.

7. Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon to the Majlisi Oli, Dushanbe, 26 December 2019 (in Tajik lang.) – Source: http://president.tj/node/21975. (date of access 15.10.2021)

8. Sadizoda J., Safarzoda N.F. The rights of migrant workers: yesterday and today // Materials of the International scientific-theoretical conference "The Constitution of the Republic of Tajikistan and the national legal system: the basis of development and prospects of legal science", dedicated to the 25th anniversary of the Constitution and the 70th anniversary of the Faculty of Law of the Tajik National University // Edited by PhD in Law, Associate Professor Rakhmon D.S. - Dushanbe, 2019. (in Tajik lang.) - p. 176.

9. Agreement "On Labor Activities and Protection of Rights of Citizens of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation and Citizens of the Russian Federation in the Republic of Tajikistan," October 16, 2004. (in Tajik lang.) - Source: http://www.adlia. tj/show_doc.fwx?Rgn= 6220 (date of access: 17.03.2020)

10. Umarov N.N. State regulation of external labor migration in the Republic of Tajikistan: dissertation for the degree of candidate of economic sciences. (in Tajik lang.) – Dushanbe, 2019. – p. 136.

# ВАЗЪИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ПЕШГИРИИ ОН МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ БАЪЗЕ ДАВЛАТҲОИ МУСУЛМОНӢ

**Вализода С.А.,**
унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
**Тел.:** (+992) 907757677
**E-mail:** valizoda977@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Хайруллоев Ф.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур вазъи зӯроварӣ дар оила ва қонунгузорӣ дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар баъзе давлатҳои мусулмонӣ мавриди тадқиқоти мухтасари илмӣ қарор дода шудааст. Тадқиқот нишон дод, ки дар баъзе кишварҳои мусулмонӣ вазъи зӯроварӣ дар оила вазнин буда, дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаи мазкур ҳалли дахлдори худро то ба ҳол наёфтааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки проблемаҳои муосири ҳуқуқи инсонро дар чорчубаи конвенсияҳо ва шартномаҳои байналмиллалӣ дар пешгирии яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти инсонӣ – зӯроварӣ дар оила, муайян намояд. Дар мақолаи мазкур натиҷаҳои таҳлили пурсишҳои сотсиологӣ оид ба назарсанҷии занони баъзе давлатҳои мусулмонӣ вобаста ба зӯроварӣ ва хушунат дар оила оварда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф фикру ақидаҳо ва назарияи олимону мутахассисони соҳаро дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои ҳалли он, кафолати баробарҳуқуқии зану мардро дар мақолаи мазкур овардааст. Мақола моҳияти зӯроварӣ дар оиларо тавассути дарки вазъи равонии мард ва зан, фаҳмиши стереотипҳои мавҷуда дар бораи зӯроварӣ дар оила ва ҷанбаҳои гуногуни баробарии гендериро мефаҳмонад. Мақолаи мазкур фаҳмиши зуҳуроти зӯроварӣ дар оила аз нигоҳи иҷтимоӣ ва психологӣ, инчунин психологияи муносибатҳои байни одамонро дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо**: Зӯроварӣ дар оила, пешгирии зӯроварӣ дар оила, баробарҳуқуқии зану мард, миллат, меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, кафолати ҳуқуқҳои зан, мавқеи занон дар ҷомеа, ташкилотҳои байналмилалӣ, вазъи зӯроварӣ дар оила, давлатҳои мусулмонӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Арабистони Саудӣ, Покистон ва диг.

# СИТУАЦИЯ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ И ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ В НЕКОТОРЫХ МУСУЛЬМАНСКИХ СТРАНАХ

**Вализода С.А.,**
Адъюнкт Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции

**Тел.:** (+992) 907757677
**E-mail:** valizoda977@mail.ru

**Научный руководитель:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Хайруллоев Ф.С., кандидат юридических наук

**Аннотация**: В данной статье были исследованы ситуация насилия в семье и законодательства о предупреждении насилия в семье в некоторых мусульманских странах. Исследование показало, что в некоторых мусульманских государствах ситуация с насилием в семье очень тяжелая, а на уровне законодательства проблема до сих пор находится на неразрешенной стадии. Кроме того, автор стремится выявить актуальные проблемы прав человека в рамках международных конвенций и договоров по предупреждению одной из самых острых проблем жизни человека – домашнего насилия. В данной статье представлены результаты анализа социологических опросов женщин некоторых мусульманских стран по вопросам домашнего насилия. В то же время в данной статье автор представляет идеи и теории ученых и специалистов в области предотвращения домашнего насилия и путей его решения, гарантирующих равноправие мужчин и женщин. В статье объясняется природа домашнего насилия через понимание психологического состояния мужчин и женщин, понимание существующих стереотипов о домашнем насилии, различных аспектов гендерного равенства. В данной статье освещается понимание домашнего насилия с социально-психологической точки зрения, а также психологии человеческих отношений.

**Ключевые слова**: Насилие в семье, предупреждение насилия в семье, равенство мужчин и женщин, нация, нормы исламского права, гарантия прав женщин, положение женщины в обществе, международные организации, ситуация насилия в семье, мусульманские страны, Исламская Республика Иран, Исламская Республики Афганистан, Саудовская Аравия, Пакистан и др.

## THE SITUATION OF DOMESTIC VIOLENCE AND LEGISLATION ON THE PREVENTION OF DOMESTIC VIOLENCE IN SOME MUSLIM COUNTRIES

**Valizoda S.A.,**
applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Captain of Police
**Phone.:** (+992) 907757677
**E-mail:** valizoda977@mail.ru

**Research supervisor:** Sadizoda J., Candidate of Law, docent
**Reviewer:** Khairulloev F.S., Candidate of Law

**Annotation:** This article provides a brief overview of the situation of domestic violence and legislation on the prevention of domestic violence in some Muslim countries. Research has shown that in some Muslim countries the situation with domestic violence is dire and has not yet been addressed at the legislative level. In addition, the author seeks to identify topical human rights issues within the framework of international conventions and treaties to prevent one of the most acute problems of human life - domestic violence. This article presents the results of the analysis of sociological surveys of women in some Muslim countries on domestic violence. At the same time, in this article, the author presents the ideas and theories of scientists and specialists in the field of preventing domestic violence and ways to solve it, guaranteeing equal rights for men and women. The article explains the nature of domestic violence through understanding the psychological state of men and women, understanding the existing stereotypes about domestic violence, various aspects of gender equality. This article highlights the understanding of domestic violence from a socio-psychological point of view, as well as the psychology of human relations.

**Keywords:** Domestic violence, prevention of domestic violence, equality between men and women, nation, norms of Islamic law, guarantee of women's rights, position of women in society, international organizations, the situation of domestic violence, Muslim countries, Islamic Republic of Iran, Islamic Republic of Afghanistan, Saudi Arabia, Pakistan and others.

Бе ягон дудилагӣ баён кардан мумкин аст, ки зӯроварӣ дар оила миллат ва давлат надорад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои мусулмонӣ ҳам ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила кам нестанд. Афсӯс, ки маълумоти оморӣ оид ба вазъи зӯроварӣ дар оила дар давлатҳои мусулмонӣ камёб аст, аммо мо кӯшиш кардем дар доираи мақолаи мазкур тамоми сарчашмаҳои мавҷударо зери таҳлили мухтасар қарор дода, вазъи зӯроварӣ дар оила ва қонунгузории дахлдори давлатҳои мусулмониро ошкор намуда, баъзе натиҷаҳоро ба даст биёрем.

Аксарияти муаллифон ҳангоми баррасии мавзӯи мазкур аз он шуруъ мекунанд, ки ҷаҳони исломӣ гӯё ҷаҳони мардҳо бошад, ки дар он ҳуқуқи занҳо дар ҳар сурат поймол мешаванд ва меъёрҳои ҳуқуқии исломие, ки муносибати байни мардон ва занонро танзим мекунанд, аз давраи пайдоиши дини ислом то ба имрӯз тағйир наёфтааст[114].

Ба андешаи олими маъруфи рус Л.Р. Сюкияйнен, ягона сарчашмае, ки ба чунин фаҳмиш нерӯ мебахшад, ҳадисе ҳаст, ки дар он чунин оварда мешавад: «Халқе, ки тақдири анҷоми корҳои худро ба зан вогузоштааст, ҳеҷ вақт пешсаф буда наметавонад», ба ҳисоб меравад.

Муаллифони мазкур, пеш аз ҳама, Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро мисол оварда, қайд мекунанд, ки тибқи Конститутсияи амалкунандаи он

[114] Петровский, А.В. Внутрисемейная преступность и преступления против женщин в мусульманском мире // Криминология: вчера, сегодня, завтра. №4 (31), 2013. – С. 79-81.

шариат сарчашмаи асосии ҳуқуқ ба шумор меравад. Дар асоси шариати ислом нақши роҳбарикунандаи мард дар оила ба таври хос муқаррар мегардад. Аллакай чунин ҳолатро аксари муҳаққиқон ҳамчун мусбӣ ба фоидаи мардон баррасӣ мекунанд.

Дигарон қайд мекунанд, ки «Бешубҳа, қонун баъзе ҳуқуқҳои занонро кафолат медиҳад, аммо дини номбурда мавқеи занонро дар ҷомеа муайян намуда, ба мардон итоат кардани онҳоро мефармояд. Ҳатто дар Эъломияи умумиафғонии Шӯрои уламо аз 2 марти соли 2012 қоидаҳои рафтори занон дар ҷомеа тавре муқаррар шудааст, ки дар бисёр ҷойҳояш ба манфиатҳои мутаасибони динӣ мувофиқат мекунанд»[115].

Ризоӣ Воҳид дар доираи масъалаи баррасишаванда, дар таҳқиқи худ натиҷаҳои пурсиши занҳои афғониро дар соли 2008 оварда, қайд мекунад, ки 92% занҳо дар оилаҳои худ зери лату кӯб қарор доранд ва сабабҳои лату кӯб шудани онҳоро аксарияти ҷомеа асоснок мешуморад ва дастгирӣ мекунанд. Масалан, 78% пурсишшавандагон қайд карданд, ки барои беиҷозати шавҳар аз ҳудуди хона берун баромадан зери лату кӯб қарор дода шудаанд ё 76% занҳо барои баҳс кардан бо шавҳарашон ба лату кӯб аз ҷониби шавҳарашон дучор шудаанд ё 46% занҳоро барои рад кардан дар алоқаи шаҳвонӣ бо шавҳар лату кӯб кардаанд ва ғайра[116].

А.В. Петровский бошад, такя ба маълумоти СММ аз соли 2006 вазъи зӯроварӣ дар оила дар Афғонистонро бо рақамҳои зайл нишон медиҳад: 57 % занҳо бар хилофи синну соли муқарраршудаи никоҳӣ (яъне, 16 сола) ба никоҳи маҷбурӣ бароварда ва танҳо 5% ин гуна никоҳҳо расман ба қайд гирифта мешаванд.

Ҳатто дар соли 2012 вазъият дар Афғонистон дар боби масъалаи баррасишаванда тағйир наёфт. Ба қавли К. Фахрӣ, мавҷуд будани одатҳои кӯҳна, хурофоти динӣ, вазъи нооромӣ сиёсӣ ва мушкилоте, ки дар назди давлат истодааст, барои рушди ҷомеа ва ҳалли масъалаи зӯроварӣ дар оила имконият намедиҳанд.

Гарчанде, ки солҳои охир фаъолияти занҳои афғон бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои худ баъзе самараҳои худро дода буд, аммо, ба андешаи мо, ҳалли проблемаи зӯроварӣ дар оила дар ҷомеаи Афғонистони имрӯза, хусусан, бо гирифтани ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби толибон, боз ба муҳлати номуайян ба таъхир гузошта шуд, зеро ҷомеа ба пурра даст кашидан аз меъёрҳои динӣ ва одатҳои кӯҳна хоҳиши зиёд надорад.

Бояд қайд кард, ки дар гузашта ҳукумати Афғонистон иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи манъи шаклҳои гуногуни табъизи занон (имзо карда буд, аммо ратификатсия нашуд), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигарҳо ба ҳисоб

[115] Новиков, О.Н. ООН и права женщин в Афганистане. – 193 с.

[116] Резаи Вахид. Гендерный аспект насилия против женщин в современном Афганистане // Историческая и социально-образовательная мысль (юридические науки). 2014. № 4 (26). - С. 347-349.

мерафт, аммо бо омадани толибон муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалии мазкур татбиқ намешуданд. Сад афсӯс, таърих дуюмбора такрор шуд.

Вазъиятӣ зӯроварӣ дар оила дар Покистон низ хуб нест. Соли 2019 тибқи омор 2,5% ҷиноятҳое, ки дар давлат содир мешаванд – зӯроварӣ дар оила нисбати занҳоро ташкил мекунанд. Одатан занҳо дар Покистон зери лату кӯб қарор дода мешаванд ё истифода аз кислота ба онҳо зарари ҷисмонӣ расонда мешавад ё ба никоҳи маҷбурӣ дода мешаванд ё ба узвҳои таносули занон зарар оварда мешавад[117].

Тибқи маълумоти расмии СММ гарчанде Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷавобгариро барои ҳамла намудан ба зан бо истифодаи кислота дар сатҳи қонунгузории миллӣ пурзӯр гардонид, аммо вазъи зӯроварӣ дар оила ҳоло ҳам ниёз ба беҳбудӣ дорад. Яке аз маъмултарин зӯроварие, ки нисбати духтарон содир мешавад, ин никоҳи бармаҳал ва маҷбурии духтарони аз 10 то 14-сола мебошад.

Дар Арабистони Саудӣ, ба қавли доктор Ал-Муниф, то соли 2000 факти дар кишвар мавҷуд будани проблемаи зӯроварӣ дар оила эътироф намешуд. Аз ин рӯ, дар сатҳи ҳукуматӣ доир ба масъалаи баррасишавандаягон чораҳо дар самти қонунгузорӣ низ андешида намешуданд[118].

Аммо аз соли 2004 сар карда, барои ҳалли проблемаи зӯроварӣ дар оила кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуд. Масалан, Ташкилоти миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон созмон дода шуд, ки дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила баъзе салоҳиятҳоро доро мебошад. Соли 2005 бошад, занҳои кишвар Барномаи миллии таъмини амният дар оилаҳо таъсис додаанд, ки татбиқи он имкон дод, ки сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба проблемаи зӯроварӣ дар оила баланд бардошта шавад, мутахассисони соҳа тайёр карда шаванд ва муҳим он аст, ки ба занҳо имкон дода шуд, бо мардҳо оид ба ҳуқуқи занҳо ва проблемаи зӯроварӣ дар оила муколамаи дахлдор доир намоянд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар Арабистони Саудӣ проблемаи зӯроварӣ нисбати муҳоҷирон, хусусан занҳо, бениҳоят зиёд мушоҳида мешавад. Занҳои муҳоҷире, ки ба ҳайси хизматгори хона кор мекунанд дар бисёр ҳолатҳо дучори зӯроварӣ дар оила мешаванд ва ин проблема ҳалли худро наёфта истодааст.

Ҳатто ҳукуматҳои баъзе давлатҳо, бахусус, Бангладеш, маҷбур мешаванд, ки дар Арабистони Саудӣ бошишгоҳ барои занҳое, ки аз дасти корфармонони бевиҷдон ҷабр дидаанд, созмон дода истодаанд, ки занҳо муваққатан дар онҳо паноҳ гирифта метавонанд. Ҳукуматҳои давлатҳои дигар бошад, ба мисли, Индонезия, Шри-ланка, Филлипин ба

---

117 Муфассал ниг.: Больше трети преступлений в Пакистане - домашнее насилие. [Захираи электронӣ] https://regnum.ru/news/society/2720057.html (Санаи муроҷиат: 10.11.2020).

118 Муфассал ниг.: Объединенные первоначальный и второй периодический доклады Саудовской Аравии (CEDAW/C/SAU/2; CEDAW/C/SAU/Q/2 и Add.1)[Захираи электронӣ] http://docstore.ohchr.org/SelfServices/FilesHandler.ashx?enc=6QkG1d%2FPPRiCAqhKb7yhskcAJS%2FU4wb%2BdIVicvG05RzcqaxuDN%2By1BiehQjS0a%2F1snq5ikpTAGkokPE1vBsmyiduLtm2N1dyaia%2BLPuH8YLfQvsR9N2JUGN%2FBN3Szd1s (Санаи муроҷиат: 13.11.2020).

шаҳрвандони худ, асосан ба занҳо, сафар бо мақсади муҳоҷирати меҳнатӣ ба Арабистони Саудӣ манъ кардаанд[119].

Зарур ба ёдоварист, ки ҳалли проблемаи зӯроварӣ дар оила дар кишварҳои мусулмонӣ дар аввал, ба андешаи мо, дар сатҳи мафкура бояд сурат гирад. Вақте аҳолии кишварҳои мазкур, хусусан, худи занҳо, фикр мекунанд, ки низоми падаршоҳӣ дар доираи муносибатҳои оилавӣ афзалтар мебошад, ин маънои онро дорад, ки проблемаи баррасишаванда дар наздиктарин вақт ҳалли худро ёфта наметавонад.

Тибқи тадқиқоти равоншиноси рус Ирина Феткулова, 73,3 % занҳои афғон андеша доранд, ки оиларо бояд нигоҳ дошт, гарчанде ки шавҳар занро мавриди лату кӯб қарор диҳад ҳам[120]. Дар чунин вазъият тасаввур кардан душвор аст, ки дар кишварҳои мусулмонӣ дар солҳои оянда дар сатҳи қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила ягон пешравие ба чашм метавонад расад.

Дар ин радиф, профессор Л.Р. Сюкияйнен, андеша меронад, ки дар кишварҳои мусулмонӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ на танҳо дар асоси ғояи (идеологияи) ҳуқуқӣ, инчунин, дар асоси психологияи динии оммавӣ сурат мегирад[121], ки онро бояд дар назар дошт.

Маҳз ҳамин аст, ки кишварҳои мусулмонӣ дар қабул ва татбиқи сиёсати пешгирӣ ва мубориза алайҳи зӯроварӣ дар оила пурра ё қисман тайёр нестанд. Ҳатто дар сатҳи мафкураи оммавӣ дар кишварҳои мусулмонӣ масъалаи мазкур ҳамчун як навъи хатар ба дин баҳо дода мешавад.

Инчунин, аксарияти олимони давлатҳои мусулмонӣ аз он нигарон ҳастанд, ки масъалаҳои ҳуқуқиеро, ки ҷаҳони ғайримусулмон бо талоши зиёд дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ мехоҳад ба мусулмонон «бор» намояд, аз ҷумла, масъалаи зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он, гӯё мақсади аз дини ислом дур кардани аҳолии кишварҳои мусулмонро дорад[122].

Зиёда аз ин, чи тавре Н.В. Жданов қайд мекунад, «Дар умум тарзи ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ дар давлатҳои мусулмонӣ аз реҷаи сиёсии ҳукмрон вобастагӣ дорад»[123]. Яъне, дар аксарият ҳолат қабули ин ё он самти сиёсати дохилӣ дар кишварҳои мусулмонӣ аз вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва ғоявии ҷомеа вобастагӣ дорад.

Бояд дуруст фаҳмид, ки консепсияи исломии ҳуқуқи зан аз муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ куллан фарқ дорад. Ба қавли

---

[119] Муфассал ниг.: Домработницы из Бангладеша, работающие в Саудовскорй Аравии, возвращаются с шокирующими историями: «Должны ли мы закрывать глаза на насилие?» [Захираи электронӣ] https://ru.globalvoices.org/2019/11/20/86838/ (Санаи муроҷиат: 13.11.2020).

[120] Муфассал ниг.: Представления о домашнем насилии у женщин из Афганистана. [Захираи электронӣ] www.b17.ru/article/4 (Санаи муроҷиат: 05.01.2022).

[121] Мусульманское право (внутренние и международно-правовые нормы): Учебник / Под ред. М.А. Сарсембаева. – Алматы: изд-во Института «Данекер», 1999. – С. 256.

[122] Сюкияйнен, Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий. – М.: ООО «Садра», 2014. – С. 212.

[123] Жданов Н.В. Исламская концепция миропорядка. – М.: Международные отношения, 2003. – 568 с.

Л.Р. Сюкияйнен, шариат на ба баробарии ҳуқуқҳо, балки имкониятҳои баробари мардҳо ва занҳо дар самти доштани ҳуқуқҳои худ такя мекунад[124].

Аз ин рӯ, ҳангоми ба миён омадани баҳси байни низоми ҳуқуқи дунявӣ ва динӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, бе шубҳа, ҳалли он вақти зиёдро талаб мекунад, чунки дар муҳокимаи проблемаи баррасишаванда на ҳамаи тарафҳо омодаанд.

Ҳамин тариқ, вазъи зӯроварӣ дар оила ва қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила дар кишварҳои мусулмонӣ якхела нест. Дар баъзе кишварҳо, масалан, Арабистони Саудӣ, бо эҳтиёт, масъала нисбати шаҳрвандони кишвар ҳалли худро ба таври мусбӣ ёфта истодааст, аммо нисбати занон-шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ вазъият мушкил мебошад. Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бошад, бо ба сари қудрат омадани толибон тамоми кӯшишҳои бистсолаи ҷонибдорони ҳифзи ҳуқуқҳои зан ва кӯдакон, беманфиат монд ва то ба ҳол вазъият номаълум мебошад. Кишвари дигари мусулмонӣ – Покистон низ дар ҳалли масъалаи зӯроварӣ дар оила дар сатҳи қонунгузории амалкунанда ягон пешравӣ надорад ва занҳои кишвар то ба ҳол ҷабрдидаи хушунати хонаводагӣ шуда истодаанд.

**Адабиёт**:

1. Больше трети преступлений в Пакистане - домашнее насилие. [Захираи электронӣ] https://regnum.ru/news/society/2720057.html (Санаи муроҷиат - 10.11.2020).

2. Домработницы из Бангладеша, работающие в Саудовскорй Аравии, возвращаются с шокирующими историями: «Должны ли мы закрывать глаза на насилие?» [Захираи электронӣ] https://ru.globalvoices.org/2019/11/20/86838/ (Санаи муроҷиат - 13.11.2020)

3. Жданов, Н.В. Исламская концепция миропорядка. – М.: Международные отношения, 2003. – 568 с.

4. Мусульманское право (внутренние и международно-правовые нормы): Учебник / Под ред. М.А. Сарсембаева. – Алматы: изд-во Института «Данекер», 1999. – 256 с.

5. Новиков, О.Н. ООН и права женщин в Афганистане. – 193 с.

6. Объединенные первоначальный и второй периодический доклады Саудовской Аравии (CEDAW/C/SAU/2; CEDAW/C/SAU/Q/2 и Add.1) [Захираи электронӣ] http://docstore.ohchr.org/SelfServices/FilesHandler.ashx?enc=6QkG1d%2FPPRiCAqhKb7yhskcAJS%2FU4wb%2BdIVicvG05RzcqaxuDN%2By1BiehQjS0a%2F1snq5ikpTAGkokPE1vBsmyiduLtm2N1dyaia%2BLPuH8YLfQvsR9N2JUGN%2FBN3Szd1s (Санаи муроҷиат: 13.11.2020).

[124] Мухтасар нигаред ба: Спецдокладчик ООН: в Иране выдают замуж тысячи девочек в возрасте от 10 до 14 лет. [Захираи электронӣ] https://news.un.org/ru/story/2021/03/1398282 (Санаи муроҷиат - 07.01.2022).

7. Петровский, А.В. Внутрисемейная преступность и преступления против женщин в мусульманском мире // Криминология: вчера, сегодня, завтра. №4 (31), 2013. – С. 79-81.

8. Представления о домашнем насилии у женщин из Афганистана. [Захираи электронӣ] www.b17.ru/article/4 (Санаи муроҷиат: 05.01.2022).

9. Резаи, Вахид. Гендерный аспект насилия против женщин в современном Афганистане // Историческая и социально-образовательная мысль (юридические науки). 2014. № 4 (26). - С. 347-349.

10. Спецдокладчик ООН: в Иране выдают замуж тысячи девочек в возрасте от 10 до 14 лет. [Захираи электронӣ] https://news.un.org/ru/story/2021/03/1398282 (Санаи муроҷиат: 07.01.2022).

11. Сюкияйнен, Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий. – М.: ООО «Садра», 2014. – 212 с.

# АСОСҲОИ КРИМИНАЛИЗАТСИЯ КАРДАНИ ТУҲМАТ ВА ТАҲҚИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Азиззода У.А.,**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 907-81-12-85.
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Бобохонов Ф.А.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
**Тел.:** (+992) 777-13-75-20.
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон зимни таҳқиқоти худ, бо таҳлили андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ маҳакҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқирро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудаанд. Муаллифон бо дарназардошти як қатор асосҳо ҳамчун кирдори ҷиноятӣ баррасӣ гардидани туҳмат ва таҳқиро исбот намуда, пешниҳод менамоянд, ки туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд криминализатсия карда шуда, аз қонунгузории гражданӣ ба қонунгузории ҷиноятӣ баргардонида шаванд.

**Калидвожаҳо:** Туҳмат, таҳқир, криминализатсия, декриминализатсия, ҳифзи ҳуқуқи инсон, зарари маънавӣ, неъматҳои ғайримоддӣ.

# ОСНОВЫ КРИМИНАЛИЗАЦИИ КЛЕВЕТЫ И ОСКОРБЛЕНЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Азиззода У.А.,**
профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н.
**Тел.:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Бобохонов Ф.А.,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета.
**Тел.:** (+992) 777-13-75-20
**E-mail:** farodil_ff@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются основы криминализации клевета и оскорбление. В ходе исследования авторы проанализировали взгляды отечественных и зарубежных исследователей и обосновали критерии криминализации клевета и оскорбление в Республике Таджикистан. Авторы утверждают, что клевета и оскорбление должны считаться уголовными преступлениями по ряду оснований, и предлагают криминализовать клевету и оскорбление в Республике Таджикистан и вернуть их из гражданского законодательство в уголовное законодательство.

**Ключевые слова:** Криминализация, клевета, оскорбление, защита прав человека, моральный вред, нематериальные блага, Республика Таджикистан.

## FUNDAMENTALS OF THE CRIMINALIZATION OF LIBEL AND INSULT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Azizzoda U.A.,**
professor of the department of human rights and comparative law of the law faculty of the Tajik National University, doctor of law
**Phone:** (+992) 907-81-12-85
**Email:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Bobokhonov F.A.,**
applicant of the department of the human rights and comparative law of the law faculty of the Tajik National University.
**Phone:** (+992) 777-13-75-20
**Email:** farodil_ff@mail.ru

**Annotation:** This article examines the basics of criminalizing libel and insult. In the course of the study, the authors analyzed the views of domestic and foreign researchers and substantiated the criteria for criminalizing libel and insult in the Republic of Tajikistan. The authors argue that libel and insult should be considered criminal offenses on a number of grounds, and propose to criminalize libel and insult in the Republic of Tajikistan and return them from civil law to criminal law.

**Keywords:** Criminalization, libel, insult, protection of human rights, moral harm, intangible benefits, Republic of Tajikistan.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии баъзе аз кишварҳо тамоюли манфие ҷараён дорад, ки масъалаи ҳифзи неъматҳои арзиши олидоштаи инсон хусусияти дувуминдараҷа пайдо карда истодаанд. Яъне, кирдорҳои ҷиноятие, ки ба муқобили шаъну шараф, эътибор ва қадру қимати инсон равона шудаанд ва дар натиҷаи содир гардидани онҳо ба шахс зарари маънавӣ расонида мешавад, ба гурӯҳи кирдорҳои хусусияти ғайриҷиноятӣ ворид гардида, аз қонунгузории ҷиноятӣ декриминализатсия карда шудаанд. Саволе ба миён меояд, ки магар ҳифзи шаъну шараф, обрую эътибори инсон, ки ба шахсияти ӯ алоқамандии зич доранд ва шахс дар ҳама ҳолат онро аз неъматҳои моддӣ боло медонисту медонад, имрӯз ин хусусиятро аз даст дода истодаанд? Ё назди давлат ва субъектони фаъолияти қонунгузорӣ инсон ва қадру қиммати ӯ аҳамияти дуюминдараҷа касб намуда, ҳамчун арзиши олӣ аз кирдорҳои ҷиноятии ба шаъну шараф ва обурӯю эътибори ӯ зараррасон ҳифз нагарданд? Ин саволҳоеанд, ки номувофиқатии қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозиро нишон дода, таҳлили амиқи илмию амалиро талаб менамоянд.

Оид ба арзиши олӣ ва объекти асосии ҳифзшавандаи шаъну шараф ва қадру қиммати инсон ва шаҳрванд олимони ватанию хориҷии зиёд қайд кардаанд ва зарурияти ҳифз ва таъмини сатҳи баланди амалишавии ин арзишҳоро таъкид намудаанд. Чунончи, А.Ғ. Холиқзода қайд менамояд, ки “Ҳифзи шаъну шарафи шахс дар баробари ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, озодӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як давлат мебошад”[125]. Чунин ақидаро олимони дигари ватанӣ низ дастгирӣ менамоянд. Ба ақидаи У.А. Азиззода: “... ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ки мазмуни асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалиро ташкил медиҳад, на танҳо ба танзими ҳуқуқӣ, балки ба ҳифзнамоӣ низ эҳтиёҷ доранд”[126]. Ш.К. Ғаюров қайд мекунад, ки шаъну шараф ва эътибори корӣ муносибатҳои баҳодиҳии мутақобиларо тавсиф мекунанд, ки ба эътирофи ҳуқуқҳои шахсӣ ва фардикунонии онҳо дар муҳити иттилоотии ҷомеа нигаронида шудаанд. Ҳуқуқ ба шаъну шараф, эътибори корӣ манфиатҳои ахлоқ, фардикунонии шахс ва шаҳрвандро дар ҷомеа ифода мекунад[127]. А.И. Герсен қайд мекунад, ки шаъну шарафи шаҳрванд бо қонун вобастагии зич дорад, зеро вайрон кардан ё аз даст додани онҳо боиси аз байн рафтани робитаҳои муқаррарии иҷтимоии шахс ва аз даст додани мақоми муайян дар муносибатҳои ҳуқуқии ӯ бо дигар субъектҳо мегардад.

[125] Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 9.

[126] Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 222.

[127] Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 29-30.

Аз ин рӯ, шаъну шараф муҳимтарин арзиши иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ буда, ба ҳифзи муносиби давлатӣ ниёз дорад[128]. Л.И. Қобилова дуруст қайд намудааст, ки шаъну шараф ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон ҳифзи номус, обрӯ ва номи некро дар бар мегирад. Шаъну шараф бо ҳам алоқамандaнд, онҳо шахсиятро тавсиф карда, аз ӯ ҷудонашавандаанд. Дар айни замон, шаъну шараф муносибатҳои муайяни иҷтимоии байни шахсият ва ҷомеаро инъикос мекунад ва аз ин рӯ муҳимтарин арзиши иҷтимоӣ ва ҳуқуқии давлат ва ҷомеа ба шумор мераванд[129].

Ҳамин тавр, шаъну шараф, обрӯ ва эътибори инсон аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳои инсонӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба сатҳи баланди ҳифзнамоӣ аз ҳар гуна амалҳои ғайриқонунию зарарнокро доро мебошанд. Гуфтаҳои боло аз зарурияти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии арзишҳои зикршуда дарак медиҳанд. Инсон чун ҳаёт ва саломатияш бе шаъну шараф ва обрӯяш дар ҷомеа ҳамчун фарди комил ҳаёт ба сар бурда наметавонад. Инсонҳо маҳз ба хотири шаъну шараф ва номи некашон умр ба сар бурда, ба хотири соҳиб шудан ба шаъну шараф ва обрӯи баланд чӣ корҳое ки намекунанд. Ҳамзамон, поймол кардани ин арзишҳои олии инсонӣ боиси гирифтори зарари маънавӣ шудани инсон мегардад. Бинобар ин, давлат вазифадор аст, чун инсон, ҳаёт ва саломатияш, ба шаъну шараф ва обрӯю эътибори ӯ низ эътибори ҷиддӣ дода, ин арзишҳоро зери ҳифзнамоии махсуси худ қарор диҳад. Мутаассифона, мафҳуму моҳияти ин арзишҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нашудааст ва барои паст задани онҳо қонунгузорӣ ҷавобгарии ночизе пешбинӣ мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқии неъматҳои ғайримоддии инсон ба воситаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Аммо амалияи баъзе кишварҳо нишон медиҳад, ки дар қатори воситаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ҳамзамон воситаи маъмурии ҳифзи шаъну шарафи инсон аз туҳмат ва таҳқир пешбин гардидааст. Масалан, Федератсияи Россия. Тавре муҳақиқон иброз медоранд, дар бисёр кишварҳо барои тӯҳмат ва таҳқир ҳам қонунгузории гражданӣ ва ҳам ҷиноятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ кардаанд[130]. Ш.К. Ғаюров дуруст қайд намудааст, ки ҳифзи шаъну шарафи шаҳрвандон аз иттилооти ғаразнок ва носаҳеҳ на танҳо бо роҳи гражданӣ-ҳуқуқӣ, балки бо роҳи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ низ амалӣ карда мешавад[131]. А. Холиқов бошад изҳор медорад, ки ҳифзи

[128] Ниг.: Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 9.

[129] Ниг.: Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 66.

[130] Ниг.: Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.10.

[131] Ниг.: Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.30.

неъматҳои муҳими инсонӣ ба монанди шаъну шараф, ки дар Конститутсияи кишвар ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва муқаррар шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷояги бо воситаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва гражданӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд[132]. Л.А. Раҳмонова низ ин андешаро дастгирӣ карда, илова намудааст, ки шаъну шараф ва эътибори кориро метавон ҳам бо роҳи гражданӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ҳифз кард, аммо нақши охирин (воситаи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ) ҳамеша муҳимтар ба ҳисоб меравад[133]. Л.И. Қобилова бошад, қайд намудааст, ки шаъну шараф ва эътибори шахсро пеш аз ҳама меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва ҷиноятӣ ҳифз мекунанд. Интихоби усули муҳофизат, чун қоида, ба салоҳдиди худи ҷабрдида вогузошта шудааст[134].

Ҳамин тавр, шахс метавонад шаъну шараф ва эътибори худро бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва гражданӣ ҳифз намояд. То кунун дар миёни олимони хориҷию ватанӣ баҳс аст, ки туҳмат предмети танзимии қонунгузории ҷиноятӣ мебошад ва ё аз қонунгузории гражданӣ?. Мо бар он андешаем, ки туҳмат ва таҳқир аз қадим предмети танзими қонунгузории ҷиноятӣ буд ва бояд чунин боқӣ монад. Низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ, ки асоси таърихи ҳуқуқи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, туҳмат ва таҳқирро ҳамчун кирдори хатарноки ҷиноятӣ эътироф карда, барои содир кардани чунин кирдорҳо ҷавобгарии ҷиноятии вазнин пешбинӣ карда буданд.

Бояд тазаккур дод, ки новобаста аз он ки бисёре аз рӯзноманигорон ва баъзе аз муҳақиқон декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқирро дастгирӣ мекунанд, вале тарафдорони ҷиноят будани туҳмат ва таҳқир низ кам нестанд. Ба муқобили тарафдорони декриминализатсияи туҳмат ва таҳқир онҳо далелҳои асосноки худро пешниҳод намудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошанд. Бинобар ин, дар натиҷаи таҳлили андешаҳои муҳақиқон маълум гардид, ки баҳри такроран криминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир як қатор асосҳои ҷолиби диққат мавҷуд мебошанд.

Яке аз асосҳои муҳим оид ба криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар он ифода мегардад, ки туҳмат ва таҳқир барои шахс оқибатҳои хатарнокро ба миён меоварад. Х. Умаров дуруст қайд намудааст, ки бо дарназардошти далелҳо ва асосҳои илмӣ, мо чунин мешуморем, ки декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба як қатор оқибатҳои манфӣ оварда расонад, аз қабили: ҷиноятикунонии ҷомеаи Тоҷикистон; тавассути интиқоли

---

[132] Ниг.: Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.10.

[133] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 51.

[134] Ниг.: Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 67.

фишанги қавии таъсир ба шуури аҳолии мо ба васоити ахбори омма, мо қариб тамоми амнияти миллӣ ва муносибатҳои устувори ҷамъиятиро дар Тоҷикистон зери хатар мегузорем; бо декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир қонунгузор маҷбур мешавад ҷиноятҳои дорои хусусияти бадномкунанда ва таҳқиромезро низ декриминализатсия кунад (моддаи 137, 137[1], 330, 346, 355 ва ғ.), ки метавонад ба сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат таъсири манфӣ расонад[135]. А. Холиқов қайд мекунад, ки қонунгузории ҷиноятӣ одатан амалҳоеро, ки ба манфиатҳои тамоми ҷомеа зараровар ҳисобида мешаванд, ба мисли зӯроварии ҷисмонӣ ё ғоратгарӣ ҷазо медиҳад. Чунин амалҳо метавонанд бо иштироки танҳо ду нафар сурат гиранд, аммо ҷомеа дар онҳо таҳдидро барои ҳамаи шаҳрвандон мебинад, зеро дар сурати беҷазо мондан, дар маротиби дигар ҳама метавонанд ҷабрдида шаванд. Мақомот айбдоркуниро аз номи мардум амалӣ мекунад, ин раванд аз ҳисоби маблағҳои буҷет пардохт карда мешавад ва шахси гунаҳкор зарари ба ҷомеа расонидаашро бо ҷарима, адои ҳукми зиндон ё ба тариқи дигари муқаррарнамудаи суд ҷуброн хоҳад кард. Аз ин рӯ, фикр кардан комилан ғайриимкон аст, ки муносибатҳо барои ҳифзи шаъну шараф сирф хусусӣ мебошанд[136]. Ӯ дар ҷои дигар қайд месозад, ки хатари ҷамъиятии ҷиноятҳои зидди шаъну шарафи шахс дар он аст, ки бо зоҳир кардани беэҳтиромӣ ба инсон ва поймол кардани арзишҳои маънавии ӯ, шахсе, ки чунин амалро анҷом медиҳад, назар ба ҷабрдидаи муайян ба ҷомеа зарари бештар мерасонад. Объекти ҷиноят дар ин ҷо шаъну шараф дар маҷмӯъ ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ ва неъматҳои ҷудонопазири ҳар як шахс мебошад. Илова бар ин, хатари ҷамъиятии ин ҷиноятҳо дар он зоҳир мешавад, ки чун қоида, содир намудани онҳо оғози фаъолияти минбаъдаи ҷинояткоронаи ахлоқи ноустувор ва яке аз ҳадафҳои ҷазои ҷиноятӣ дар баробари ислоҳи маҳбус, инчунин бояд аз содир шудани чунин амал аз ҷониби шахсони дигар пешгирӣ карда шавад[137].

Дар хусуси оқибатҳои декриминализатсия шудани тухмат ва таҳқир Л.А. Раҳмонва бисёр дуруст қайд намудааст, ки дар ҷомеаи мо, меъёрҳои ахлоқӣ ҳоло ҳам густардаанд, ки бо баъзе зуҳуроти нангин ва бадномкунанда ишора мекунанд, ки воқеан чунин нестанд. Масалан, афкори ҷамъиятӣ нисбат ба ақаллиятҳои ҷинсӣ шарманда шудани шахсро эътироф мекунад, ки ӯро импотент эълон мекунад ё фарзандони берун аз никоҳ таваллудшуда, гирифтори бемории венерикӣ мебошанд ва ғ. Амалияи судӣ чунин сохтаҳоро ҳамчун тӯҳмат эътироф мекунад. Ҳамин

[135] Ниг.: Умаров Х. Некоторые проблемы целесообразности охраны естественных прав граждан Таджикистана уголовно-правовыми средствами // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 76.

[136] Ниг.: Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.12.

[137] Ниг.: Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 12-13.

тариқ, ман метавонам аз таҷрибаи судии худ дар давраи шӯравӣ мисолҳои зиёде оварам, вақте ки ман парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ мекардам, ки дар он шаҳрвандон барои тӯҳмат айбдор карда мешуданд, ки дидаю дониста маълумоти бардурӯғ паҳн мекарданд, масалан, зани писари ӯ бе бакорат издивоҷ кардааст. Ҳамзамон, оқибати чунин ҷиноят парокандагии оила ва ё илова бар ин, боиси ба худкушӣ расонидани ҷабрдида гардид. Аммо тӯҳматчӣ метавонад бо ҷарима ё дар бадтарин ҳолат бо корҳои ислоҳӣ раҳо шавад. Ман бо як парвандаи мушаххас мисол овардам ва агар дар васоити ахбори омма маълумоти хусусияти бадномкунанда паҳн карда шавад, пас оқибатҳои пешгӯинашаванда метавонанд ба миён оянд[138]. Илова бар андешаи боло Л.И. Қобилова бисёр бомаврид қайд кардааст, ки тӯҳмат метавонад барои ҷабрдида оқибатҳои вазнинеро ба вуҷуд орад, ки дар вайроншавии саломатӣ, мушкилот дар кор ва ғайра ифода меёбад. Аммо, ин оқибатҳо аз доираи тӯҳмат берунанд ва ба таснифоти ҷиноят таъсир намерасонанд. Ҳамзамон, сар задани оқибатҳои вазнин дар натиҷаи тӯҳмат дараҷаи хавфи ҷамъиятии кирдори содиршударо ба таври назаррас афзоиш медиҳад[139]. Тавре И.К. Усмонов қайд мекунад, чун анъана, ин кор дар саросари ҷаҳон тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Тӯҳмат ва таҳқир на танҳо ба одамони дигар зарбаи қавии тасвирӣ ва баъзан зарбаи марговар мерасонад, балки ба ин васила ахлоқи ҷамъиятиро низ вайрон мекунад. Пас, ин ҳуқуқвайронкунӣ (гуноҳ) нест, балки як амали ҷиноятӣ (ҷиноят) аст[140].

Асоси дигари криминализатсия шудани тухмат ва таҳқир ин хатари ҷамъиятӣ доштани кирдорҳои тухмат ва таҳқир мебошад. Ба андешаи З.Х. Зокирзода тухмат ва таҳқир чунин кирдорҳои хавфноке мебошанд, ки ба муқобили шаъну шараф ва обрӯю эътибори инсон равона гардида, дар натиҷа ба инсон зарари маънавӣ мерасонанд[141]. Ақидае вуҷуд дорад, ки дар тухмат ва таҳқир ду шахси манфиатдор баромад мекунанд, ки манфиати як нафар ба ҳифзи обрӯи худ ва манфиати шахси дигар нашр кардан ва иттилоъ додани ҷомеа мебошад. Дар ҳалли ин муноқиша таъқиби ҷиноятӣ набояд халал расонад ва ҳалли ин ихтилоф бо ёрии Кодекси граждании басанда аст. Сабаб дар он аст, ки тӯҳмат метавонад

[138] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 50-51.

[139] Ниг.: Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.71.

[140] Ниг.: Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 81.

[141] Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан // Правовая позиция. – 2021. – № 9 (21). – С. 21.

танҳо ба манфиатҳои шахсӣ зарар расонад, на дар маҷмӯъ ба ҷомеа[142]. И.К. Усмонов дар ин хусус дуруст ёдовар шудааст, ки умуман, ман ҷонибдори равиши зикршуда ҳастам. Аммо на ҳама далелҳо дар ин фаҳмиши масъала барои ман возеҳанд. Ман бар он тахминам, ки тӯҳмат ва таҳқири як шахс, хусусан тавассути васоити ахбори омма, метавонад аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошад. Чунин муносибат, агар онҳо барои як рӯзноманигори инфиродӣ ё дар маҷмӯъ васоити ахбори омма ҳамчун меъёр табдил ёбанд, пас метавонад ба меъёрҳои ахлоқии ҷамъият таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, намояндагони расонаҳое, ки дар оғоз ба тӯҳмат ва таҳқири интиқоли иттилоот иҷозат медиҳанд, бояд муҷозот шаванд ва ин ҷазоҳо бояд ошкоро бошанд – ҷомеа бояд аз ин огоҳ шавад[143].

Муҳаққиқ С.В. Назаров дуруст қайд намудааст, ки хавфнокии ҷамъиятии ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар он ифода мeёбад, ки онҳо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ кафолат додаанд, таҷовуз мекунанд. Объекти умумии ҷиноятҳои мазкурро муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, ки ҳифзи тамоми маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои шахсро таъмин мекунанд. Объекти мушаххаси гурӯҳи ҷиноятҳои мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ҳифзи озодии шахсияти инсон танзим ва инчунин ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсонро таъмин мекунанд. Объекти мустақим бояд муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад, ки озодӣ, шаъну шараф ва эътибори ҷабрдидаи мушаххасро ҳифз кунанд[144]. Муҳаққиқон дуруст қайд намудаанд, ки аҳамияти ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии шаъну шараф, обрӯю эътибор дар марҳилаи муосири инкишофи ҷамъият набояд нодида гирифт ва аз он даст кашидан метавонад боиси оқибатҳои хавфнок оварда расонад. Ба андешаи мо чунин қадам бепарвоёна, бармаҳал ва ғайримақсаднок аст[145].

Асоси дигар ин аст, ки ҳуқуқи воситаҳои ахбори омма, рӯзноманигрон ва озодии сухан наметавонад барои паст кардани дараҷаи ҳифзи шаъну шараф  ва обрӯи инсон сабаб шавад. Дар хусуси ба манфиати кормандони васоити ахбори омма декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир ҳақ бар ҷониби Л.А. Раҳмонова мебошад, ки гуфтааст: Воситаҳои ахбори омма умуман чӣ ҳуқуқ доранд, ки чунин ҳуқуқвайронкуниро содир мекунанд? Кӣ дар бораи ҷабрдидагони чунин амалҳо фикр мекунад, ки ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо поймол карда мешавад, кӣ тарафдори ҳифзи онҳо шуд? Муҳокима кардани мушкили марбут ба афзоиши басомади интишори иттилооти бардурӯғ ё таҳқиромез ва пешниҳод

[142] Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 81.
[143] Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 81.
[144] Назаров С.В. Преступления против личности: учебное пособие / С.В. Назаров. – СПб., 2019. – С. 95.
[145] Уголовному кодексу РФ 15 лет: достижение, проблемы, тенденции. Сборник научных статей / под ред. доктора юридических наук, профессора В.И. Тюнина. – СПб., 2012. – С. 50.

кардани он, ки чӣ тавр бо он мубориза бурдан зарур аст, мантиқтар ва одилона хоҳад буд. Аммо, чунон ки амалия нишон дод, мубориза бо онҳо назар ба роҳ додан ба дигар ҳуқуқвайронкуниҳо душвор аст. Аксари вақт маҳз васоити ахбори омма мебошанд, ки дар дасти онҳо имкониятҳои бузург ва ҳуқуқи нашриёт мавҷуданд ва аз онҳо сӯиистифода мекунанд. Ман фикр мекунам, ки маҳз кормандони ВАО, ки ба таври махфӣ ба шохаи чоруми ҳокимият нисбат дода мешаванд, бояд барои иттилооте, ки дар васоити ахбори омма паҳн мекунанд, пурра ҷавобгар бошанд. Тавре ки яке аз классикони рус гуфтааст, “забонҳои бад аз силоҳ бадтаранд” ва ҳамчунин ибораи “сухан метавонад кушад” вуҷуд дорад. Ман дар амалияи судии худ маҷбур будам, ки маҳз ҳаминро, яъне дараҷаи хатари ҷамъиятӣ ва оқибатҳои ин ҷиноятро муҳокима кунам. Тавре ки қайд кардам, баъзе аз иштирокчиёни конференсия рад намекунанд, ки бояд барои тӯҳмат ҷавобгарӣ бошад, аммо на ҷиноятӣ, балки гражданӣ. Ман бо ин ақида розӣ нестам ва бовар дорам, ки новобаста аз мавқеи онҳо дар ҷомеа ва вазифаи ишғолкардаашон ба ҳеҷ кас ҳаққи содир кардани чунин ҳуқуқвайронкунӣ дода нашудааст[146]. Дар ин хусус Л.И. Қобилова изҳор медорад, ки дар ҳаёт аксар вақт ҳолатҳое рух медиҳанд, ки аз қасос ва манфиати шахсӣ мехоҳанд бо паҳн кардани маълумоти бардурӯғ шахсро дар назди дигар шаҳрвандон бадном кунанд, нисбати шахс дар байни дигарон, хешовандон, дӯстон, ҷомеа андешаи носазои манфиро эҷод кунанд[147]. Ӯ дар ҷои дигар бисёр дуруст қайд намудааст, ки аз ҳама тӯҳмати хатарнок дар васоити ахбори омма, рӯзномаҳои сершумор, маҷаллаҳо, радио, телевизион ва интернет паҳн мешавад. Манбаъҳои ба ин монанд метавонанд тӯҳматро дар байни ҳазорҳо шаҳрвандон паҳн кунанд. Шакли дигари махсусан вазнини тӯҳмат чунин тӯҳмате ҳисобида мешавад, ки дар якҷояги бо айбдоркунии шахс ба содир кардани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба мала баровардa шавад. Чунин тӯҳмат ба шаъну эътибори шахс зарари ҷиддӣ мерасонад[148]. Ба андешаи И.К. Усмонов чунин изҳорот ва баромадҳои тӯҳматомезе, ки тавассути васоити ахбори омма сурат мегиранд ва шахсоне, ки барои туҳмат ё таҳқири шахси дигар ба худ иҷозат медиҳанд бояд ҷазо дода шаванд[149]. Мафҳуми баромадҳои оммавӣ бо қонун муайян нашудааст. Дар ин хусус Л.А. Раҳмонова бисёр бомаврид

[146] Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 50.

[147] Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 68.

[148] Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 70.

[149] Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 80.

қайд кардааст, ки маълум аст, ки ҳадаф аз чунин бaромадҳо паҳн кардани бофтаҳои бадномкунанда ба ҳадди ақал чанд нафар аст. Тӯҳмат дар васоити ахбори умум махсусан хатарнок аст: рӯзномаҳои гардиши калон, маҷаллаҳо, китобҳо, брошюраҳо, радио ва телевизион. Чунин манбаъҳо метавонанд тӯҳматро дар байни ҳазорҳо ва ҳатто миллионҳо шаҳрвандон паҳн кунанд. Бешубҳа, ҳангоми татбиқи ҷазо барои шахси гунаҳгор миқёси паҳнкунии маълумоти тӯҳматомез бояд ба назар гирифта шавад. Оё ҷинояти мавриди баррасӣ аз нуқтаи назари қонунгузории ҷиноии кишварҳои гуногун хатарнок аст?[150]

Яке аз асосҳои дигари криминализатсия шудани тухмат ва таҳқир дар бартарияти ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии шаъну шараф ва обрӯи инсон ифода мегардад. Оид ба бартарияти ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсон дар ҳуқуқи ҷиноятӣ А. Холиқов чунин қайд мекунад, ки ман мехостам чанд бартарии дигари ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии шаъну шарафи шахсро қайд намоям: аввалан, он дар муқоиса бо ҳифзи шаъну шараф дар мурофиаи гражданӣ механизми фаъолтар аст; дуюм, он нисбатан хароҷоти маблағ, саъю кӯшиш ва вақти камтари шаҳрвандонро талаб мекунад; сеюм, он ҳамчун чораи алтернативӣ, муҳофизати иловагӣ амал мекунад, зеро қонунҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ категорияҳои якдигарро истиснокунанда намебошанд, ки бо Кодекси ҷиноятӣ манъ карда шудаанд, метавонанд тибқи Кодекси гражданӣ ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида шаванд ва ё баръакс[151]. Оид ба ин масъала Л.А. Раҳмонова дуруст қайд намудааст, ки дар ҳуқуқи граждани ҷараёни ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсон душвор аст. Зеро барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ҷабрдида бояд ҳама корро худаш кунад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, ҷабрдида танҳо баёнот дода, худаш бегуноҳияшро исбот намекунад. Бинобар ин, вақте шахсро аз рӯи тухмат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб месозанд ӯ имконияти бештар дорад, ки бегуноҳии худро исбот кунад ва ин ин корро мақомоти тафтишот ҳал мекунад[152].

Яке аз асосҳои дигари қобили дастгирӣ ин ҳамчун анъана будани ҳифзи шаъну шарафи инсон тавассути қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби У.А. Азиззода мебошад, ки чунин қайд кардааст: ҳар як инсон ба неъматҳои баландарзише чун шаъну шараф ва эътибори шахсӣ ҳуқуқи ҷудонопазир дорад. Аммо кирдорҳое чун тухмат ва таҳқир боиси поймол гардидани онҳо гардида, дар натиҷа ба инсон зарари маънавӣ мерасонанд. Аз ин ҷост, ки ҳуқуқҳои зикршудаи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва баъдан дар қонунгузории миллӣ

[150] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.55.

[151] Ниг.: Холиков А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.13.

[152] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С.53.

мустаҳкам гардидаанд. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва хусусияти фаромиллӣ гирифтани проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон тадриҷан ҳуқуқҳои зикршудаи инсон дар санадҳои байналмилалӣ низ танзими ҳуқуқӣ пайдо намудаанд. Новобаста аз ин, масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахсии инсон аз кирдорҳои зиддиҳуқуқии туҳмату таҳқир хусусияти таърихӣ дошта, ҳанӯз садсолаҳо қабл аз ин дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии тоҷикон мавриди танзим ва ҳифз қарор гирифта буданд[153]. Муҳақиқ дар ҷои дигар қайд менамояд, ки Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ кирдорҳоеро ба монанди туҳмат, таҳқир, фиреб ва дурӯғ ҳамчун ҷиноят ба муқобили озодии шахсият, шаъну шараф ва эътибори инсон шуморидаанд[154]. Дар ин хусус З.Х. Зокирзода қайд менамояд, ки оид ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин кирдорҳои зиддиҳуқуқии туҳмат ва таҳқир ба ҳисоб меравад, ки ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ ва мусулмонӣ барои содир намудани чунин кирдорҳо ҷазоҳои сахт дода мешуд[155]. Л.А. Раҳмонова оид ба ин масъала дуруст қайд намудааст, ки ҳифзи неъматҳои шахсии инсон ҳамчун анъана аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ карда мешуд, ки ҳама гуна таҷовуз ба ин неъматҳоро ҷиноят ҳисобида мешуд. Дар қонунгузорӣ муддати тӯлонӣ меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ амал мекард, аммо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҳамеша дастрас набуданд (масалан, онҳо дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963, ки 40 сол боз амал мекард, вуҷуд надоштанд)[156]. Аммо ман фикр мекунам, ки барои ҷабрдида чун қоида, на он қадар ҳифзи расмии ҳуқуқӣ муҳим аст, балки як навъ қаноатмандӣ ва тасаллии ахлоқӣ (рӯҳӣ) муҳим мебошад. Даъвои гражданӣ барои ҳифз ё барқарор кардани ягон ҳуқуқи хусусӣ ва даъвои ҷиноятӣ барои татбиқи ҷазо равона карда шудааст[157].

Яке аз асосҳои дигар ин аст, ки дараҷаи ҷавобгарии гражданӣ ба дараҷаи зарари маънавии бардоштаи ҷабрдида баробар намебошад. Ҳатто агар ҷавобгарии гражданиро барои туҳмат ва таҳқир вазнин ҳам намоем, он наметавонад, ки сади роҳи содир шудани туҳмат ва таҳқирро дар оянда пешгирӣ намояд. И. Иноятов қайд намудааст, ки мо инчунин зарур

[153] Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз туҳмат ва таҳқир дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №5. – С. 254–262.

[154] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 49.

[155] Ниг.: Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан // Правовая позиция. – 2021. – № 9 (21). – С. 15.

[156] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление - сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 51.

[157] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 52.

мешуморем, ки дар баробари декриминализатсия кардани тӯҳмат ва таҳқир, меъёрҳои қонунгузории граждании дар мавриди ҳифзи шаъну шараф баррасӣ карда шаванд. Ба назари мо ҷавобгари гражданиро барои паст задани шаъну шарафи шаҳрвандон вазнинтар карда, ҷаримаҳои пулӣ ва ҷавобгарии моддиро дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ кардан зарур аст. Ҷавобгарии моддӣ ва молиявии рӯзноманигор барои тӯҳмат нисбат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ муассиртар аст, зеро дар сурати пардохти маблағи калон журналист нисбат ба дигар намудҳои ҷазо ҷазои гунаҳкории худро возеҳтар эҳсос хоҳад кард[158]. Мо наметавонем, ки ба ин андеша розӣ шавем. Зеро чӣ қадар вазнине ҳам набошад, ҷавобгарии моддию молиявӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад, "захм"и равонӣ ва маънавии инсонро ҷуброн намояд. Барои исботи ин гуфтаҳо як таҷрибаи таърихии халқи тоҷикро мисол меоварам: Ривоят аст, ки боре як ҳамсоя ба қозӣ аз Хоҷа Насриддин шикоят кард, ки ӯро таҳқир карда, се маротиба "падарлаънат" гуфтааст. Қозӣ қарор баровард, ки «Хоҷа Насриддин ба миқдори 7,5 динор ҷарима карда шавад». Хоҷа Насриддин 10 динор дод, аммо қозӣ бақия надошт. Дар ин ҳолат Хоҷа Насриддин гуфт: - ҳеҷ бақияе лозим нест, ман танҳо як бор шуморо лаънат мекунам. Шумо ҳам як "падарлаънат" ҳастед. Ин ривоят шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷавобгари моддию молиявӣ боиси паст задан ва беарзиш кардани неъматҳои ғайримоддии муқаддаси инсон мегардад. Ҳамзамон, бояд дар хотир дошт, ки шаъну шараф, номус, номи нек ва эътибори инсонро бо ҳеҷ гуна ва миқдор пулу мол баробар ва иваз кардан мумкин нест. Ҷавобгарии моддию молиявӣ сабаб мешавад, ки минбаъд шаъну шарафи инсонҳо дар ивази пулу моли барзиёд мавриди таҳқир қарор дода шаванд. Аз ин рӯ, ҷавобгарӣ барои туҳмат ва таҳқир ба назари мо бояд чун ҷавобгарӣ барои ҳаёт (м.104-109-и КҶ ҶТ), саломатӣ (м. 110-129-и КҶ ҶТ), номӯс (м. 138-142-и КҶ ҶТ) бояд вазнин карда шавад.

Яке аз асосҳои дигари криминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир дар он зоҳир мегардад, ки декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир ба як қатор меъёрҳои қонунгузорӣ мухолиф мебошад. Ба андешаи мо хориҷ кардани туҳмат ва таҳқир аз Кодекси ҷиноятӣ ба меъёрҳои зерин мухолиф мебошад: пеш аз ҳама ба моддаи 5-и Конститутсия ва моддаи 2-и Кодекси ҷиноятӣ (яъне, Конститутсия шаъну шарафи инсонро арзиши олӣ ва дахлнопазир эълон кардааст ва Кодекси ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқи инсон ва манфиатҳои ӯро вазифаи худ қарор додааст, вале Кодекси ҷиноятӣ шаъну шарафи инсонро ҳангоми туҳмат ва таҳқир ҳифз намекунад) моддаи 2-и Кодекс (яъне, объектҳои ҳифзкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ), ба боби 17-и Кодекс (яъне, боби мазкур ҷиноятҳоро ба муқобили обрӯ ва эътибори шахсият муқаррар мекунад, вале дар дохили боб чунин меъёри

[158] Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 20.

ҳифзкунандаи обрӯю эътибори шахсият мавҷуд нест), ба моддаи 5-и Кодекси ҷиноятӣ ва моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (яъне, қонунгузорӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаро сарфи назар аз шаклҳои табъиз муқаррар кардааст, вале Кодекси ҷиноятӣ ҳифзи обрӯю эътибори инсонҳои муқаррариро мавриди ҳифз қарор намедиҳад). Аз таҳлили ин меъёрҳо бармеояд, ки декриминализатсия кардани туҳмат ва ба як қатор меъёрҳои қонунгузории кишвар мухолиф мебошад.

Яке аз асосҳои қобили дастгирӣ оид ба криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир ин аст, ки ҳанӯз аксари кишварҳои бо мо ҳамсоя ва умуман кишварҳои ИДМ туҳмат ва таҳқирро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ баҳо медиҳанд. Тавре муҳақиқон қайд мекунанд туҳмат ва таҳқир дар қонунгузории бисёре аз кишварҳо ҳамчун кирдори ҷиноятӣ баҳо дода мешавад[159]. Махсусан аксари кишварҳои аъзои ИДМ туҳмат ва таҳқирро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ муқаррар кардаанд. Масалан, Федератсияи Россия[160] – туҳмат (м. 128.1.-и КҶ ФР); Ҷумҳурии Узбекистон[161] - туҳмат (м. 139-и КҶ ҶУ), таҳқир (м. 140-и КҶ ҶУ); Ҷумҳурии Халқии Хитой[162] – туҳмат (м. 243-и КҶ ҶХХ), таҳқир (м. 246-и КҶ ҶХХ); Ҷумҳурии Белоруссия[163] – туҳмат (м. 188-и КҶ ҶБ); Ҷумҳурии Озарбойҷон[164] – туҳмат (м. 147-и КҶ ҶО), таҳқир (м. 148-и КҶ ҶО); Ҷумҳурии Туркманистон[165] - туҳмат (м. 132-и КҶ ҶТ), таҳқир (м. 133-и КҶ ҶТ). Ҷумҳурии Қазоқистон[166] соли 2020 туҳматро декриминализатсия кард (м. 130-и КҶ ҶҚ), вале таҳқир (м. 131-и КҶ ҶҚ) ҳанӯз ҷиноят мебошад[167]. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории кишварҳои ҷаҳон маълум гардидааст, ки дар тамоми ҷаҳон танҳо 21 кишвар туҳмат ва таҳқирро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ напазируфтаанд. Муҳақиқ Р.С. Пелипенко қайд менамояд, ки таҳлили қонунгузории ҷиноии марбут ба як оилаи ҳуқуқии кишварҳои аврупоӣ аз нигоҳи мавҷудияти моддаҳое, ки барои тӯҳмат ва таҳқир ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки аксари қонунҳои ҷиноӣ чунин меъёрҳоро доранд[168]. Аз таҳлили қонунгузории кишварҳо бармеояд, ки аксари кишварҳои ҷаҳон туҳмат ва таҳқирро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф кардаанд.

Яке аз асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалияи суддӣ ба ҳисоб меравад. Туҳмат ва таҳқир дар амалия бисёр содир мешаванд. Масалан, тибқи маълумоти Маркази

[159] Ниг.: Уголовному кодексу РФ 15 лет: достижение, проблемы, тенденции. Сборник научных статей / под ред. доктора юридических наук, профессора В.И. Тюнина. – СПб., 2012. – С. 50.
[160] Ниг.: Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. № 63-ФЗ. – 334 с.
[161] Ниг.: Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 г., № 2012–XII. – 173 с.
[162] Ниг.: Уголовный кодекс Китая / под ред. проф. А.И. Коробеева и проф. А.И. Чучаева, пер. с китайского проф. Хуан Даосю. – М., 2017. – 256 с.
[163] Ниг.: Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З. – 204 с.
[164] Ниг.: Уголовный кодекс Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 г. № 787-IQ. – 196 с.
[165] Ниг.: Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года N222-1. – 185 с.
[166] Ниг.: Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V ЗРК. – 194 с.
[167] Ниг.: Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.07.2021 г.). – 282 с.
[168] Ниг.: Пелипенко, Р.С. О декриминализации клеветы и оскорбления //Труды Института государства и права Российской академии наук. – № 4/2012. – С. 170.

иттилоотии ВКД-и Тоҷикистон тибқи моддаи 135-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тӯҳмат) мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар соли 2006-37 далел, соли 2007-39 далел ва дар 9 моҳи соли ҷорӣ (2008) - 40 далелро ба қайд гирифтаанд. Дар мавриди таҳқире, ки дар моддаи 136-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, дар соли 2006-57 далел, 2007 - 54 далел ва дар 9 моҳи соли 2008 - 60 далел ба қайд гирифта шудааст[169]. Тавре аз нишондодҳо маълум аст, шумораҳо рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки аксари чунин ҳуқуқвайронкуниҳои туҳмат ва таҳқир ба қайд гирфта намешаванд. Яъне бо баъзе сабабҳо ҳолат ба суд намерасад. Аз рӯи таҷриба инҳо нобоварӣ ба ҳифзи судӣ, хароҷоти зиёд тибқи раванди мурофиаи граждании, надоштани маълумоти кофӣ ва монанди инҳо ба ҳисоб мераванд.

Асоси дигари криминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир ин аст, унсурҳои таркибии туҳмат ва таҳқир ва оқибатҳои манфии онҳо дар таркиби баъзе аз моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, вале худи туҳмат ва таҳқир аз Кодекс хориҷ карда шудааст. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои куштор дар ҳолати аффект (м. 106-и КҶ ҶТ) ва расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ низ дар ҳолати аффект (м. 113-и КҶ ҶТ), ки метавонист барангехтани (боиси) таҳқири ҷиддӣ шавад, муқаррар кардааст. Л.А. Раҳмонова дуруст қайд намудаанд, ки ҷиноятҳои номбурда оқибатҳои таҳқир ва тӯҳмат мебошанд. Баҳодиҳии вазнинии таҳқир бештар аз хусусиятҳои равонӣ ва эмотсионалии шахс вобаста аст. Вокуниши инсонҳо ба тӯҳмат гуногун мебошад[170]. Воқеан ҳам одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (ҷунун), ки дар моддаи 106 ва 1013-и КҶ ҶТ муқаррар шудааст, пурра унсурҳои таркибии таҳқирро фаро мегирад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон ба худкушӣ расонидан аст (м. 109-и КҶ ҶТ), ки баръалло унсурҳои таркибии туҳмат ва таҳқирро дар бар мегирад. Ин меъёрҳо дақиқан оқибатҳои таҳқирро нишон медиҳанд, ки шахс дар натиҷаи таҳқир метавонад одам кушад, ба саломатӣ зарар расонад ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро содир намояд. Барои исботи гуфтаҳои боло таҷрибаи судиро оид ба моддаи 109 дида мебароем. Мувофиқи ҳисоботҳои омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои шаҳру ноҳияҳо дар соли 2019 бо моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон 48 парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати 51 шахсро баррасӣ намудаанд. Барои гузаронидани ҷамъбастӣ аз судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба Суди Олӣ ҳамагӣ 39 парвандаҳои

[169] Ниг.: Умаров Х. Некоторые проблемы целесообразности охраны естественных прав граждан Таджикистана уголовно-правовыми средствами // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 75.

[170] Ниг.: Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 51.

ҷиноятӣ нисбати 48 шахс ворид гардидаст[171]. Аз парвандаҳои ҷиноятии мавриди омӯзиш қароргирифта, муайян карда шудааст, ки тарз ва усулҳои худкушӣ намудан гуногун мебошанд. Дар 17 ҳолат ҷабрдидаҳо худро овехтаанд, дар 15 ҳолат доруҳои гуногун истеъмол намудаанд, дар 2 ҳолат бо корд ва дар 7 ҳолат бо роҳҳои дигар худкушӣ кардаанд. Бояд зикр намуд, ки аз 48 ҷинояти содиршуда сабаби ба худкушӣ расонидан дар 7 ҳолат ҳангоми аз ҷониби шавҳар муносибати бераҳмона, таҳқир ва лату кӯб намудани ҳамсар, дар 3 ҳолат ҳангоми аз ҷониби волидони шавҳари ҷабрдида нисбати келин муносибати бераҳмона, таҳқир ва лату кӯб намудан, дар 1 ҳолат аз ҷониби дӯстдошта муносибати бераҳмона, таҳқир кардан, дар 1 ҳолат ҳангоми аз ҷониби хоҳари шавҳар нисбати келин муносибати бераҳмона ва таҳқир намудан, дар 1 ҳолат ҳангоми аз ҷониби бародар нисбати хоҳари ноболиғаш муносибати бераҳмона, таҳқир ва лату кӯб кардан, мебошад[172]. Масалан, Суди ноҳияи З. И.У.М-ро бо моддаи 109 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои он гунаҳгор донистааст, ки аз моҳи декабри соли 2017 ба тариқи телефон бо ноболиғ Ю.Н., ки дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4-и деҳаи Л. ноҳияи З. дар синфи 10 таҳсил мекард, шинос шуда, муносибати ошиқона пайдо кардаанд. И.У.М. аз ин муносибат истифода бурда, аз ҳиссиёти рашк, оиди ҳаёти шахсии ноболиғ Ю.Н. мунтазам маълумот ҷамъ карда, ҳуқуқҳои ӯро маҳдуд карда, якчанд маротиба ба ҷои зисти охирон рафта, таъкид кардааст, ки ғайр аз ӯ бо дигар ҷавонҳо муносибат накунад. И.У.М. ба Ю.Н. симкорт ва телефони мобилӣ харида, рафтор ва зиндагии ӯро таҳти назорат мегирад. Ин рафторҳои И.У.М. ба ноболиғ Ю.Н. хуш наомада, ӯ ба зангҳои телефонии И.У.М. ҷавоб надода, мехоҳад муносибаташро қатъ кунад. Баъд аз ин, И.У.М. якчанд маротиба ба хонаи истиқоматии ноболиғ Ю.Н. ва як маротиба ба муассисаи таҳсилотие, ки вай дар он ҷо таҳсил мекард рафта, таҳдид мекунад, ки дар сурати бо ӯ қатъ намудани муносибаташ, дар деҳаашон хабарҳои бадномкунандаи шаъну эътиборашро паҳн мекунад. Боз таҳдид мекунад, ки расмҳояшро ба шабакаи интернетӣ гузошта, обрӯяшро паст хоҳад кард. Аз ин таҳдидҳои пайдарҳами судшаванда И.У. ноболиғ Ю.Н.Э. тоқат карда натавониста, 15 апрели соли 2019 тахминан соатҳои 15:30 дақиқа дар оғилхонаи ҳавлии истиқоматиашон даст ба худовезӣ зада, вафот мекунад, ки онро хулосаи ташхиси судӣ-тиббии ҷасад аз 20 апрели соли 2019 таҳти №7 тасдиқ мекунад[173].

---

[171] Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ марбут ба парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар давоми соли 2019 баррасӣ шудаанд (моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 4. – С. 53.

[172] Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ марбут ба парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар давоми соли 2019 баррасӣ шудаанд (моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 4. – С. 54.

[173] Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ марбут ба парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар давоми соли 2019 баррасӣ шудаанд (моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 4. – С. 59-60.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки паст задани шаъну шараф ва резонидани обрӯи инсон, умуман туҳмат ва таҳқир ба инсон зарари маънавии калон расонида, дар ниҳоят оқибатҳои вазнинро ба бор меоварад. Пас, туҳмат ва таҳқир бояд аз нав криминализатсия карда шуда, ҷавобгарӣ барои он бояд вазнинтар карда шавад. Ҳақ бар ҷониби Л.А. Раҳмонова мебошад, ки гуфтааст: ман чунин мешуморам, ки на танҳо декриминализатсия кардани ҷавобгарӣ барои тӯҳмат нолозим аст, балки барои ҷиноятҳои шабеҳ низ ҷавобгарии иловагӣ ҷорӣ кардан лозим мебошад[174]. Аммо саволе ба миён меояд, ки барои туҳмат ва таҳқир чӣ гуна ҷавобгарӣ муқаррар намоем, ки адолат барқарор шавад ва шаъну шарафи инсон ва дигар неъматҳои муқаддаси поймолшудаи ӯ барқарор карда шаванд ва зери ҳифзнамоии махсусан муҳим қарор дода шаванд? Ин саволро И.К. Усмонов дар чунин шакл пешниҳод намудааст, ки гунаҳкорро чӣ гуна ҷазо додан лозим аст, то: а) ҷазо тарафи ҷабрдидаро қонеъ кунад; б) гунаҳкор ҷазои сазовор гирад; в) принсипи озодии сухан нигоҳ дошта шавад; г) меъёрҳои ахлоқӣ риоя карда шаванд?[175].

Ҳамин тавр, зимни таҳқиқоти масъалаи асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Шаъну шараф, обрӯ ва эътибори инсон аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳои инсонӣ ба ҳисоб рафта, онҳо аз инсон ҷудонашаванда ва муқаддас мебошанд. Инсон чун ҳаёт ва саломатияш бе шаъну шараф ва обрӯяш дар ҷомеа ҳамчун фарди комил ҳаёт ба сар бурда наметавонад. Инсонҳо маҳз ба хотири шаъну шараф ва номи некашон умр ба сар бурда, ба хотири соҳиб шудан ба шаъну шараф ва обрӯи баланд чӣ корҳое ки намекунанд. Ҳамзамон, поймол кардани ин арзишҳои олии инсонӣ боиси гирифтори зарари маънавӣ шудани инсон мегардад. Бинобар ин, давлат вазифадор аст, чун инсон, ҳаёт ва саломатияш, ба шаъну шараф ва обрӯю эътибори ӯ низ эътибори ҷиддӣ дода, ин арзишҳоро зери ҳифзнамоии махсуси худ қарор диҳад. Мутаассифона, мафҳуму моҳияти ин арзишҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нашудааст ва барои паст задани онҳо қонунгузорӣ ҷавобгарии ночизе пешбинӣ мекунад. Шахс метавонад шаъну шараф ва эътибори худро бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва гражданӣ ҳифз намояд. То кунун дар миёни олимони хориҷию ватанӣ баҳс аст, ки туҳмат предмети танзимии қонунгузории ҷиноятӣ мебошад ва ё аз қонунгузории гражданӣ?. Мо бар он андешаем, ки туҳмат ва таҳқир аз қадим предмети танзимии қонунгузории ҷиноятӣ буд ва бояд чунин боқӣ монад. Низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ, ки асоси таърихи

[174] Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление – сдерживающий фактор от совершения, данного правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления – важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 54.

[175] Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 81.

низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, туҳмат ва таҳқирро ҳамчун кирдори хатарноки ҷиноятӣ эътироф карда, барои содир кардани чунин кирдорҳо ҷавобгарии ҷиноятии вазнин пешбинӣ карда буданд.

2. Новобаста аз он ки бисёре аз рӯзноманигорон ва баъзе аз муҳаққиқон декриминализатсия шудани туҳмат ва таҳқирро дастгирӣ мекунанд, вале тарафдорони ҷиноят будани туҳмат ва таҳқир низ кам нестанд. Ба муқобили тарафдорони декриминализатсияи туҳмат ва таҳқир онҳо далелҳои асосноки худро пешниҳод намудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошанд. Бинобар ин, дар натиҷаи таҳлили андешаҳои муҳаққиқон маълум гардид, ки баҳри такроран криминализатсия шудани туҳмат ва таҳқир чунин асосҳои ҷолиби диққат мавҷуд мебошанд:

а) оқибатҳои хатарнок доштан барои ҷабрдида;

б) хатари ҷамъиятӣ доштани туҳмат ва таҳқир;

в) оқибати вазнин доштани туҳмат ва таҳқир тавассути ВАО ва Интернет;

г) бартарияти ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии шаъну шараф ва обрӯи инсон;

ғ) асоси таърихӣ-ҳуқуқӣ доштани воситаи ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии шаъну шараф ва обрӯи инсон;

д) номувофиқ ва нобаробар будани дараҷаи ҷавобгарии граждании бо дараҷаи зарари маънавии ҷабрдида;

е) мухолиф будани декриминализатсияи туҳмат ва таҳқир бо як қатор меъёрҳои қонунгузории кишвар;

ё) ҷиноят будани туҳмат ва таҳқир дар қонунгузории кишварҳои ҳамсоя ва ИДМ;

ж) мавҷудияти таҷрибаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туҳмат ва таҳқир ва афзоиши нишондиҳандаҳо дар ин хусус;

з) мавҷудияти унсурҳои таркибии туҳмат ва таҳқир ва дақиқ будани оқибатҳои хавфноки онҳо дар диспозитсияи баъзе аз моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ.

3. Мо бар он назар ҳастем, ки ҳифзи шаъну шараф, номус, обрӯ ва эътибори инсон аслан бояд бо қонунгузории ҷиноятӣ ба роҳ монада шавад. Ҳангоми мавриди туҳмат ва ё таҳқир қарор гирифтани шахс ва паст задани шаъну шараф ва обрӯи ӯ, ҷабрдида метавонад барои ҳифзи шаъну шараф ва обрӯи худ ба суд муроҷиат кунад. Суд метавонад бо тартиби мурофиавии ҷиноятӣ ҷавобгарро ӯҳдадор кунад, ки ҷабрдидаро сафед намояд ва баъдан мувофиқи Кодекси ҷиноятӣ ҷазои сазоворро адо кунад. Бигзор ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун ҳолати истисноӣ баромад кунад ва ба ҳайси ҷавобгарии асосӣ – ҷавобгарии ҷиноятӣ (ҷаримаи вазнин ва маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз 2 то 5 сол) ҷазо муқаррар карда шавад ва бо раванди мурофиаи ҷиноятӣ шахси таҳқиршуда ва туҳматшуда сафед карда шуда, обрӯяш то ҳадди имкон барқарор карда шавад. Зимни чунин хулоса мо пешниҳод менамоем, ки туҳмат (дар моддаи 135-и КҶ ҶТ) ва таҳқир (дар м. 136-и КҶ ҶТ) дар шакли зайл барқарор карда шаванд:

**- Моддаи 135. Туҳмат.**

1) Туҳмат, яъне қасдан паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, ки шаъну шарафи шахси дигарро паст мезанад ва ё обрӯи ӯро мерезонад, бо истифодаи матбуот, дигар воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет ва ё ба доираи номуайяни шахсон,

- бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз ду то се сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор нисбати шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор мебошад ё нисбати шахсе, ки гирифтори бемории барои дигарон хатарнок мебошад, содир шудааст,

- бо ҷарима ба андозаи аз як то се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор нисбати омӯзгорон ва ходимони дин, ки масъулияти пуршарафро ба уҳда доранд, содир шудааст,-

бо ҷарима ба андозаи аз се то панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол ҷазо дода мешавад.

4) Ҳамин кирдор бо айбдоркунии шахс дар содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ё ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин содир шудааст,-

бо ҷарима ба андозаи аз панҷ то даҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол ҷазо дода мешавад.

**- Моддаи 136. Таҳқир.**

1) Таҳқир, яъне қасдан паст задани шаъну шарафи шахс дар шакли ношоиста, содир шудааст, -

бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ то як сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор бо истифодаи матбуот, дигар воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет ва ё ба доираи номуайяни шахсон содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ аз як то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор нисбати шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор мебошад содир шудааст, -

бо ҷарима ба андозаи аз чорсад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ аз ду то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол ҷазо дода мешавад.

4) Ҳамин кирдор нисбати омӯзгорон ва ходимони дин, ки масъулияти пуршарафро ба уҳда доранд, содир шудааст,

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати аз се то чаҳор сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

5) Ҳамин кирдор нисбати ноболиғон, пиронсолон, маюбон, шахсони гирифтори бемории барои дигарон хатарнок содир шудааст,

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати аз чаҳор то панҷ сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ то ҳафт сол ҷазо дода мешавад.

**Адабиёт:**

1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 49.
2. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 222.
3. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз туҳмат ва таҳқир дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №5. – С. 254–262.
4. Гаюров Ш.К. Злоупотребление личным информационным правом: проблема адекватности охранительных мер // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 29-30.
5. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан // Правовая позиция. – 2021. – № 9 (21). – С. 15–25.
6. Иноятов И. Связь и взаимодействие норм гражданского права о защите чести и достоинства с нормами уголовного права о диффомации в отношении средств массовой информации // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 20-26.
7. Кабилова Л.И. Защита чести, достоинства, деловой репутации от клеветы и оскорблений в законодательстве Республики Таджикистан // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 65-71.
8. Назаров С.В. Преступления против личности: учебное пособие / С.В. Назаров. – СПб., 2019. – С. 95-102.
9. Пелипенко, Р.С. О декриминализации клеветы и оскорбления //Труды Института государства и права Российской академии наук. – № 4/2012. – С. 170-174.
10. Рахманова Л.А. Уголовная ответственность за клевету и оскорбление - сдерживающий фактор от совершения, данного

правонарушения // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 51-62.

11. Уголовному кодексу РФ 15 лет: достижение, проблемы, тенденции. Сборник научных статей / под ред. доктора юридических наук, профессора В.И. Тюнина. – СПб., 2012. – С. 50-57.

12. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г. № 63-ФЗ. – 334 с.

13. Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 г., № 2012–XII. – 173 с.

14. Уголовный кодекс Китая / под ред. проф. А.И. Коробеева и проф. А.И. Чучаева, пер. с китайского проф. Хуан Даосю. – М., 2017. – 256 с.

15. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З. – 204 с.

16. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 г. № 787-IQ. – 196 с.

17. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года N222-1. – 185 с.

18. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V ЗРК. – 194 с.

19. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.07.2021 г.). – 282 с.

20. Умаров Х. Некоторые проблемы целесообразности охраны естественных прав граждан Таджикистана уголовно-правовыми средствами // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 76-81.

21. Усманов И.К. О моральной сущности вопросов связанных с клеветой и оскорблением // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 81-89.

22. Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ марбут ба парвандаҳои ҷиноятии ба худкушӣ расонидан, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар давоми соли 2019 баррасӣ шудаанд (моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 4. – С. 53.

23. Холиқов А. Декриминализация клеветы и оскорбления и её влияние на механизмы защиты чести и достоинства человека // Декриминализация клеветы и оскорбления - важный шаг для развития демократии в обществе / Материалы международной конференции. – Душанбе, 2008. – С. 9-17.

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ТАФОВУТ

**Розиқзода** Д.З.,
ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 900010122
**E-mail:** rozikov_9999@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Раҳмон Д.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ – сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Дар заминаи он, мафҳум, моҳият ва тафовути сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бар он назар аст, ки сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ қисми таркибии сиёсати ҳуқуқиро ташкил дода, барои амалӣ гардидани шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ хизмат менамояд. Дар мақолаи мазкур, инчунин шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ ва принсипҳои он баррасӣ гардида, дар натиҷа нақши сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар замони муосир муайян карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, доктринаи ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ.

# ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА И ПРАВОЗАЩИТНАЯ ПОЛИТИКА: ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И РАЗЛИЧИЯ

**Розикзода Д.З.**,
ассистент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 900010122
**E-mail:** rozikov_9999@mail.ru

**Научный руководитель:** Рахмон Д.С., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов юриспруденции – правовой политике и правозащитной политике. На этой основе рассматриваются понятие, сущность и различия правовой политики от правозащитной политики. Автор считает, что правозащитная политика

является составной частью правовой политики и служит для реализации различных форм правовой политики. В данной статье также рассматриваются формы правовой политики и ее принципы, и в результате выявляется роль правозащитная политика в современное время.

**Ключевые слова:** Правовая политика, правозащитная политика, права человека, защита прав человека, правотворчество, правоприменение, правовая доктрина, юридическое образование.

## LEGAL POLICY AND HUMAN RIGHTS POLICY: CONCEPT, ESSENCE AND DIFFERENCES

**Rozikzoda D.Z.,**
assistant of the Department of Theory and History of State and Law of the Faculty of Law of the Tajik National University
**Phone:** (+992) 900010122
**E-mail:** rozikov_9999@mail.ru

**Research supervisor**: Rahmon D.S., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Sadizoda J., Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** This article is devoted to one of the most important issues of jurisprudence - legal policy and human rights policy. On this basis, the concept, essence and differences between legal policy and human rights policy are considered. The author believes that human rights policy is an integral part of legal policy and serves to implement various forms of legal policy. This article also examines the forms of legal policy and its principles, and as a result, the role of human rights policy in modern times is revealed.

**Key words:** Legal policy, human rights policy, human rights, protection of human rights, lawmaking, law enforcement, legal doctrine, legal education.

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми назарияи давлат ва ҳуқуқро сиёсати ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки он дорои унсурҳои ба худ хос мебошад. Аслан, сиёсати ҳуқуқӣ имрӯз на танҳо дар муҳити илмӣ, балки дар амалияи давлатдорӣ низ нақши марказиро иҷро менамояд. Зеро, тамоми давлатҳо дар партави сиёсати ҳуқуқии худ рушд ва дурнамои амалисозии ҳадафҳои таҳрезишудаашонро амиқ намуда, ҷиҳати оқилонаву одилона муайян намудани сиёсати ҳуқуқиашон дар раванди давлатдорӣ талош менамоянд. Яқин аст, ки давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар саргаҳи сиёсати ҳуқуқии худ таваҷҷуҳи махсусро ба эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона месозанд. Дар ин самт, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон мақоми марказиро ишғол намуда, он дар маҷмӯъ тавассути сиёсати ҳимояи ҳуқуқии давлатӣ амалӣ карда мешавад. Қабл аз баррасии масъалаи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ зарур аст то мафҳум, моҳият ва тафовути сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор

дода шавад. Аз ин рӯ, дар заминаи таҳқиқоти мазкур диққати асосӣ ба баррасии масъалаҳои ишорашуда равона карда мешавад.

Эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ дар шинохти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон нақши боризро иҷро намудааст. Зеро, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъалаи мазкур ва дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намудани он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар нишон дод, ки воқеан миллати инсонпарвару инсонмеҳвар маҳсуб меёбад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор мегирад, ки бо доираи татбиқ ва танзими муносибатҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Вақте сухан дар бораи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ меравад, дар мадди аввал ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути василаҳои ҳуқуқмуҳофизавӣ дар назар дошта мешавад. Вале, барои дарки дурусти масъалаи мазкур бояд таваҷҷуҳ ба «сиёсати ҳуқуқӣ» дода шавад.

Доир ба мафҳуми «сиёсати ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ[176] ва хориҷӣ[177] андешаи ягона вуҷуд надорад. Истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» бошад, солҳои 70-уми асри сипаришуда ба муҳити илмӣ ворид карда мешавад[178].

Дар зери мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ оид ба эҷоди механизми муассири танзими ҳуқуқӣ, ба таври муташаккил истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳо, аз қабили таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба низом ва тартиби муайян даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳкими интизоми ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ рушди қонунгузорӣ дар назар дошта мешавад.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати ҳуқуқӣ ба такмили низоми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таҳкими кафолатҳои онҳо, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, ташаккули шахсияти таҳаммулгар ва ғ. мусоидат менамояд[179].

---

[176] Муфассал ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарные науки. – 2013. - 3/2 (№ 108). – С. 68-76; Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как фактор прогрессивного развития обществ // Правовая жизнь. - 2014. - № 1 (01). – С. 25-40; Сативалдыев Р.Ш. Научный характер правовой политики // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург, 2013. - № 11. – С. 83-91; Миралиев И.Қ. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди ҳуқуқии ҷомеа // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 50-60.

[177] Муфассал ниг.: Рудковский В.А. Правовая политика и осуществление права: теоретико-методологический аспект: дис. … докт. юрид. наук. – Волгоград, 2009.; Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004.

[178] Ниг.: Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 141.

[179] Ниг.: Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 36-37.

Ба андешаи И.Қ. Миралиев, сиёсати ҳуқуқӣ як намуди сиёсати давлатӣ буда, бо фаъолияти давлат ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ алоқаманд аст ва ба ҳадафҳо, вазифаҳо, функсияҳо, самтҳои асосии фаъолияти давлат, сиёсати берунӣ ва дохилии он, шаклҳои баамалбарории функсияҳои давлат, шакли идоракунии давлатӣ, шакли сохтори давлатӣ, реҷаи сиёсӣ (давлатӣ) ва ғ. таъсир мерасонад[180].

Маврид ба тазаккур аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ дорои шаклҳои махсуси баамалбарории худ мебошад.

Яке аз шаклҳои сиёсати ҳуқуқиро фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ташкил медиҳад. Моҳияти ин шакли сиёсати ҳуқуқӣ дар қабул кардан, ба низом даровардан ё бекор кардани санадҳои ҳуқуқӣ таҷассум меёбад. Вале, бояд тазаккур дод, ки хусусияти асосии ин шакли сиёсати ҳуқуқӣ на кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад, балки ба низом даровардани онҳо мебошад.

Шакли дигари баамалбарории сиёсати ҳуқуқӣ ин дар амал татбиқ намудани он, яъне фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад. Моҳияти ин шакли сиёсати ҳуқуқӣ дар санадҳои меёърии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти инфиродӣ инъикос ёфтааст. Ин шакли фаъолият дар замони муосир тавассути ниҳодҳои гуногун ба амал бароварда мешавад, ки нақши марказиро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷро менамоянд. Аммо, дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври фаъол иштирок менамоянд.

Шакли дигари сиёсати ҳуқуқиро шакли доктриналӣ ташкил медиҳад. Ин шакли сиёсати ҳуқуқӣ асосан дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум ёфта, хусусияти асосии ин шакл ташаккули модели танзими ҳуқуқӣ мебошад, ки дар навбати худ тамоюлҳои инкишофи ҳуқуқро инъикос менамояд.

Дар низоми шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ шакли тарбияи ҳуқуқӣ низ мақоми назаррасро соҳиб аст. Дар доираи ин шакли сиёсати ҳуқуқӣ мутахассисони баландтаҷрибаи ҳуқуқшинос омода карда мешаванд, ки ҳадаф аз ин тарбияи ҳуқуқшиносони оянда дар руҳияи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, адолатхоҳӣ ва ғ. буда, дар натиҷа баровардани санадҳое мебошад, ки адолати иҷтимоиро дар ҷомеа таъмин намояд.

Шакли тафсири ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқӣ бошад, моҳияти худро дар тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пайдо намуда, пайдоиш ва ташаккули он бо инкишофи предмети батанзимдарории муносибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад.

Аз гуфтаҳои фавқуззикр маълум мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ асосан тавассути панҷ шакли худ ба амал бароварда мешавад, ба мисли:

а) фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

б) фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ;

в) доктринаи ҳуқуқӣ;

---

[180] Миралиев И.Қ. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди ҳуқуқии ҷомеа // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 54.

г) тарбияи ҳуқуқӣ;

д) тафсири ҳуқуқӣ.

А.В. Малко бошад, чунин шаклҳои баамалбарории сиёсати ҳуқуқиро ҷудо менамояд: 1) қонунэҷодкунӣ; 2) ҳуқуқмуҳофизавӣ; 3) тафсиркунанда; 4) доктриналӣ; 5) таълими ҳуқуқӣ ва ғ[181].

Бояд тазаккур дод, ки сиёсати ҳуқуқӣ дар заминаи як зумра принсипҳои бунёдӣ ба амал баровардa мешавад, ки ба сифати принсипҳои асосии он метавон принсипҳои қонуният, адолат, инсондӯстӣ, ошкорбаёнӣ, тавъам омадани манфиатҳои шахс ва давлат, афзалияти ҳуқуқи инсон ва ғ.-ро дохил намуд.

Маълум мешавад, ки ҷавҳари асосии сиёсати ҳуқуқиро ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд ишғол менамояд. Яъне, сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, қисми таркибӣ ва ҷудонопазири онро ташкил медиҳад.

Муҳаққиқи ватанӣ Ҷ. Саъдизода иброз менамояд, ки «сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон қисми таркибии сиёсати ҳуқуқӣ дар умум буда, ба амалишавӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс дар тамоми навъҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ, демографӣ ва ғ.), андешидани тадбирҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон равона шудааст ва тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқиҷрокунӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон амалӣ сохта мешавад»[182].

Аз нигоҳи раванди муосири ҷомеаи инсонӣ тақозо менамояд то давлатҳо сиёсати ҳимояи ҳуқуқии худро хеле оқилонаву одилона корбаст намоянд ва нагузоранд то дар заминаи сиёсати ғайримақсаднок инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ тобеи арзишҳои бегона гарданд. Яъне, дар сурати дуруст ба роҳ намондани сиёсати мазкур таъмин намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва ғ., ки аз зумраи унсурҳои марказии давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравaнд, ғайриимкон мегардад. Маҳз дуруст ба роҳ намондани сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҷудогона боис бар он гаштааст, ки аҳолӣ ба муқобили ҳукумати қонунӣ садо баланд намоянд. Вале, бояд тазаккур дод, ки назарияи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар марҳилаи шаклгирӣ қарор дошта, то ҳол самт ва равиши амиқи худро муайян накардааст. Зарурати таҳия ва татбиқи стратегияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон имрӯз на танҳо аз манфиатҳои таҳкими мақоми ҳуқуқи шахс, балки аз ниёзҳои объективии ҷомеа низ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар марҳилаи кунунӣ сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ дар заминаи меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҷомеаи башарӣ мазмун ва моҳияти худро дигаргун намуда истодаанд, ки чунин амал давлатҳоро мувазаф

[181] Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – М., 2000. Ноябрь. – С. 18.

[182] Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – С. 182.

менамояд то мутобиқ ба равандҳои бавуҷудомада муносибат намоянд. Вале, ин маънои онро ифода наменамояд, ки давлат сиёсати худро хилофи манфиат ва мароми халқу миллати худ муқаррар намояд. Масалан, дар заминаи моддаи 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои олии халқ метавонад бо давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкории худро ба роҳ монад. Яъне, имрӯз замоне фаро расидааст то арзишҳои миллӣ ва арзишҳои умумӣ ҳангоми муайян намудани сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ бо ба инобат гирифтани унсурҳои махсус ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар ҳамин замина Д.С. Раҳмон дуруст иброз менамояд, ки «ҷаҳонишавӣ дар интиҳои асри XX ва ибтидои ҳазораи се бо гузариш аз як шакли мувозинаи тазодманди байналмилалӣ (олами фарҳанги дугона ва сиёсати дугонаи ҷаҳонӣ (сотсиализм ва капитализм)) ба шакли дигараш (эътирофи олами гуногунранги фарҳангӣ бо ғояи ҳокимияти пешоҳанги ғарбӣ) на танҳо инсониятро ҳамчун офарандаи таърих дар назди мушкилиҳои бузургу тақдирсоз бо оҷизиҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати ногувори иҷтимоӣ ва печидаи фикрӣ қарор дод, инчунин бузургтарин дастоварду музаффариятҳои ӯро тимсоли арзишҳои башарии адолат, озодӣ, ҳуқуқи инсон, инсоф, баробарӣ ва амсоли инҳо, ки ҳазорсолаҳо ҳамчун қутбҳои наҷотбахши тафаккур ва ҳастии зиндагии иҷтимоӣ, маҳаки ташаккул ва рушди ҳаёти муваффақи махлуқи бошуур баромад мекарданд, тавассути ченакҳои нави махлутшуда дар ҳолати ногувор ва сангин назди имтиҳони таърихи даврони гузариш урён ва осебпазир гардонид»[183].

Ташаккули консепсияи умумии назариявии сиёсати ҳимояи ҳуқуқи инсон як шарти муҳими назариявӣ ва методологии фаъол гардонидани коркардҳои илмии соҳавӣ (дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ ва ғайра) мебошад.

Омӯзиши тамоми маҷмӯи масъалаҳои марбут ба таҳия ва татбиқи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ ба ҳалли самараноки вазифаҳое, ки дар назди давлат дар самти таъмин ва ҳифзи арзишҳои шахс ва ҷомеа истодаанд, мусоидат менамоянд.

Ҳалли самараноки вазифаҳое, ки дар назди давлати Тоҷикистон дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс, асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, арзишҳои конститутсионӣ ва дигар манфиатҳои эълоншуда истодаанд, зарурати таҳия ва татбиқи онро ба таври қатъӣ тақозо мекунад. Консепсияи сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарин ва нисбатан мустақили сиёсати ҳуқуқӣ дар давлати демократӣ баромад менамояд, ки барои амалисозии ҳуқуқи инсон нақши назаррасро иҷро менамояд.

Мақсади сиёсати ҳимояи ҳуқуқӣ бо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд маҳдуд намешавад. Дар давлати демократӣ сиёсати ҳимояи ҳуқуқи ба он нигаронида шудааст, ки на танҳо кафолати

[183] Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – С.5.

манфиатҳои шахс, балки ҷомеа ва давлат, татбиқи пайгирона ва ҳифзи онҳоро дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ таъмин намояд.

**Адабиёт:**


1. Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики: дис. … д-ра. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004.
2. Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – М., 2000. Ноябрь. – С. 18.
3. Миралиев И.Қ. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди ҳуқуқии ҷомеа // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 50-60.
4. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.
5. Рудковский В.А. Правовая политика и осуществление права: теоретико-методологический аспект: дис. … докт. юрид. наук. – Волгоград, 2009.
6. Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории: дис. … д-ра юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 36-37.
7. Сативалдыев Р.Ш. Научный характер правовой политики // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург, 2013. - № 11. – С. 83-91.
8. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник Таджикского национального университета. Серия: гуманитарные науки. – 2013. - 3/2 (№ 108). – С. 68-76.
9. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как фактор прогрессивного развития обществ // Правовая жизнь. - 2014. - № 1 (01). – С. 25-40.
10. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – С. 182.
11. Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов, 2008. – С. 141.

# МАФҲУМИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК ДА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Абдулхайрзода Ҷ.,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисави факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** abdulkhayrzoda@mail.ru
**Тел.:** +992 935575555

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Б.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Рецензент**: Саъдизода Дж., кандидат юридических наук

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба асосҳои ҳуқуқии татбиқи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон дар низоми умумии ҳуқуқи инсон бахшида шудааст. Аҳамияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, ки механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро муайян мекунад, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф бар он назар аст, ки теъдоди зиёдшавии бекор гардидани акди никоҳ ба пойдории давлат, зиндагонии кӯдакони аз падару модар ҷудогардида таъсири манфӣ расонида, аз тарафи дигар боиси пайдошавии баҳсҳои зиёди дигар байни ҳамсарон, аз қабили рӯёнидани алимент, муайян кардани ҷои зисти кӯдакон ва тақсими молу мулки ҳамсарон мегардад. Ҳамчунин раванди асосии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медароранд, баррасӣ карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи инсон, кӯдак, таснифоти ҳуқуқҳои кӯдак, ақди никоҳ, ноболиғ, қонунгузории байналмилалӣ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, созишномаҳои байналмилалӣ, таснифи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# ПОНЯТИЕ ПРАВА РЕБЕНКА В СИСТЕМЕ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Абдулхайрзода Дж.,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**E-mail:** abdulkhayrzoda@mail.ru
**Тел.:** +992 935575555

**Научный руководитель:** Сафарзода Б.А., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент**: Саъдизода Дж., кандидат юридических наук

**Аннотация.** Статья посвящена правовым основам применения законодательства в области защиты детей в общей системе прав человека. Производится анализ значения основных международно-правовых актов, которые определяют механизмы защиты прав детей; осуществлена классификация источников, регламентирующих международно-правовой институт ребенка. Автор считает, что рост число разводов негативно сказался на стабильности государства, жизни детей разлученных с родителями а с другой стороны, приводить к возникновению множества других споров между супругами, таких как взыскание алиментов, определение местонахождения детей и раздел имущества супругов. А также рассматриваются основные направления нормативно-правовых основ государственного регулирования защиты прав и законных интересов детей в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** Права человека, ребёнка, классификация прав ребёнка, брак, несовершеннолетний, международное законодательство, защита прав детей, международные договоры, классификация источников международного права, законодательная система Республики Таджикистан.

## CONCEPT RIGHTS OF THE CHILD IN THE SYSTEM OF HUMAN RIGHTS

**Abdulkhayrzoda J.,**
aspirant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University.
**E-mail:** abdulkhayrzoda@mail.ru
**Phone:** +992 935575555

**Research supervisor**: Safarzoda B. A., Doctor of legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Sadizoda J, Candidate of legal Sciences,

**Annotation.** The article is devoted to the legal framework for the application of legislation in the field of child protection in the general human rights system. The analysis of the significance of the main international legal acts that determine the mechanisms for protecting the rights of children is carried out; the classification of sources regulating the international legal institution of the child has been carried out. The author believes that the increase in the number of divorces had a negative impact on the stability of the state, the lives of children separated from their parents, and on the other hand, led to the emergence of many other disputes between spouses, such as alimony, determining the location of children and the division of property of spouses. Also, the main directions of the regulatory framework for state regulation of the protection of the rights and legitimate interests of children in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** human rights, child, classification of the rights of child, marriage, minor, international legislation, protection of children's rights, international treaties, classification of sources of international law, legislative system of the Republic of Tajikistan.

Зимни таҳқиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак, лозим аст, ки асосҳои назариявию методологии ҳуқуқи инсон дар маҷмӯъ ва тарҳу сохтмони ҳуқуқии он ба таври махсус мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор дода шавад.

Ҳадаф аз таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак дар низоми умумии ҳуқуқи инсон дар кишвари мо таҷдиди назари низоми қоидаҳои мурофиавӣ ва таҷрибаи мавҷудаи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқҳои кӯдак дар ин замина метавонад ҳамчун принсипи категорияи назариявӣ ва сохтори (конструксияи) ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Бинобар таъкиди профессор Р.Ш. Шарофзода ҳуқуқи ҷомеаи муосир бидуни ҳуқуқи инсон ғайри қобили тасаввур аст. Ҳамчун шароити табиӣ зарур барои вуҷуд ва бақои инсон, ҳуқуқи инсон ҳамеша дар оинаи ҳуқуқ, ибтидо дар ҳуқуқи табиӣ ва баъдан дар ҳуқуқи мусбат инъикоси худро ёфтаанд. Дар ин зимн, раванди инъикоси ҳуқуқи инсон ба ҳуқуқ дар тӯли асрҳои зиёд идома дошт. Барои он ки инсон ва ҳуқуқи вай ҳамчун арзиши олӣ эътироф шавад, ҳазорсолаҳо дар масири таърих сипарӣ шудааст[184].

Муҳаққиқи рус С.С. Алексеев дар ин робита қайд менамояд, ки «ба монанди соҳаи фановарӣ ва кори муҳандисӣ, муваффақият дар ҳалли вазифаҳое, ки бо кӯмаки ҳуқуқ ба даст меоянд, аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза дар таҳияву коркарди воситаҳои ҳалли вазифаҳои дахлдор аз нақшаҳои намунавии беҳтар, моделу иттилоот ва таҷрибаи амалӣ истифода мегардад»[185].

Аз нигоҳи мо шинохти дурусти моҳияти категорияи мазкур, имконоти ҷадидеро дар ҷиҳати дарки беҳтари ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ фароҳам меоварад. Ҳуқуқ яке аз омилҳои ташаккулдиҳандаи ҷомеаи башарист, ки тавассути он назму субoти ҷомеа таъмин мегардад. Бинобар ин татбиқ ва таҷассуми ҳуқуқ дар заминаҳои мухталиф яке аз масъалаҳои калидӣ дар амалисозӣ ва иҷрои он ба ҳисоб меравад. Метавон конструксияи ҳуқуқиро ба сифати пояи аслӣ ҳамчун ҷузъи танида бар матоъи ҳуқуқи мусбат ва системаи онро ҳамчун конструксияи дарбаргирандаи ҳуқуқи мусбат донист.

Ба ин андешаи С.С. Алексеев дар робита ба он ки «танҳо тавассути конструксияҳои ҳуқуқӣ ва дигар таркибҳои сохтории ҳуқуқ имкон дорад, ки донишҳои ҳуқуқиро ба дараҷаи мутаносиб бо талаботи даврони

[184] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник для вузов. – Душанбе: Империал – групп, 2014. – С.194

[185] Ниг.: Алексеев, С.С. Юридические конструкции – ключевое звено права // Цивилистические записки: межвуз. сб. науч. тр. – М.: Статут, 2001. – С. 5 – 20.

муосири кунунӣ боло бурд. Яъне, ба дараҷаи ҳадди аксари болои ҷавобгӯи таҷрибаи амалӣ, ки ба ҳалли мушкилоти мураккаби ҳаётӣ мусоидат менамояд[186]. Бо таваҷҷуҳ ба изҳори назарҳои дар боло оварда шудаи мутахассисон дар хусуси қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқи инсон, метавон таъкид намуд, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дар маҷмӯъ аз лиҳози амалӣ ва назариявӣ мафҳуми васеъ, мураккаб ва бисёрҷанба маҳсуб мешавад ва бояд барои муайянсозии он ба тамоми ҷанбаҳои асливу муҳими ин падидаи ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ шавад. Ба назари мо мураккаб ва бисёрҷанба будани мафҳуми мазкур, аз ҷойгоҳ ва нақши низоми қонунгузорӣ дар ҷомеа, баёну ироаи манфиатҳои мардум дар маҷмӯъ ва инсон бахусус бармеояд.

Ҳуқуқҳои кӯдак тавассути сохтори (конструксияи) ҳуқуқӣ, тамоми низоми соҳаҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад. Барои мисол, дар сурати дар заминаи фаъолиятҳои соҳавӣ (гражданӣ, ҷиноятӣ, меҳнатӣ, манзилӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра) вориди муносибатҳои ҳуқуқӣ шудани шахси ноболиғ, як қатор меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди субъективии муносибатҳои ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон тавассути роҳҳои муқаррар намудаи қонун таъмин мегардад. Он бо истифода аз воситаҳои муайяншуда, ҳам тавассути мақомоти судӣ ва ҳам ба воситаи мақомотҳои дигари давлатӣ сурат мегирад. Дар бештари маврид раванди мазкур тавассути мақомоти судӣ анҷом дода мешавад.

Тавре таҷрибаи судӣ ва омори баррасии парвандаҳои оилавӣ нишон медиҳад, миқдори зиёди баҳсҳои судиро вобаста ба парвандаҳои оилавӣ дар амал даъвоҳои шаҳрвандон оид ба бекор кардани ақди никоҳ ташкил медиҳанд. Барои мисол, тибқи омори мавҷуда, дар саросари Тоҷикистон ба таври расмӣ ҷамъан соли 2018 – 9727, соли 2019–9676 ва соли 2020–9175 ақди никоҳи шаҳрвандон бекор карда шудааст [187], ки аз ҷумла дар миёни ин оилаҳои аз ҳам пошида кӯдакони ноболиғ ҳам тарбия мешуданд.

Таҷрибаи судии баррасии ин намуди парвандаҳо собит сохтааст, ки бекоршавии никоҳ ва пароканда гардидани оилаҳо хусусан дар байни ҷавонон дар давраи аввали зиндагонии якҷояи онҳо ба амал меояд. Қобили қайд аст, ки теъдоди зиёдшавии бекор намудани ақди никоҳ ба пойдории давлат, ба зиндагонии кӯдакони аз падару модар ҷудогардида таъсири манфӣ расонида, аз тарафи дигар боиси пайдошавии баҳсҳои зиёди дигар байни ҳамсарон, аз қабили рӯёнидани алимент, муайян кардани ҷои зисти кӯдакон ва тақсими молу мулки ҳамсарон мегардад.

Бо чунин вазъ мо такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиёде доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро аснои ҳалли баҳсҳои судӣ, ки

---

[186] Ниг.: Алексеев, С.С. Юридические конструкции – ключевое звено права // Цивилистические записки: межвуз. сб. науч. тр. – М.: Статут, 2001. – С. 15.

[187]Ниг.: Раёсати омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи парвандаҳои оилавии Суди Олии ҶТ //– Душанбе, 2020.

бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, зарурӣ медонем. Ба назари мо масъулияти пурраи таъмини бояду шояди ҳифзу ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон ба уҳдаи давлат мебошад. Стратегияи миллӣ, барнома, нақшаҳо ва тасмимҳои дурусти сиёсӣ дар роҳи даст ёфтан ба ин мақсад аҳамияти ҳалкунанда мебозанд.

Бинобар ин, боназардошти он ки пойдории давлат аз мустаҳкам будани оила вобаста аст, судяҳоро зарур аст, ки вобаста ба ҳар як парвандаи оилавӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, масъалаи нигоҳ доштан ва барқарор намудани оилаҳо, хусусан оилаҳои ҷавонро ба таври ҷиддӣ муҳокима намуда, бо ин мақсад ҳамаи чораҳои пешбиникардаи қонунро андешида ва амалӣ намоянд. Ҳамчунин зарур аст, ки дар ин самт ҳамкории судманд бо мақомоти дахлдори соҳа, аз ҷумла Бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияҳо ва шаҳри Душанбе, мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва маҳаллаҳо ҷоннок карда шавад.

Лозим ба зикр аст, ки нуктаи бисёр гӯё дар робита ба муҳим шинохтани аҳамияти ҳуқуқ ба ҳангоми татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак – пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани сохтори муассири меъёриву ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи умумии ин сохтор, аз мусоидат ва кӯмак ба ҳамгироии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва инкишофи муштараки қонунгузорӣ бо дар назар гирифтани низоми мушаххаси ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ иборат мебошад.

Дар дунё то кунун дар ростои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак пешрафт ва дастовардҳои муҳиме ҳосил шудааст. Вале бо назардошти фаъолиятҳои анҷомгирифта дар давлатҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд, ин пешрафтҳо мутафовит мебошанд.

Аз ҷумла, ҳадафи таъмин ва дастрасӣ ба як зиндагии муносиб барои кӯдакон дар ҳоли ҳозир ва оянда ҳанӯз ҳосил нашудааст ва дар ин миён пешрафтҳои умумии ба даст омада, на ҳамеша ҷавобгӯи талаботи уҳдадориҳои миллӣ ва байналмилалии кишварҳо мебошанд. Ин матлаб дар мавриди вазъи кишвари мо низ мутобиқат менамояд. Зеро масъалаи мавзӯи ҳуқуқҳои кӯдак яке аз мавзӯъҳои мубрам ва рӯзмарра боқӣ мемонад ва ба ин далел лозим аст то фаъолиятҳои марбут дар ин замина идома ёбанд. Дар заминаи мазкури дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷтимоисозии ҳуқуқии кӯдакон бояд аз рӯи принсипҳои ҳуқуқи инсон амалӣ гардад.

Ба назари мо дар шароити муосир чанд роҳ ва самти боло бурдани самаранокӣ ва муассирияти раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад. Роҳу самтҳои мазкурро метавон ба сифати маҷмӯи чорабиниҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин, аз ҷумла, тақвияти асосҳои назарияи вазъи ҳуқуқҳои кӯдак, дар навбати аввал ҳуқуқҳои кӯдак, ҳамчунин ҳалли бархе аз мушкилоти вобаста ба таъмини ҳолати ҳуқуқии кӯдак ва татбиқи

ҳуқуқҳои вай дар таҷриба ва эҷоди механизмҳои нисбатан муассири таъмини манфиатҳои кӯдак муаррифӣ намуд.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ нисбат ба шахсони ба синни ҳаждаҳ нарасида ҳангоми баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо маъмулан аз мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқӣ», «мукаллафият», «вазъи махсуси ҳуқуқӣ» истифода мешавад. Аз ҳуқуқҳои кӯдак дар матни ҳуқуқҳои инсон ёдоварӣ мешаванд. Аммо, аз нигоҳи мо дар даврони муосир, бо таваҷҷуҳ ба афзоиши хатарот, вуҷуди тамаддуни ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун гурӯҳ ва категорияи ҷудогона дар низоми ҳуқуқи инсон, аз аҳамияти бунёдӣ (фундаменталӣ) бархурдор мегардад. Назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илми хулосавӣ барои тақвияти ҳолатҳои умуминазариявии мафҳуми дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътирофшудаи «ҳуқуқҳои кӯдак» асбобу олот ва воситаҳои зарурии илмӣ дар ихтиёр дорад. Бинобар ин, ба назари мо, омӯзиши нисбатан муфассали асосҳои назариявии вазъи ҳуқуқии кӯдак ба сифати системаи идеяҳои асосӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва таъмини мақоми ҳуқуқии вай, тасаввур ва маълумоти комил дар хусуси моҳият ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ироа медиҳад, ки дар ин муносибот шахсони ноболиғ ҳам ширкат менамоянд.

Ҳамчунин хусусиятҳои ҳифзи манфиатҳои кӯдакон дар низоми ҳуқуқи инсон, бахшҳое ба ҳисоб меравандд, ки таҳқиқу таҳлили онҳо донишҳои назариявии мавҷуд дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Бо таваҷҷуҳ ба пеш шартҳои матраҳшуда дар бораи низоми устувор ва бегумон мустақили ҳуқуқҳои кӯдак, зарур аст то ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷиҳати қонунӣ (юридикӣ) мавриди тасниф қарор бигиранд. Бо дарназардошти вуҷуд доштани меъёрҳои зиёди таснифот (классификатсия), ки имкон медиҳанд тамоми маҷмӯи ҳуқуқҳои инсон[188] шарҳу маънидод гарданд, аз назари мо таҳия ва ҷудосозии махсуси ҳуқуқҳои кӯдак имконпазир аст. Чунин таснифот бар асоси дараҷабандии умумии муқарраршудаи ҳуқуқӣ аз як тараф ва аз рӯи дар назар гирифтани фардияти ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи ҳуқуқи инсон аз тарафи дигар устувор хоҳад буд. Дар ин робита аз нигоҳи мо ба назар гирифтани ин нукта, ки қабули Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 собит намуд, ки тамоми маҷмӯи ҳуқуқҳои инсон ( сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра) то андозаи муайян ба категорияи «кӯдак» хос мебошанд, муфид аст.

Хулоса ва натиҷагирӣ аз меъёрҳои ҳуқуқ дар сатҳи боло, муҳтавои фишурдаи ҳуқуқ ва як навъ ҳастии меъёрҳои ҳуқуқиро маъмулан принсипи табиии ҳуқуқ мепазиранд. Принсипи ҳуқуқ ба сифати догмаи хосси муқарраршуда дар сатҳи соҳаҳои ҷудогона ба назар мерасад. Моҳиятан ин аксиомаи соҳаи ҳуқуқ аст, ки дар назария ба он пардохта шудааст ва он дар таҷрибаи амалӣ ҳам истифода мегардад. Аксиомаҳо, ки

[188] Ниг.: Глухарева, Л. И. Права человека в современном мире (социально – философские основы и государственно – правовое регулирование) / Л.И. Глухарева. М.: Юристъ, 2003. – С. 36.

вазъи расмии ҳуқуқии кӯдаконро муайян месозанд, бояд дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои кӯдак таҳия шуда, дар фаъолиятҳои давлат ва ҷомеа доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба кор гирифта шаванд.

Аз нигоҳи Ҷ. Саъдизода ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳар фард, ки таҳкурсии қавии сохтмон ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад, дар сатҳи робитаи мутақобил миёни давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон зоҳир меёбад[189]. Ба ин ақидаи Э.С. Насурдинзода низ мувофиқ аст. Аз нигоҳи муаллиф, эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ омили муҳим дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии мардум ба ҳисоб меравад[190]. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро ба имзо расонид.[191] Он гувоҳи ин матлаб аст, ки Конвенсияи мазкур санади аслӣ ва асосӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аст. Мувофиқи м. 1 Конвенсия зери мафҳуми «кӯдак» шахси воқеӣ дар назар аст, ки ба синни 18 нарасида бошад[192]. Тибқи қонунгузории Тоҷикистон низ мафҳуми «кӯдак» дорои чунин маънои ҳуқуқӣ мебошад. Барои мисол, мувофиқи қ. 1. м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва м. 55 Кодекси оилаи Тоҷикистон «шахсе кӯдак шинохта мешавад, ки ба синни ҳаждаҳ (балоғат) нарасида бошад».

Лозим ба зикр аст, ки кӯдакон чун дигар субъектҳои ҳуқуқ, аз тамоми ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд бархурдор мебошанд. Мувофиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва қонунгузориҳои миллӣ ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакро метавон ба гуруҳҳои зерин ҷудо намуд:

1. Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ.
2. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ.
3. Ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ.
4. Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ.
5. Ҳуқуқ ва озодиҳои фарҳангӣ.

Бо дар назар гирифтани ҷанбаҳои мусбии инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва муҳим будани ин иқдом, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президени кишвар Эмомали Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 21январи соли 2015 бо таъкид ба муҳим будани тақвияти таъмини ҳуқуқҳои кӯдак дар Тоҷикистон, аз ҷумла пешниҳод намуд, ки дар кишвар Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад[193]. Ин иқдоми нишондиҳандаи таваҷҷуҳ ва ғамхории махсуси Сарвари давлат

---

[189] Ниг.: Саъдизода Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право. М. Изд – во «ЮНИТИ – ДАНА», 2014. – С. 63–67.

[190] Ниг.: Насурдинов Э. С. Правовая политика в сфере прав человека и ее роль в совершенствовании правовой культуры граждан // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2014. – № 3/3 (136). – С. 82–86.

[191] Ниг.: Диноршоев А. М., Сафаров Б. А., Сафаров Д. С. Право ребенка. Учеб.пособие. Изд – во «Контраст». – Душанбе, 2013. – С. 65.

[192]Ниг.: Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак. Боқарори Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардидааст.

[193] Ниг.:Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2015. http://www.president.tj/ru/node/8137 (санаи муроҷиат: 19.04.2020).

нисбат ба таъмин ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мувофиқи м. 28 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон «агар ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла аз рӯи қарордод кор кунад ё бо розигии волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ӯ метавонад дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шавад. Дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) эълон кардани ноболиғ бо розигии ҳардуи волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо қарори мақоми васояту парасторӣ ё дар сурати набудани чунин розигӣ бо қарори суд сурат мегирад. Волидайн, фарзандхондагон ва парастор аз рӯи уҳдадориҳои ноболиғи дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) – шуда, аз ҷумла аз рӯи уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи зиёни расонидаи ӯ ба миён омадаанд, ҷавобгар нестанд. И.Ғ. Ғаффорзода доир ба ҳуқуқи субъективии кӯдакон қайд менамояд, ки хусусияти ҳуқуқдории кӯдакон дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак бо расидани синну соли муайян ҳуқуқу уҳдадории муайянро ба даст меорад ё баръакс аз даст медиҳад[194].

Дар Конвенсияи СММ асосҳои мақоми ҳуқуқии кӯдак муайян шудаанд, ки тамоми ҷанбаҳои вобаста ба фаъолияти шахсони ноболиғро дарбар мегиранд. Аз ҷумла дар он омадааст, ки шахсони ноболиғ метавонанд иштирокчии муносибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ бошанд. Қабули санадҳои қонунгузории миллӣ доир ба таҳсил ва меҳнат ба уҳдаи давлат мебошад[195].

Дар ҳолатҳои тибқи қонун пешбинишуда, вобаста ба парвандаҳои граждании дорои ҷанбаи оилавӣ, меҳнатӣ, оммавӣ ва ғайра, шахсони ноболиғи аз 16 то 18-сола метавонанд мустақилона дар суд ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя намоянд. Суд метавонад дар ҳолатҳои вобаста ба парвандаҳои дар боло зикршуда, намояндаҳои қонунии шахсони ноболиғро ба ҷавобгарӣ ҷалб намояд.

Тавре ки ба назар мерасад, вобаста ба тамоми ҳолатҳои эҳтимолӣ, механизми махсуси ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак ба кор гирифта мешавад ва вариантҳои рафтории иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, дар чаҳорчӯбаи модел ва нақшаҳои мушаххас муайян шудаанд. Ба назари мо мавзӯи дигари қонуние, ки ҳангоми баррасии муносибатҳои ҳуқуқии мазкур ба сифати конструксияи юридикӣ ба миён меояд, аз лиҳози ҳуқуқӣ ба таври дуруст аз ҳам ҷудо намудани мафҳумҳои «ҳуқуқҳои кӯдак» ва ё «ҳуқуқи ноболиғ» ба ҳисоб меравад. Табиист, ки

[194] Ниг.: Ғаффорзода И.Ғ. Баъзе паҳлуҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи оилавӣ // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ аз 8 – умииюнисоли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. –доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. –Душанбе: ЭР-граф, 2019. –С. 123–124.

[195]Ниг.:Шосаидзода Ш.Ш. Принсипҳои таъмини ҳуқуқи кӯдак мутобиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқ кӯдак // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019). – С. 168–183.

дар ин робита зарурати дар сатҳи назариявӣ таҳлил намудани муҳтавои мафҳуми «кӯдак» ва «ноболиғ» пеш меояд.

Аввалан, бояд муайян гардад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ кадом яке аз ин ду мафҳум бояд мавриди истифода қарор гирад. Зеро мафҳумҳои «кӯдак» ва «ноболиғ» ҳам дар меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳам дар меъёрҳои қонунгузориҳои миллӣ ба назар мерасанд.

Дар ибтидо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Тавре ки дар боло қайд шуд, дар м. 1 Конвенсияи СММ «Доир ба ҳуқуқҳои кӯдак» омадааст, ки ҳар шахс то расидан ба синни 18 кӯдак маҳсуб мешавад агар бар асоси қонуне, ки нисбат ба кӯдак истифода мегардад, вай ба синни балоғат нарасида бошад. Дар баъзе аз аснод, аз ҷумла, дар матни принсипҳои асосии СММ, барои пешгирӣ аз ҷинояткорӣ дар миёни ноболиғон, ҳар ду мафҳум, яъне «кӯдак», «ноболиғ» ва ҳамчунин «кӯдакон» низ истифода мешавад».[196] Бар асоси Қоидаҳои СММ доир ба ҳифзи ҳуқуқи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда, ҳамаи шахсони то синни ҳаждаҳсола нарасида шахсони ноболиғ шинохта мешаванд (б. 11 Қоидаҳо). Дастуроти ҳадди ақали стандартии СММ (Қоидаҳои Пекин[197]) доир ба риояи адолати судӣ нисбат ба шахсони ноболиғ меъёри зеринро зикр намудааст: «шахси ноболиғ кӯдак ва ё наврасе ба ҳисоб меравад, ки дар чорчӯби низоми мавҷудаи ҳуқуқӣ барои содир намудани ҷиноят ва ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ метавонад ба сурати фарққунанда аз шакли ҷавобгарии барои шахсони калонсол пешбинишуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад[198]. Аз сӯи дигар лозим ба зикр аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боби ҷудогонае дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва  мафҳуми он вуҷуд надорад ва танҳо дар м. 34 омадааст: «Модар ва кӯдак зери ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд»[199].

Дар идома, дар ин модда таъкид мешавад, ки бо мақсади омодасозии ҷавонон барои ширкат дар фаъолиятҳои истеҳсолӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳасилоти умумии махсуси миёна барои иҷрои корҳои сабуки барои саломатии хонандагон бехатар дар фурсатҳои холӣ аз раванди таълим, метавонанд дар синни 14 бо иҷозати падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳо ба кор иҷозат дода шаванд.

Дар сохтори соҳаҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои кӯдак дар чаҳорчӯбаи ин ё он соҳаи ҷудогона маҳдуд намешаванд. Барои намуна, вазъи ҳуқуқии оилавии кӯдак дар соҳаи вобаста ба ҳуқуқи оила пешбинӣ ва муқаррар шудааст.

---

196 Ниг.: Международные акты о правах человека: сб. док. / сост. В. А. Карташкип, Е. А.Лукашева. — М.: Норма, 2000. – С. 273 – 283.
197 Ниг.:Приняты резолюцией 40/33 Генеральной Ассамблеи от 29 ноября 1985 года
198 Ниг.: Международные акты о правах человека: сб. док. / сост. В. А. Карташкип, Е. А. Лукашева. — М.: Норма, 2000. – С. 284 – 285.
199 Ниг.: Контитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.

Пешбинӣ шудани муқаррароти ҷудогона доир ба ҳуқуқҳои кӯдак дар санадҳои қонунгузории мухталиф, нишондиҳанда ва баёнгари ҷанбаи умумӣ ва комплексӣ доштани ҳуқуқҳои кӯдак мебошад. Б.А. Сафарзода қайд менамояд, ки мутобиқи қонунгузории ҷорӣ фароҳам сохтани шароити мусоид барои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, аз ҷумла, ҳифзи меҳнати кӯдакон, яке аз вазифаҳои асосии давлат маҳсуб дониста шуда, барои таҳкими минбаъдаи заминаҳои меъёрии ҳуқуқии бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсон дар ҷараёни меҳнат мусоидат хоҳад кард[200]. Аз нигоҳи мо, ҷанбаи мутаносиби ин ду мафҳум, яъне маҳдуд будани замони амал ва ҷанбаи комплексӣ доштан) имкони васеи таснифоти ҳуқуқҳои кӯдакро дар илми ҳуқуқшиносӣ фароҳам меоваранд.

Ба назари мо, аввалан, категорияҳои мазкури ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷиҳати сохторӣ бо тамоми низоми ҳуқуқи инсон, ба истилоҳ ҳуқуқу озодиҳои умумии ҳамаи шаҳрвандон мутобиқат ва ҳамоҳангӣ доранд. Нуктаи дуюм ба ин матлаб бармегардад, категорияҳои зикршудаи ҳуқуқӣ, усулан дар бештари мавридҳо, ба кӯдакон ва наврасони то 18-сола хос мебошанд.

Бинобар ин, метавон категория ва ё гуруҳи мушаххаси ҳуқуқро аз рӯи аломати соҳавӣ, ки мувофиқи он гурӯҳи ҳуқуқҳо ба соҳаҳои конститутсионӣ, граждани, ҷиноятӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра тақсим мешаванд, муайян намуд. Категорияҳои ҳуқуқиеро, ки аз рӯи характери худ ба гурӯҳи моддӣ ва мурофиавӣ тақсим мешаванд, метавон ба гурӯҳи дигари алоҳидаи ҳуқуқ дохил намуд. Категорияҳои дар боло зикршударо ба таври муфассалтар дида мебароем.

Ҷудосозии ҳуқуқҳои шахсони ноболиғ бо дар назар гирифтани соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, ки манфиату ниёзмандиҳои афрод дар онҳо амалӣ мегардад, яке аз меъёрҳои умумии пазируфташуда ҳангоми таснифот ва ҷудосозии категорияҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ба кор гирифтани чунин тақсимот дар робита ба ҳуқуқи шахсони ноболиғ, набояд фаромӯш кард, ки як қисми ҳуқуқҳои онҳо бо меъёрҳои умумии ҳуқуқи инсон мутобиқат менамоянд ва аз сӯи дигар, як қисми дигари онҳо ба таври истисноӣ ба шахсони то синни 18-сола хос мебошанд. Ғайр аз ин лозим ба зикр аст, ки як қисм аз ҳуқуқҳои худро, шахсони ноболиғ наметавонанд то расидан ба синни 18-солагӣ татбиқ намоянд. Мушаххасан, дар ин маврид, ҳуқуқҳое мадди назар аст, ки нисбати онҳо нишондиҳандаи муайяни синну солӣ муқаррар шудааст.

Бо дар назар гирифтани ин хусусият, ки марзи мавҷуд миёни категорияҳои ҳуқуқ ва озодиҳои дар боло зикршуда нисбатан шартист, чунин тақсимотро тавассути ҷудо кардани зергурӯҳи ҳуқуқ ва озодиҳо аз рӯи рисолати иҷтимоии онҳо муайян месозем. Амалан ҳуқуқу озодиҳои

---

[200]Ниг.:Сафарзода Б А. Меҳнати кӯдакон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он дар Тоҷикистон // Сафарзода Б А. Шосаидзода Ш.Ш. Ҳаёти ҳуқуқӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – №3 (31). – Душанбе, 2020. – 57–65.

мушаххаси зиёде метавонанд ба таври ҳамзамон ба ду категорияи ҷудогона нисбат дода шаванд.

Чунин вижагиро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Ҳуқуқҳои инфиродӣ маҷмӯи салоҳиятҳои ҳуқуқие мебошанд, ки зимни таъмин намудани асолати фардии шахсият дар муносибати вай бо давлат ва ҷомеа, асосҳои ибтидоии ҳуқуқиро инъикос менамоянд. Ба категорияи мазкур метавон ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя аз шаъну шарафи худ, ҳуқуқ ба мукотибаи маҳрамона, гуфтугӯи телефонӣ, ҳар гуна маълумот тавассути почта ва телеграф, ҳуқуқ ба ҳар навъ ҳаракати озодона, ҳуқуқ ба интихоби маҳалли сафар ва маҳалли зиндагӣ ва ғайраро дохил намуд. Аз ҳуқуқҳои пешбинишуда дар Конвенсияи СММ «Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак», ба ин гурӯҳ метавон ҳуқуқ ба инкишофи солим (м. 6), ҳуқуқ ба доштани ном (м. 7) , ҳуқуқҳои кӯдак ба доштани фардият ё шахсияти худ, ба шумули ном ва муносибатҳои оилавӣ (м. 8), ҳуқуқ ба ҷудо нашудан аз падару модар бархилофи хоҳиши онҳо, (ба истисноии ҳолатҳое, ки мақомоти босалоҳият мувофиқи қарори суд муайян менамоянд, ки аз оила ҷудо гардидани кӯдак ба нафъи таъмини манфиатҳои кӯдак мебошад), ҳуқуқ ба муошират бо волидайни худ (м. 9, м. 10)-ро дохил намуд.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи дар боло зикр шуд, метавон принсипҳои асосии татбиқи ҳуқуқҳои кӯдакро муайян намуд, ки дар ин миён метавонем принсипҳои зеринро қайд намоем: принсип ё усули ҳимояи махсуси давлатии ҳуқуқҳои кӯдак, принсипи оммавияти ҳуқуқҳои кӯдак.

Бар ин асос, мо таснифоти ҳуқуқии ҳуқуқҳои кӯдакро аз рӯи меъёрҳои мухталиф, мушаххасан аз рӯи соҳаҳои фаъолият дар ҷомеа, аз рӯи характери ҳуқуқ, аз рӯи соҳаҳои ҳуқуқ, аз рӯи категорияи шахсони ноболиғ ва дараҷаи эҳтиёҷи онҳо ба ҳимояи махсус муайян намудаем. Аз нигоҳи мо таснифи аслӣ ва муҳим чунин таснифест, ки бар асоси он ҳуқуқҳои кӯдак аз рӯи соҳаҳои мушаххаси фаъолият дар ҷомеа, ба ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва иттилоотӣ ҷудо мешаванд. Вобаста ба категорияи ноболиғони ниёзманд ба дастгирӣ ва ҳимояи махсус, ҳуқуқҳои кӯдак ҷудо мешаванд ба: ҳуқуқҳои кӯдакони аз парасторӣ ва нигоҳубини падару модар маҳрумшуда, ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб, ҳуқуқҳои кӯдакони аз ҷангу муноқишаҳои мусаллаҳонаи дохилӣ ва байниқавмӣ, фалокатҳои экологӣ ва техногенӣ ва офатҳои табиӣ зарардида, ҳуқуқҳои фарзандони оилаҳои муҳоҷир ва муҳоҷирони иҷборӣ, ҳуқуқҳои кӯдакони қурбонии зӯроварӣ, ҳуқуқҳои кӯдакони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда, ҳуқуқҳои кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда, ки давраи адои ҷазои худро дар муассисаҳои ислоҳӣ мегузаронанд ва ғайра.

Ҳамин тавр, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак омили муҳим дар ташаккул ва эҷоди фазои мусоид барои фаъолият ва зиндагӣ ба ҳисоб рафта, раванди

собиту пойдори рушди ҳамоҳанг ва ҳамаҷонибаи шахсиятро дар чорчӯби фазои ҳуқуқӣ таъмин месозад.

**Адабиёт:**

1. Алексеев, С.С. Юридические конструкции – ключевое звено права [Текст] / С.С. Алексеев // Цивилистические записки: меж вуз. сб. науч. тр. – М.: Статут, 2001. – 302 с.

2. Глухарева Л.И. Методологические аспекты развития теории прав человека. // Государство и право. – 2006. – № 3.

3.Ғаффорзода И.Ғ. Баъзе паҳлуҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи оилавӣ // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ аз 8 – умииюнисоли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. –доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор. –Душанбе: ЭР- граф, 2019.

4. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С., Права ребенка / Под.ред. А.М. Диноршоева, 1 – е изд. Душанбе, 2013.

5. Контитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.

6. Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак. Боқарори Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардидааст.

7. Международные акты о правах человека: сб. док. / сост. В. А. Карташкип, Е. А.Лукашева. — М.: Норма, 2000.

8. Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография // отв. ред. Ф. Т. Тахиров. – М.: Норма, 2014.

9.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2015. http://www.president.tj/ru/node/8137 (санаи муроҷиат: 19.04.2020).

10. Приняты резолюцией 40/33 Генеральной Ассамблеи от 29 ноября 1985 года.

11. Раёсати омори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи парвандаҳои оилавии Суди Олии ҶТ //– Душанбе, 2020.

12.Сативалдыев Р.Ш. Теория государства и права: учебник для вузов. – Душанбе: Империал – групп, 2014. – С.194.

13. Сафарзода Б А. Меҳнати кӯдакон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он дар Тоҷикистон // Сафарзода Б А. Шосаидзода Ш.Ш. Ҳаёти ҳуқуқӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – №3 (31). – Душанбе, 2020.

14. Саъдизода Дж. Правовая культура и культура прав человека: теоретический анализ // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – № 3 / 7 (99). – Душанбе: Сино, 2012. – На тадж. языке.

15. Саъдизода Дж. Культура прав человека как государственная гарантия обеспечения прав и свобод человека // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. Часть 2. – № 3 / 7 (124). – Душанбе: Сино, 2013. – На тадж. языке.

16. Шосаидзода Ш.Ш. Принсипҳои таъмини ҳуқуқи кӯдак мутобиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқ кӯдак // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019).

# ИНКИШОФИ АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ МАФҲУМИ «ҚОНУНИЯТ»

**Зайниддинзода А.К.,**
унвонҷуи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** (+992) 927773414
**E-mail:** ardasherzainiddinov@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Шарофзода Р.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
**Муқарриз:** Куканов А.З., номзади илмҳои ҳуқуқ дотсент

***Фишурда:*** Дар мақола инкишофи асосҳои илмӣ-методологии мафҳуми қонуният таҳқиқ мешавад. Муаллиф дар доираи мақола кушиш намудааст, ки паҳлуҳои мухталифи мавзуи мазкурро ифшо намояд. Масъалаи қонуният то замони пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъд аз он таҳлил мешавад. Мафҳуми муаллифии қонуният ҳамчун принсипи ташкил ва фаъолияти давлати демократии ҳуқуқбунёд, ғояи асосии иборат аз талаботи ирсолшаванда ба доираи муайяни субъектҳо асоснок карда мешавад. Дар ҷараёни таҳқиқот санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва андешаҳои муҳаққиқони соҳа истифода шудаанд, ки барои таҳлили васеъи мавзуи мазкур равшанӣ меандозад.

***Калидвожаҳо:*** қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, принсипҳои қонуният, танзими ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, муносибати байни давлат ва шахс.

# РАЗВИТИЕ НАУЧНО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИХ ОСНОВ КОНЦЕПЦИИ ЗАКОННОСТИ

**Зайниддинзода А.К.,**
соискатель кафедры теория и история права и государство юридического факультета ТНУ
**Тел.:** (+992) 927773414
**E-mail.:** ardasherzainiddinov@mail.ru

**Научный руководитель:** Шарофзода Р.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Куканов А.З., кандидант юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье исследуется развитие научно-методологических основ концепции законности. В статье автор попытался раскрыть различные аспекты данной темы. Проблема законности исследуется в контексте ее развития до и после распада Советского Союза. Обосновывается авторское определение законности как принципа

организации и функционирования демократического государства, основанного на верховенстве закона, основной идеи, состоящей из определенных требований, и нацеленной на определенный круг субъектов. В процессе исследования использованы нормативные правовые акты и суждения исследователей данной области, раскрывающие суть данной темы.

**Ключевые слова:** законность, правопорядок, принципы законности, правовое регулирование, правосознание, правовая культура, взаимоотношение государства и личности.

## DEVELOPMENT OF SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL BASIS OF THE CONCEPT OF LEGALITY

**Zayniddinzoda A.K.,**
applicant of the department theory and history of law and state Faculty of Law, TNU
**Phone:** (+992) 927773414
**E-mail:** ardasherzainiddinov@mail.ru

**Research supervisor:** Sharofzoda R.SH., doctor of law, professor
**Reviewer:** Kukanov A.Z., kandidat of law

**Annotation:** The article examines the development of scientific and methodological bases of the concept of legality. In the context of the article, the author has tried to reveal various aspects of this topic. The issue of legitimacy was analyzed before and after the collapse of the Soviet Union. At the same time, according to the author, the rule of law is the principle of organization and operation of a democratic state based on the rule of law, the main idea, which consists of certain requirements and is aimed at a certain range of subjects. Also, in the process of studying the topic, a number of legal documents and opinions of researchers in the field were used, which shed light on a broad analysis of the topic.

**Keywords:** legality, legal order, principles of legality, legal regulation, legal consciousness, legal culture, relations between the state and the individual.

Қонуният барои илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи анъанавӣ мебошад. Қонуният ҳамчун асоси тартиботи ҳуқуқӣ, муҳимтарин шарт ва хусусияти ҳаётиву давлатӣ ва ҷамъиятӣ муддатҳои тулонӣ аз ҷониби олимони зиёд мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи давлати шӯравӣ мафҳум ва сатҳи қонуният вобаста ба омилҳои сиёсию идеологӣ, ҳамзамон муқаррар намудани он дар меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар ҳолатҳо моҳияту фаҳмиши навро ба худ касб карда, самти нав пайдо

намуд. Чунин вазъ, дар навбати худ, боиси пешниҳоди мафҳумҳои гуногуни назариявии он мегардад[201].

Омилҳои зиёд ба дарки муосири қонуният таъсири назаррас мерасонанд. Ҳангоми баррасии ақидаҳои муосир оид ба падидаи қонуният зарурати таҳлили ақидаҳо ва назарияҳои гуногун, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудаанд, инчунин омӯзиши тамоюл ва қонунҳои инкишофи мафҳуми қонуният бо назардошти таҷрибаи давраи гузашта эҳсос мегардад[202].

Ҳанӯз дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ бо мақсади ҳимояи манфиатҳои сохти нави сиёсӣ зарурати дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷорӣ намудани қонунияти инқилобии сотсиалистӣ ба миён меояд. Он мебоист ҳамчун воситаи пахш намудани муқобилияти сармоядорони куҳнаи буржуазӣ ва мустаҳкам намудани сохти нави инқилобӣ баромад намояд[203]. Нуктаҳои ибтидоии ташаккули қонунияти инқилобӣ дар барномаҳои ҳизби болшевикон баён карда мешаванд. Дар ҳамон давра мақоми роҳбарикунанда ва пешбарикунанда дар самти асосноккунии назариявӣ ва ташаккули асосҳои қонунияти сотсиалистӣ ба В. Ленин тааллуқ дошт. Ба назари ӯ, қонуният принсип ва усули амалӣ намудани диктатураи пролетариат мебошад[204].

Кабули Қонуни асосии давлати сотсиалистӣ – Конститутсияи соли 1918, Қарори Съезди VI умумироссиягии шӯроҳо "Дар бораи қонунияти инқилобӣ" аз 8 ноябри соли 1918 ба паҳн шудани ғояи қонунияти инқилобӣ мусоидат намуд. Аксарияти муқарраротӣ ин санадҳо ба таъмини волоияти қонун дар фаъолияти мақомотҳои гуногуни давлати шӯравӣ равона шуда буданд. Дар асоси муқаррароти ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи соли 1918 ифода ёфтаанд, Комиссари халқии адлияи РСФСР Д. Курский аввалин шуда, қонуниятро ҳамчун принсипи фаъолияти дастгоҳи давлати сотсиалистӣ тавсиф медиҳад[205].

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ ва интервентсияи хориҷӣ қонунияти инқилобӣ ҳамчун ягона усули имконпазири амалӣ гардонидани ҳокимияти давлати сотсиалистӣ пазируфта мешавад. Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ ба таҳлили яке аз ҷанбаҳои асосии қонунияти инқилобӣ - хусусияти синфии он таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Чунончи, П. Стучка таъкид мекунад, ки шакли қонуният аз мазмуни он вобастагӣ дошта, аз ҷониби табақаи ҳукмрон ҳифз ва амалӣ мегардад[206]. Ба андешаи В.М. Куритсин, маҳз дар қонунҳое, ки ифодаи сиёсати синфи ҳукмрон мебошанд, мазмуни қонуният инъикос мегардад. Чунин андешаро Е. Пашуканис низ дастгирӣ мекунад[207].

---

[201] Ниг.: Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. М., 2013. С. 409.
[202] Ниг.:Чхиквадзе В.М. Актуальные проблемы советской юридической науки. М., 1967. С. 54–62; Звягинцев А.Г., Орлов Ю.Г. Око государево: в 4 т. Т. 1: Российские прокуроры. М., 1998. С. 14; Законность в Российской Федерации. М., 2008. С. 3–5; Рабинович П.М. Проблемы теории законности развитого социализма. Львов, 1979. С. 110–139; Рабинович П.П.
[203] Ниг.: Рабинович П.П. Упрочение законности – закономерность социализма. С. 93; Чхиквадзе В.М. Актуальные проблемы советской юридической науки. М., 1967. С. 54-62.
[204] Ниг.: Ленин В.И. Очередные задачи советской власти. Два мира // Полн. собр. соч. Т. 36. С. 174.
[205] Ниг.: Курский Д.И. Избранные статьи и речи. М., 1958. С. 45. 20.
[206] Ниг.: Энциклопедия государства и права / под ред. П.И. Стучка. Т. 1. М., 1927. С. 826.
[207] Ниг.: Курицын В.М. Переход к НЭПу и революционная законность. М., 1972. С. 20–22.

Пас аз қабули Конститутсияи соли 1924 истилоҳи «диктатураи қонун» расман истифода мешавад. Он волоияти қонунро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётиву ҷамъиятӣ дар назар дорад. Ба ақидаи В.И. Ленин, қонун ифодаи иродаи синфҳое мебошад, ки ғалаба ба даст оварда, ҳокимияти давлатиро дар дасти худ нигоҳ медоранд[208]. Н.В. Крыленко қонунияти инқилобиро ҳамчун талаби иҷро ва оқилонаи қонунҳои инқилобӣ шарҳ медиҳад.

5 декабри соли 1936 Съезди фавқулоддаи VIII Шӯроҳо Конститутсияи (Қонуни асосии) ИҶШС-ро қабул мекунад. Дар моддаҳои 38-40, 112, 113 Конститутсияи ИҶШС ба қонунҳо диққати калон дода мешавад. Дар робита бо муқаррароти мазкур дар илм оид ба мафҳуми қонуният тағйироти муайян ба миён меояд. Ақидаи мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ба принсипи волоияти қонун пазируфта мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ба тарҳрезии консепсияи қонунияти инқилобӣ аз нуқтаи назари моҳияти синфӣ ва нақши он дар таъмини диктатураи пролетариат, инчунин робитаи қонунияти инқилобӣ ва қонунгузории шӯравӣ диққати калон дода мешавад. Қонуният ба ҳайси меъёри фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдори ҳокимияти шӯравӣ пазируфта мешавад.

Марҳалаи нави инкишофи ғояҳои қонунияти сотсиалистӣ ба нимаи аввали солҳои 1950-ум рост меояд. Дар ин давра мубориза ба муқобили парастиши шахсияти И.В. Сталин авҷ мегирад. Дар ин давра Низомномаи нав дар бораи назорати прокурорӣ қабул карда мешавад. Дар он ҳуқуқҳои прокурор дар соҳаи назорати қонуният мустаҳкам карда шуда, барои ҳифзи шаҳрвандон, ки аз таъқиботи сиёсӣ ва беҳуқуқӣ азоб мекашидаанд, чораҳои зарурӣ пешбинӣ мешаванд[209].

Инкишофи демократияи сотсиалистӣ ва таъмини қонуният баъд аз съезди XX-уми Ҳизби коммунистӣ дар соли 1956 вусъати махсусан васеъ пайдо мекунад[210]. Дар Қарори съезди XX-уми ҳизбӣ "Оид ба маърузаи хисоботии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ" мафҳуми нави қонуният, аз ҷумла қонунияти советии сотсиалистӣ зикр гардида, мафҳуми "қонунияти инқилобӣ" дигар истифода намешавад.

Инкишофи демократияи сотсиалистӣ барои ташаккули консепсияи қонуният заминаи муайян мегузорад. Дар ин бобат гузариши таърихӣ аз давлати диктатураи пролетариат ба давлати халқӣ, ба давлати ифодакунандаи ирода ва манфиатҳои тамоми халқ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар давраи диктатураи пролетариат қонуният мазмуни синфии пролетарӣ дошт. Дар давраи бунёди васеи

[208] Ниг.: Тархов В.А. В.И. Ленин о законодательстве и праве // Вопросы теории государства и права. Актуальные проблемы теории социалистического государства и права: межвузовский научный сборник. Саратов, 1983. С. 73–74.

[9] Ниг.: Крыленко Н.В. Что такое революционная законность? М.- Л., 1927. С. 29.

[10] Ниг.: Конституция общенародного государства: сборник / под общ. ред. К.М. Боголюбова, М.С. Смиртюкова. М., 1978. С. 31. 22

[209] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР. 1955. № 9. Ст. 122; см. также: Львов А.Г., Фролов В.В. Проблемы обеспечения законности в России // История государства и права. 2005. № 2. С. 7.

[210] Ниг.: Постановление ЦК КПСС от 30 июня1956 г. «О преодолении культа личности и его последствий». М.: Политиздат. 1956. С. 1–31. 24.

коммунизм бошад, ин падида дар робита бо ғояи давлати умумихалқӣ мазмуни нав пайдо мекунад. Ба андешаи муҳаққиқони ин давра, дар чунин давлат мазмуни қонуният аз моҳияти сохти сотсиалистӣ, асоси иқтисодии он, хусусияти демократии ҳокимияти давлатӣ бармеояд. Дар илми ҳуқуқшиносии он давра қонуният тавассути категорияҳои принсип, усул ва система (низом) таҳқиқ карда мешавад. Ҳамаи мақомоти давлати шӯравии умумихалқӣ вазифадор буданд, ки дар асоси қонунияти сотсиалистӣ фаъолият намоянд. Ин меъёр бевосита дар моддаи 4-уми Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 зикр мешавад.

Ҳамзамон бо ин, вазифаҳои умумӣ ва баробар дар хусуси риоя намудани қонунҳо ба зимаи шаҳрвандони давлати сотсиалистӣ низ гузошта мешавад. Бо назардошти чунин омилҳо, дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ муносибат ба қонуният ҳамчун принсипи фаъолияти ҳамаи иштироккунандагони муносибатҳои ҷамъиятӣ пазируфта мешавад. Ин ҳолат бевосита ба ақидаи В.И. Ленин, ки дар ин хусус пешниҳод карда буд, мувофиқат дошт. Дар баробари ин, И.С. Самошенко пешниҳод мекунад, ки ба консепсияи қонуният «пешгирии ҳама гуна зулм нисбат ба шаҳрвандон аз тарафи мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор» дохил карда шавад[211]. Қонуният ба ҳайси принсипи иҷрои вазифаҳои давлатӣ (В. И. Ремнев), принсипи фаъолияти мақомоти марказию маҳаллии давлатӣ ва шахсони мансабдор (В.А. Лукашева), усули роҳбарикунандаи давлат (Н. Г. Александров) баён мегардад[212].

Аз миёнаҳои солхои 1950-ум инҷониб дар илм қонуният ба воситаи категорияи "система" ("низом") муфассалтар омухта шуда, ҳамчун режими қонунияти сотсиалистӣ эътироф мешавад. Ба ақидаи ҳуқуқшиносони шӯравӣ, волоияти қонун воситаи таъмини робитаи муътадили байни мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ буда, риояи тарафайни қонунҳоро аз тарафи субъектҳои зикршуда дар назар дорад. Дар робита бо ин моҳияти қонуният муайян карда мешавад. Чунончи, ба андешаи А. Пиголкин, қонунияти сотсиалистӣ воситаи танзими муносибатҳои чамъиятӣ мебошад, ки дар самти иҷрои дақиқ ва бемайлони қонунҳо ва дигар санадҳо аз тарафи ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор, муассисаҳо ва ташкилотҳо, пешгирии ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, назорати катъӣ аз болои ичрои бечунучарои амрҳои мақомотҳои давлатӣ истифода мегардад[213].

Дар ҷомеаи нави демократӣ қонуният ҳамчун режими демократияи сотсиалистӣ бахри таъмини манфиатҳои аксарияти аҳолӣ тавсиф мегардад.

[211] Ниг.: Самощенко И.С. Охрана режима законности Советским государством. М., 1960. С. 14.
[212] Ниг.: Ремнев В.И. Законность в государственном управлении // Актуальные проблемы государствоведения. М., 1979. С. 107; Матвеева В.А. Конституционный принцип социалистической законности: дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 1988. С. 137–147; Лукашева Е.А. Роль социалистического правосознания народных масс в установлении, развитии и укреплении социалистической законности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. М., 1954. С. 2–4; Александров Н.Г. Социалистическая законность // Теория государства и права / под ред. Н.Г. Александрова. М., 1968. С. 382. 26
[213] Ниг.: Пиголкин А.С. Закон обязателен для всех. М., 1971. С. 38.

Ин ҳолат бевосита аз муқаррароти Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 бармеояд[214].

Ба ақидаи ҳуқуқшиносони шӯравӣ, қонуният ҳамчун унсури режими нави сиёсӣ имкон медиҳад, ки муҳити маънавию сиёсӣ баҳри волоияти қонунҳои демократии қабулшуда дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, иҷрои онҳо аз тарафи ҳама фароҳам оварда шавад. Қонуният ҳам бо татбиқи қонунҳо ва ҳам бо таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон алоқаманд карда шуда, робитаи қонуният ва иҷрои вазифаҳои субъективӣ пазируфта мешавад. Ин ақидаҳои илмӣ имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Асосгузорони марксизм-ленинизм чунин мешумориданд, ки дарки дурусти ҳама гуна падидаи ҷамъиятӣ танҳо дар ҳолати таҳлили он бо муносибатҳои иқтисодӣ имконпазир мегардад. Дар робита ба ин, дар адабиёти илмӣ қонуният ҳамчун шакли ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ тавсиф мегардад.

Ақидаҳо пешниҳод мешаванд, ки моҳияти қонуниятро танҳо бо талаби риояи қонун маҳдуд намудан лозим нест. Чунин андешаро аз ҳама равшантар Л. Явич ифода мекунад[215]. Ба андешаи ӯ, мафҳуми қонуният на танҳо иҷрои қонунро дар фаъолияти муайян, балки мутобиқати фаъолиятро ба қонун дар назар дорад. Чунин андешаҳоро намояндагони дигари илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ низ баён кардаанд. Бояд зикр кард, ки чунин ақидаҳо имрӯз низ вуҷуд доранд.

Дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ ба масъалаи инкишофи қонуният ҳамчун принсипи ҳуқуқ диққати калон дода мешавад. Чунончӣ М.А. Матвеева қонуниятро ҳамчун принсипи сохти ҷамъиятӣ, муносибати байни давлат ва шахс, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо тавсиф медиҳад[216].

Дар ИҶШС тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба консепсияи давлатдории мутамаркази сотсиалистӣ асос ёфта буданд, ҳокимияти давлатӣ аз боло то поён бо қонунҳо кафолат дода мешуд. Дар илми ҳуқуқшиносии замони шӯравӣ робитаи қонуният бо ҳуқуқ ва қонунгузорӣ пазируфта мешавад. Қонунгузории шӯравӣ ҳамчун асоси қонунияти шӯравӣ эътироф карда мешавад. Таъкид мегардад, ки маҳз қонунгузорӣ барои таъмини волоияти қонун аҳамият дорад, риоя ва иҷрои қонунҳо моҳияти қонуниятро ташкил медиҳад.

Дар давраи азнавсозии сотсиалистӣ, ислоҳоти сиёсӣ ва тағйири тафаккури ҳуқуқӣ ақидаҳои нав оид ба қонуният пешкаш мешаванд. Ислоҳот сохти конститутсионӣ зарурати таҷдиди назариявии моҳияти

---

[214] Ниг.: Конституция (Основной закон) Союза советских социалистических республик 1977 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. 1977. № 41. Ст. 617; Конституция (Основной закон) РСФСР 1978 г. // Ведомости Верховного Совета РСФСР. 1978. № 15. Ст. 407. 27

[215] Ниг. : Общая теория советского права / под ред. С.Н. Братуся, И.С. Самощенко. М., 1966. С. 352–353; Явич Л.С. Право и общественные отношения (основные аспекты содержания и формы российского права). М., 1971. С. 42.

[216] Ниг.: Матвеева М.А. Конституционный принцип социалистической законности: дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 1988. С. 3–202. 29

қонунияти сотсиалистиро дар иртибот бо принсипи қонунияти давлати ҳуқуқбунёд талаб мекард.

Дар давраи пасошӯравӣ назарияҳои нав оид ба мафҳуми қонуният пешниҳод карда мешаванд. Тавсифи нави қонуният дар конститутсияҳои давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 баён мегардад. Мафҳуми принсипи қонуният дар м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мешавад. Кишварҳои пасошӯравӣ роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифта, ислоҳоти идоракунии давлатиро дар робита бо принсипи қонуният ба роҳ мемонанд.

Дар илми муосир оид ба моҳияти падидаи қонуният андешаҳои зиёди гуногун пешкаш гардида, ба паҳлуҳои функсионалӣ, идеологӣ ва сиёсии он таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Дар ин росто, қонуният ҳамчун усули амалигардонии вазифаҳо ва функсияҳои давлат, принсипи хифзи ҳуқуқҳои инсон, принсипи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ ва дигари ҳуқуқӣ дар робита бо шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад. Як қатор муаллифон қониятро ҳамчун шакли ҳуқуқии ифодаи ғояи адолат, муносибати арзишӣ ба қонунҳо дар фаъолияти амалӣ ва ҳаёти ҳамарӯзаи одамон баҳо медиҳанд[217].

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир муносибат ба қонуният ҳамчун принсип, усул ва режим бештар мушоҳида мешавад. Қонуният ҳамчун усули амалисозии ҳокимияти давлатӣ, принсипи конститутсионии ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди низоми давлатӣ-ҳуқуқӣ эътироф карда шудааст. Ин мафҳум ба ғояи волоияти қонун, риояи бечунучарои он аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ асос меёбад.

Имрӯз усулҳои нави қонуният муайян ва истифода мешаванд. Чунончи, ба ақидаи В.С. Эбзеев: қонуният «қисми дахлнопазири конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаётӣ давлатӣ дахл дорад»[218]. Дар ин замина В.Е. Чиркин қониятро ҳамчун принсипи ҳуқуқӣ, асоси танзими ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва болоравии сатҳи шуури ҳуқуқӣ шарҳ медиҳад[219].

В.А. Лебедев қониятро ҳамчун падидаи мураккаби сиёсию ҳуқуқи муайян мекунад. Он шакли ҳуқуқии ташкили ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, ҳамзамон маҷмуан муносибатҳои ҳуқуқӣ ва давлатиро инъикос менамояд[220]. Дар давраи пасошӯравӣ масъалаи консепсияи қонуният, тағйироти ҷиддии фаҳмиши ин падида дар сатҳи илмӣ-назариявӣ бо дарки ғояи давлати иҷтимоӣ алоқаманд аст. Сиёсати давлати иҷтимоӣ ба фароҳам овардани шароите, ки ҳаёти шоиста ва инкишофи озодонаи

---

[217] Ниг. : Комаров С.А., Малько А.В. Теория государства и права: учебник. М., 2004. С. 376; Любашиц В.Я., Мордовцев А.Ю., Тимошенко И.В., Шапсугов Д.Ю. Теория государства и права: учебник. М., 2003. С. 613.

[218] Ниг.: Эбзеев Б.С. Конституция. Правовое государство. Конституционный Суд: учебное пособие. М., 1997. С. 96.

[219] Ниг.: Чиркин В.Е. О базовых ценностях российской Конституции (к 20-летию Конституции России) // Государство и право. 2013. № 12. С. 18–25.

[220] Ниг.: Лебедев В.А., Маркина Е.А. Теория государства и права: учебное пособие: конспект лекций. М., 2003. С. 141.

[23] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва хуқуқ. – Душанбе: «Сино», 2018. – 720 саҳ.

инсонро фароҳам меорад, нигаронида шудааст. Ба мазмуни қонуният ба ҳайси унсури асосӣ, дар баробари уҳдадории риояи қонунҳо аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин талаботи чамъият нисбат ба давлат дар самти таъмин, кафолат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дохил карда мешавад.

Профессор Шарофзода Р.Ш. мафҳуми зерини қонуниятро пешниҳод мекунад: "Қонуният – риоя ва иҷрои ҳатмӣ ва бемайлони қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини волоияти қонун дар давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сомон мерасад".

Тавре профессор Шарофзода Р.Ш. қайд мекунад, қонуният чун мафҳуми ҳуқуқӣ *хусусиятҳои* зерин дорад:

1. Қонуният маънои *риоя* ва *иҷрои* –Конститутсия ва қонунҳоро дорад (мафҳуми конститутсионӣ-ҳуқуқии қонуният).
2. Қонуният риоя ва иҷрои *қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуниро* талаб мекунад (мафҳуми васеи қонуният).
3. Риоя ва иҷрои *ҳатмӣ* ва *бемайлони* қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ талаби қонуният маҳсуб мешавад.
4. Қонуният риоя ва иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунро дар фаъолияти *ҳамаи субъектҳо* дар назар дорад.
5. Қонуният бо мақсади таъмини *волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ* таъмин мегардад.
6. Қонуният заминаи *интизом, тартибот, устуворӣ, пойдорӣ, сулҳу суботи ҷомеа* мебошад.
7. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ дар шароити имрӯза ҳуқуқҳои фитрии инсон, хираднокӣ, адолат, озодӣ ва дигар талаботи фитрӣ-ҳуқуқиро ифода мекунанд ва аз ин хотир, арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, аз он ҷумла талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ унсури таркибии мафҳуми қонуният мебошанд.
8. Қонуният риоя ва иҷрои меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти созишномаҳои байналмилалиро бо дарназардошти ҷузъи низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ будани *санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда* дар назар дорад.

[256] См.: Матузов М.И. Правовая система и личность. -Саратов, 1987. -С. 131.

[257] Менглиев Ш. Неимущественные отношения: регулируются или охраняются//Госуд. и право. – Душанбе, 2003. - №1. – С.56.

гигиены труда, конкретизирует их: правила и инструкции по охране труда; специальные нормы о компенсациях и льготах для лиц, работающих в тяжелых, вредных или опасных условиях; нормы об охране труда женщин, несовершеннолетних и лиц с пониженной трудоспособностью; нормы, регулирующие организацию работы по охране труда; правила расследования и учета несчастных случаев на производстве. [258] .

По мнению Р.Б. Бозорва сущность охраны труда состоит в том, что посредством ее обеспечения в организациях и предприятиях нормально функционирует процесс труда[259].

Не вдаваясь в подробности споров, имеющихся в юридической литературе, отметить, что правовая охрана субъективного права включает в себя систему различных юридических мер, обеспечивающих нормальный ход реализации прав.

В связи с этим, вряд ли можно полностью согласиться с авторами,[260] которые полагают, что о защите права можно говорить, когда идет речь о применении мер правоохранительного характера с помощью юрисдикционного вмешательства соответствующего органа, наделенного специальными полномочиями.

Следует иметь в виду, что в целом правовая защита действительно невозможна помимо деятельности уполномоченных государственных органов. Однако, как мы видим, подобное определение правовой защиты исключает такие моменты, как неюрисдикционные формы защиты прав.

Как известно, возможности применения заинтересованным лицом способов защиты прав, предусмотренные законодательством для правонарушителя, неразрывно связаны с характером самого защищаемого субъективного права. В связи с этим правильно отмечается, что «с материально-правовой точки зрения право на защиту следует рассматривать как одно из правомочий субъективного права».[261] Поэтому применяемые формы защиты прав в порядке, установленном законодательством, могут быть использованы заинтересованным лицом самостоятельно. То есть, принцип диспозитивности в осуществлении гражданином своих прав создает ему возможность самому решать вопрос о целесообразности в каждом конкретном случае обращения за защитой. Следовательно, потерпевший может использовать и неюрисдикционную форму защиты прав как самозащиту. В связи с этим, такое понимание права на защиту, как возможность применения в отношении правонарушителя только принудительного воздействия путем обращения к юрисдикционным органам, представляется чрезмерно узким, не охватывающим неюрисдикционную форму защиты.

---

[258] См.: Трудовое право. Учебник. М., ПБОЮЛ Гриженко Е.М., 2001. С. 309.

[259] См.: Бозоров Р.Б. Трудовое право Республики Таджикистан: Учебное пособие. Типография ТНУ. Душанбе, 2014. С. 153.

[260] См.: Вопросы развития теории гражданского процессуального права /Под ред. С.А.Ивановой и М.К.Треушникова. – М.: Изд-во Моск. Ун-та, 1981. – С.25; Басин Ю.Г., Диденко А.Г. Защита субъективных гражданских прав// Юридические науки. Вып.1. – Алма-ата, 1971. – С.4.

[261] Грибанов В.П. Осуществление и защита гражданских прав. – М.: Статут, 2001. – С.106.

Изложенное свидетельствует о том, что защита субъективных прав может осуществляться не только юрисдикционными, но и неюрисдикционными формами.

Естественно, субъективное право, предоставленное лицу, но не обеспеченное от нарушения необходимыми средствами защиты, как отмечается в юридической литературе, является лишь «декларативным правом».[262] В тех случаях, когда между субъектами возникают разногласия по поводу существующих прав и обязанностей, требуется вмешательство юрисдикционного органа. В юридической литературе подчеркивается, что «когда осуществление права на защиту происходит посредством обращения управомоченного с такого рода требованием к компетентным государственным органам, последние рассматривают заявленное им материально-правовое требование к ответчику в определенном, установленном законом порядке, которой и представляет собой процессуальную форму реализации права на защиту».[263] Суть ее выражается в том, что лицо, права и законные интересы которого нарушены, обращается за защитой к судебным или иным компетентным органам, которые уполномочены принять необходимые меры для восстановления нарушенного права и пресечения правонарушения. Но для того, чтобы привести в действие механизм защиты нарушенного права или охраняемого законом интереса, необходимо обладать, в первую очередь, полномочиями на разрешение дела. При этом субъектом права на защиту является любое лицо, обладающее субъективным правом и охраняемым законом интересом.

Так, согласно законодательству РТ каждый работник, считающий свои права нарушенными, имеет права на судебную защиту. Защита трудовых прав субъектов трудовых правоотношений, как указывается в литературе, «это установленные государством и закрепленные в правовых актах средства, и способы, с помощью которых осуществляется охрана трудовых прав и законных интересов, предусмотренных законодательством, соглашениями и договорами о труде».[264]

Соотвественно, право на защиту имеет как материально-правовую, так и процессуальную сторону. Именно здесь выражается тесная взаимосвязь между материальным правом и процессуальным. В этом смысле правильно отмечается в юридической литературе, что право на защиту следует рассматривать в единстве его материального содержания и процессуальной формы.[265]

Материально-правовая сторона защиты прав связана с нормами материального права, вытекающего из самого факта правонарушения, и представляет собой возможность применения в отношении правонарушителя мер принудительного воздействия. В то время как

[262] Грибанов В.П. Указ.раб. – С.104.
[263] Грибанов В.П. Указ. раб. – С.108.
[264] Ставцева А.И. Рассмотрение индивидуальных трудовых споров//Комментарий к трудовому кодексу РФ /Отв. ред. Ю.П.Орловский. – М.: Дело, 2002. – С.788.
[265] См.: Грибанов В.П. Указ.раб. – С.106.

защита в процессуальном смысле относится к сфере процессуальных отношений и регулируется нормами процессуального права.[266] При этом право на защиту в его процессуальном смысле возникает при наличии права на обращение в соответствующий орган за защитой материального права, а также права на использование иных процессуальных средств защиты, предусмотренных законом.

Из изложенного вытекает, что материальное право принудительно не может быть реализовано вне процессуальной формы, а процессуальная форма содержит условия и порядок принудительного применения материального права. Однако связь материального и процессуального носит характер причинной связи, в которой материальное право обусловливает свою процессуальную форму, в которой оно применяется. Поэтому материальные и процессуальные нормы, регулирующие способы и порядок защиты, пронизаны единым духом, единым стремлением, чтобы обеспечить наиболее полную, всестороннюю защиту субъективных прав и законных интересов. В связи с этим К.Маркс отмечал, что «материальное право … имеет свои необходимые присущие ему процессуальные формы. Один и тот же дух должен одушевлять процесс и законы, ибо процесс есть форма жизни закона, проявление его внутренней жизни».[267]

Из этого следует, что право обращения в юрисдикционном порядке за защитой нарушенного права неразрывно связано с субъективным правом. В этом смысле можно полагать, что процессуальное существует для материального. То есть, процесс (система процессуальных правоотношений) складывается ради материальных правоотношений. Представляется справедливой точка зрения Н.Н.Тарусина, который подчёркивал, что «положения нормы института защиты должны быть согласованы с общими положениями процессуального права о субъектах, возбуждающих юрисдикционную защиту»[268] и т.д. Однако, как будет показано ниже, юридическая практика знает немало примеров, своим негативным опытом подтверждающих необходимость достижения такой гармонии. Поэтому эффективность осуществления защиты субъективных прав зависит от тесной взаимосвязи и согласованности процессуального с нормами материального права, т.е. по разрешению отдельных категорий юридических дел.

Таким образом, право на защиту представляет собой сложное материально-процессуальное явление, при котором каждый его элемент существует при наличии необходимых предпосылок, как правило, в установленных временных пределах и реализуется в специфической

---

[266] См.: Формы защиты права и соотношение материального и процессуального в отдельных правовых институтах/Отв.ред. К.С.Юдельсон, Р.Е.Гукасян и др. – Калинин: Калинин. Гос. ун-т, 1977. – С.8.

[267] Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Т.1. – С.158.

[268] Тарусин Н.Н. Основы совершенствования законодательства о защите субъективных прав и интересов //Проблемы совершенствования законодательства о защите субъективных гражданских прав. – Ярославль.: Яросл.гос.ун-т, 1988. – С.42.

процессуальной форме.[269] В этом смысле сказанное в полной мере относится и к трудовым отношениям.

Касаясь защиты нарушенных трудовых прав, необходимо отметить, что она включает в себя: 1. предоставление работнику во всех случаях права обращаться за защитой в судебные или иные компетентные органы; 2. установление способов защиты и восстановления нарушенного права гражданина.[270] Защита субъективных трудовых прав осуществляется в предусмотренном законом порядке, посредством применения надлежащей формы и способов защиты. Форма и способы защиты – не тождественные понятия. Если под формой защиты понимается предусмотренный законом порядок защиты субъективных прав и охраняемых законом интересов, то способом защиты является конкретная закрепленная законом правоохранительная мера, посредством которой производится устранение нарушения права и воздействия на нарушителя.[271] При этом формы, в которых осуществляется защита, и способы, с помощью которых производится восстановление нарушенных прав, зависят от многих факторов, в частности, от характера подлежащего защите правового явления, равно как и от природы соответствующих юрисдикционных органов.

Возможность защиты нарушенных трудовых прав работников является одной из гарантий, предусмотренных трудовым законодательством[272].

В связи с этим, трудовым законодательством РТ предусматривается защита прав работников как в судебном порядке, так и при помощи особых органов, созданных специально с целью разрешения трудовых споров, т.е. в несудебном порядке. Как известно, трудовые споры могут быть классифицированы по разным основаниям. Однако, в рамках данного исследования принципиальное значение для рассмотрения трудовых споров имеет их подведомственность и подсудность в отношении дел, возникающих по трудовым правоотношениям с иностранным или международным элементом.[273]

Следует отметить, что характер споров оказывает непосредственное влияние на их подведомственность. Поскольку подведомственность зависит, прежде всего, от субъекта спора, то в данном случае речь идет об индивидуальных трудовых спорах, затрагивающих права отдельного работника, которые «вписываются» в механизм реализации конституционного права на судебную защиту этих прав. В этом смысле рассматриваемый трудовой спор носит индивидуальный характер,

[269] См.: Иванов О.В. Защита гражданских прав как правовой институт и как научная проблема//Сов.госуд.и право. – Иркутск, 1967. – С.44.
[270] См.: Сравнительное трудовое право /Отв. ред. С.А.Иванов. – М.: Ин-т гос. и права АН СССР, 1987. – С.165.
[271] См.: Сулейменов М. Защита гражданских прав по законодательству Республики Казахстан//Юрист, 2004. - №6(36). – С.26.
[272] См.: Трудовое право: учебник для бакалавров / под. общ.ред. С.Н. Бабурина, Р.А. Курбанова. -М.: Издательство Юрайт, 2013.С. 328.
[273] См.: Богуславский М.М. Международное частное право. – Изд. 4-ое. – М.: Юристъ, 2003. – С.399.

поскольку одной из его сторон является конкретный работник – субъект трудового правоотношения, субъективное право которого, по его мнению, нарушено.[274]

Разрешение индивидуальных трудовых споров, закрепленное в качестве одного из основных принципов правового регулирования трудовых отношений, развивает конституционное право на судебную защиту, которое отражает особенности его реализации в сфере труда. Следовательно, разрешение индивидуальных трудовых споров можно рассматривать как один из наиболее эффективных способов защиты трудовых прав работников.

В настоящее время, индивидуальные трудовые споры – наиболее массовый вид разногласий в сфере труда. Порядок их рассмотрения урегулирован в рамках двухзвенной системы. Так, согласно Трудового кодекса РТ от 23 июля 2016 года индивидуальные трудовые споры — это неурегулированные разногласия между работодателем и работником по вопросам применения нормативных правовых актов Республики Таджикистан о труде и условий труда, предусмотренных трудовым договором, соглашением и коллективными договорами. Согласно ст. 199 ТК РТ индивидуальные трудовые споры рассматриваются согласительными комиссиями и (или) судами. Это говорит о том, что стороны трудового спора могут обращаться в согласительную комиссию по трудовым спорам (СКТС).

Однако как показывает практика, на многих предприятиях и организациях, особенно в предприятиях с иностранными инвестициями в РТ, а это в основном совместные предприятия,[275] обычно отсутствуют СКТС. В связи с этим, практически во всех индивидуальных трудовых контрактах работников, занятых на предприятиях с иностранным участием, помимо трудовой функции, оплаты труда и других условий, предусматривается положение о том, что трудовой спор подлежит рассмотрению в суде. На наш взгляд, это не ухудшает положение работника по сравнению с условиями трудового законодательства РТ, на котором и основывается современный механизм правового регулирования трудовых отношений. Свидетельством тому является ч.3 ст. 199 ТК РТ согласно которому стороны трудового договора по своему выбору могут обратиться за разрешением индивидуального трудового спора непосредственно в суд. В данным случае трудовое законодательство РТ исходит из альтернативной подведомственности, т.е. сохранения за работником права выбора обращения в СКТС либо непосредственно в суд. Поэтому предварительное рассмотрение спора в СКТС не является тем обязательным условием, без соблюдения которого работник не может обратиться в судебные органы.

[274] См.: Анисимов Л.Н., Анисимов А.Л. Указ. раб. – С.172.
[275] Далее СП.

Таким образом, иностранные граждане как и граждане Республики Таджикистан для защиты своих трудовых прав могуть обращаться как в согласительную комиссию по трудовым спорам, так в суд.

**Литература:**


1. Арефьев Г.П. Понятие защиты субъективных прав // Процессуальные средства реализации конституционного права на судебную и арбитражную защиту. -Калинин. 1982. -С. 19.
2. Богуславский М.М. Международное частное право. – Изд. 4-ое. – М.: Юристъ, 2003. – С.399.
3. Бозоров Р.Б. Трудовое право Республики Таджикистан: Учебное пособие. Типография ТНУ. Душанбе, 2014. С. 153.
4. Басин Ю.Г., Диденко А.Г. Защита субъективных гражданских прав // Юридические науки. Вып.1. – Алма-ата, 1971. – С.4
5. Варул П.А. Проблемы совершенствования законодательства о защите субъективных гражданских прав. - Ярославль: «Яросл. Гос.ун-т, 1988. – С.32-40;
6. Вопросы развития теории гражданского процессуального права / Под ред. С.А.Ивановой и М.К.Треушникова. – М.: Изд-во Моск. Ун-та, 1981. – С.25.
7. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в сотсиалистическом обществе. – М.: Наука, 1979. – С.204.
8. Проблемы совершенствования законодательства о защите субъективных гражданских прав. Сб.науч.тр. – Ярославль: «Яросл.гос.ун-т, 1988. – С.41.
9. Радченко П.В. Процессуальные гарантии судебной защиты конституционного права на труд. Автореф. дис…канд юр. наук. – Харьков, 1980. – С.4.
10. Мезрин Б.Н. Состав механизма охраны прав граждан // Гражданско-правовая охрана интересов личности в СССР. – Свердловск, 1977. – С.47-49.
11. Мамон А.П. О соотношении понятий «охраны и защиты» в гражданском праве//Актуальные вопросы государства и права в период совершенствования сотсиалистического общества. - Томск, 1987. – С.64-65.
12. Иоффе О. С. Новая кодификация советского гражданского законодательства и охрана чести и достоинства граждан // Советское государство и право. - 1962. - N 7. - С. 61 – 62.
13. Малеин Н.С. Общие вопросы гражданско-правового положения личности // Гражданско-правовое положение личности в СССР. – М.: Наука, 1972. – С.36.
14. Тагайназаров Ш.Т. Совершенствование механизма охраны и защиты гражданских личных прав// Государство и право. -Душанбе, 1997. - № 1. С. 36.
15. Матузов М.И. Правовая система и личность. -Саратов, 1987. -С. 131.
16. Менглиев Ш. Неимущественные отношения: регулируются или охраняются // Госуд. и право. – Душанбе, 2003. - №1. – С.56.

17. Трудовое право. Учебник. М., ПБОЮЛ Гриженко Е.М., 2001. С. 309.

18. Грибанов В.П. Осуществление и защита гражданских прав. – М.: Статут, 2001. – С.106.

19. Ставцева А.И. Рассмотрение индивидуальных трудовых споров // Комментарий к трудовому кодексу РФ / Отв. ред. Ю.П.Орловский. – М.: Дело, 2002. – С.788.

20. Формы защиты права и соотношение материального и процессуального в отдельных правовых институтах / Отв.ред. К.С.Юдельсон, Р.Е.Гукасян и др. – Калинин: Калинин. Гос. ун-т, 1977. – С.8.

21. Тарусин Н.Н. Основы совершенствования законодательства о защите субъективных прав и интересов // Проблемы совершенствования законодательства о защите субъективных гражданских прав. – Ярославль.: Яросл.гос.ун-т, 1988. – С.42.

22. Иванов О.В. Защита гражданских прав как правовой институт и как научная проблема // Сов.госуд.и право. – Иркутск, 1967. – С.44.

23. Сравнительное трудовое право / Отв. ред. С.А.Иванов. – М.: Ин-т гос. и права АН СССР, 1987. – С.165.

24. Сулейменов М. Защита гражданских прав по законодательству Республики Казахстан // Юрист, 2004. - №6(36). – С.26.

25. Трудовое право: учебник для бакалавров / под. общ.ред. С.Н. Бабурина, Р.А. Курбанова. -М.: Издательство Юрайт, 2013.С. 328.

# МАФҲУМИ “МОЛУ МУЛК” ВА “АШЁ” ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail**: sherzoda.b.1999@gmail.com
**Тел**: (+992) 939-04-13-63

**Роҳбари илмӣ:** Соҳибзода М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Бобохонов Ҳ.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Фишурда.** Ашё яке аз объектҳои асосӣ, мураккаб ва гуногунҷанбаи ҳуқуқи гражданӣ аст. Дар қонунгузории гражданӣ истилоҳи “ашё”, “молу мулк” ва “мол” ба таври васеъ истифода мегардад. Дар доираи адабиёти илмӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ашёӣ ин таносуби истилоҳи “ашё” ва “молу мулк” ва ҳолатҳои истифодабарии онҳо ба шумор меравад. Мазмуну моҳияти истилоҳоти мазкур дар қонунгузории гражданӣ муайян нагардидааст, ки ин боиси бенизоми ҳолатҳои истифодаи онҳо мегардад. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии таносуби “ашё” ва “молу мулк” мавриди таҳқиқ қарор гирифта, андешаҳои муҳаққиқон бо дарназардошти воқеияти ҳуқуқӣ ва қонунгузории граждании амалкунандаи мамлакат таҳлил карда шудааст. Ҳамзамон дар мақолаи мазкур баъзе ҳолатҳои корбурди ашё ва молу мулк, мавҷуд набудани ягонаии мавридҳои истифодабарии онҳо ва дигар масъалаҳои ба онҳо монанд ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар фарҷоми мақола, мафҳум ва хусусиятҳои фарққунанда ва ҳолатҳои истифодабарии истилоҳи “ашё” ва “молу мулк”-ро пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** Молу мулк, ашё, мол, объект, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ, соҳибият, молу мулки манқул ва ғайриманқул, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои молумулкӣ, ҳуқуқи талабкунӣ, уҳдадорӣ, муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ.

# ПОНЯТИЯ “ВЕЩЬ” И “ИМУЩЕСТВО” В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

**Шерзода Бурхонали Сабзали**
ассистент кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета
**E-mail**: **s**herzoda.b.1999@gmail.com

**Тел**: (+992) 939 04 13 63

**Научный руководитель:** Сохибзода М.М., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Бобохонов Х.З., кандидат юридических наук.

Вещь – один из основных, сложных и многогранных объектов гражданского права. Термины «вещь», «имущество» и «товар» широко используются в гражданском законодательстве. В контексте научной литературы одним из наиболее актуальных вопросов в области вещных прав является соотношение между терминами «вещи» и «имущество» и условиями их использования. Значение и сущность этих терминов не определены в гражданском законодательстве, что приводит к нерегулярным случаям их употребления. В статье исследуются теоретические вопросы соотношения «вещи» и «имущество» и анализируются взгляды исследователей с учетом правовой реальности и действующего гражданского законодательства страны. В то же время в данной статье рассматриваются отдельные случаи использования вещь и имущества, отсутствие единообразия в их использовании и другие подобные вопросы. В конце статьи автор предлагает различные понятия и особенности и случаи употребления терминов «вещь» и «имущество».

**Ключевые слова:** Имущество, вещь, товар, объект, права собственность, иные имущественные права, владения, движимое и недвижимое имущество, имущественные обязательства, право требования, обязанность, гражданско-правовые отношения.

## THE CONCEPTS OF “THING” AND “PROPERTY” IN CIVIL LAW

**Sherzoda Burhonali Sabzali**
assistant of the Department of Civil Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**E-mail**: **s**herzoda.b.1999@gmail.com
**Phone**: (+992) 939 04 13 63

**Research supervisor:** Sohibzoda M.M., Candidate of Laws, docent
**Reviewer:** Bobokhonov H.Z., Candidate of Legal Sciences.

A thing is one of the basic, complex and multifaceted objects of civil law. The terms «thing», “property” and “commodity” are widely used in civil law. In the context of scientific literature, one of the most pressing issues in the field of real rights is the relationship between the terms «things» and «property» and the conditions for their use. The meaning and essence of these terms are not defined in civil law, which leads to irregular cases of their use. The article examines the theoretical issues of the relationship between «things» and «property» and analyzes the views of researchers, taking into account the legal reality and the

current civil legislation of the country. At the same time, this article discusses individual cases of using a thing and property, the lack of uniformity in their use and other similar issues. At the end of the article, the author offers various concepts and features and uses of the terms «thing» and «property».

**Key words:** Property, thing, goods, object, property rights, other property rights, possessions, movable and immovable property, property obligations, right to claim, duty, civil law relations.

Муносибатҳои молумулкӣ асоси муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро ташкил медиҳанд, ки онҳо дар аксар мавридҳо вобаста ба ин ё он ашё ва молу мулки муайян ба вуҷуд меоянд. Дар илм ва қонунгузории гражданӣ ба таври васеъ истилоҳи “ашё ва “молу мулк” истифода карда мешавад. Истифодаи ин ду истилоҳот дар илм ва қонунгузорӣ ягон муаммо нест, мураккабӣ дар он аст, ки новобаста аз васеъ истифода шудани истилоҳоти мазкур, мазмуну моҳияти онҳо ба таври мушаххас муайян нагардидааст, гарчанде ки ашё категорияи марказӣ дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ аст. Яъне бо дарназардошти номуайян будани мафҳуму мазмуни онҳо ҳолатҳои корбурди онҳо низ аниқ намебошад.

Сабаби асосии чунин номуайяӣ дар мавҷуд набудани нуқтаи назари ягона оид ба мафҳуми “ашё” ва “молу мулк” дар илми ҳуқуқи гражданӣ аст. Дигар сабабаш дар он аст, бо дарназардошти мавҷуд набудани андешаи ягона ё ҳадди аққал ҷамъи андешаҳои шабеҳ дар илм ба он оварда расонидааст, ки дар қонунгузории гражданӣ мафҳуми ин ду истилоҳ муқаррар карда нашудааст. Дар адабиёти илмӣ бобати дар санадҳои қонунгузорӣ кушода додани мазмуну моҳияти истилоҳоти дар ин санад истифодашаванда назарҳои мухталиф ҷой дорад, аммо падида ва истилоҳоти монанди дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда (ба монанди ашё ва молу мулк дар қонунгузории гражданӣ) зарурати ба таври возеҳ муайян кардани мазмуни онҳоро тақозо менамояд. Ҳамзамон муайян будани мафҳуми “ашё” ва “молу мулк” дар ҳуқуқи гражданӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади танзими муътадили муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи татбиқи дуруст ва самараноки он қабул мегардад ва судмандии татбиқи ҳуқуқ аз омилҳои мухталиф вобаста аст. Татбиқи манфиатбори ҳуқуқ на танҳо аз дуруст татбиқ кардани санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, балки пеш аз ҳама аз риояи талаботи ҳуқуқэҷодкунӣ, бахусус техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Дар санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ бояд истилоҳот ва ибораҳое мавриди истифода қарор дода шаванд, ки дорои маънои ягона буда, ба шаклҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ додани онҳоро истисно намояд. Бо мазмуну моҳияти ягона ва мувофиқ истифода кардани истилоҳот дар қонунгузорӣ аҳаммияти муҳимми назарӣ ва амалӣ аст. Аз ин лиҳоз, мақоми қонунгузорро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи санадҳои

қонунгузорӣ ба риояи техникаи ҳуқуқӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир намояд, зеро аз риояи дурусти он татбиқи самараноки ҳуқуқ, ташаккули раванди маърифатнокшавии аҳолӣ ва дар маҷмӯъ амалишавии ҳуқуқ вобаста аст. Ҳамзамон, моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи соли 2017, №1414[276] муқаррар намудааст, ки матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад ва матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки забони ифодаи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ забони давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми таҳияи санадаҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои услуби забони адабӣ риоя карда мешавад.

Дар матни санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ истифодаи истилоҳоти фаҳмову содда, умумиистифодашаванда ва мафҳумҳои кӯтоҳ тавсия дода мешавад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи истилоҳоти мураккаб, душвор ва барои оммаи мардум нофаҳмо қобили қабул намебошад. "Забоншиносон бояд ба хусусиятҳои хоси забон аҳамият дода, ба истифодаи калимаҳои пуробуранге, ки мундариҷаи қонунро коста мекунанд, роҳ надиҳанд"[277]. Аз тарафи дигар ибораҳои зиёдатӣ, такрорҳои беасос, серсуханӣ ҷиҳати тавзеҳ, тасвири тӯлонию беасос хоси усулуби санади меъёриии ҳуқуқӣ набуда, субъекти истифодабаранда маънои онро сарфаҳм намеравад[278]. Ҳамзамон, дақиқ ва муайянияти ифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ки ин гуногунфаҳмӣ ва духелагии фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқиро бартараф менамояд.

Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КГ ҶТ) истилоҳи "ашё", молу мулк" ва "мол" ба таври васеъ истифода шудааст. Таърифи ин мафҳумҳо ва ё мазумни онҳо дар ягон муқаррароти КГ ҶТ пешбинӣ нагардидааст. Ҳатто дар матни КГ ҶТ ягонаии ҳолатҳои истифодабарии онҳо дар баъзан ҳолатҳо вайрон карда шудааст, яъне нисбат ба муносибати мушаххас дар матни КГ ҶТ истилоҳи "ашё" ё "ашёӣ" истифода гардида, дар муқаррароти дигар нисбат ба ҳамин гуна муносибат истилоҳи "молу мулк" ё "молумулкӣ" истифода мегардад. Масалан, моддаи 1 КГ ҶТ муқаррар мекунад, ки "қонунҳои гражданӣ ... тартиби татбиқи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ"-ро танзим менамоянд. Аз ин меъёр бармеояд, дар КГ ҶТ истилоҳи "ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ" истифода мегардад, аммо номи фасли дуюми КГ ҶТ "Ҳуқуқи моликият. Дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ" ном гирифтааст, яъне дар ин фасл баръакс, на истилоҳи "ашёӣ", балки истилоҳи "молу мулкӣ" корбурд шудааст.

---

[276] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271.
[277] Раҳимов М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои забони қонун // Давлат ва ҳуқуқ. 2008, №1. – С. 65.
[278] Тафсири Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С.141.

Дар баробари ин, дар қонунгузории гражданӣ мафҳуми молу мулк ва ашё ба таври гуногун истифода бурда мешавад. Ҳанӯз дар соли 1907 Г.Ф. Шершеневич қайд намуда буд, ки қонунгузории мо истилоҳи "молу мулк"-ро ба ҷойи "ашё" ва истилоҳи "молу мулк"-ро бошад, ба ивази моликият истифода менамояд"[279]. Муҳаққиқ ба он ишор намудааст, қоидаи ягонаи истифодаи ин истилоҳот дар қонунгузорӣ риоя карда намешавад. Чунин номуайянӣ то замони муосир дар қонунгузории гражданӣ ба назар мерасад. Баъзе муҳаққиқон зарурати дар қонунгузорӣ муайян кардани ин мафҳумҳоро мақсаднок намешуморанд. Масалан, ба андешаи Ф.С. Сулаймонов "категорияи "ашё" дар ҳуқуқи гражданӣ ба сифати категорияи ҳуқуқӣ эътироф шуда бошад ҳам, аммо дар қонунгузории ҷории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми он дарҷ нашудааст. Умуман, муқаррар намудани мафҳуми категорияи мазкур дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар КГ, зарур нест"[280].

Муайян кардани мафҳум, мазмун ва моҳияти истилоҳи "молу мулк" ва "ашё" дар ҳуқуқи гражданӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, барои коркард намудани маҳзани ягонаи истилоҳоти дар қонунгузории гражданӣ истифодашаванда, фаҳмиш ва татбиқи ягонаи онҳо мусоидат хоҳад намуд.

Мафҳуми «молу мулк» ба он асос ёфтааст, ки инсон дар ҳаёти худ бо предметҳои табиат, аз ҷумла ашё зич алоқаманд аст. Дар ҷараёни истеҳсолот ҳамчун предмети фаъолият инсон бо табиат ва объектҳои алоҳидаи он муносибат карда, онро барои қонеъ кардани ниёзҳои худ мутобиқ мекунанд. Ин раванд ҳамеша дар шаклҳои муайяни чамъиятӣ ба амал меояд. «Барои истеҳсолот одамон ба алоқаю муносибатҳои муайян дохил мешаванд ва танҳо дар доираи ин алоқахо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибати онҳо ба табиат вуҷуд дорад, истеҳсолот ба амал меояд»[281].

Тибқи қоидаи умумӣ дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ мафҳуми "молу мулк" ба маънои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ба андешаи Г.Ф. Шершеневич мазмуни истилоҳи "молу мулк" маҷмӯи муносибатҳои молумулкӣ аст, ки ба он арзиши пулӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Ба ақидаи муаллиф аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мазмуни истилоҳи "молу мулк" аз як тараф маҷмӯи ашёи ба шахс ба ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ тааллуқдошта, маҷмӯи ҳуқуқҳо ба амалҳои бегона мебошад, аз тарафи дигар маҷмӯи ашёе, ки ба дигар шахс тааллуқ дорад, аммо ба соҳибияти муваққатии он шомил мешавад ва маҷмӯи уҳдадориҳои ба он алоқаманд ба шумор меравад[282]. Муҳаққиқ истилоҳи "молу мулк"-ро

[279] Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изд. 1907 г.). М.: Спарк, 1995. С. 95.

[280] Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. Нашриёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2015. – С. 74.

[281] Покровский Б.В. Понятие «имущества» в науке права. Известия АН Казахской ССР. Сер. обществ. наук. - 1977. - № 2. – С. 79.

[282] Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 г.) – М., 1995. – С. 95.

ба маънои васеъ шарҳ дода, онро ҳамчун маҷмӯи ашёи бо ҳуқуқҳои муайян ва соҳибияти муваққати ба субъектони ҳуқуқи гражданӣ тааллуқдошта, инчунин ҳуқуқ ба амалҳои бегона ва уҳдадориҳои ба онҳо алоқаманд муайян намудааст.

Дар адабиёти илмии муосир маънидодкуниҳои дигари моҳияти истилоҳи "молу мулк" мавҷуд аст. А.П. Сергеев ба сифати молу мулк инҳоро дохил менамояд: 1) ашёи алоҳида ва маҷмӯи он; 2) ашё, пул ва қоғази қимматнок; 3) ҳуқуқҳои молумулкӣ; 4) маҷмӯи ашё, пул, қоғази қимматнок, ҳуқуқҳои молумулкӣ, инчунин уҳдадориҳои субъект[283]. Муаллифи мазкур низ истилоҳи "молу мулк"-ро ба маънои васеъ шарҳ дода, ба он ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадориҳои субъектро низ ворид намудааст, ки онҳо шубҳаовар ба назар мерасанд, зеро уҳдадориҳои субъектро ҳамчун молу мулк муайян кардан нодуруст аст ва аз тарафи дигар молу мулк объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ аст ва уҳдадориҳое, ки вобаста ба ин молу мулк соҳибмулк дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ соҳиб мегардад, на объект (яъне молу мулк), балки мазмуни муносибат аст.

Р.А. Маметова мафҳуми молу мулкро на танҳо ашё, балки муносибатҳои молумулкӣ, ҳуқуқи ҳатмии талабкунӣ, ки предмети онҳо ашё аст, муайян мекунад[284]. Андешаҳои болозикрро пурра ҷонибдорӣ кардан имконнопазир аст, чунки аз нуқтаи назари илм ва қонунгузории гражданӣ ба воқеияти ҳуқуқӣ мутобиқат наменамоянд. Р.А. Маметова мазмуни молу мулкро ба мазмуни мафҳуми "муносибат" баробар менамояд. Барои он ки молу мулк предмети муносибат эътироф карда шавад, он бояд объекти муомилоти гражданӣ, инчунин бояд ҳуқуқ ва қобилият дошта бошад. "Қобилият"-и мазкур ба таври истисноӣ дар доираи муносибатҳо вобаста ба молу мулки мушаххас татбиқ карда мешавад. Муносибат ин восита, роҳе мебошад, ки тавассути он ҳолати фоидаовари ашё ҳамчун предмети олами моддӣ татбиқ шуда, талабот ба он маълум карда мешавад. Ашёҳо объектҳои баҳамалоқаманди олами моддӣ ё объектҳои даркшавандаи визуалӣ эътироф карда мешаванд, ки дорои арзиши баҳодиҳӣ, дорои хусусияти манфиатоварӣ (фоиданокӣ), инчунин маҷмӯи хусусиятҳо мебошад.

Ба андешаи И.В. Аксюк ашё предмети маданияти моддӣ ва маънавӣ – маҳсули меҳнати инсонӣ, инчунин предметҳои офаридаи табиат – замин, канданиҳои фоиданок, растаниҳо ва амсоли инҳо мебошанд, ки онҳоро одамон дар ҳаёти худ истифода менамоянд[285].

Қобилияти ҳуқуқдории ашё мумкин аст ҳамчун сифатҳои неъмат (фоиданокӣ) дар ҳолати табиӣ, яъне бидуни таъсиррасонии қувва ва иродаи инсон муайян карда шавад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ чун вазъи

[283] Гражданское право / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого, СПб., 1996. – Ч. 1. – С. 189.
[284] Право и собственность. – Алматы, 1998. - С. 102.
[285] Аксюк И.В. Недвижимость в законодательстве России: понятие, основания и способы возникновения права собственности на нее: дисс. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону. 2007. – С. 18

истисноӣ ва эътирофи молу мулк ба сифати объекти мумилоти граждании ва чун оқибат, предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мегардад.

Мафҳуми "молу мулк" дар Кодекси гражданӣ ва дигар қонунҳои гражданӣ дорои аҳаммияти гуногундараҷа мебошад. Муҳтавои ин мафҳум бо муносибатҳои мушаххас муайян мегардад, ки дар он молу мулк истифода бурда мешавад[286].

Истилоҳи "молу мулк" нисбат ба ҳолатҳои мушаххас муайян намуданро талаб менамояд. Молу мулк – ин маҷмӯи ашё мебошад, ки ба субъекти мушаххас тааллуқ дорад. Қисман ин мазмун дар Кодекси гражданӣ ҳамчун моликият садо медиҳад. Аммо, охирин вобаста ба ҳаҷм мафҳуми маҳдуд мебошад, зеро онро ашё ташкил медиҳад ва он ба субъекти мушаххас танҳо ба ҳуқуқи моликият тааллуқ дорад, аз ин рӯ, мансубияти ашё метавонад ба ҳуқуқҳои дигари ашёӣ низ тааллуқ дошта бошад[287]. Тибқи ин нуқтаи назар ашё ба субъект танҳо бо ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ тааллуқ дошта метавонад, аммо аз ин соҳибияти муваққатии ашё берун мемонад.

Е.А. Суханов маънои гуногуни мафҳуми "молу мулк"-ро қайд менамояд. Дар як ҳолат ин мафҳум барои нишон додани ашёи мушаххас, дар дигар ҳолат – ҳамчун муайянкунандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъект ва дар ҳолати сеюм, таҳти мафҳуми молу мулк маҷмӯи ашё, ҳуқуқи талабкунӣ, инчунин қарз (уҳдадорӣ) фаҳмида мешавад[288].

Дар "Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҶТ" мафҳуми "молу мулк" ба таври зерин маънидод гардидааст: "Молу мулк (воситаҳо) – ҳар гуна дороии моддӣ ё ғайримоддӣ, манқул ё ғайриманқул новобаста аз тарзи ба даст овардани онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё санадҳои гуногуншакл, аз ҷумла, дар шакли электронӣ ё ададӣ, ки ҳуқуқ ба чунин дороиҳо ва иштирок дар онҳоро тасдиқ менамояд, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, чекҳои роҳ, чекҳои бонкӣ, интиқоли почтавӣ, саҳмияҳо, коғазҳои қимматнок, вомбаргҳо, векселҳо, акредитивҳо ва ғайраҳо» тавсиф ёфтааст"[289]. Дар фарқият аз дигар равишҳои муайян кардани мафҳуми молу мулк дар Фарҳанги болозикр молу мулк, на ашё (ё маҷмӯи ашё), балки ҳамчун дороӣ муайян карда мешавад, ки чандон дуруст нест, зеро худи дороӣ ин молу мулк аст ва ҳамзамон ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои дорои шакли электронӣ ва ададиро ҳамчун молу мулк муайян шудааст, ки ин ба моҳияти қонунгузории гражданӣ умуман мутобиқат наменамояд.

Ба андешаи М.К. Сулейменов молу мулк мафҳуми гуногунпаҳлӯ аст, он дар алоҳидагӣ барои нишон додани ҳолатҳои зайл татбиқ мегардад: а) маҷмӯи ашё ё арзишҳои моддӣ, ки ба шахсони муайян бо ҳуқуқи моликият

---

[286] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Furthermore Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, "ЭР-граф", 2010. – С. 378.

[287] Скрябин С.В. Право собственности в Республике Казахстан: Сравнительно-правовой комментарий книги Уго Маттеи "Основные принсипы права собственности" / СПС "Юрист", 2008.

[288] Гражданское право. Т.1. Учеб. Пособие / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М., 1998. – С. 294.

[289] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе, 2016. – С. 98.

ё дигар ҳуқуқҳои ашёӣ тааллуқ доранд; б) маҷмӯи ашё ва ҳуқуқҳои молумулкӣ ба соҳиб шудани ашё ё дигар қонеъгардонии молумулкӣ аз дигар шахс (актив); в) маҷмӯи ашё, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадорӣ, ки ҳолатҳои молумулкии дорандаро ифода менамояд (актив ва пассив)[290].

Бо тасдиқи Е.А. Суханов ва М.К. Сулейменов дар он хусус, ки маҷмӯи уҳдадориҳои молумулкӣ, қарзҳо (пассив) барои нишон додани аз як тараф мазмуни мафҳуми "молу мулк" ва эътирофи молу мулк ҳамчун монанд (агар барои нишон додани молу мулк истифода гардад, чи тавре ки М.К. Сулейменов қайд менамояд) розӣ шудан ғайриимкон аст.

Н. Шонасридинов ва Ф.М. Нодиров қайд менамоянд, ки баъзан дар ҳуқуқ ва қонунгузорӣ истилоҳи «амвол» баҳри тавсифи ҳолати молумулкии шахс истифода шуда, дар ин маъно на танҳо амвол ва ҳуқуқҳои амволӣ, балки уҳдадорҳои шахси мушаххас низ ба он дохил карда мешаванд, аз ҷумла амволи корхона, амволи меросӣ[291]. На «уҳдадориҳои шахси мушаххас», балки «ҳуқуқҳои уҳдадории шахс» маъмулан ба таркиби амволи ӯ дохил аст (масалан, ҳуқуқи талаб кардан)[292].

Ба ақидаи Д.Ш. Сангинов истилоҳи «молу мулк» барои ифодаи ашё, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, инчунин ҳуқуқи молумулкӣ истифода мешавад[293]. Чунин роҳи муайян намудани мафҳуми "молу мулк" аз муқаррароти моддаи 140 КГ ҶТ бармеояд, ки тибқи он ашё объекти ҳуқуқи гражданӣ буда, ба таркиби он пул, асъори хориҷӣ, қоғази қимматнок дохил мешавад. Дар баробари ин, молу мулк на барои муайян ифода намудани ашё, балки ашёи бо ҳуқуқҳои муайян ба субъектони ҳуқуқи гражданӣ тааллуқдошта истифода мегардад.

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳуми "молу мулк" ба маънои васеъ ва маҳдуд тавсиф карда мешавад. Таҳти мафҳуми "молу мулк" ба маънои васеъ маҷмӯи ашё, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ фаҳмида мешавад. Дар ҳамин мазмун мафҳуми "молу мулк" дар моддаи 1138 истифода бурда шудааст, ки тибқи он ба таркиби мерос ашё дохил мешавад, ки дар рӯзи кушодани мерос ба меросхӯр таалуқ дорад, аз ҷумла дигар молу мулк, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ (аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи замин). Ба маънои маҳдуд молу мулк ҳамчун маҷмӯи ашё ва ҳуқуқҳои молумулкӣ истифода бурда мешавад. Ба ҳамин маъно мафҳуми "молу мулк", масалан, дар қисми 1 моддаи 57 КГ ҶТ истифода бурда мешавад, ки мутобиқи он шахси ҳуқуқӣ ғайр аз муассисаҳое, ки аз ҷониби молик маблағгузорӣ мешаванд, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо тамоми амволашон масъулият

[290] Сулейменов М.К. Избранные труды по гражданскому праву / Научн. ред. В.С. Ем – М., 2006. – С.205.
[291] Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. Қисми 1. – Душанбе: Погрес, 2009. – С. 23-24.
[292] Наботов С.Х. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе. 2020. – С. 42.
[293] Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – С. 193.

доранд[294]. Муаллифони тафсир аз андешаи дигар муҳаққиқон дастгирӣ намуда, истилоҳи "молу мулк"-ро ҳамчун маҷмӯи ашё, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ муайян кардаанд.

Баъзе санадҳои қонунгузории мамлакат таърифи мафҳуми молу мулкро муқаррар намудаанд. Масалан, дар асоси моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии молу мулк" аз 16 майи соли 2007, №271[295] молу мулк ҳамчун биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, объектҳои сохтмонашон нотамом ва молу мулки дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам дошта, интиқолашон бе расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст, инчунин молу мулки дигари ба молу мулки ғайриманқул баробарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок, воситаҳои нақлиёт, металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо муайян карда шуда буд. Таърифи зикршуда мафҳуми молу мулк набуда, балки танҳо номбар намудани объектҳо, ки метавонанд ҳамчун молу мулк баромад намоянд, ба шумор меравад. Дар баробари ин, дар мафҳуми мазкур истилоҳи "молу мулки дигар ба молу мулки ғайриманқул баробарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" истифода гардидааст, чунин истилоҳ ва ё категория дар қонунгузории граждании вуҷуд надорад. Реҷаи ҳуқуқии ягон молу мулк ба вазъи ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул баробар карда намешавад, зеро дар қонунгузор агар хоҳад нисбат ба ин ё он молу мулки реҷаи ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқулро паҳн намояд, пас на вазъи ҳуқуқии онро ба молу мулки ғайриманқул баробар, балки онро объекти молу мулки ғайриманқул эътироф мекунад.

Мафҳуми молу мулк дар илми ҳуқуқи гражданӣ ба таври истисноӣ бо ду мазмун истифода бурда мешавад: 1) неъмати молумулкӣ; 2) ҳуқуқи молумулкӣ. Ин аз мазмуни меъёри м. 140 КГ ҶТ бармеояд.

Мафҳуми молу мулк барои муомилоти гражданӣ ба сифати ашёи бо нишони инфиродӣ муайяншаванда истифода бурда мешавад, ки дар таркиби худ дигар предметҳои ашёӣ (ба сифати объекти мустақили муомилоти гражданӣ) надорад ва ҳамчун маҷмӯи ягона баррасӣ карда мешавад. Предмети аҳдҳои ҳуқуқи гражданӣ мумкин аст танҳо молу мулки инфиродии муайян бошанд, ки аз он объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ва ғайри онро ҷудо менамоянд ва дар ҳолати охир, яъне дар ҳолати объекти ҳуқуқи граждан эътироф нагардидан он объекти муомилоти гражданӣ шуда наметавонад. Масалан, ашёи ғайриманқул, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ташкилёбии он ба қайд гирифта нашудааст,

[294] Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, "ЭР-граф", 2010. – С. 379.

[295] Қонуни ҶТ "Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии молу мулк" аз 16 майи соли 2007 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.07.2021).

молу мулки дорои қобилияти гардиши муомилоти граждании намебошад, аз ин рӯ, наметавонад предмети аҳдҳои ҳуқуқи граждании бошад. Объектҳои олами моддӣ барои илми ҳуқуқи гражданӣ танҳо ба сифати молу мулки қобили муомилот манфиат дорад.

Уҳдадориҳои молумулкӣ (пассив) на молу мулк, балки ашё ва воситаи қонеъгардонии ҳуқуқ ва манфиатҳои тарафҳо тавассути уҳдадориҳои фаъоли тарафи уҳдадор эътироф карда мешавад. Уҳдадорӣ барои шахси масъул ҳолат ва асос барои анҷом додани амал (беамал)-и фаъол бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи тарафи ваколатдор аст[296].

Молу мулк дар қонунгузорӣ ва муомилоти гражданӣ реҷаи ҳуқуқии ашёи инфиродии муайяни аз низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ бо хусусияти мансубияти он ба субъекти муайян ё маҷмӯи ашё эътироф карда мешавад. Мафҳуми мазкур ба объектҳои олами моддӣ ва даркшавандаи визуалӣ хусусиятнок аст.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мазмуни молу мулк аз як тараф маҷмӯи ашёи ба шахс бо ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ тааллуқдошта ва маҷмӯи ҳуқуқҳо ба амалҳои бегона, аз тарафи дигар, маҷмӯи ашёи ба дигар шахс бо муваққатан ба соҳибият тааллуқдошта ва маҷмӯи уҳдадориҳои марбут ба он мебошад[297]. Мазмуни мазкур на мундариҷаи молу мулк, балки мазмуни муносибатҳо мебошад, ки дар асоси назарияи ҳуқуқ аз субъект, объект ва мазмун иборат аст.

Категорияи институтсионалии "молу мулк" маҷмӯи неъматҳои молумулкӣ аст, ки имконияти объекти ихтиёрдории субъекти ҳуқуқи гражданӣ буданро доро аст[298]. Ақидаҳое мавҷуд аст, ки муқобили объекти ҳуқуқи моликият будани "молу мулк"-ро ҷонибдорӣ менамоянд. В.А. Дезортсев зикр менамояд, ки "мушаххас фарқ намудани молу мулк ҳамчун категорияи навъӣ ва объекти ҳуқуқи моликият ҳамчун яке аз намудҳои алоҳидаи он кофӣ аст. Эълон кардани уҳдадориии ҳуқуқӣ ва уҳдадорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият ё ҳатто ба он паҳн кардани ин ё он қисми реҷаи ҳуқуқии объекти ҳуқуқи моликият, бидуни шубаҳа нодуруст аст ва имконияти дар амалия ба вуҷуд овардани нофаҳмиро дорад"[299].

Ба андешаи мо, молу мулк ин ашёи алоҳида, маҷмӯи ашё аст, ки ба субъектони ҳуқуқи гражданӣ бо ҳуқуқи моликият, ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ ва соҳибияти муваққатӣ тааллуқ дорад. Муайян кардани молу мулк ҳамчун ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии субъект, ҳуқуқи талабкунӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои дорои шакли электронӣ ва ададӣ нодуруст буда, онҳо танҳо дар мавриди ба муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун

---

[296] Досмаганова А.Д. Понятия "имущество" и "вещь" в гражданском праве. Вестник Института законадательство Республики Казахстан. №4 (16). 2009. – С. 79

[297] Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 г.) – М., 1995. – С. 95.

[298] Лапач В.А. Понятие "имущество" в российском праве и в Конвенции о защите прав человека и основных свобод // Российская юстиция. – 2003. - № 1.

[299] Дезорцев В.А. Принципиальные черты права собственности ва Гражданском кодексе // Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика. Сборник памяти. С.А. Хохлова / Отв. ред. А.Л. Маковский. – Ям., 1998. – С. 232-233.

объект ворид гардидани молу мулки субъект ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии субъект ба вуҷуд меояд. Масалан, шахс бо ҳуқуқи моликият воситаи нақлиёти автомобилӣ дорад ва онро танҳо бо мақсади қонеъ намудани талаботи маишии худ истифода мекунад. Дар ин ҳолат бо ҳуқуқи моликият доштани ин молу мулк барои соҳибмулк ягон ҳуқуқи талабкунӣ, уҳдадориҳои гражданиро ба миён намеорад. Танҳо дар сурати бо ин молу мулк (воситаи нақлиёт) ба муносибати мушаххаси ҳуқуқи граждании дохил шудани субъект, ҳуқуқи талабкунӣ, уҳдадориҳо пайдо мегардад.

Бояд қайд кард, ки ҳуқуқҳои молумулкӣ, уҳдадории молумулкӣ, ҳолати молумулкии шахс, қарз (уҳдадорӣ) дар ҳуқуқи гражданӣ категоряҳои алоҳида буда, мазмуни молумулкӣ доранд, яъне ба молу мулк алоқамананд. Ба молу мулк алоқамандӣ доштани категорияҳои болозикр маънои ба мазмуни истилоҳи "молу мулк" ворид намудани онҳоро надорад ва равиши мазкури муайян кардани мафҳуми молу мулк чандон дуруст намебошад. Мафҳуми "молу мулк" дар ҳуқуқи гражданӣ бояд ҳамчун ашё ва ё маҷмӯи ашё, ки ба субъектони ҳуқуқи гражданӣ бо ҳуқуқҳои муайяни ашё тааллуқ дорад, фаҳмида шавад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ муайян мегардад, ки хусусияти асосии "молу мулк" ин бо ҳуқуқҳои муайян ба субъекти дахлдор тааллуқ доштани он аст. Аммо, дар баъзе санадҳои қонунгузории мамлакат ин хусусият чандон риоя карда намешавад. Масалан, мувофиқи қисми 1 моддаи 44[1] Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" аз 20 марти соли 2008, №375[300] "агар дар ташкилоти бақайдгирии давлатӣ молу мулки ғайриманқули шахси фавтида ба қайд гирифта нашуда бошад, он дар асоси мурочиати ворисони меросгузор мувофиқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ба қайди давлатӣ гирифта мешавад". Дар муқаррароти овардашуда истилоҳи "молу мулк"-и ғайриманқул истифода гардидааст. Аммо, маълум аст, ки то лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани ашёи ғайриманқул ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ нисбат ба он ба вуҷуд намеояд, зеро маҳз бақайдгирии давлатӣ асос барои эътироф ва тасдиқи қонунии ҳуқуқи шахс вобаста ба ашёи ғайриманқул аст. Яъне то ба қайди давлатӣ нагирифтани ташкилёбии объекти ғайриманқул он "ашё"-и ғайриманқул аст, баъди ба қайди давлатӣ гирифтан он вазъи "молу мулк"-и ғайриманқулро соҳиб мегардад, зеро бақайдгирӣ ҳуқуқ, маҳдудиятҳо ва гарониҳои ҳуқуқ ба ашёи ғайриманқулро ба вуҷуд меорад.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ[301] истилоҳи "мол" ба маънои "ҳар чизи моддии арзишдошта, ки барои қонеъ кардани талаботи инсон фурӯш ё мубодила истеҳсол мегардад; маҳсули меҳнат, чизҳои истеҳсолшуда (аз қабили ашёи саноатӣ), ки хариду фурӯш мешаванд, молу

---

300 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №3, мод.194; с.2013, №7, мод.525; с.2018, №1, мод.32; с.2019, №6, мод.331.

301 Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Зери таҳрири С.Назарзода, А.Сангинов, С. Каримов, М. Султон. Душанбе-2008. – С. 506.

мулк, моли манқул" маънидод карда шудааст. Истилоҳи "мулк" бошад, ҳамчун "дороии асосан ғайриманқул (аз қабили замин, ҳавлӣ, боғ, хона), милк, мулку асбоб, молу мулк ва чизу чора" шарҳ дода шудааст.

Объекти ҳуқуқи гражданӣ на танҳо ашё, балки молу мулк низ шуда метавонад, зеро дар баъзе муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ашё ҳамчун объекти олами моддӣ бидуни тааллуқият бо ҳуқуқҳои муайян ба субъектҳои дахлдор ё ҳамчун ашёи соҳибияташ номаълум иштирок менамояд. Дар қисми дигари муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ молу мулк, яъне ашё ё маҷмӯи ашёи бо ҳуқуқҳои алоҳида ба субъекти ҳуқуқи гражданӣ мансуббуда чун объект баромад мекунад.

Аз тавсифи умумии объектҳои ҳуқуқи гражданӣ маълум мегардад, ки объекти муайяншуда ашё мебошад. Мафҳуми "ашё" барои илми ҳуқуқи гражданӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад, зеро "мағз"-и қисми предмети ҳуқуқи гражданӣ ин муносибатҳои молумулкӣ ба шумор меравад.

Аломати асосии ашё моддияти он ба шумор меравад ва дар робита ба он аст, ки ду мафҳуми муқобили ашё дар илми ҳуқуқи гражданӣ пайдо шуданд[302]: 1) васеъ (ҳам ашёи моддӣ ва ҳам неъматҳои ғайримоддӣ ҳамчун ашё эътироф карда мешаванд); 2) маҳдуд (танҳо предметҳои моддӣ ҳамчун ашё эътироф карда мешаванд). Равиши аввал (васеъ) ба ҳуқуқи римӣ рост меояд, ки дар он истилоҳи "res" (ашё) ду маъно дошт, ки он ҳам объектҳои моддӣ ва ҳам муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои молумулкиро ифода мекард.

Ҳуқуқшиноси римӣ – Гай қайд намудааст, ки "баъзе ашёҳо ҷисмонӣ ҳастанд, ва баъзеи дигар ғайримоддӣ». Он ашёҳое ҷисмонӣ ҳастанд, ки имконияти ламс кардани онҳо мумкин аст, ба монанди замин, одам, либос, тилло, нуқра ва бисёр чизҳои дигар. Ба онҳое, ки даст расонидан ғайриимкон аст, ғайримоддӣ мебошанд, ба монанди мерос, истифодаи маҳсулот (узуфрукт), уҳдадориҳое, ки бо ин ё он шакл ба вуҷуд меоянд"[303]. Ин тафсир бевосита аз фалсафаи қадим бармеояд. Масалан, Цицерон дар пайравии устодони юнонии худ ашёҳои мавҷудбуда ("Res quae sunt") ва ашёҳои фикршавандаро ("Res quae intellegentur") фарқ менамуд[304].

Имрӯз чунин тафсири васеъ пеш аз ҳама дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ истифода мешавад. Мантиқи тафаккур ба ақидаҳои классикии Римии қадим шабоҳат дорад: азбаски ҳуқуқро бегона кардан мумкин аст, он ҳам ашё аст («Chose in action»), гарчанде ки намуди махсус дорад[305].

Н.Н. Аверченко дуруст қайд мекунад, ки давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии континенталӣ роҳи дигарро интихоб кардаанд[306]. Ашё дар ҳуқуқи

---

[302] Аверченко Н.Н. Понятие и признаки вещи как объекта гражданских прав // Журн. рос. права, № 5. 2004.

[303] Пухан И., Поленак-Акимовская М. Римское право: учеб. / пер. с макед.; под ред. В.А. Томсинова. М.: Зерцало, 2000. – С. 136.

[304] Дождев Д.В. Римское частное право: учеб. для вузов / под ред. В.С. Нерсесянца. М.: Норма, 1997. – С. 325.

[305] Гражданское право: учеб.: в 2 т. Т.1 / отв. ред. Е.А. Суханов. М.: Бек, 1998. – С. 297.

[306] Аверченко Н.Н. Понятие и признаки вещи как объекта гражданских прав // Журн. рос. права, № 5. 2004.

граждании онҳо танҳо дар як сифат – ҳамчун объекти моддии ҷаҳони беруна баррасӣ мешавад. Ҳамин тариқ, дар банди 90-и Кодекси граждании Олмон бевосита муқаррар шудааст, ки "тибқи моҳияти қонун танҳо предметҳои моддӣ ҳамчун ашё эътироф карда мешаванд".

Ба ақидаи А.П. Сергеев ашё ин арзишҳои олами моддии табиӣ ва офаридаи инсон аст, ки ба сифати объекти ҳуқуқи гражданӣ баромад менамояд[307]. Ба сифати ашё ҳама чизҳои шакли моддидоштаро меноманд[308].

С.В. Скрябин чунин мешуморад, ки ашё ҳамчун предмети олами моддӣ баррасӣ карда мешавад, ки шакли ҷисмонии ҳуқуқии эътирофшуда дорад, ки бо ёрии он ифодаи беруниро соҳиб мегардад ва барои дорандаи шакли муайяни манфиатҳои молумулкиро ба даст меорад. Дар асоси чунин муайянкунӣ муаллиф се хусусияти муҳими ашёро ҷудо мекунад: а) ашё – ин моддаи моддӣ, чизи берун аз шахсияти инсон; б) ашёи бо нишон инфиродӣ муайян; в) ба ашё манфиати молумулкӣ алоқаманд аст[309].

Дар баробари ин, манфиат на танҳо молумулкӣ, балки маънавӣ ва дар бештари мавридҳо молумулкӣ ва маънавӣ метавонад бошад.

Е.А. Суханов чунин мешуморад, ки ашё – объекти моддӣ, физикӣ мебошад, ки шакли иқтисодии молро дорад. Аз ин лиҳоз, ашё натиҷаи меҳнат мебошад (бояд бошад), ки дар асоси ин арзиши моддӣ (иқтисодӣ)-и муайянро касб менамояд[310].

Таърифи муфассали ашё аз ҷониби В.А. Пантеленко пешниҳод карда шудааст, ки ба ақидаи вай ашё ин падидаи аз ҷиҳати фазоӣ маҳдуд буда, новобаста аз субъект, дар ҳолати табиии худ мавҷуд аст ва аз ҷониби инсон ба талаботи ӯ мутобиқ карда мешавад, ки ҳуқуқи объективӣ онро ба сифати объекти ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла баъзе намудҳои барқ, ки аз тарафи инсон истифода мешаванд, эътироф намудааст[311].

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ таҳти мафҳуми "ашё" ҳамчун объекти ҳуқуқ ва уҳдадорҳои гражданӣ предметҳои олами моддӣ фаҳмида мешавад, ки дар шакли дурушт, моеъ, газмонанд ва дигар ҳолати физикӣ қарор дорад. Дар муқоиса аз дарки маъмулӣ дар бораи ашё ҳамчун предметҳои визуалӣ (бо нигоҳ) фарқшаванда мафҳуми ҳуқуқии ашё дорои муҳтавои нисбатан васеъ мебошад. Ҳамзамон бо дигар объектҳо он низ шаклҳои мухталифи нерӯро дар бар мегирад: нерӯи барқ, атомӣ, гармӣ ва ғайра[312].

---

[307] Гражданское право / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого, СПб., 1996. – Ч. 1. – С. 189.

[308] Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. Нашриёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2015. – С. 74.

[309] Скрябин С.В. Право собственности в Республике Казахстан: Сравнительно-правовой комментарий книги Уго Маттеи "Основные принсипы права собственности" / СПС "Юрист". 2008.

[310] Гражданское право / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого, СПб., 1996. – Ч. 1. – С. 189.

[311] Гражданское право России. Ч. 1: Учебник / Под ред. З.И. Цыбуленко. – М., 1998. – С. 134.

[312] Маҳмудов М.А., Тағойназров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ, Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, "ЭР-граф", 2010. – С. 380.

Фаҳмиши ашё танҳо ҳамчун объекти олми берунӣ (моддӣ) аз ҷониби И. Гумарова зери шубҳа қарор дода мешавад. Тибқи андешаи муаллиф қонун дар якҷоягӣ бо ашё ба предметҳои олами моддӣ иҷозаи мавҷудияти “ашё”-и ғайримоддӣ, масалан, пул ва қоғази қиматнок фароҳам овардааст, ки метавонанд шакли нақдӣ (ҳуҷҷатӣ) ва ғайринақдӣ (беҳуҷҷат) дошта бошанд[313].

Ба мавҷудияти ашёҳои ғайримоддӣ метавон розӣ шуд, зеро шакли ғайринақдии пул ва қоғазҳои қиматнок барои соҳибмулк шабоҳатан арзишнок мебошанд. Аммо ашёи моддӣ ва ғайримоддӣ дорои арзиши воқеии моддӣ мебошанд ва метавонанд ба неъматҳои моддӣ шомил карда шаванд.

Дар қонунгузории граждании баъзе мамлакатҳои хориҷӣ кӯшиш муайян намудани мафҳуми ашё ва молу мулк карда шудааст. Масалан, тибқи моддаи 179 Кодекси граждании Украина, ки 16 январи соли 2003 қабул гардида, 1 январи соли 2004[314] ашё предмети олами моддӣ мебошад, ки нисбат ба он ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои гражданӣ ба вуҷуд омада метавонанд. Моддаи 190 Кодекси граждании Украина мавриди амал қарор гиритфааст, муқаррар мекунад, ки “молу мулк ҳамчун объекти махсус ашёи алоҳида, маҷмӯи ашё, инчунин ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои молумулкӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи молумулкӣ ашёи ғайриистеъмолӣ мебошад. Ҳуқуқи молумулкӣ ҳуқуқи ашёӣ эътироф мегардад”. Моддаи мазкур мафҳуми “молу мулк”-ро аввалан ҳамчун ашёи алоҳида ва маҷмӯи ашё муайян кардааст. Бояд зикр кард, тахти мафҳуми худи “ашё” низ ашёи алоҳида ё маҷмӯи ашё дар назар дошта мешавад. Ҳангоми муайян кардани мафҳуми “молу мулк” дар қонунгузорӣ саравал бояд ишора ба ашёи алоҳида ва ё маҷмӯи ашё будани он карда шавад ва баъдан хусусияти фарққунандаи он аз ашё нишон дода шавад.

Бояд зикр кард, ки на ҳама гуна предметҳои олами моддӣ ҳамчун ашё объекти ҳуқуқи гражданӣ шуда метавонанд. Барои ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ эътироф шудани ашё вай бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад: а) имконияти қонеъ намудани талаботи муайяни инсонро дошта бошад; б) имконияти идоракунии он (ашё) мавҷуд бошад; в) ба инсон барои истифода дастрас бошад. Предметҳои олами моддӣ (ашё) агар ба талаботҳои болозикр мувофиқ бошад.

Ба туфайли инкишофи имкониятҳои техникии ҷомеа бисёр падидаҳои олами атроф тадриҷан ба доираи ҳукмронии инсон дохил мешаванд ва аз ин рӯ ба объекти ҳуқуқ — ашё табдил меёбанд. Вобаста ба ин Э.Н. Трубецкой қайд мекунад, ки «дар замонҳои қадим, ки энергияи барқӣ ба инсон танҳо дар шакли барқ фиристодаи Зевс маълум буд, вай объекти ҳуқуқ шуда наметавонист; ҳоло, вақте ки барои равшан кардани хонаҳо,

---

[313] Гумаров И. Понятие вещи в современном гражданском праве России // Хозяйство и право. – 2000. - №3. – С. 78-84.

[314] Гражданский кодекс Украины: С изменениями и дополнениями по состоянию на 1 января 2008 года / Составители: В. И. Борисова, В. Л. Яроцкий. — Харьков: Право, 2008. – С. 65.

кӯчаҳо ва трамвайҳои электрикӣ барқ истифода мешавад, бешубҳа объекти ҳуқуқ аст ва ҳатто дар бораи дуздии барқ даъвоҳо вуҷуд доранд»[315]. Аз ин дар бораи чунин хусусияти ашё дар фаҳмиши мадании он, ба монанди дастрас будани он ба соҳибияти шахс хулоса бароварда мешавад.

Ашё танҳо дар мавриде имконияти дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун объект баромад карданро соҳиб мегардад, ки агар вай эҳтиёҷоти муайяни инсон (маишӣ, моддӣ, соҳибкорӣ ва дигар)-ро қонеъ карда тавонад. Объектҳое, ки хусусияти фоиданок надоранд ё хусусиятҳои фоиданоки он аз ҷониби инсон кушода нашудааст, объекти ҳуқуқи гражданӣ шуда наметавонанд. Барои иҷрои таъиноти мазкур ашё бояд арзиши муайяни иқтисодӣ дошта бошад.

Ҳамин тавр, дар илми ҳуқуқи гражданӣ таҳти мафҳуми ашё предметҳои олами моддии табиӣ ва истеҳсолнамудаи инсон фаҳмида мешавад, ки ҳолат ва арзиши фоиданокӣ дорад. Се хусусияти мафҳуми “ашё”-ро ҷудо кардан мумкин аст: 1) ашё – ин предмети олами моддӣ аст; 2) ашё инфиродан муайян мебошад; 3) ба ашё манфиатҳои молумулкӣ алоқаманд аст. Мафҳуми “ашё” – категорияи ҳаҷман васеъ аст, ки ифодаҳои гуногун, якчанд намуди таснифот, реҷаи ҳуқуқии мухталиф ва ғайраро фаро мегирад.

Дар фарҷоми таҳлили мухтасари масъалаи мафҳуми “ашё” ва “молу мулк” дар ҳуқуқи гражданӣ хулосаҳои зайлро метавон пешниҳод намуд:

– дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ андешаҳо мухталиф доир ба мафҳуму мазмуни ашё ва молу мулк пешниҳод гардида, ягонагии андешаҳо ба назар намерасад;

– дар адабиёти илмӣ муҳаққиқон мафҳуми молу мулкро ба маънои васеъ муайян намуда, ба мазмуни он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ, қарз (уҳдадорӣ) ва дигар категорияҳоро алоқаманд менамоянд;

– мафҳуми молу мулк дар ҳуқуқи гражданӣ бояд дар робита бо ашё будани он муайян карда шавад. Аз ин рӯ, молу мулк – ин ашё ва маҷмӯи ашё мебошад, ки ба субъекти муайяни ҳуқуқи гражданӣ бо ҳуқуқи муайяни ашёӣ (ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ) тааллуқ дорад;

– дар қонунгузории гражданӣ истилоҳи “ашё” нисбат ба объектҳои моддие истифода шавад, мазмуни меъёри қонун ба танзими предметҳои моддии ба ягон субъекти ҳуқуқи гражданӣ бо ягон ҳуқуқи ашёӣ рабтнадошта равона шуда бошад. Дар мавриде, ки дар қонунгузории гражданӣ танзими ашёи ба субъектони ҳуқуқи гражданӣ бо ҳуқуқҳои муайян тааллуқдошта бояд истилоҳи “молу мулк” истифода карда шавад. Ҳамзамон бо дарназардошти асоснокии илмӣ ва мувофиқ будан ба моҳияти ҳуқуқи гражданӣ мақсаднок аст, ки дар қонунгузорӣ бар ивази дар баъзе муносибатҳо истифода бурдани истилоҳи “ҳуқуқи ашёӣ” ва дар дигар мавридҳо истифодаи истилоҳи “ҳуқуқи молу мулкӣ” ба таври ягона истилоҳи “ҳуқуқи ашёӣ” истифода карда шавад.

---

[315] Трубецкой Е.Н. Энциклопедия права. СПб: Юрид. ин-т, 1998. – С. 145.

– муайян кардани мафҳуми молу мулк ҳамчун ҳуқуқи молумулкӣ (ҳуқуқи талабкунӣ), уҳдадории молумулкӣ ва дигар категорияҳо дуруст намебошад. Онҳо категорияҳои алоҳидаи ҳуқуқи гражданӣ буда, мазмуни моҳияти мустақил дошта, ба молу мулк алоқаманд мебошанд, аммо ин алоқамандӣ набояд ба омехта гардидани онҳо ба мафҳуми "молу мулк" оварда расонад.

**Адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2021).
2. Қонуни ҶТ "Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии молу мулк" аз 16 майи соли 2007 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2021).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо вобаста ба он" аз 20 марти соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2021).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ". Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271.
5. Гражданский кодекс Украины: С изменениями и дополнениями по состоянию на 1 января 2008 года / Составители: В. И. Борисова, В. Л. Яроцкий. — Харьков: Право, 2008. – С. 65.
6. Аверченко Н.Н. Понятие и признаки вещи как объекта гражданских прав // Журн. рос. права, № 5. 2004. – 86-92.
7. Аксюк И.В. Недвижимость в законодательстве России: понятие, основания и способы возникновения права собственности на нее: дисс. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону. 2007. – 204 с.
8. Гражданское право / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого, СПб., 1996. – Ч. 1. – 550 с.
9. Гражданское право России. Ч. 1: Учебник / Под ред. З.И. Цыбуленко. – М., 1998. – 459 с.
10. Гражданское право. Т.1. Учеб. Пособие / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М., 1998. – С. 294.
11. Гражданское право: учеб. в 2 т. Т.1 / отв. ред. Е.А. Суханов. М.: Бек, 1998. – 785 с.
12. Гумаров И. Понятие вещи в современном гражданском праве России // Хозяйство и право. – 2000. - №3. – С. 78-84.
13. Дезорцев В.А. Принципиальные черты права собственности ва Гражданском кодексе // Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория.

Практика. Сборник памяти. С.А. Хохлова / Отв. ред. А.Л. Маковский. – Ям., 1998. – 233 с.

14. Дождев Д.В. Римское частное право: учеб. для вузов / под ред. В.С. Нерсесянца. М.: Норма, 1997. – 704 с.

15. Досмаганова А.Д. Понятия “имущество” и “вещь” в гражданском праве. Вестник Института законадательство Республики Казахстан. №4 (16). 2009. – С. 78-81.

16. Лапач В.А. Понятие “имущество” в российском праве и в Конвенции о защите прав человека и основных свобод // Российская юстиция. – 2003. - № 1. – С. 18-20.

17. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, “ЭР-граф”, 2010. 1000 с.

18. Наботов С.Х. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе. 2020. – 218 с.

19. Покровский Б.В. Понятие «имущества» в науке права. Известия АН Казахской ССР. Сер. обществ. наук. - 1977. - № 2. – С. 79-87.

20. Пухан И., Поленак-Акимовская М. Римское право: учеб. / пер. с макед.; под ред. В.А. Томсинова. М.: Зерцало, 2000. – 411 с.

21. Раҳимов М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои забони қонун // Давлат ва ҳуқуқ. 2008, №1.

22. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 500 с.

23. Скрябин С.В. Право собственности в Республике Казахстан: Сравнительно-правовой комментарий книги Уго Маттеи “Основные принсипы права собственности” / СПС “Юрист”, 2008.

24. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. Нашриёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2015. – 248 с.

25. Сулейменов М.К. Избранные труды по гражданскому праву / Научн. ред. В.С. Ем – М., 2006. – 587 с.

26. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 141 с.

27. Трубецкой Е.Н. Энциклопедия права. СПб: Юрид. ин-т, 1998. – 224 с.

28. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе, 2016. – 500 с.

29. Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 г.) – М., 1995. – 556 с.

30. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. Қисми 1. – Душанбе: Погрес, 2009. – 449 с.

# ГУНОҲИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ ДАР ВАЙРОНКУНИИ УҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМАВӢ ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

**Додозода Абдуманон Махсуд**
унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
**Тел.:** +992 918641948
**Email:** adodoev@inbox.ru

**Роҳбари илмӣ:** Бобоҷонзода И.Ҳ., доктори илмҳои ҳукуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои гуноҳи шахси ҳуқуқӣ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ ба хулосае омадааст, ки шахси ҳуқуқӣ, бо доштани ҳуқуқ ва қобилияти амал, субъекти воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Воқеияти ҳуқуқӣ мафҳуми комилан васеъ нисбат ба шахси ҳуқуқӣ аст. Муаллиф қайд менамояд, ки боз як субъекти воқеияти ҳуқуқӣ метавонад шахси воқеӣ бошад, ки ба сифати чунин субъект баромад менамояд, зеро ба талаботи субъективияти ҳуқуқ ҷавобгӯ аст (яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дорад). Фаҳмиши моҳияти шахси ҳуқуқӣ ба дарки гуноҳи шахси ҳуқуқӣ таъсири бузург мерасонад. Ба назари мо, моҳияти шахси ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки чунин шахс ҷузъи ҷудонашавандаи маҳз воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Берун аз ин воқеият шахси ҳуқуқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин сабаб, дар воқеият шахси ҳуқуқӣ, аз тарафи баъзе олимон ҳамчун фиксияи ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** Гуноҳ, шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, факти ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, воқеияти ҳуқуқӣ, мухторияти ирода, мустақилияти молумулкӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ, субъективияти ҳуқуқ.

# ВИНА ЮРИДИЧЕСКОГО ЛИЦА В НАРУШЕНИИ ДОГОВОРНЫХ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

**Додозода Абдуманон Махсуд**
Соискатель отдела частного права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова
**Тел.:** +992 918641948
**Email:** adodoev@inbox.ru

**Научный руководитель:** Бободжонзода И.Х. – доктор юридических наук, профессор.

**Аннотация.** В данной статье рассматривается вина юридического лица в нарушении договорных обязательств в гражданском праве. В процессе исследования автор пришел к выводу, что юридическое лицо, обладая правом и дееспособностью, является субъектом правовой действительности. Правовая действительность – понятие более широкое, чем юридическое лицо. Автор отмечает, что ещё одним субъектом правовой действительности может быть физическое лицо, выступающее в качестве такого субъекта, поскольку оно отвечает требованиям субъективности права (т.е. обладает правоспособностью и дееспособностью). Понимание сущности юридического лица оказывает глубокое влияние на вину юридического лица. На наш взгляд, сущность юридического лица состоит в том, что такое лицо является неотъемлемой частью правовой действительности. Вне этой реальности не может быть никакого юридического лица. По этой причине в действительности юридическое лицо рассматривается некоторыми учеными как юридическая фикция.

**Ключевые слова:** Вина, физическое лицо, юридическое лицо, юридический факт, юридическая ответственность, правовая действительность, автономия воли, имущественная самостоятельность, договорные обязательства, субъективность права.

## THE FAULT OF LEGAL ENTITIES IN VIOLATION OF CONTRACTUAL OBLIGATIONS UNDER CIVIL LAW

**Додозода Абдуманон Махсуд**
Candidate of the Department of Private Law, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov
**Тел.:** +992 918641948
**Email:** adodoev@inbox.ru

**Scientific adviser:** Bobojonzoda I.H. – Doctor of Law, Professor

**Annotation.** This article deals with the guilt of a legal entity in breach of contractual obligations in civil law. In the process of research the author came to the conclusion that a legal entity, having the right and legal capacity, is a subject of legal reality. Legal reality is a broader concept than a legal entity. The author notes that another subject of legal reality can be a physical person, acting as such a subject, because it meets the requirements of subjectivity of law (i.e. has legal capacity and capacity). Understanding of the essence of a legal entity has a profound impact on the guilt of a legal entity. In our view, the essence of a legal entity is that such a person is an integral part of legal reality. Outside of this

reality there can be no legal entity. For this reason, in reality a legal entity is considered by some scholars as a legal fiction.

**Keywords:** guilt, natural person, legal person, legal fact, legal responsibility, legal validity, autonomy of will, property autonomy, contractual obligations, subjectivity of law.

Масъалаи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи граждании муосир актуалӣ боқӣ мемонад. Мутобиқи моддаи 48 КГ ҶТ шахси ҳуқуқӣ ташкилоте дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Аломати "ҷавобгарии шахси ҳуқуқӣ" ҳанӯз аз тарафи муаллифони шӯравӣ ҳамчун "primus inter pares" (якум дар байни баробарҳо) баррасӣ мешуд. Ҳамин тавр, Г.К. Матвеев қайд намудааст, ки "маҳз тавассути ин аломат нисбатан тамоми махсусияти ин ё он ташкилот ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ кушода мешавад"[316].

Дар адабиёти навтарини ҳуқуқшиносӣ ин нуқтаи назар на танҳо ба фаромушӣ гузошта нашудааст, балки ифодаи яке аз анъанаҳо дар фаҳмиши моҳияти шахси ҳуқуқӣ мегардад. Ҳамчун тасдиқи равшани ин андеша метавон мавқеи Е.В. Богдановаро баррасӣ намуд, ки зикр намудааст: "Ҷавобгарии мустақилонаи молумулкӣ – ин аломати асосӣ ва муайянкунандаи шахси ҳуқуқӣ аст. Моҳияти шахси ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар ҷавобгарии вай зоҳир мегардад. Ҳамаи аломатҳои боқимонда дорои хусусияти ёрирасонӣ мебошанд. Онҳо ба як ақида тобеъ кунонда шудаанд – вогузор кардани ҷавобгарӣ ба шахси ҳуқуқӣ, на ин ки ба муассис"[317].

Бо назардошти он, ки илм ва таҷрибаи амалӣ аломати ҷавобгарии шахси ҳуқуқиро медиҳад, аниқ кардани асос ва шароити саршавии ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ зарур аст. Мутобиқи моддаи 2 КГ ҶТ иштирокчиёни муносибатҳои бо қонунгузории гражданӣ танзимшаванда, аз ҷумла дар баробари шахсони воқеӣ шахсони ҳуқуқӣ низ амал мекунанд. Дар ин асно қайд кардан муҳим аст, ки қонунгузории гражданӣ уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайраро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молии иштирокчиёни он асос ёфтааст, танзим мекунад. Ҳамин тавр, асоси ҷавобгарии шартномавии шахси ҳуқуқӣ аз тарафи он вайрон кардани ҳуқуқи субъективии контрагент мебошад.

Шартҳои ба амал омадани чунин ҷавобгарӣ тибқи қоидаи умумӣ инҳо мебошанд: 1) зиддиҳуқуқӣ будани вайронкунии уҳдадории шартномавӣ; 2) зиёнҳо; 3) робитаи сабабӣ-натиҷавии байни зиёни расида ва вайронкунии зиддиҳуқуқии шартнома; 4) гуноҳи вайронкори шартнома.

---

316 Матвеев Г.К. Вина в советском гражданском праве. - Киев, Изд-во Киевского госуниверситета, 1955. - С. 205-206.
317 Богданов Е.В. Сущность и ответственность юридического лица // Государство и право. -1997. -№ 10. - С. 98.

Назари ҳуқуқшиносони соҳаи ҳуқуқи граждании ватанӣ нисбат ба гуноҳи шахси ҳуқуқӣ аз бисёр ҷиҳат бо фаҳмиши онҳо вобаста ба моҳияти шахси ҳуқуқӣ муайян мегардад. Барои фаҳмидани моҳияти шахси ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи граждании ҷаҳонӣ назарияҳои зиёд бахшида шудаанд. Авҷи омӯзиши гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар ИҶШС, тақрибан ҳангоми дар ҳуқуқи граждании Шӯравӣ пурра ҳукмрон шудани назарияи коллективизм, ки моҳияти шахси ҳуқуқиро мефаҳмонд, рост омада буд[318].

Ҷонибдорони ин назария бар он ақидаанд, ки ба сифати шахси ҳуқуқӣ корхонаи дорои аломатҳои муайяни мисли коллективи коргарон ва хизматчиён амал менамояд ва тасдиқ менамоянд, ки шахси ҳуқуқӣ – ин коллектив (иттиҳодия) аст[319].

Дар ҳуқуқи граждании Шӯравӣ қайд мегардад, ки дар хоҷагидории сотсиалистӣ нерӯ ва иродаи кормандони коллектив, ки ба иҷроиши нақшаи давлатӣ бо роҳи бастани шартномаҳои хоҷагидорӣ ва иҷроиши уҳдадориҳои шартномавӣ равона гардидааст, ниҳоят дар иродаи муассиса ҳамчун субъекти ҳуқуқ ва шахси ҳуқуқӣ ҷойгир мегарданд[320].

Дар робита ба ин, чор самти аз тарафи онҳо дарк гардидани гуноҳи шахси ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст.

**Самти якум.** Шумораи зиёди олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ равишеро бештар дуруст меҳисобиданд, ки зимни он гуноҳи як ё якчанд корманд дар бораи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар умум шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, С.Н. Братус чунин меҳисобид: “Шарти зарурии ҷавобгарӣ гуноҳи иҷрокунандаи аниқ аст, ки ё аъзои шахси ҳуқуқӣ аст, ё корманди он… Корманд зимни иҷрои уҳдадориҳои худ ба шахси ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҳуқуқӣ аз он фарқкунанда муқобил намеистад… Ҷавобгарии шахси ҳуқуқӣ дар ин ҳолат ҷавобгарӣ на барои амалҳои бегона, балки худаш мебошад”[321].

Ф.Л. Рабинович дар монографияи худ на танҳо бо ҳамдилӣ дар ҷиҳатҳои принсипиалӣ бо С.Н. Братус, Н.С. Малеин ва диг. дастгириашро аз самти додашудаи таҳқиқот зоҳир кард, балки дар фарқият аз бештари олимони ба масъалаи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ машғулбуда кушиш кард, ки ба ин падидаи ҳуқуқӣ таъриф диҳад: “Гуноҳи муассисаи сотсиалистии давлатии истеҳсолӣ муносибати равонии кормандони муассиса, ки иродаи онро дар бастан ва иҷрои уҳдадории шартномавии додашуда ташкил мекунад, бо амалҳои зиддиҳуқуқӣ ва оқибатҳои зарарноки он мебошад. Он дар амалҳои (беамалӣ) қасдона-иродавӣ ё беэҳтиётона, ки аз пояш оқибатҳои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаро доранд, ифода

318 Богданов Е.В. Сущность и ответственность юридического лица // Государство и право. -1997. -№ 10. - С. 98.
319 Ойгензихт В.А. Юридическое лицо и трудовой коллектив: сущность, поведение, ответственность. -Душанбе, 1988. - С. 7.
320 Рабинович Ф.Л. Вина как основание договорной ответственности предприятия. - М.: Юрид. лит., 1975. - С. 20.
321 Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. - М.: Госюриздат, 1950. – С. 211-212.

меёбад”[322]. Дар самти мазкур дар фаҳмиши гуноҳи шахсони ҳуқуқӣ имрӯз низ тарафдорони бонуфуз доранд.

**Самти дуюм.** Фақат олимони ҳуқуқи граждании алоҳида меҳисобиданд, ки гуноҳи шахси ҳуқуқиро танҳо гуноҳи ин ё он мақоми шахси ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Масалан, И.Н. Петров меҳисобид, ки дар ҳолатҳое ки сухан дар бораи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ меравад, гуноҳи мақоми хоҷагӣ ҳамчун муносибати равонӣ ба амали (беамалӣ) зиддиҳуқуқии мақоми шахси ҳуқуқӣ, шахсони вазифадор, ки ба онҳо роҳбарии фаъолияти он вогузор шудааст, дар назар аст. Гуноҳи мақоми шахси ҳуқуқӣ бояд дар ҳамаи ҳолатҳои вайронкунии уҳдадориҳо ва дар натиҷаи амалӣ (беамалӣ) зимни иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки аз тарафи кормандони он амалӣ шудаанд, бояд эътироф гардад. Баъдтар дар таҳқиқоти дигар муаллиф ба таври пурратар мавқеи худро шарҳ дода, нишон додааст, ки “гуноҳи мақоми шахси ҳуқуқӣ барои амали кормандонаш (зимни аз тарафи онҳо иҷро гардидани уҳдадориҳои хизматиашон) ҳам гуноҳ барои таъмин накардани ташкили дурусти фаъолият ва ҳам фаъолияти худи ҷузъҳои шахси ҳуқуқӣ мебошад”[323].

**Самти сеюм.** Бештари олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ чунин меҳисобиданд, ки дар бораи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ гуноҳи коллектив шаҳодат медиҳад. Маҳз чунин мавқеъро Г.К. Матвеев ишғол карда буд. Вай таъкид мекард, ки “гунаҳкор будани муассиса ин гуноҳи шахсонест, ки аз он иборат аст, инчунин шахсоне ки фаъолияти онро ташкил мекунанд. Чунин сохтори гуноҳи шахси ҳуқуқӣ аз хусусияти он ҳамчун фаъолияти коллективи муташаккил бармеояд, ки дар он тамоми ҷузҳояш бо мақсади умумии истеҳсолӣ муттаҳид карда шудаанд”[324].

В.А. Ойгензихт, нуқтаи назари Г.К. Матвеевро оид ба гуноҳи шахсони ҳуқуқӣ дастгирӣ карда, чунин таърифи онро пешниҳод кардааст: “Гуноҳи муассиса, ташкилот, иттиҳодия дар вайронкунии шартномаи хоҷагидорӣ – ин муносибати равонии кормандон ба кирдорҳои зиддиҳуқуқии худ ва ба натиҷаи ин кирдор аст, зеро рафтори онҳо, муносибати онҳо ба рафторашон иродаи ташкилоту муассисаро дар умум ташкил медиҳад”[325]. В.А. Ойгензихт тезиси Б.С. Антимоновро дар бораи фарқияти гуноҳи шахси ҳуқуқӣ ва шаҳрванд комилан дастгирӣ мекард.

**Самти чорум**. Дар фарқият аз самтҳои номбаршудаи таҳқиқот равиши махсуси маҷмӯӣ ба фаҳмиши гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар чаҳорчубаи назарияи коллективро В.С. Якушев пешниҳод кард. Муаллиф ба сифати асоси сохтории гуноҳи шахси ҳуқуқӣ муносибати равонии ҳар як кормандро ба кирдорҳояш ва оқибатҳои он гирифтааст, лекин пайвастани гуноҳи муассисаро ба гуноҳи кормандон имконпазир наҳисобид. Ба ақидаи В.С.

---

[322] Рабинович Ф.Л. Вина как основание договорной ответственности предприятия. - М.: Юрид. лит., 1975. - С. 20.
[323] Петров И.Н. Ответственность хозорганов за нарушения обязательств. - М.: Юрид. лит., 1974, С.115-116
[324] Матвеев Г.К. Основания гражданско-правовой ответственности. -М.: Юрид. лит., 1970. - С. 218.
[325] Ойгензихт В. А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. - Душанбе,1980. С.40-41

Якушев, танҳо равандҳои равонӣ нокифоя ҳастанд ва омилҳои иҷтимоӣ низ заруранд. Гуноҳи кормандон аз гуноҳи муассиса ташаккул ёфта, ба он як мешавад.

Ҳамин тавр, муаллиф чунин мешуморид, ки гуноҳи муассиса зуҳуроти сифатан нав буда, бо гуноҳи кормандони алоҳида шабеҳ нест, балки бо назардошти рафтори на танҳо корманд, балки сохтор ҳам ташаккул меёбад[326]. Лекин як қатор ҳуқуқшиносони соҳаи ҳуқуқи граждани ба таври мустақим хулосаҳоро дар бораи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ ва фаҳмиши моҳияти шахси ҳуқуқӣ алоқаманд намекарданд.

Тарафдори принсипи бақайдгирии гуноҳи шахси ҳуқуқӣ Б.И. Пугинский мебошад. Таҳлили таҷрибаи арбитражӣ уро ба хулоса дар бораи корношоям будани характеристикаи равонӣ ба фаҳмиши гуноҳи муассиса овард. Аз ин сабаб Б.И. Пугинский гуноҳи шахси ҳуқуқиро ҳамчун содир накардани амалҳои муайяни объективӣ баррасӣ мекунад (ба харҷ надодани кушишҳои зарурӣ, иҷро накардани ҳуқуқу имкониятҳо ва ғ)[327].

Бар зидди гуноҳи махсуси шахси ҳуқуқӣ, ки бар назарияи коллектив асос ёфтааст, инчунин П.А. Варул баромад карда буд. Муаллиф чунин меҳисобид, ки гуноҳи кормандонро муайян кардан мушкил аст, лекин новобаста аз он, ки гуноҳи корманди аниқ муайян карда шудааст ё не, гуноҳи шахси ҳуқуқӣ бояд эътироф карда шавад. Ба ақидаи ӯ ин ба муайянсозии гуноҳи шахси ҳуқуқӣ таъсир намегузорад[328]. Муҳокимаҳои ба он монанд дар адабиёти муосири ҳуқуқшиносӣ низ мавҷуданд. Ҳамин тавр, В.В. Витрянский боадолатона меҳисобад, ки зимни ба қарздор татбиқ кардани ҷавобгарӣ барои амали онҳо вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои он ба шартҳои умумӣ дохил карда нашавад.

Зимнан В.В. Витрянский таъкид мекунад: “Қарздоре, ки уҳдадориҳои худро дар назди кредитор дар натиҷаи амалҳои нотавононаи кормандони худ, номуташаккилии онҳо иҷро накардааст, ё ба таври номатлуб иҷро намудааст, ҳуқуқ надорад, ки ҳолатҳои мазкурро ба сифати асоси қонеъ накардани талаботи кредитор орад. Ҷавобгарӣ барои амалҳои корманди қарздор, ки боиси вайронкунии уҳдадориҳо шудааст, ба худи қарздор вогузор карда мешавад. Аз ин сабаб, ба сифати асоси талаботи кредиторро радкунанда овардани гуноҳ ё бевиҷдонии кормандони худ, ки амалашон ба вайронкунии уҳдадорӣ оварда расондааст, бемаъно мебошанд”[329].

Фаҳмиши моҳияти шахси ҳуқуқӣ ба дарки гуноҳи шахси ҳуқуқӣ таъсири бузург мерасонад ва ба назари мо, моҳияти шахси ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки чунин шахс ҷузъи ҷудонашавандаи (субъекти) маҳз

[326] Якушев В.С. Юридическая личность государственного производственного предприятия. - Свердловск, 1973. -С. 235-237.
[327] Пугинский Б.И. Применение принципа вины при регулировании хозяйственной деятельности // Сов. государство и право. - 1979. - № 10. - С. 64-67.
[328] Варул П. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности. - Таллинн: Эести раамат, 1986. - С. 64-65.
[329] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Общие положения. - М.: Статут, 1997. - 618 с.

воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Берун аз ин воқеият шахси ҳуқуқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин сабаб, дар воқеият шахси ҳуқуқӣ, аз тарафи баъзе олимон ҳамчун фиксияи ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад.

Ба ақидаи мо, тавре ки Д.М. Генкин қайд кардааст, воқеияти иҷтимоиро дар умум дар шакли мақомоти шахси ҳуқуқӣ тасаввур кардан ва гуноҳи шахси ҳуқуқиро аз нуқтаи назари коллективӣ баррасӣ кардан нодуруст аст. Субъекти воқеияти ҳуқуқӣ аломатҳои легалӣ дорад. Дар байни онҳо аломати коллективӣ нест. Бо таври дигар, аломати коллективӣ барои шахси ҳуқуқӣ муҳим нест, аз ин сабаб чунин шахс мақоми шахси ҳуқуқиро зимни мавҷуд набудани аломати колектив, гум намекунад. Аз ин рӯ, назарияи коллективи барои истифодаи он зимни сохтори гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дуруст ҳисобида намешавад.

Махсусан нодурустии ин назария ба таври баръало баъди аз тарафи қонунгузории граждании муосир созмон дода шудани ширкати як шахс, назаррас шуд.

Ба назари мо, пайдо шудани ширкати як шахс танҳо дар бораи имконияти дар он мавҷуд набудани ҳар гуна коллектив шаҳодат медиҳад, аммо ин ҳаргиз императив ва ҳатто қоидаи умумӣ нест. Масъалаи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ (аз он ҷумла дар шакли ширкати як шахс) ҳаргиз аз байн намеравад, зеро қонунгузории амалкунанда ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ имкони доштани кормандони кироярo фароҳам меорад.

Инак, шахси ҳуқуқӣ, бо доштани ҳуқуқ ва қобилияти амал, унсури (субъекти) воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Воқеияти ҳуқуқӣ мафҳуми комилан васеъ нисбат ба шахси ҳуқуқӣ аст. Мехостем қайд кунем, ки боз як субъекти воқеияти ҳуқуқӣ метавонад шаҳрванд (шахси воқеӣ) бошад, ки ба сифати чунин субъект баррасӣ мегардад, зеро ба талаботи субъективияти ҳуқуқ ҷавобгӯ аст (яъне қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунӣ дорад). Ҳаракат дар воқеияти ҳуқуқӣ, инчунин ҳамоҳангӣ бо воқеияти физикиро шахси ҳуқуқӣ ба таври воҳид буда (шартан тақсимшаванда), бо ёрии қисмҳои муайяни худ амалӣ менамояд.

Мақомоти шахси ҳуқуқӣ маъмулан, дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ҳамчун қисми шахси ҳуқуқӣ, ки берун аз иродаи он ташаккул ва инкишоф меёбад, муайян карда мешавад.

Ҳамаи мақомоти шахси ҳуқуқӣ метавонанд ба муассисон ва иҷрокунандагон тасниф карда шаванд. Мақомоти таъсисдиҳандаи шахси ҳуқуқӣ ба таври истисноӣ барои ташаккулдиҳии иродаи он созмон дода мешаванд (мақомоти созмондиҳандаи ирода) ва ин иродаро берун аз мақомоти иҷроӣ ифода мекунанд (мақомоти ифодакунандаи ирода).

Дар баробари ин, мақомоти иҷрокунанда дар доираи ваколатҳои худ вазифаҳои иродаташкилдиҳанда ва иродаифодакунандаро муттаҳид менамоянд. Масалан, дар муассисаҳои воҳид, инчунин дар бисёр навъҳои муассисаҳо роҳбари яккаҳукмрон (директор) ҳамзамон мақомоти ягонаи ташкилдиҳандаи ирода ва ифодакунандаи ирода мебошад.

Табиати ҳуқуқии муносибатҳои байни идоракунанда ва идорашавандаи ҷамъияти хоҷагидорӣ аз он иборат аст, ки идоракунанда ба ҷойи мақомоти иҷроияи чунин ҷамъият амал мекунад. Додани ваколатҳо оид ба идоракунии ҷамъияти хоҷагидорӣ ба идоракунанда ҳаргиз маънои онро надорад, ки мақомоти иҷрокунанда яку якбора ва барои ҳамешагӣ нобуд мегардад, баръакс ивазкунӣ ба муҳлати маълуми мақомоти иҷроия ба дигар шахси мустақил[330].

Ҳамин тавр, мо хулосае ба даст овардем, ки қонунгузории граждани тартиботи аниқи аз тарафи шахси ҳуқуқӣ ташаккулдиҳӣ ва изҳори иродаи худаш (иродаи эълоншуда), ки барои бастани шартнома ва қабули ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ заруранд. Тибқи қоидаи умумӣ, ташаккулдиҳӣ ва изҳори иродаи шахси ҳуқуқӣ барои бастани шартномаи гражданӣ-ҳуқуқиро мақомоти иҷроия ҳамчун қисми шахси ҳуқуқӣ иҷро мекунад. Иродаи ташаккулёфта ва изҳор шуда, дар доираи ваколатҳои худ иродаи мақомоти иҷроия ҳамеша ва бешарт дар маҷмӯъ иродаи шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар ҳолатҳое, ки қонун тартиботи махсуси аз тарафи шахси ҳуқуқӣ бо роҳи ҷорӣ кардани вазифаи (ваколати) ташаккулдиҳии ирода ва вазифаи (ваколати) изҳори ирода баста шудани шартномаро дар ваколати мақомоти гуногуни як шахси ҳуқуқӣ муқаррар мекунад, зери хатари ғайриқонунӣ эътироф шудани шартнома чунин тартибот бояд риоя гардад.

Баъд аз он, ки шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданиро ба худ қабул кард, он бояд уҳдадориҳои шартномавии ба зимма гирифтаашро барои дастрас кардани натиҷаи ҳуқуқӣ дар доираи шартномаи басташудаи гражданӣ-ҳуқуқӣ иҷро кунад.

Уҳдадориҳои шартномавӣ – ин муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ мебошанд. Иштирокчиёни он танҳо қарздор ва кредитор мебошад. Тамоми шахсони боқимонда расман шахсони сеюм ҳисобида мешаванд. Аз ин сабаб барои ҷавоб додан ба савол дар бораи он, ки чӣ тавр, ба воситаи чӣ шахси ҳуқуқӣ метавонад уҳдадориҳои шартномавиро иҷро кунад, қисмҳои онро ҷудо кардан зарур аст, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқи гражданӣ дар мафҳуми шахси ҳуқуқӣ ифода меёбад ва он шахсоне, ки ба шахси ҳуқуқӣ дохил намегарданд, дар муносибат бо уҳдадории шартномавии шахси ҳуқуқӣ шахсони сеюм мебошанд.

Тавре, ки мо аллакай қайд кардем, як қисми шахси ҳуқуқӣ мақомоти он мебошанд. Инчунин барои мақсадҳои иҷрои уҳдадории шартномавӣ кормандони шахси ҳуқуқӣ (дар сурати мавҷудияти онҳо) қисми шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешаванд.

Аз ин сабаб, дар бораи иродаи татбиқшудаи шахси ҳуқуқии вобаста ба шартномаи уҳдадориро иҷрокунанда, метавонем аз рӯйи амалҳои (беамалии) қисмҳои таркибии ин шахс (кормандон ва мақомоти шахси ҳуқуқӣ) муҳокима кунем.

---

330 Степанов Д. Компания, управляющая хозяйственным обществом // Хозяйство и право. - 2000. - № 10. - С. 63.

Тавсифи дар умум дуруст, ба раванди ташаккулёбии иродаи шахси ҳуқуқӣ ва аҳамияти он барои ҳуқуқ, ки аз тарафи С.Н. Братус дода шудааст, қобили таваҷҷӯҳ аст. Вай қайд карда буд, ки ҳуқуқ на ба раванди равонии ташаккулёбии ирода, балки ба ифодаи объективии он, натиҷаи он ё мазмуни объективию мустақил дар муносибат бо изҳоркунандаи иродаи мавҷудият ва рушд сари кор дорад… Иродаи шахси ҳуқуқӣ – ин маҳз иродаи вай аст, бо вуҷуди он, ки аз ҷиҳати равонӣ он аз тарафи мақомоти он коркард ва ифода мегардад, яъне бо одамони зинда[331].

Шахси ҳуқуқӣ, ки қарздор аст, ҳамеша уҳдадориро бояд бо тарзи даркорӣ иҷро кунад. Агар исбот карда шавад, ки вай уҳдадориро иҷро накардааст ё онро ба таври номатлуб иҷро кардааст, пас, сабаби чунин рафторро пайдо кардан лозим аст. Шахси ҳуқуқӣ дар сурати гунаҳкор набудан, метавонад ба ҳодисаи субъективӣ ё объективӣ (нерӯи бартарафнашаванда) ҳамчун сабаби вайронкунии уҳдадорӣ такя кунад. Аммо агар вай ин корро карда натавонад, он гоҳ хулоса кардан зарур аст, ки сабаби иҷро накардани уҳдадории шартномавӣ дар он шахси ҳуқуқӣ аст. Гуноҳ дар он ифода меёбад, ки дар шартнома иродаи худро ташаккул ва ифода карда (иродаи эълоншуда), шахси ҳуқуқӣ онро бо тартиби яктарафа тағйир дода, онро риоя накардааст, ки дар иродаи амалишудаи ҳамин шахси ҳуқуқӣ инъикоси худро пайдо намояд.

Ҳамин тавр, моҳияти гуноҳи шахси ҳуқуқӣ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар он ифода меёбад, ки иродаи эълонкардаи он бе ҳар гуна сабаби қонунӣ ба иродаи амаликардаи вай мутобиқат намекунад. Ҳамин тавр, таърифи зерини гуноҳи шахси ҳуқуқӣ-қарздорро дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ додан мумкин аст.

Гуноҳи шахси ҳуқуқӣ - қарздор дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ – ин иродаи қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир кардаи шахси ҳуқуқист, ки аз иродаи эълонкардаи вай фарқ дорад ва гуноҳи шахси ҳуқуқӣ – қарздор, дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ – ин иродаи шахси ҳуқуқист, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир шудааст, ки аз иродаи эълонкардаи вай фарқ дорад ки тамоми ғамхорӣ ва эҳтиёткориро зоҳир накардааст ва ба вайрон гардидани уҳдадории шартномавӣ оварда расондааст.

Хусусияти асосии гуноҳи шахси ҳуқуқӣ ба назари мо, аз он иборат аст, ки тибқи қоида, субъекти коллективии он воқеияти физикӣ буда, ҳамеша субъекти воҳид ва тақсимнашаванда дар воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Агар муҳаққиқ шахси ҳуқуқиро аз нуқтаи назари фаъолияти физикӣ баррасӣ кунад, вай ногузир хулоса дар бораи он мекунад, ки гуноҳи шахси ҳуқуқиро гуноҳи кормандони маъмурият ташкил медиҳад. Агар гуноҳи шахси ҳуқуқиро ба воқеияти гражданӣ-ҳуқуқӣ ворид шуда баррасӣ кунем, он гоҳ шахси ҳуқуқӣ ба худ ҳам кормандон ва ҳам маъмуриятро шомил мекунад,

---

[331] Братусь С.Н. Юридические лица в советском гражданском праве. - М., 1947. - С. 67.

зеро охирин ҳамчун субъектҳои мустақили воқеияти гражданӣ-ҳуқуқӣ ба таври оддӣ вуҷуд надоранд.

Амалҳои аз тарафи шахси ҳуқуқӣ вобаста ба иҷрои уҳдадорӣ содиршаванда метавонанд аз иродаи иҷрокунанда бароянд, ки ҳатто дар бораи он ки амалҳоро вобаста ба уҳдадориҳои шартномавии мавҷудбудаи шахси ҳуқуқии додашуда анҷом медиҳад, пай набарад. Ҳамин тавр, чунин "ҷудоӣ" байни иродаи эълоншуда ва иродаи татбиқшуда танҳо дар воқеияти физикӣ имконпазир аст. Дар воқеияти ҳуқуқӣ ин падида пурра истисно аст, зеро дар ин ҷо сарчашмаи ягона ва ҷудонашавандаи ирода ва амалҳо – шахси ҳуқуқӣ мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, ҳамчун хулоса гуфтан мумкин аст, ки масъалаи гуноҳи шахси ҳуқуқӣ барои як қатор олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ то як дараҷа "монеа" гардид. Дар баробари ин, масъалаи гуноҳи шахсони ҳуқуқӣ аҳамияти калони илмӣ-амалиро нигоҳ медорад, зеро он аз тарафи ҳуқуқшиносон чи тавр ҳал карда мешавад, аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли масъалаи гуноҳи ташкилотҳо вобаста аст.

**Адабиёт:**

1. Абова Т.Е., Тадевосян В.С. Разрешение хозяйственных споров. - М.: Юрид. лит., 1968. – С. 19.
2. Богданов Е.В. Сущность и ответственность юридического лица // Государство и право. – 1997. - № 10. – С. 98.
3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Общие положения. - М.: Статут, 1997. – 618 с.
4. Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. – М.: Госюриздат, 1950. - С. 211-212.
5. Братусь С.Н. Юридические лица в советском гражданском праве. – М., 1947. – С.67.
6. Варул П. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности. -Таллинн: Ээсти раамат, 1986. – С. 64-65.
7. Венедиктов А.В. Государственная сотсиалистическая собственность. - М. - Л.: Изд. АН СССР, 1948. – С. 59.
8. Матвеев Г.К. Вина в советском гражданском праве. - Киев, Изд-во Киевского госуниверситета, 1955. – С. 205-206.
9. Матвеев Г.К. Основания гражданско-правовой ответственности. – М.: Юрид. лит., 1970. – С. 218.
10. Ойгензихт В.А. Юридическое лицо и трудовой коллектив: сущность, поведение, ответственность. -Душанбе, 1988. – С. 7.
11. Ойгензихт В.А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. - Душанбе,1980. – С. 40-41.
12. Петров И.Н. Ответственность хозорганов за нарушения обязательств. - М.: Юрид. лит., 1974. – С. 115-116.
13. Пугинский Б.И. Применение принципа вины при регулировании хозяйственной деятельности // Сов. государство и право. - 1979. - № 10. – С. 64-67.

14. Рабинович Ф.Л. Вина как основание договорной ответственности предприятия. - М.: Юрид. лит., 1975. – С. 20.

15. Степанов Д. Компания, управляющая хозяйственным обществом // Хозяйство и право. - 2000. - № 10. – С. 63.

16. Якушев В.С. Юридическая личность государственного производственного предприятия. – Свердловск, 1973. – С. 235-237.

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

## БАЪЗЕ АНДЕШАҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ИНСТИТУТИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО

**Миралиев Э.Б.,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 907672020
**E-mail:** law.tnu.tj@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз**: Сафарзода А.И. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Истиқлолият ва низоми давлатдории миллӣ барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиявӣ фазои созгореро ба миён меорад. Дар ин раванд, имконияти ба таври васеъ густариш ёфтани донишҳо, илму маърифат, андешаву ғояҳо ва дар ин замина, рушди қонунгузорӣ ба чашм мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди даст ёфтан ба мустақилияти комили сиёсӣ чун давлати соҳибистиқлол роҳи расидан ба ин ҳадафҳои бузургро дар пеш гузошт. Дар ин марҳилаи таърихӣ, ки андешаи миллӣ мавқеи побарҷоро касб намуд, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқ ба талаботи замон ва ҷавобгу ба манфиатҳои миллӣ ба миён омад. Ҳамин тавр, аз соли 1991 сар карда то солҳои 2000-ум давраи гузариш аз низоми давлатдории шӯравӣ ба низоми давлатдории миллӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин марҳила, барои мутобиқ намудани низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба талаботу манфиатҳои ҷомеа, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии ҶТ. Санади мазкур танзимгари муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дониста шуда, меъёрҳои он ба таври мушаххас муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд.

Дар мақолаи мазкур андешаҳо ва пешниҳодҳо барои такмил ва мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешниҳод гардидааст.

**Калидвожа**. Институт, шартан, қонунгузорӣ, кодекс, ҷиноят, ҷазо, ҳукм, муҳлати санҷишӣ, асос, ҳолатҳои сабуку вазнинкунанда, уҳдадорӣ, ҳокимияти шӯравӣ, истиқлолият, давлатдории миллӣ, гузариш, андешаи миллӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ИДЕИ ПО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ ИНСТИТУТА УСЛОВНОГО НЕПРИМЕНЕНИЕ НАКАЗАНИЯ

**Миралиев Э.Б.,**
старший преподаватель кафедры уголовного права и противодествию коррупции юридического факултета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 907672020
**E-mail:** law.tnu.tj@gmail.com

**Научный руководитель:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** Независимость и система национальной государственности создают благоприятную среду для развития всех сфер общественной жизни. В этом процессе есть возможность для широкого распространения знаний, науки и образования, идеи и на этой основе, совершенствования законодательства. Республика Таджикистан, обретя полную политическую независимость как независимое государство, поставила перед собой цель достичь этих великих целей. На этом историческом этапе, когда национальная идея заняла твердую позицию, возникает необходимость принять нормативные акты, отвечающие требованиям времени и отвечающие национальным интересам. Таким образом, с 1991 по 2000 год был период перехода от советской государственной системы к национальной государственной системе. На данном этапе принят ряд нормативных актов, призванных привести систему регулирования в соответствие с потребностями и интересами общества. В частности, Уголовный кодекс РТ. Этот акт является регулятором уголовно-правовых отношений, нормы которого конкретно регулируют общественные отношения.

В данной статье представлены идеи и предложения по совершенствованию уголовного законодательства Республики Таджикистан.

**Ключевые слова**. Институт, условное, законодательство, кодекс, преступление, наказание, приговор, испытательный срок, основания, смягчающие обстоятельства, отягчающее обстоятельство, обязанности, советская власть, независимость, национальная государственность, переход, национальная мысль.

# SOME IDEAS TO IMPROVE THE INSTITUTE OF PROBATION

**Miraliev E.B.,**
senior Lecturer at the Department of
Criminal Law and Anti-Corruption,
Faculty of Law, Tajik National University
**Phone.:** (+992) 907672020
**E-mail:** law.tnu.tj@gmail.com

**Scientific adviser:** Sharipov T.Sh., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation.** Independence and the system of national statehood create a favorable environment for the development of all spheres of public life. In this process there is an opportunity for wide dissemination of knowledge, science and education, ideas and on this basis, improving legislation. The Republic of Tajikistan, having gained full political independence as an independent state, has set itself the goal of achieving these great goals. At this historical stage, when the national idea has taken a firm position, it becomes necessary to adopt normative acts that meet the requirements of the time and meet national interests. Thus, from 1991 to 2000 there was a period of transition from the Soviet state system to the national state system. At this stage, a number of normative acts have been adopted to bring the regulatory system in line with the needs and interests of society. In particular, Criminal Code of the Republic of Tajikistan. This act is a regulator of criminal law relations, the norms of which specifically regulate social relations.

This article provides ideas and suggestions for improving the criminal law of the Republic of Tajikistan.

**Keywords.** Institute, conditional, legislation, code, crime, punishment, sentence, probation, grounds, mitigating circumstances, aggravating circumstance, duties, Soviet power, independence, national statehood, transition, national thought.

Бо сифати чунин як падидаи муҳим дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки фарогири принсипҳои қонуният, инсондустӣ ва адолат мебошад, институти шартан татбиқ накардани ҷазо ба шумор меравад ва мавқеи он дар моддаи 71 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст. Аз мазмуни моддаи мазкур чунин хулоса намудан мумкин аст, ки шартан татбиқ накардани ҷазо ин шартан озод намудани шахси ҷиноятсодирнамуда аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ, вале бо шарти муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ ва назорат аз болои рафтори маҳкумшуда мебошад[332].

[332] Миралиев Э.Б. Нумудҳои манфии бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо. Маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». № 1 (21). – Душанбе, 2021. – С.143-144

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо истифода аз ҷазоҳои вазнин ва пурзӯр наметавон ба мақсадҳое, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, расид[333]. Аз ин рӯ, зарурат ба вуҷуд меояд, ки бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд баъзе аз меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки аз низоми карахтшудаи собиқ давлати шуравӣ ба мо мерос мондаанд, мавриди гуманизатсия (инсондӯстӣ) қарор дода шаванд. Яъне имрӯз зарурати васеъ намудани татбиқ институти шартан татбиқ накардани ҷазо ба миён омадааст[334].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ чунин таъкид намудаанд: "Вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо ба маҳбас кашидани мардум нест, балки вазифаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷиноят, яъне аз маҳбас эмин доштани инсонҳо мебошад. Зеро дар паси ҳар як шахс як хонавода ва сарнавишту зиндагии ӯ қарор дорад"[335]. Бинобар ин, яке аз чунин институтҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки метавон бо истифода аз он ба мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва дар як маврид ҷазо ноил шуд, ин институти шартан татбиқ накардани ҷазо ба шумор меравад[336].

Бояд қайд намуд, ки бо қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 (минбаъд: КҶ) давраи сифатан нави рушди қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба миён омад. Кодекси ҷиноятии замони истиқлолият чун дигар кодексҳо (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1935 ва 1961[337]) институти шартан татбиқ накардани ҷазоро пешбинӣ менамояд ва муқаррар гардидани институти мазкур дар ин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ муҳиммияти хосро соҳиб аст. Дар моддаи 71 санади мазкур мавқеи институти шартан татбиқ накардани ҷазо муайян гардид. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки ин марҳилаи нави рушди меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба шартан татбиқ накардани ҷазо ба шумор меравад.

Аввалин, тағйироте, ки институти мазкур ба он рӯ ба рӯ гардид, ин иваз намудани номи ин модда аз "Шартан маҳкум кардан" ба "Шартан татбиқ накардани ҷазо " мебошад. Яъне номгузории институти мазкур сарчашмаи худро аз Кодекси моделии давлатҳои ИДМ гирифт.

Дуюм, доираи татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо васеътар гардид, яъне дар асоси қ.1 моддаи 71 КҶ ҶТ агар суд ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ,

---

[333] Миралиев Э.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №6. − Душанбе, 2020. – С.261

[334] Миралиев Э.Б. Мавқеи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2020. №6. – С.261

[335] Суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ 21 ноябри соли 2019, шаҳри Душанбе.(Манбаи электронӣ: http://www.president.tj/node/21842. санаи мурочиат 21.09.2020)

[336] Миралиев Э.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2019. №3. Қисми 2. − Душанбе, 2019. – С.216

[337] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. Бо тағйиру иловаҳо то 1 сентябри соли 1980. Душанбе, «Ирфон», 1981.

нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намуда, ба хулосае ояд, ки ислоҳ кардани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити назорати рафтораш имконпазир аст, он гоҳ метавонад дар хусуси шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул намояд[338]. Мақаррароти моддаи 71 КҶ ҶТ дигар тағйиротҳои навро вобаста ба институти шартан татбиқ накардани ҷазо инъикос намуд.

Аммо қисмати зиёди масъалаҳое, ки ба шартан татбиқ накардани ҷазо алоқаманд мебошанд, дар Кодекси ҷиноятӣ то ба ҳол ҳали худро наёфтаанд ва дар байни олимон баҳсҳои зиёде вуҷуд дорад. Аз ҷумла, кам кардани ҳадди поёнӣ ва болоии муҳлати санҷишӣ, истифодаи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар сурати содир шудани маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо, маҳдудиятҳои истифодаи институти мазкур нисбати категорияи муйяни шахсон, ки моддаи 71 КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, дароз кардани муҳлати санҷишӣ, ҷазоҳое, ки нисбати онҳо шартан татбиқ накардани ҷазо таъин карда мешавад, кирдорҳое, ки нисбати онҳо институти мазкур татбиқ намегардад ва ғайра.

Вобаста ба масъалаи муайян намудани моҳияти иҷтимоӣ ва табиати ҳуқуқии он дар илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ то ба ҳол баҳсҳои зиёд вуҷуд доранд. Масалан, бархе аз олимон онро: а) намуди махсуси ҷазо[339]; б) шакли амалигардии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар озод намудан аз адои ҷазои воқеӣ бо шартҳои муайян ифода мегардад[340]; е) озод кардан аз адои ҷазо[341]; ё) батаъхирандозии ба иҷро расонидани ҷазои таъингардида[342]; ж) иҷро нагардидани ҳукми суд[343]; з) меъёри ҳавасманднамоӣ[344] ва ғайра медонанд.

Ба андешаи мо шартан татбиқ накардани ҷазо як шакли шартан озод намудан аз адои ҷазо ба шумор меравад. Институти мазкур як шакли шартии озод намудан аз ҷазо ба ҳисоб рафта, ҳангоми татбиқи он ба зиммаи маҳкумшуда уҳдадориҳои муайян вогузор гардида, дар сурати риоя кардани ин шартҳо ва гузаштани муҳлати санҷишӣ аз адои ҷазо озод мегардад. Ҳамчунин шартан татбиқ накардани ҷазо намуди ҷазо ба ҳисоб намеравад, чунки дар номгӯи ҷазоҳои қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ нагардидааст ва дар меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дида

---

[338] Миралиев Э.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2020. №6. − Душанбе, 2020. – С.262

[339] Ривман Д.В. О юридической природе условного осуждения и участии общественности в перевоспитании условно осужденных / Д. В. Ривман // Вестник ЛГУ. Сер. Экономики, философии и права. 1965. – Вып. 4, № 23. – С. 144

[340] Лядов Э.В. Условное осуждение к лишению свободы как институт уголовного и уголовно-исполнительного права Автореф. дис…канд. юрид. наук. – Рязань, 2001. − С. 7; Уголовное право России. Общая часть: учеб. пособие / А. А. Байбарин, А. А. Гребеньков, С. В. Шевелева; Отв. ред. А. А. Гребеньков. – Курск 2013. – С.275

[341] Гальперин К.М. Наказание: социальные функции, практика применения. – М.: Юрид.лит., 1983. – С. 63

[342] Любинский П.И. Условное осуждение в иностранном и советском праве. – М., 1924. − С. 112; Анашкин Г.З., Вышинская З.А., Минская В.С. Условное осуждение и практика его применения. – М., 1981. − С. 11

[343] Саввин Н.Ф., Ефимов М.А. Условное осуждение и условно – досрочное освобождение от наказания / М.А. Ефимов. – М., 1963. – С.6

[344] Елеонский В.А. Поощрительные нормы уголовного права и их значение в деятельности органов внутренних дел: Учеб. пособие / В.А. Елеонский. – Хабаровск: Хабаровская высш. шк. МВД СССР, 1984. – С. 88-89.

намешавад. Инчунин институти мазкур мавқуф гузоштани ҷазо нест. Чунки, вобаста ба табиати ҳуқуқии худ, институти мазкур аз мавқуф гузоштани ҷазо фарқ мекунад. Ҳангоми мавқуф гузоштан ҳукм метавонад баъди гузаштани муҳлати мавқуф ба таври пурра иҷро карда шавад, аммо ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо ҳукм ба таъхир гузошта намешавад, балки ҳангоми гузаштани муҳлати санҷиш ҳукм иҷрогардида ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо табиати институти шартан татбиқ накардани ҷазоро чунин муайян кардан мумкин аст: шартан татбиқ накардани ҷазо ин шартан озод намудани шахси ҷиноятсодирнамуда аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ, вале бо шарти муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ ва назорат аз болои рафтори маҳкумшуда мебошад.

Ҳамин тавр, хулоса карда мешавад, ки институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар Қисми умумии КҶ ба таври дахлдор пешбинӣ нагардидааст, яъне он бояд дар боби "Озод кардан аз ҷазо" муқаррар гардад. Зеро, тавре ки дар боло қайд намудем он як навъи шартан озод кардан аз адои ҷазо ба ҳисоб меравад ва бояд дар боби "Озод кардан аз ҷазо" муқаррар карда шавад.

Дар самти имконияти дароз кардани муҳлати санҷишӣ, ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо таваҷҷуҳи бештарро меъёрҳои нави кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ба худ ҷалб мекунанд: қ.2 м.67 КҶ Гурҷистон, қ.2 м.64 КҶ Қирғизистон, қ.2 м.64 КҶ Қазоқистон, қ.2 м.74 КҶ ФР ва ғайра. Масалан, дар қ.2 м.74 КҶ ФР пешбинӣ гардидааст, ки «агар шахси шартан маҳкумшуда аз иҷрои вазифаҳои ба зиммаи ӯ таъинкардаи суд саркашӣ кунад ё тартиботи ҷамъиятиро вайрон намояд, ки барои он ҷазои маъмурӣ таъин шуда бошад, суд бо пешниҳоди мақомоти назораткунандаи рафтори ӯ метавонад муҳлати санҷишро дароз кунад, аммо на бештар аз як сол»

Чунин ба назар мерасад, ки имконияти пешбинигардида, яъне дароз кардани муҳлати санҷишӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, аз як тараф, аз муносибати инсондӯстона нисбат ба ҷинояткор гувоҳӣ диҳад, аз ҷониби дигар ба ӯ имконияти дубора дода мешавад то аз адои ҷазои воқеӣ озод бошад. Ҳатто агар рафтори маҳкумшуда ба натиҷаи интизорбудаи суд мувофиқат накунад, аз тарафи дигар, ба муносибати нисбатан масъулиятноктари маҳкумшуда ба он талабот ва маҳдудиятҳое, ки ба давраи санҷишӣ алоқаманданд, мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, қобили қабул дониста мешавад, ки чунин муқаррарот ба м. 71 Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид карда шавад.

Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия, ба суд ваколат додааст, ки муҳлати санҷишро дароз кунад, аммо оё ин муҳлат ба муҳлати ниҳоии санҷишӣ дохил карда шудааст, ё суд ҳақ дорад муҳлати санҷишро аз ҳадди аксар то як сол дароз кунад? Яъне ҳадди аксар дар КҶ ФР то 5 сол муқаррар карда шудааст, оё суд ҳуқуқ дорад, ки дар сурати ба вуҷуд омадани зарурат боз як соли дигар

онро зиёд намояд ва ё не? Судҳо ин масъаларо бо роҳҳои гуногун ҳал мекунанд, баъзеҳо аз он чунин мешуморанд, ки дар ҳеҷ ҳолат аз ҳадди ниҳоии дар қ.3 м. 73 КҶ ФР пешбинишуда набояд берун баромад. Мавқеи мазкурро А.С. Черноскутов[345] дастгирӣ менамояд. Аммо Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Русия "Дар бораи амалияи таъини ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо" аз 11 июни соли 1999, мавқеи дигарро дастгирӣ намуда, муқаррар намуд, ки дар ҳолатҳои дар боло зикршуда, суд "метавонад аз муҳлати ниҳоӣ берун бароял, аммо на бештар аз як сол".

Ба андешаи мо, роҳи беҳтари ҳалли масъалаи мазкур, ба таври мушаххас дар қонуни ҷиноятӣ нишон додани муқаррарот оид ба дароз кардани муҳлати санҷишӣ мебошад. Яъне мавқеи мазкурро дар самти дароз кардани муҳлати санҷишӣ, ки аз ҳадди ниҳоии пешбиникардаи қонун зиёд мебошад, қобили дастгирӣ меҳисобем. Аммо дар сурате, ки ҳадди ниҳоии муҳлати санҷишӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ то 3 сол муққаррар карда шавад. Дар ин сурат, чунин мавқеъгирӣ қобили қабул мебошад. Дар сурати мавҷудияти ҳадди болоии муҳлати санҷишӣ ба муҳлати 5 сол, зарурати дароз кардани ин муҳлат зиёдтар аз ҳадди ниҳоӣ дида намешавад.

Ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо лаҳзаи аҳаммиятноки онро муайян намудани давомнокии муҳлати санҷишӣ ташкил медиҳад, ки он бояд бо мақсадҳои шартан татбиқ накардани ҷазо мувофиқат намояд. Вобаста ба масъалаи оне ки ин муҳлат бояд чӣ гуна бошад, ду нуқтаи назар ҷой дорад. Гурӯҳи аввал, олимоне мебошанд, ки тибқи ақидаи онҳо муҳлати санҷишӣ дар давомияти аз 1 то 5 сол барои ислоҳшавӣ ва тарбият ёфтани шахси маҳкумшуда кофӣ мебошад[346]. Гурӯҳи дуюми олимон ба он ақидаанд, ки давомнокии нисбатан асосноки муҳлати санҷишӣ аз 1 то 3 сол мебошад[347]. Масалан, ба андешаи Т.Ш. Шарипов нуқтаи назари охирин дуруст мебошад[348], зеро якум, ин ки аз як тараф амалан шахси санҷишшавандаро муҳлати дароз назорат бурдан мушкил мебошад: дар ин муҳлат субъект мумкин аст, ки ҷои истиқомат ё ҷои кори худро иваз намояд. Дуюм, чи гунае ки маводҳои санҷишии рафтори маҳкумшудагон дар давоми муҳлати санҷишӣ нишон медиҳанд, дар аксар мавридҳо ду соли аввал нақши асосӣ ва ҳалкунандаро иҷро мекунад: дар ин давра, маҳкумшуда ё ҷиддан бо роҳи ислоҳшавӣ меравад ё боварии нисбат ба ӯ кардашударо аз байн бурда, боз даст ба содир намудани ҷиноят мезанад[349]. Сеюм, давомнокии муҳлати санҷишӣ, ки зиёда аз се солро дар бар мегирад, зарурат надорад. Зеро, ин муҳлат барои таъсир расонидан ба шахсе, ки ба

[345] Черноскутов А.С. Развитие законодательства об условном осуждении//Актуальные проблемы юриспруденции: Сборник статей. – Выпуск 3. – Часть 2. – Тюмень: Изд-во ТГУ, 1999. – С. 169.

[346] Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения. Монография. – М, 2009. – С. 127

[347] Скибицкий В. Законодательство Украинской ССР об условном осуждении и практика его применения. Автореф.дисс. канд. юрид. наук – Киев, 1972 – С. 14; Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ. Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – С. 233

[348] Шарипов Т.Ш. Условного освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики. – Душанбе, 2003. – С. 113

[349] Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 72-73; Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ. Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – С. 233

ҷамъият хавфнок аст ва имконияти татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо нисбат ба ӯ имкон дорад, басанда мебошад. Аз тарафи дигар бошад, ин мӯҳлат барои он ки маҳкумшуда худро ҳамчун шахси ислоҳшуда нишон диҳад басанда мебошад[350]. С.Н. Сабанин қайд менамояд, ки дар 2-3 соли аввали мӯҳлати санҷишӣ маҳкумшуда кӯшиш мекунад, ки дар роҳи ислоҳшавӣ қарор гирад ва ё баръакс боварии ба ӯ кардаро аз даст медиҳад ва боз даст ба содир намудани ҷиноят мезанад[351]. Э.В. Лядов зикр менамояд, ки аз ҳад зиёд муқаррар намудани мӯҳлати санҷишӣ мазмуни тарбиявии шартан татбиқ накардани ҷазоро кам карда, мушкилотро дар мавриди таъсири ислоҳнамоии он ба вуҷуд меорад[352]. Андешаи мазкурро В.Н. Курченкор низ дастгирӣ менамояд[353]. С.Н. Сабанин пешниҳод менамояд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноятҳое, ки ба ҷамъият хавфнокиашон зиёд нест ва ё аз ҷинояти вазнин сабуктар мебошанд, мӯҳлати санҷишӣ аз 1 то 2 сол, дар сурати содир намудани ҷинояти вазнин аз 2 то 3 сол муқаррар карда шавад[354]. И.Н. Алексеев бошад, андешаи онро дорад, ки давомияти санҷишӣ аз 1 то 8 сол муқаррар карда шавад. Дар сурати таъин намудани ҷазои сабуктар аз маҳрум сохтан аз озодӣ, ки суд нисбат ба он шартан татбиқ накардани ҷазоро таъин менамояд, мӯҳлати санҷишӣ набояд аз 1 сол зиёд бошад. Ҳангоми таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то 3 сол, мӯҳлати санҷишӣ аз 1 то 3 сол бояд муқаррар карда шавад, дар сурати таъини ҷазо ба мӯҳлати аз 3 то 5 сол, мӯҳлати санҷишӣ аз 3 то 5 сол муқаррар карда шавад. Дар вақти таъин намудани ҷазо ба мӯҳлати зиёда аз 5 сол, мӯҳлати санҷишӣ аз 5 то 8 сол муқаррар карда шавад. Асос барои таъин намудани чунин мӯҳлати санҷишӣ бояд мӯҳлат ва андозаи ҷазои воқеии таъингардида, инчунин имконияти ислоҳ гардидан ва қобилияти ислоҳшавии маҳкумшуда баромад намояд[355]. И.З. Галиуллин дар навбати худ ба андешаи И.Н. Алексеев розӣ нашуда, қайд менамояд, ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки шартан маҳкумшудагон асосан дар давоми 3 соли аввали мӯҳлати санҷишӣ даст ба содир намудани ҷиноят мезананд[356]. Ба андешаи Ю.А. Веретина муқаррар гардидани мӯҳлати санҷишӣ то 5 сол ё 8 сол аз ҳад зиёд мебошад[357].

Натиҷаи тадқиқоте, ки дар давраи солҳои 2016-2020 (425 ҳукми судҳои умумӣ) дар судҳои чаҳор ноҳияи ш. Душанбе, суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ва суди шаҳри Ваҳдат гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки давомнокии мӯҳлати санҷишӣ чунин таъин гардидааст:

- ба муддати 1 сол дар 61,17%-и ҳукмҳо;

[350] Кыдыралиева С. Условное осуждение по уголовному праву Киргизской ССР. – Фрунзе, 1968. – С. 13.
[351] Сабанин С. Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. – Екатеринбург, 1993. – С. 119
[352] Лядов Э.В. Институт условного осуждения: уголовно-правовой и уголовно-исполнительный аспекты: монография / Э.В. Лядов. – Рязань: Издательство ИП Коняхин А.В., 2016. – С.110
[353] Курченко В.Н. Уголовно-правовые и криминологические аспекты условного осуждения. Дисс…канд. юрид. наук. – Свердловск, 1987. – С. 99
[354] Сабанин С. Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. – Екатеринбург, 1993. – С. 173
[355] Алексеев И. Н. Условное осуждение в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2004. – С. 8
[356] Галиуллин И.З. Условные меры уголовно-правового характера. – Казань, Изд-во Казанск. Ун-та, 2006, – С. 148
[357] Веретина Ю.А. Испытательный срок при условном осуждении по уголовному кодексу российской федерации. Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева, – № 1, том 2, – 2017. – С. 122

- аз 1 то 2 сол дар 34,12%-и ҳукмҳо;
- то 3 сол – дар 4,00%-и ҳукмҳо;
- то 4 сол – дар 0.24%-и ҳукмҳо;
- то 5 сол дар 0,47%-и ҳукмҳо.

Дарозии муҳлати санҷишӣ, ки аз ҷониби суди гарнизони ҳарбии шаҳри Душанбе (70 ҳукм дар солҳои 2016-2020) муқаррар гардидааст, чунин мебошад: 1 сол дар 94,29%-и ҳолатҳо, то 2 сол дар 5,71%-и ҳолатҳо. Аз ду сол зиёдтар муҳлати санҷишӣ муқаррар нагардидааст.

Натиҷаҳои ба ин шабеҳ дар адабиёти ҳуқуқӣ низ мушоҳида мешавад. Ба андешаи қисмати зиёди олимон дар 92-98%-и ҳолатҳо судҳо давомнокии муҳлати санҷиширо танҳо дар доираи аз 1 то 3 сол муқаррар менамоянд[358]. Тавре ки С.Ю. Скобелин қайд менамояд, дар бештари мавридҳо муҳлати санҷишӣ бо давомияти аз 6 моҳ то 3 сол (95,6%) таъин мегардад, ки ин муҳлат ба таври кофӣ барои расидан ба мақсадҳои институти шартан татбиқ накардани ҷазо басанда мебошад[359].

Таҳлилҳои аз ҷониби мо гузаронидашуда гувоҳӣ дод, ки 99,29%-и ҳолатҳо судҳо давомнокии муҳлати санҷиширо танҳо дар доираи аз 1 то 3 сол муқаррар намудаанд.

Ҳамин тавр, мо ҷонибдори андешаи гурӯҳи олимоне мебошем, ки ҳангоми таъин намудани шартан татбиқ накардани ҷазо пешниҳод менамоянд, ки ҳадди болоии муҳлати санҷишӣ набояд аз 3 сол зиёд бошад. Воқеан, таҷрибаи судӣ исбот менамояд, ки дар ин муддат имкониислоҳшавии маҳкумшуда мавҷуд мебошад ва дар як маврид, дар сурати ислоҳ нагардидан, чунин маҳкумшудагон ҳатман талаботҳои ба зиммаи онҳо гузоштташударо вайрон мекунанд, ки боиси пеш аз муҳлат бекор кардани муҳлати санҷишӣ, дар маънои манфии он мегардад. Инро таҷрибаи судӣ дар солҳои 2016-2020 дар судҳои чор шаҳру ноҳияҳои шаҳри Душанбе, суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, суди шаҳри Ваҳдат ва суди гарнизони шаҳри Душанбе (495 ҳукми таҳлилшуда танҳо дар як ҳолат ба муддати 4 сол ва дар 2 ҳолат ба муддати 5 сол муҳлати санҷишӣ таъин гардидааст) исбот менамояд.

Вобаста ба ҳадди камтарини муҳлати санҷишӣ бо баинобатгирии андешаҳои олимони соҳа, таҷрибаи судӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ пешниҳод менамоем, ки ҳадди поёнии муҳлати санҷишӣ аз 6 моҳ муқаррар карда шавад. Чунки дар бештар маврид, вақте ки ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиргардида камтар аст, судҳо имкони таъини камтар аз 1 соли муҳлати санҷиширо надоранд. Аз ин рӯ, муқаррар намудани ҳадди поёнӣ бо дарназардошти принсипи инсондӯстӣ ва адолат аз 6 моҳ қобили қабул аст. Масалан, дар бештар мавридҳо таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки насбат ба шахсе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 6 сол маҳкум гардидааст, 1 сол муҳлати санҷишӣ таъин карда мешавад[360], аммо дар сурати таъин гардидани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба

---

[358] Кыдыралиева С. Условное осуждение по уголовному праву Киргизской ССР. – Фрунзе, 1968. – С. 13
[359] Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве. Монография. – Тюмень, 2012. – С.118
[360] Павандаи ҷиноятии №1-319/19 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбеи ҶТ

муҳлати 6 моҳ муҳлати санҷишӣ ба 1 сол муқаррар гардидааст[361], ки аз ҳад зиёд буда, дар ин ҳолат принсипи адолат ва инсондӯстӣ сарфи назар мегардад.

Албатта, аз нуқтаи назари мо вақте сухан дар бораи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки хусусияти гуманистиро соҳибанд меравад, маънои онро надорад, ки дар шакли том бояд ин меъёрҳо ба манфиати шахси ҷиноятсодирнамуда бошанд, балки ҳуқуқу манфиатҳои дигар аъзоёни ҷамъиятро, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, дар бар гирад. Дар ин сурат гуфтан мумкин аст, ки меъёри қонун ба талаботи принсипи инсондустӣ ва адолат дар мафҳуми умумӣ ҷавобгӯ мебошад. Чунки ба таври зиёд гуманизатсия кардани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ паёмадҳои манфии худро низ дошта метавонад. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳое, ки дар шароити кунинӣ мушкилотро дар ҷомеа ба бор овардааст, ин содир гардидани ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва далнопазирии ҷинсии хурдсолон ва ё ноболиғон, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористидошта ба ҳисоб меравад. Дар ин асно, вобаста ба масъалаи таъин намудани шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шахсони ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва далнопазирии ҷинсии хурдсолон ва ё ноболиғон, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористидоштаро содирнамуда, муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, ҳолати кунунии қонунгузории ҷиноятии кишвар, мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Муайян гардид, ки вазъи кунунии ҷинояткорӣ дар мамлакат, махсусан дар самти ҷиноятҳои муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолон ва ё ноболиғон тамоюли рӯ ба болоравиро дошта, содиршавии ин қабил ҷиноятҳо нисбат ба хурдсолону ноболиғон бо истифода аз вазъияти оҷизонаи ҷисмонию зеҳнии онҳо воқеан нигаронкунанда мебошад. Ҳамчунин, агар ба талаботи қ.2 моддаи 71 КҶ ҶТ назар афканем, муайян мегардад, ки яке асосҳое, ки ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо баинобат гирифта мешавад, ин шахсияти шахси ҷиноятсодкарда ба шумор меравад. Дар сурати ба ҷамъият хавфнок будани шахси ҷиноятсодирнамуда, имконияти татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазоро аз байн мебарад. Шахсони ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористидоштаро содир намудаанд, дар сурати аз ҷомеа ҷудо нигоҳ надоштан имкони ҷалби дигар шахсонро ба содир намудани ҷиноят доро мебошанд.

Ҳамин тавр, муайян гардид, ки Кодекси амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши меъёрҳои институти шартан татбиқ накардани ҷазо, ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ниёз ба таҷдид ва бознигариро дошта, такмили меъёрҳои Қонуни ҷиноятӣ дар ин самт боиси пешгирии ин қабил ҷиноятҳо дар ҷомеа мегардад.

Аз ин рӯ, бо мақсади самаранок намудани таъсири ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод мегардад, ки ба м. 71 КҶ тағйирот ворид карда шуда, шартан

[361] Павандаи ҷиноятии №1-135/17 // Бойгонии суди гарнизони ҳарбии шаҳри Душанбеи ҶТ

татбиқ накардани ҷазо нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбати хурдсолон ва ё ноболиғон, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористидоштаро содир кардаанд, манъ карда шавад.

**Адабиёт**


1. Алексеев И. Н. Условное осуждение в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. –Саратов, 2004. – С. 8.
2. Анашкин Г.З., Вышинская З.А., Минская В.С. Условное осуждение и практика его применения. – М., 1981. − С. 11.
3. Веретина Ю.А. Испытательный срок при условном осуждении по уголовному кодексу российской федерации. Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева, – № 1, том 2, – 2017. – С. 122.
4. Галиуллин И.З. Условные меры уголовно-правового характера. – Казань, Изд-во Казанск. Ун-та, 2006, – С. 148.
5. Гальперин К.М. Наказание: социальные функции, практика применения. – М.: Юрид.лит., 1983. – С. 63.
6. Гладких В.И., Дьяконова С.В. Условное осуждение: правовая природа и проблемы применения. Монография. – М, 2009. – С. 127.
7. Елеонский В.А. Поощрительные нормы уголовного права и их значение в деятельности органов внутренних дел: Учеб. пособие / В.А. Елеонский. – Хабаровск: Хабаровская высш. шк. МВД СССР, 1984. – С. 88-89.
8. Курченко В.Н. Уголовно-правовые и криминологические аспекты условного осуждения. Дисс…канд. юрид. наук. – Свердловск, 1987. – С. 99.
9. Кыдыралиева С. Условное осуждение по уголовному праву Киргизской ССР. – Фрунзе, 1968. – С. 13.
10. Ломако В.А. Применение условного осуждения. – Харьков: Высш. шк. 1976. – С. 72-73.
11. Любинский П.И. Условное осуждение в иностранном и советском праве. – М., 1924. − С. 112.
12. Лядов Э.В. Институт условного осуждения: уголовно-правовой и уголовно-исполнительный аспекты: монография / Э.В. Лядов. – Рязань: Издательство ИП Коняхин А.В., 2016. – С.110.
13. Миралиев Э.Б. Мавқеи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2020. №6. – С. 261.
14. Миралиев Э.Б. Нумудҳои манфии бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо. Маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон». № 1 (21). – Душанбе, 2021. – С.143-144.
15. Миралиев Э.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2019. №3. Қисми 2. − Душанбе, 2019. – С.216.

16. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ. Зери таҳрири дотсент Ҳ.С. Салимов ва дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, «Ирфон», 2010. – С. 233.

17. Павандаи ҷиноятии №1-135/17 // Бойгонии суди гарнизони ҳарбии шаҳри Душанбеи ҶТ.

18. Павандаи ҷиноятии №1-319/19 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбеи ҶТ.

19. Ривман Д.В. О юридической природе условного осуждения и участии общественности в перевоспитании условно осужденных / Д. В. Ривман // Вестник ЛГУ. Сер. Экономики, философии и права. 1965. – Вып. 4, № 23. – С. 144.

20. Сабанин С. Н. Справедливость освобождения от уголовного наказания. – Екатеринбург, 1993. – С. 119.

21. Саввин Н.Ф., Ефимов М.А. Условное осуждение и условно – досрочное освобождение от наказания / М.А. Ефимов. – М., 1963. – С.6

22. Скибицкий В. Законодательство Украинской ССР об условном осуждении и практика его применения. Автореф.дисс. канд. юрид. наук – Киев, 1972 – С. 14.

23. Скобелин С.Ю. Условное осуждение в отечественном уголовном праве. Монография. – Тюмень, 2012. – С.118.

24. Суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ 21 ноябри соли 2019, шаҳри Душанбе.(Манбаи электронӣ: http://www.president.tj/node/21842. санаи муроҷиат 21.09.2020).

25. Уголовное право России. Общая часть: учеб. пособие / А. А. Байбарин, А. А. Гребеньков, С. В. Шевелева; Отв. ред. А. А. Гребеньков. – Курск 2013. – С.275.

26. Черноскутов А.С. Развитие законодательства об условном осуждении//Актуальные проблемы юриспруденции: Сборник статей. – Выпуск 3. – Часть 2. – Тюмень: Изд-во ТГУ, 1999. – С. 169.

27. Шарипов Т.Ш. Условного освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики. – Душанбе, 2003. – С. 113.

# КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – САНАДИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ АСОСӢ БАРОИ ПЕШГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

**Зоирова П.Ҷ.,**
докторанти (PhD) кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мубориза бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** 989047878
**E-mail:** zoirova-pd@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Анвар Ислом – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола нақши Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии мубориза ба фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф Кодекси чиноятии соли 1998-ро таҳлил кардааст, ки он маҷмӯи зиёди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил додааст, ки чавобгариро барои ҷиноятҳои дар соҳаи соҳибкорӣ содиршуда, пешбинӣ менамояд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории ғайриқонунӣ, ҷиноят, моликияти хусусӣ, иқтисодиёт.

# УГОЛОВНЫЙ КОДЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ОСНОВНОЙ НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЙ ИСТОЧНИК В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ НЕЗАКОННОЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Зоирова П.Дж.,**
докторант (Phd) кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** 989047878
**E-mail:** zoirova-pd@mail.ru

**Научный руководитель:** Сафарзода Анвар Ислом – доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Рахмонзода Мухаммад Джамшед – кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье рассматривается роль Уголовного кодекса Республики Таджикистан как основного источника противодействия незаконной предпринимательской деятельности. Автор анализирует Уголовный кодекс 1998 года, который по общим тенденциям сформировал большой набор норм уголовного права, предусматривающих ответственность за преступления, совершенные в сфере предпринимательства.

**Ключевые слова:** незаконное предпринимательство, преступление, частная собственность, экономика.

## THE PENAL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS MAIN NORMATIVE-LEGAL SOURCE IN RELUCTANCE OF ILLEGAL ENTREPRENEURSHIP ACTIVITY

**Zoirova P.J.,**
doctor (Phd) of the Department of criminal law of the law faculty, Tajik national University
**Phone.:** 989047878
**E-mail:** zoirova-pd@mail.ru

**Academic supervisor:** Safarzoda Anvar Islom – doctor of laws sciences, professor

**Reviewer:** Rahmonzoda Muhammad Jamshed – candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** In given article is researched role of the Penal code of the Republic Tajikistan as one of the main sources reluctance to illegal Entrepreneurship activity. Author analyses Penal code 1998, which on the general trend has formed the big set of the rates of the criminal right, providing responsibility for crimes, made in sphere enterprise.

**Keywords:** illegal enterprise, crime, private property, economy.

Тағйироти куллӣ, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар ба амал омадаанд, ба пояҳои низоми иқтисодӣ, ки қаблан ба моликияти давлат ва системаи сотсиалистии иқтисодӣ асос ёфта буданд, ки дар он ҷо моликияти хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ҷой надоштанд, таъсири амиқ гузоштанд. Татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар боиси эътирофи ҳама шаклҳои моликият, аз ҷумла, хусусӣ бо ҳимояи баробарии онҳо гардид, ки он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 сабт шудааст.[362] Ин ислоҳотҳое, ки дар кишварамон гузаронида мешаванд, ба ташаккули

[362] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Матн] // бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. // – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.

иқтисоди бозоргонӣ бо бартарияти тарзи соҳибкорӣ нигаронида шудааст. Ин вазъият аз давлат тақозо менамояд, ки механизми мувофиқи танзим ва ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла, бо ҷалби воситаҳои қонунгузории ҷиноятӣ, таъсис дода шаванд.

Корхонаҳо ва моликияти хусусӣ имрӯз институтҳои асосие мебошанд, ки иқтисодиёти ҳозиразамон ба онҳо такя мекунанд, ҳол он ки дар гузаштаи наздик — дар давраи советӣ инҳо: системаи иқтисодии ва моликияти сотсиалистӣ ва воситаҳои истеҳсолот буданд. Омили асосии манфии вазъияти дохилии мамлакат бӯҳронест, ки бо озод кардани иқтисодиёт аз системаи куҳнашудаи иқтисодӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосии ташаккули бомуваффақияти иқтисоди бозаргонӣ ин тасдиқи соҳибкорӣ ҳамчун усули идоракунӣ мебошад, ки барои пеш рафтани иқтисодиёти давлат мувофиқ аст.

Соҳибкорӣ бо ҳамаи соҳаҳои ҷомеа зич алоқаманд буда, пайваста робита дорад, ки арзишу аҳамияти онро муайян кунад, вале аз ҷониби дигар бо падидаҳои зиёди манфӣ, аз ҷумла падидаҳои хусусияти ҷиноятӣ ҳамроҳ мегардад. Ин аз ҷониби қонунгузор ҳангоми қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998 ба назар гирифта шудааст, ки дар он аз рӯи тамоюлҳои умумӣ маҷмӯи зиёди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул ёфтаанд, ки ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ содиршударо пешбинӣ мекунанд. Мазмуни асосии ин боби Кодекси ҷиноятиро меъёрҳое ташкил медиханд, ки ба ҳифзи муносибатҳои чамъиятие, ки бо амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд, нигаронида шудаанд. Гузашта аз ин, бо назардошти вобастагии дар боло зикргардидаи ин ниҳодҳо, аз қабили моликият ва соҳибкорӣ, дар Кодекси ҷиноӣ ҳимояи ин ниҳодҳо дуруст дар доираи як бахши «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» муттамарказ шудаанд[363].

Таъмини амнияти куллии иқтисодиёти давлат аз ҳалли бомуваффақияти проблемаи муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст. Риояи талаботи умумии фаъолияти соҳибкорӣ рафтори минбаъдаи иқтисодии субъекти хоҷагидориро муайян мекунад. Муқовимати субъекти хоҷагидорӣ ба он талаботҳои асосие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дахл доранд, чун қоида, рафтори ғайриқонунии онро дар оянда муайян мекунад. Набудани бақайдгирии сохтори соҳибкорӣ имкони пардохти пурраи пардохтҳои андоз, муроҷиат ба мақомоти ҳакамӣ барои ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва ғайраро намегардонад. Бинобар ин, муқовимат ба ҷиноятҳои дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ содиршуда воситаи таъмини амният дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мебошад[364].

[363] Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.08.2021 с.).

[364] Сафаров А.И. Уголовно-правовая политика Таджикистана в области предпринимательской деятельности: проблемы и перспективы ее развития / А. И. Сафаров // Правовая политика Республики

Ҳамаи ин зарурати таҳияи заминаи консептуалии мубориза бар зидди ҷинояткориро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ тасдиқ мекунад. Кодекси нави ҷиноятӣ худ анъанаҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангии мардум, хусусиятҳои иқтисодии кишварро таҷассум намуда, уҳдадориҳои байналмилалиро ба назар гирифтааст. Дар баробари ин, қонуни нави ҷиноятӣ то ҳадди имкон таносуби мазмуни қонунгузории ҷиноятиро дар шароити гузариш аз иқтисоди нақшавӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозаргонӣ таъмин намудааст. Ҳамин тавр, пешорӯи КҶ вазифа гузошта шудааст, ки аз як тараф, фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати озодро маҳдуд ва ноустувор насохта, аз тарафи дигар, манфиатҳои давлату ҷомеа, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз кирдорҳои боэътимод ҳифз намояд.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон солҳои охир ду тамоюли манфиро ба миён овард. Аввалан, соҳибкорон ҳангоми пешбурди фаъолияти худ баъзан аз ҳуқуқи пешниҳодгардида сӯистифода менамоянд, қоидаҳои аз ҷониби давлат барои фаъолияти соҳибкорӣ муайяншударо (масалан, пинҳонкорӣ ва насупурдани андоз) вайрон мекунанд. Баъдан, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ки барои таҳкими фаъолияти соҳибкорӣ масъуланд, баъзан аз вазифаи худ барои амалӣ сохтани мақсадҳои ғаразноки худ истифода намуда, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро содир менамоянд. Дар моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне соҳибкории ғайриқонунӣ масъалаҳои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои соҳибкории ғайриқонунӣ баррасӣ шудаанд. Ба андешаи мо дар вақти банду басти соҳибкории ғайриқонунӣ мушкилӣ ҳангоми муайян намудани аломатҳои тарафи объективии моддаи 259 КҶ дар шакли «вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ», «бо роҳи истифода бурдани шахсони дигар» ва «машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ» ба вуҷуд меояд.[365]

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо зарурияти таҳқиқи мукаммали соҳибкории ғайриқонунӣ бо мақсади такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини бехатарии иқтисодии кишвар пеш меояд. Ҳамин тавр, масъалаҳои соҳибкории ғайриқонунӣ дар даврони муосир таҳқиқи мукаммал ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд, ки он арзиши баланди илмӣ ва амалиро дорост.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Матн] // бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. // – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.
2. Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.


Таджикистан: развитие и проблемы. Материалы республиканской научно-практической конфренции (17 марта 2014 г., г. Душанбе.). – Душанбе, 2014. – С. 162-169.

[365] Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис… д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С.15.

[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.08.2021 с.).

3. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис… д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С.15.

4. Сафаров А.И. Уголовно-правовая политика Таджикистана в области предпринимательской деятельности: проблемы и перспективы ее развития / А. И. Сафаров // Правовая политика Республики Таджикистан: развитие и проблемы. Материалы республиканской научно-практической конфренции (17 марта 2014 г., г. Душанбе.). – Душанбе, 2014. – С. 162-169.

## МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

# ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА СУБЪЕКТОНИ БААМАЛБАРОРАНДАИ ОН

**Собиров М.Ш.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Маҳмудов И.Т., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Искандаров З.Ҳ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Айбдоршаванда ҳанӯз гунаҳгор нест! Ин қоидаи маъмулест, ки ба ҳар як ҳуқуқшинос маълум аст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур муаллиф то ҳадди зарурӣ вобаста ба ин нуқта ва ҳамчунин доир ба субъектони баамалбарорандаи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ва давраи муҳокимаи судӣ андешаронӣ намудааст.

**Калидвожаҳо*:*** Гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, муфаттиш, прокурор, суд.

# ПРЕЗУМПЦИЯ НЕВИНОВНОСТИ: ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ЕЁ СУБЪЕКТЫ РЕАЛИЗАЦИИ

**Собиров М.Ш.,**
ассистент кафедры судебного право и прокурорского надзора юридеческого факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Научный руководитель:** Махмудов И.Т., кандидат юридических наук, дотсент
**Рецезент:** Искандаров З., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Обвиняемый еще не виновен! Это общее правило, известное каждому юристу. Поэтому в данной статье автор уделил должное внимание этому пункту, а также субъектам реализации презумпции невиновности в ходе предварительного следствия и судебного разбирательства.

**Ключивые слова:** Подозреваемый, обвиняемый, подсудимый, презумпция невиновности, уголовное преследование, следователь, прокурор, суд.

## PRESUMPTION OF INNOCENCE: CONCEPT, ESSENCE AND ITS SUBJECTS OF IMPLEMENTATION

**Sobirov M. Sh.,**
assistant of the Department of Judicial Law and prosecutor's supervision Faculty of Law Tajik National University
**Phone:** (+992) 918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Research supervisor:** Mahmudov I.T., candidate of legal sciences, assistant professor
**Reviewer:** Iskandarov Z., doctor of legal sciences, Professor

**Annotation:** The accused is not guilty yet! This is a general rule known to every lawyer. Therefore, in this article, the author paid due attention to this point, as well as to the subjects of the implementation of the presumption of innocence during the preliminary investigation and trial.

**Keywords:** Suspect, accused, defendant, presumption of innocence, criminal prosecution, investigator, prosecutor, court.

Гузаштаи дури мо далели он аст, ки вобаста ба фаҳмиши презумпсия ва ё эҳтимолияти бегуноҳӣ андешаҳо гуногун буданд ва танҳо бо мурури замон ин истилоҳ мазмуни имрӯзаашро, яъне “ҳақиқат шумоdo то замоне ки баръакси он исбот нашавад”, “расман дуруст шумурдани далел, то вақте ки нодурустиаш исбот нагардидааст” ва ё худ “эҳтимолияти бегуноҳӣ” (дар мурофиаи ҷиноятӣ – ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда намешавад) касб намуд[366].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ олимон бештар ба презумпсияи ҳуқуқӣ бартарият дода, презумпсияи (эҳтимолияти) бегуноҳиро як намуди презумпсияи ҳуқуқӣ меҳисобанд. Аз рӯи таҳлилҳои олими рус И.А. Либус презумпсияи ҳуқуқӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

а) презумпсияи ҳақиқӣ ва ба мақсад мувофиқ будани меъёри ҳуқуқ;
б) презумпсияи донистани қонунҳо аз ҷониби шаҳрвандон;
в) презумпсияи поквиҷдонии шаҳрвандон дар муносибатҳои ҳуқуқӣ;
г) презумпсияи ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ;

[366]Ниг.: Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири М.С. Осимӣ. – М., 1985. – 1280 с., Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: Бухоро, 2015., Ожегов СИ., Шведов Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 1992. - С 600.

д) презумпсияи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ;

е) презумпсияи ҷиноятӣ-мурофиавӣ;[367] (презумпсияи бегуноҳиро ба доираи презумпсияи ҷиноятӣ-мурофиавӣ дохил менамояд.)

Ба андешаи М.С. Строгович дар мурофиаи ҷиноятӣ 3 намуди презумпсия вуҷуд дорад:

а) презумпсияи донистани қонун;

б) презумпсияи ҳақиқӣ будани ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд;

в) презумпсияи бегуноҳӣ;[368]

Қайд намудан бамаврид аст, ки бештари презумпсияҳои ҳуқуқӣ ҷараёни исботкуниро бо ҳар гуна фактҳои исботнашуда соддатар ва ё ихтисор менамоянд. Презумпсияи (эҳтимолият) бегуноҳӣ бошад, ҷараёни исботкуниро соддатар намекунад ва ё бидуни исбот намудан ба айбдоркунии шахс ишора намекунад ва ё амалҳои тафтишотиро нопурра нагузошта, судро низ намегузорад бе асосҳои кофӣ ва далелҳои зарурӣ ҳукм барорад, баръакс талаб менамояд, ки ҳар як факти вуҷуддошта ва ҳар як ҳолати кор, ки ба айбдоркунии шахс ишора мешавад, ҳамаҷониба исбот карда шавад. Фарқи презумпсияи бегуноҳӣ аз дигар презумпсияҳои ҳуқуқӣ низ дар ҳамин аст.

Имрӯз ҳарчанд дар санадҳои байналмилалӣ истилоҳи презумпсияи бегуноҳӣ оварда шудааст, вале мо онро ҳамчун эҳтимолияти бегуноҳӣ истифода мебарем, зеро истифодаи презумпсияи бегуноҳӣ ба чанд муқарраротИ қонунгузории мо мутобиқат намекунад. Яке аз махсусиятҳои муҳими истифодабарии калимаи эҳтимолият дар он аст, ки забони коргузории мо тоҷикӣ аст ва истилоҳҳо низ бояд тоҷикӣ бошанд. Ҳамчунин, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ низ ба забони тоҷикӣ навишта мешаванд ва танҳо ҳангоми зарурат ба дигар забонҳо тарҷума карда мешаванд.

Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ оид ба мафҳум ва фаҳмиши муосири эҳтимолияти бегуноҳӣ андешаҳо гуногунанд. Агар андешаҳои баъзе аз олимонеро, ки дар ин самт тадқиқоти илмӣ бурдаанд, мавриди таҳлил қарор диҳем, пас олими рус М.С. Строгович чунин мешуморад, ки «айбдоршаванда бегуноҳ дониста мешавад то замоне, ки гунаҳгории ӯ тибқи тартиби муқарраркардаи қонун исбот карда нашавад ва ҳукми суд оид ба гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд[369]. Аз нуқтаи назари дигар онро танҳо ба меъёри қонун рабт додан мумкин нест. Томин В.Т. ва Безлепкин Б.Т. бошад мафҳуми мазкурро чунин шарҳ медиҳанд, ки «эҳтимолияти бегуноҳӣ назар ба мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи баландтарро касб намуда, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ он аз ҳолати айбдоршаванда вобаста нест, балки ҳамчун элементи умумиҳуқуқии мақоми шаҳрванд ба ҳисоб меравад»[370]. Аз як тараф чунин ақида боиси дастгирист, зеро дар

---

[367] Дрягин М.А. Презумпция невиновности в российском уголовном судопроизводстве. Иркутск-2004. С.29

[368] Строгович, М. С. Право обвиняемого на защиту и презумпция невиновности. С. 91.

[369] Строгович М.С. Право обвиняемого на защиту и презумпция невиновности. - М.: Наука, 1984. - С. 65.

[370] Безлепкин Б.Т., Томин В.Т. Презумпция невиновности и советский уголовный процесс // Развитие

воқеъ эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҳолати айбдоршаванда вобаста нест ва маҳз ҳамин принсип аст, ки баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар як вазн нигоҳ дошта мешавад ва дастгиркунии ғайриқонуниву маҳкумкунии беасос аз байн бурда мешавад. Олими дигари рус Ларин А.М. чунин менависад, ки «эҳтимолияти бегуноҳӣ ин ҳолати ҳуқуқии айбдоршаванда мебошад ва айбдоршаванда бегуноҳ аст то замоне ки тибқи тартиби муқарраргардидаи қонун гунаҳгории ӯ исбот нагардад»[371]. Ба андешаи Гуляев А.П. эҳтимолияти бегуноҳӣ ин ҳолат аст, ки мутобиқи он "ҳар як шаҳрванд ҳангоми ҳуқуқвайронкунӣ бегуноҳ ҳисобида мешавад, то замоне ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ баръакси он исбот карда нашавад.[372] Муҳаққиқони ватанӣ Абдуллоев Н.А. иброз медорад, ки «ҳатто дар давраи тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ масъалаи гунаҳгории судшаванда пешакӣ ҳал карда намешавад. Танҳо дар давраи муҳокимаи судӣ судяҳо вазифадоранд, ки такя ба эҳтимолияти бегуноҳӣ намуда, ҳамаи далелҳоро софдилона, беғаразона ва воқеъбинона санҷанд»[373] ва аз рӯи ин маҳакҳо гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахсро муайян намоянд. Негматов Б.С. қайд менамояд, ки "шахсе, ки гунаҳгории ӯ исбот нашудааст, баробар бо нафаре аст, ки бегуноҳии ӯ бе шубҳа исбот шудааст ва ӯ шахси сафедкардашуда эътироф мешавад"[374].

Тазаккур бояд дод, ки олимон дар хусуси ҳолати ҳуқуқӣ ва ё ҳолати воқеии кор будани эҳтимолияти бегуноҳӣ андешаҳои гуногун доранд. Баъзе олимон дар он андешаанд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ ин ҳуқуқи инсон аст. Яъне шахс бо истифода аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки бегуноҳиаш исбот карда шавад. Олимони дигар бошанд, чунин мешуморанд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ на ҳуқуқи инсон, балки ҳолати воқеии кор аст. Аз таҳлили чунин андешаҳо суоле ба миён меояд, ки агар эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳолати воқеии инсон бошад, яъне воқеияти кор чунин бошад, пас эҳтимолияти бегуноҳӣ, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, баррасии парванда дар мурофиаи суди ҷиноятӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ чи зарурат доранд?[375] Суолест, ки посух меҳоҳад! Шахсро барои гунаҳгор эътироф намудан исбот кардан зарур аст. Исботнамоӣ, ки дида нашавад, пас бешубҳа шахс бегуноҳ аст ва дар хусуси гунаҳгории ӯ сухан гуфтан ва ё дақиқан баҳо додан мумкин нест.

---

науки и практики уголовного судопроизводства в свете требований Конституции СССР. - М.: Институт Прокуратуры СССР, 1978. - С. 62.

[371] Ларин А.М. Презумпция невиновности. - М.: Наука, 1982. - С.29.

[372] Гуляев А.П. Социально-политический аспект презумпции невиновности // Советское государство и право.- 1988. №4.- С. 35.

[373]Абдуллоев Н.А. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда ҳамчун принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар партави лоиҳаи кодекси мурофиаи ҷиноятӣ // Давлат ва ҳуқуқ. №2, 2008.

[374]Негматов Б.С. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: назария ва амалияи татбиқи он. (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ назариявӣ бахшида ба 40 – солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). – Душанбе: Сино, 2014.

[375]Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш. Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №1(13). Душанбе, 2019. – С. 130-139.

Дар тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи зикргардида дар моддаи 20 оварда шудааст. Тибқи моддаи тафсиршаванда эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо қоидаҳои исботкунии ҳолатҳои воқеии кор, ҳамчунин ҳолати ҳуқуқии шахсро низ дар низоми муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ муайян мекунад[376].

Духовский М.В. низ оид ба мафҳум ва фаҳмиши эҳтимолияти бегуноҳӣ ибрози андеша намуда, қайд менамояд, ки «то он даме, ки гуноҳи шахс исбот нагардад, вай шаҳрванди комилҳуқуқи кишвар маҳсуб меёбад»[377]. Ба ақидаи Познишев С.В. «дар мурофиаи судии ҷиноятӣ судшаванда тахминан бегуноҳ эътироф мегардад то он замоне, ки гунаҳгор будани ӯ исбот нагардад»[378]. Ба ҳамин тарз олимони дигар низ оид ба паҳлӯҳои гуногуни эҳтимолияти бегуноҳӣ андешаҳои худро баён намудаанд.

Маълум мешавад, ки вобаста ба эҳтимолияти бегуноҳӣ олимон ягонафикрӣ надошта, андешаҳои гуногун доранд. Баъзе олимон эҳтимолияти бегуноҳиро танҳо ба мавқеи айбдоршаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ далолат медиҳанд. Олимони дигар бошанд чунин меҳисобанд, ки амали эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо ба айбдоршаванда, балки ба гумонбаршуда низ татбиқ карда мешавад. Гурӯҳи дигари олимон ин принсипро умумиҳуқуқӣ меҳисобанд. Яъне, ба андешаи онҳо эҳтимолияти бегуноҳӣ бояд дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ васеъ истифода бурда шавад.

Тавре иброз доштем, принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар моддаи 20-и боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – "ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" ба таври мушаххас пешбинӣ гардидааст. Моддаи мазкурро олими тоҷик профессор Искандаров З.Ҳ. ба риштаи таҳлил кашида, қайд менамояд, ки: "Мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ танҳо ба айбдоршаванда тааллуқ надорад, чунки дар Конститутсия, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ва якчанд санадҳои байналхалқӣ мафҳуми "ҳеҷ кас" истифода шудааст. Мафҳуми "ҳеҷ кас" васеъ буда, дарбаргирандаи чанд субъекти дигар, аз ҷумла гумонбаршуда, судшаванда ва шахсе, ки нисбати ӯ ҳукми ба қувваи қонунӣ надаромадаи суд ҷой дорад, мебошад"[379].

Аз таҳлилҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки амали эҳтимолияти бегуноҳӣ ба доираи номуайяни шахсон равона гардидааст. Яъне ин башорат аз он медиҳад, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ на танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, балки дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ истифода бурда мешавад, яъне он умумиҳуқуқӣ аст. Редко Т.Н. низ ба он нуқтаи назар аст, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи умумиҳуқуқӣ аст ва он оғози

---

376 Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶТ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с

377 Духовский М.Б. Русский уголовный процесс. – М., 1910. – 448 с

378 Дрягин М.А. дис. презумпция невиновности в российском уголовном судопроизводстве, – Иркутск., 2004. – 210 с

379 Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи инсон). // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019.- С.128-132. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶТ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.

фаъолияти ҳама соҳаҳои ҳуқуқ аст.[380] Вале хотиррасон бояд намуд, ки моддаи 20-и Конститутсияи ҶТ танҳо ба мурофиаи ҷиноятӣ ишора менамояд. Ба ин хотир дуруст мешуморем агар дар заминаи қисми 1-и Конститутсия (ҳеҷ кас то эътибори қонуни пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад) қ.2 ва қ.3 низ ба шаклу мазмуни зайл илова карда шавад:

1) Ҳеҷ кас то эътибори қонуни пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор донсита намешавад.

2) Айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд.

3) Ҳамаи он тахминҳое, ки бартараф карда намешаванд ба фоидаи айбдоршаванда ҳисоб карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо муқаррароти моддаи 20-и Конститутсия ва моддаи 15-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ ба доираи муайяни шахсон дахл дорад. Аниқтараш ба он нафароне, ки бегуноҳиашон барои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд зери шубҳа қарор дорад.

Ҳарчанд моддаи 20-и Конститутсия ба шахсони ҷиноят содирнамуда ишора менамояд, вале аз дигар тараф мо метавонем бо боварии комил иброз дорем, ки новобаста аз ҷиноят будани кирдор дигар шаҳрвандони оддӣ низ метавонанд аз он самаранок истифода бурда, дар дилхоҳ маврид ба он такя намоянд. Зеро, аз таҳлилҳои боло маълум мегардад, ки ин меъёр хусусияти конститутсионӣ дошта, ҳуқуқи конститутсионии шахс маҳсуб меёбад.

Вобаста ба оне ки аз ҷониби кадом субъект шахс гунаҳгор ва ё бегуноҳ эътироф карда мешавад, андешаҳо гуногунанд. Дар Конститутсияи ҶТ ва Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ ин ҳуқуқ танҳо ваколати истисноии суд аст ва дигар ҳеҷ як мақомоти давлатӣ ва ё шахси мансабдор ҳуқуқи мустаҷоб ва ё амалӣ намудани онро надорад. Дар ин хусус олими рус Строгович Михаил Соломонович қайд менамояд, ки «муфаттиш ва прокурор низ метавонанд, ки айбдоршавандаро гунаҳгор эътироф намоянд, лекин ин танҳо ақидаи субъективии онҳо аст». Ӯ ҳамчунин иброз медорад, ки мақсади эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки «қонун айбдоршавандаро бегуноҳ эътироф намудааст то он замоне, ки нафароне, ки ӯро гунаҳгор меҳисобанд гунаҳгории ӯро исбот накунанд ва ин ақидаро суд бо ҳукми худ ҷонибдорӣ менамояд»[381].

С.В. Эсаулов дар рисолаи номзадии худ қайд намудааст, ки дар бобати ин масъала коргарони амалӣ ба 2 қисм ҷудо шуданд. 96 фоизи онҳо дар он ақидаанд, ки гунаҳгории шахс ва ё бегуноҳии ӯ танҳо пас аз эълони ҳукми суд маълум карда мешавад. 4 фоизи дигар бошад чунин меҳисобанд, ки дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ низ метавонанд гунаҳгории шахсро муайян намоянд[382]. Ба андешаи мо низ гунаҳгории шахс танҳо пас

---

[380] Радько Т.Н. Презумпция невиновности и юридическая ответственность: Лекция. - М.: Московская академия МВД России, 2001. - С. 5.

[381] См.: Строгович М.С. Избранные труды: в 3 т. Т.2 Гарантии прав личности в уголовном судопроизводстве. - М.: Наука, 1992. - С. 231.

[382] Эсаулов С.В. Реализация принципа презумпции невиновности в

аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд муайян карда мешавад. Дигар ҳеҷ як шахс наметавонад шахсро гунаҳгор эълон намояд.

Ҳамин тариқ бояд гуфт, ки бо тартиб додани қарор дар бораи фикри айбдоркунӣ аз ҷониби муфаттиш ва тасдиқ гардидани он аз ҷониби прокурор тибқи ақидаву эътимоди шахсони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ шахс гунаҳгор эътироф мешавад, вале ин фикри шахсии онҳо аст на аз номи давлат. Чунки ҳам санадҳои миллӣ ва ҳам санадҳои байналмилалӣ қайд менамоянд, ки: «ҳеҷ кас гунаҳгор дониста намешавад, то замоне ки гунаҳгории ӯро суд муайян нанамояд». Яъне аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки танҳо суд гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахсро эълон мекунад. Тавре дар боло зикр намудем, ин танҳо ваколати истисноии суд аст. Дигар иштирокчиён ҳатто ҳуқуқ надоранд, ки бо шахси гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда ҳамчун шахси гунаҳгор муносибат намоянд. Муносибат бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят комилан бегуноҳ аст. Чунки, ҳануз маълум нест, ки нисбат ба шахс ҳукми сафедкунанда бароварда мешавад ва ё ҳукми айбдоркунанда. Ҳамчунин муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор бояд хеле бодиққат бошанд ва бо шахси дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшаванда ҳамчун бегуноҳ муносибат намоянд, зеро гумонбар будану айбдор намудани ӯ ҳанӯз маънои гунаҳгор будани шахсро нишон намедиҳад то он даме ки ҳукми суд оид ба гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд. Вале прокурор дар суд метавонад гунаҳгор будани шахсро дар содир намудани ҷиноят бо далелу асосҳои зарурӣ то андозае исбот намояд. Ва суд низ ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда бояд комилан итминон дошта бошад, ки шахс дар воқеъ гунаҳгор аст ва дар ҳукми ӯ набояд шубҳа дида шавад[383]. Ҳамчунин, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор то мурофиаи судӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба воситаҳои ахбори омма оид ба гунаҳгор будани шахс ва ё чи гуна ҷазову чанд сол аз озодӣ маҳрум шудани ӯ ягон маълумоте диҳанд, чунки худи вожаи эҳтимолият ин шубҳа кардан, тахмин намудан ва ё фарз кардан аст, яъне эҳтимол меравад, ки шахс гунаҳгор аст ва мумкин аст нисбати ӯ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳукми сафедкунанда бароварда шавад[384].

Аз рӯи ин маҳакҳои номбаргардида, принсипи мазкур мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, яъне муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурорро вазифадор менамояд, ки ҳама далелҳои заруриро барои гумонбар будану айбдор намудани шахс ҷустуҷӯ ва ҷамъ намоянд. Дар сурати дарёфт нанамудани маълумоту далелҳои кофӣ ва исбот нагардидани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят принсипи мазкур кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад. Моҳияти эҳтимолияти бегуноҳӣ

доказывании на досудебных стадиях уголовного судопроизводства – Москва – 2013. С. 55.

[383] Римский статут международного уголовного суда, – статья 66, 1998, – С. 42.

[384]Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи инсон). // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019.- С.128-132.

дар он дида мешавад, ки ҳангоми шахсро айбдор намудан дар содир намудани ҷиноят ӯ ухдадор нест бегуноҳиашро исбот намояд. Исботи гуноҳи шахс бар зиммаи тарафи айбдоркунанда аст, ки ухдадор аст барои айбдоркунии шахс ба суд тамоми факту далелҳои заруриро ҷамъ намуда, фиристонад, ки воқеан ҷинояти мазкурро ҳамин шахс дар асоси ҳамин далелҳои зарурии мавҷудбуда содир намудааст. Ба ин минвол тарафи айбдоркуниро зарур аст, ки ҳамаи шубҳаҳои пайдошавандаро, ки гунаҳгории шахсро зери шубҳа мегузоранд бартараф созанд ва ҳама далелҳои аз тарафи ҳимоя пешниҳодшударо низ рад созад. Тарафи ҳимояро бошад зарур нест, ки далелҳои тарафи айбдоркуниро рад намояд, балки то лаҳзаи охир далелҳои зарурӣ ва воқеиро ҷамъ намуда, барои бегуноҳ эътироф намудани шахс пешниҳод намояд. Пас аз ин суд муваззаф гардонида мешавад, ки дар асоси принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо ва ҳамчунин далелҳои мавҷуда бо ақидаву эътимоди ботинии худ шахсро гунаҳгор ва ё бегуноҳ хукм намояд.

Воқеан ҳам ҳама ҷабҳаҳои эҳтимолияти бегуноҳӣ аз мушкиливу баҳсҳои доманадор орӣ нестанд. Давлат ва ҷомеа ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахсро кафолат медиҳад ва ӯро аз ҳар гуна таҷовузҳои ғайриқонуниву беасос эмин нигоҳ медорад. Дар моддаи 19-и Конститутсияи ҶТ низ ишора мешавад, ки ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Аз ин хотир гумонбар будану айбдор намудани шахс ин ҳанӯз гунаҳгор будани шахс нест! Ба ин хотир такя ба эҳтимолияти бегуноҳӣ намудаву хуқуқу озодиҳои шахсро маҳдуд намудан мумкин нест.

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки айбдоршаванда ҳангоми дар ҳабс қарор доштан баробари дигар шаҳрвандон комилҳуқуқ аст ва метавонад дар интихобот иштирок намояд, ҳуқуқ ба манзил дошта бошад ва ҳатто аз кор рондан ва ё аз муассисаҳои таълимӣ ӯро хориҷ намудан мумкин нест. Вале бояд қайд намуд, ки ҳангоми зарурат барои таъмини дурусти кори пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои дигарон мубоҳ аст, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун баъзе ҳуқуқу озодиҳои ӯ маҳдуд карда шавад. Яъне ин принсип дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ягона принсипе мебошад, ки тавозунро миёни ҷабрдида ва айбдоршаванда нигоҳ медорад ва то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд шахсро бегуноҳ мепиндорад.

Принсипи мазкурро ба назар гирифта шахсони пешбарандаи таъқиботи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш, таҳкикбаранда бояд ҳамаҷониба, холисона ва пурра ҳолатҳои корро омӯзанд. Зеро ҳангоми сарфи назар кардани принсипи мазкур ҳаёти инсон зери хатар монда, эҳтимоли аз озодӣ маҳрум гардидани шахс ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипест, ки шахсро аз ҳар гуна айбдоркунии ғайриқонунӣ нигоҳ дошта, ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳояш хизмат мекунад ва ба айбдоршаванда ва ҳатто шахси гунаҳгор эълон гардида низ имконияти ҳимоя намудан аз маҳкумкунии беасосро фароҳам меорад. Ин принсип тавозунро миёни тарафи айбдоркунӣ ва

ҳимоя баробар намуда, моҳияти корро ҳамаҷониба муайян менамояд, ки он барои ҳукми одилонаи суд нақшгузор хоҳад шуд.

**Адабиёт:**


1. Абдуллоев Н.А. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда ҳамчун принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар партави лоиҳаи кодекси мурофиаи ҷиноятӣ // Давлат ва ҳуқуқ. №2, 2008.
2. Безлепкин Б.Т., Томин В.Т. Презумпция невиновности и советский уголовный процесс // Развитие науки и практики уголовного судопроизводства в свете требований Конституции СССР. - М.: Институт Прокуратуры СССР, 1978. - С. 62.
3. Гуляев А.П. Социально-политический аспект презумпции невиновности // Советское государство и право. - 1988. №4.- С. 35.
4. Дрягин М.А. дис. презумпция невиновности в российском уголовном судопроизводстве, – Иркутск., 2004. – 210 с
5. Дрягин М.А. Презумпция невиновности в российском уголовном судопроизводстве. Иркутск-2004. С.29
6. Духовский М.Б. Русский уголовный процесс. – М., 1910. – 448 с
7. Ларин А.М. Презумпция невиновности. - М.: Наука, 1982. - С.29.
8. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири М.С. Осимӣ. – М., 1985. – 1280 с., Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: Бухоро, 2015., Ожегов СИ., Шведов Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 1992. - С 600.
9. Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш. Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №1(13). Душанбе, 2019. – С. 130-139.
10. Негматов Б.С. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: назария ва амалияи татбиқи он. (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ назариявӣ бахшида ба 40 – солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). – Душанбе: Сино, 2014.
11. Радько Т.Н. Презумпция невиновности и юридическая ответственность: Лекция. - М.: Московская академия МВД России, 2001. - С. 5.
12. Римский статут международного уголовного суда, – статья 66, 1998, – С. 42.
13. Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи инсон). // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019.- С.128-132. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶТ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.
14. Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи

ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи инсон). // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019.- С.128-132.

15. Строгович М.С. Избранные труды: в 3 т. Т.2 Гарантии прав личности в уголовном судопроизводстве. - М.: Наука, 1992. - С. 231.

16. Строгович М.С. Право обвиняемого на защиту и презумпция невиновности. - М.: Наука, 1984. - С. 65.

17. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶТ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с

18. Эсаулов С.В. Реализация принципа презумпции невиновности в доказывании на досудебных стадиях уголовного судопроизводства – Москва – 2013. С. 55.

# ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)

## ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Саидзода И.И.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** (+992) 987130303
**E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Давлятов С.Ҳ.,**
докторанти (Ph.D) кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел.:** +992 93 3881093
**E-mail:** davlatovsirojiddin@gmail.com

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудаанд, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои он дар самти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллифон бар он ақидаанд, ки созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши хело ҳам назаррас доранд. Аз ин рӯ, давлатҳои ҷаҳонро зарур аст, ҳамкориҳои худро бо созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт боз ҳам ҷоннок намоянд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуқи инсон, ҳамкорӣ, сиёсати хориҷӣ, санади ҳуқуқии байналмилалӣ, Конвенсия, Паймон, созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, СММ, ЮНИСЕФ, ЮНИФЕМ.

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ОБЛАСТИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Саидзода И.И.,**
доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ
**Тел.:** (+992) 987130303

**E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Давлятов С.Х.,**
докторант (Ph.D) кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ
**Тел.:** +992 93 3881093
**Email:** davlatovsirojiddin@gmail.com

**Аннотация:** В данной статье рассматривается роль международно-правовых документов о правах и свободах человека и гражданина, ратифицированных Республикой Таджикистан, сотрудничество Республики Таджикистан с международными организациями в области прав человека и инициатива Основателя мира и национального единства - Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в ООН и ее учреждениях в области прав и свобод человека и гражданина. Авторы считают, что международные организации играют важную роль в обеспечении прав и свобод человека и гражданина. Поэтому странам мира необходимо усилить сотрудничество с международными организациями в этой сфере.

**Ключевые слова:** Конституция, права человека, сотрудничество, внешняя политика, международно-правовые документы, Конвенции, Пакты, международные организации в области прав человека, ООН, ЮНИСЕФ, ЮНИФЕМ.

## ACTIVITIES OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN THE FIELD OF HUMAN RIGHTS

**Saidzoda I.I.,**
docent of the department of human rights and comparative law, faculty of law, TNU
**Phone.:** (+992) 987130303
**E-mail:** saidov-i88@mail.ru

**Davlyatov S.H.,**
doctoral student (Ph.D.) at the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, TNU
**Phone.:** +992 93 3881093
**Email:** davlatovsirojiddin@gmail.com

**Annotation:** This article examines the role of international legal documents on human and civil rights and freedoms ratified by the Republic of Tajikistan, the cooperation of the Republic of Tajikistan with international organizations in the field of human rights and the initiative of the Founder of Peace and National

Unity - President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the UN and its agencies in the field of human and civil rights and freedoms. The authors believe that international organizations have a significant role in ensuring human and civil rights and freedoms. Therefore, the countries of the world need to intensify their cooperation with international organizations in this area.

**Keywords:** Constitution, human rights, cooperation, foreign policy, international legal instruments, Conventions, Covenants, international human rights organizations, UN, UNICEF, UNIFEM.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи дигаргуниҳои куллии демократӣ, бунёди давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд устуворона қадам гузошт. Дар баробари соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули Конститутсия пеш омад. Ҷомеа ва давлати Тоҷикистон ба марҳалаи сифатан нави таърихии инкишофи худ ворид шуданд ва дар мамлакат давраи дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамеа оғоз гардид. Хусусияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки асоси онро консепсияи (нуқтаи назари) афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад[385]. Ҳамаи масъалаҳои вобаста ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва пурраҳокимиятии халқ, ташкили ҳокимияти давлатӣ, муносибати шахс ва давлат, ҷомеа ва инсон аз диди назари эътирофи инсон ҳамчун арзиши олӣ матраҳ мегардад[386].

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ як қатор санадҳои муҳимми байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, Конвенсияи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз 18 декабри соли 1990, Конвенсияи СММ оида ба ҳуқуқи кӯдак аз 2 сентябри соли 1990 ва амсоли инҳоро ба тасвиб расонида, қонунугузории худро дар ин самт бо стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ намудааст.

Қобили қайд аст, ки ба расмият шинохтани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри густариши равобити дӯстона ва ривоҷи ҳамкориҳои дуҷониба аҳамияти калон дорад. Эътирофнамоии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи байналмилалии онро мустаҳкам сохта, ба инкишофи ҳамкориҳо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ наметавонист аз муқаррарот ва таҷрибаи ҷомеаи байналмилалӣ дар канор бошад. Илова бар ин, он

---

385 Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2017. – 241 с.

2 Ниг:. Орипов.Т., Ҷабборов Ф.Н. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Курси лексияҳо). – Душанбе, 2013. – 208 саҳ.

дигаргуниҳои куллӣ ва мушкилиҳое, ки дар ҷаҳони муосир дар охири асри 20 ва аввали асри 21 ба амал омаданд, аз қабили терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ҳифзи амният, ҳифзи муҳити зист, нигаҳдории тандурустӣ ва демография ва дигар муаммоҳои ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як фарди сокини худ аъзои якчанд ташкилоту созмонҳо ва конвенсияву санадҳои байналмилалӣ гардад.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии онро ташкил дода, мамлакати мо дар асоси сиёсати "дарҳои кушода" равобити бисёрсамтаро бо тамоми давлатҳо ва созмонҳое, ки ба манфиати миллии мо арҷ мегузоранд, густариш медиҳад. Таърихи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти кишвар оғоз гардида, минбаъд дар натиҷаи васеъшавии доираи муносибатҳо торафт густариш меёбад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 равобити ҳамаҷонибаю судманди мамлакат бо созмонҳои байналмилалӣ дарҷ гардидааст, ки дар он чунин оварда шудааст: "Замони мо – замони муттаҳид сохтани саъю талошҳо ва ба ҳам овардани кӯшишҳои муштарак дар самти ҳаллу фасли масоили умдаи инсоният аст, ки созмонҳои минтақавию байналмилалӣ таҷассумгар ва ҳамоҳангсози чунин фаъолиятҳо мебошанд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар кори ин созмонҳо ширкати фаъолона дошта, хоҳони густариши ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони конфронси исломӣ ва созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ аст. Мо равобити созандаи худро бо тамоми институтҳои байналмилалии молиявӣ ҳамоно тақвият хоҳем бахшид. Мо чун узви комилҳуқуқи созмонҳои байналхалқӣ бояд дар асоси риояи қотеонаи санадҳои умумибашарӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо манфиатҳои олии миллат ва давлат амал намоем, ҷузъиёти мушаххаси ширкати Тоҷикистонро дар фаъолияти ин созмонҳо пешбинӣ созем"[387].

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсонро дар танзим ва робитаи густурдаи байналмилалӣ хело муҳим арзёбӣ менамояд. Бинобар ин, айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон узви чандин созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон аз қабили: Созмони Милали Муттаҳид аз 2 марти соли 1992, Созмони байналхалқии меҳнат аз 26 ноябри соли 1993, Созмони байналхалқии муҳоҷират аз 29 ноябри соли 1994, ЮНИСЕФ аз соли 1993, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз 19 феврали соли 1994, ЮНИФЕМ аз соли 2000-ум, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх аз соли 1993 ва ғайраҳо мебошад. Дурнамои инкишофи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои

5 Ниг:. Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР- граф, 2010. – 512 саҳ.

байналмилалии зикргардида ба нафъи истиқлолият ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои байналмилалии ҳар як шаҳрвандони он мебошад. Мамлакати мо якҷоя бо созмонҳои байналмилалӣ дар барқарор намудани сулҳи ҷаҳонӣ ва таъмини ҳифзу ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд иштирок менамояд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагиҳои 30 созмони байналмилаливу минтақавӣ, 9 намояндаи агентиҳо ва муассисаву сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид фаъолият менамоянд[388], ки ҳамаи онҳо дар пойдории сулҳ, тафтиши ҳамаҷонибаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ривоҷи низоми бисёрҳизбӣ, истифодаи озодонаи васоити ахбори умум, ёрии башардӯстонаи тиббӣ ва ғайра саҳми бевоситаи худро гузошта истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон буда, дар арсаи байналмилалӣ бо ибтикороти судманд баромад менамояд. Ҳаминро қайд менамоем, ки обрӯ ва эътибори имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси байналмилалӣ ин натиҷаи саъю талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ҷомеаи башар мамлакати моро ҳамчун кишвари ташаббускор ва сулҳҷӯ мешиносад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафту инкишофи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон манфиатдор буда, баҳри фаъолияти муътадили онҳо дар мамлакат ҳамаи шароит ва имкониятҳоро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуӣ мазкур моро ба чунин хулосаҳо оварда расонид:

1. Дар замони муосир нақши созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон хело назаррас мебошад, зеро бо ёрии онҳо тамоми муаммоҳое, ки дар раванди ҷаҳонишавии шадид ба амал омада истодаанд, роҳи ҳалли худро меёбанд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки фаъолияти онҳо боз ҳам ҷоннок карда шавад.

2. Солҳои охир мушкилоти рӯзмарраи ҷаҳонишавии шадид, ки қариб тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсониро фаро гирифтаистодааст аз он далолат менамоянд, ки механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон коста гардидааст. Аз ин рӯ, барои бартараф намудани ҳолати баамаломада пешниҳод менамоем, ки назорати иҷроиши уҳдадориҳои созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз тарафи сохторҳои вобасташудаи Созмони Милали Муттаҳид пурзӯр карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 бо тағйироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016.

388 Ҷомеаи ҷаҳон // Интишори сомонаи «*Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*». – Манбаи дастрасӣ: http://www.kumitaizabon.tj/tg/print/6505 (санаи муроҷиат 15.10.2021)

// Сомонаи расмии маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://www.mmk.tj.

2. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2021. http://www.president.tj – Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ: – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 512 саҳ.

4. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2017. – 241 с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6-уми августи соли 2001, №31. Маводи электронӣ // URL: http://www.mmk.tj.

6. Эргашев З.Р. Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 240 саҳ.

# ЮРИСДИКСИЯИ УНИВЕРСАЛӢ – МЕРОСИ ҲУҚУҚИИ НЮРНБЕРГ

**Одинаева Н.Ҳ.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ ДМТ.
**Тел.:** (+992) 988-38-15-15.
**E-mail:** nuriniso1906@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов С.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саидов Ҳ.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Вобастагии афзояндаи давлатҳо дар ҷаҳони муосир, ки яке аз хусусиятҳои намоёни раванди ҷаҳонишавӣ мебошад, таҳқиқи бештари мушкилии муносибатҳои байнидавлатӣ ва умуман муносибатҳои байналмилалиро талаб мекунад ва дар баъзе ҳолатҳо мафҳумҳо ва институтҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки барои мо ошноянд, баррасии дубораро аз мо тақозо мекунанд. Ба ин гурухи мафхумхо юрисдиксия универсалӣ низ дохил мешавад.

**Калидвожаҳо:** Юрисдиксияи универсалӣ, трибунали байналмилалӣ, соҳибихтиёрии миллӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ.

# УНИВЕРСАЛЬНАЯ ЮРИСДИКЦИЯ – ПРАВОВОЕ НАСЛЕДИЕ НЮРНБЕРГА

**Одинаева Н.Х.,**
ассистент кафедры международного права юридического факультета ТНУ.
**Тел.:** (+992) 988-38-15-15.
**E-mail:** nuriniso1906@mail.ru

**Научный руководитель:** Раджабов С.А., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саидов Х.Х., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Рост взаимозависимости государств в современном мире, представляющий собой одну из наиболее заметных черт процесса глобализации, усложнение межгосударственных связей и вообще международных отношений требуют дальнейшего исследования и в ряде случаев переосмысления международно-правовых понятий и институтов, ставших привычными. К таким понятиям относится и юрисдикция государств.

**Ключевые слова:** Универсальная юрисдикция, международный трибунал, национальная независимость, международные преступления.

# UNIVERSAL JURISDICTION – LEGAL HERITAGE OF NURNBERG

**Odinaeva N.H.,**
assistant at the Department of International Law, Faculty of Law, TNU
**Phone:** (+992) 988-38-15-15.
**E-mail:** nuriniso1906@mail.ru

**Scientific adviser:** Rajabov S.A., doctor of science in law, professor
**Reviewer:** Saidov H.Kh., candidate of science in law, docent

**Annotation:** The development of the interdependence of states in the modern world, which is one of the most noticeable features of the globalization process, the complication of interstate relations and international relations in general require further research and, in the cases of rethinking of international legal concepts and institutions that have become customary. Such concepts include the jurisdiction of states.

**Keywords:** universal jurisdiction, international tribunal, national sovereignty, international crimes.

Пеш аз оғоз намудани тадқиқоти масъалаи мазкур бояд қайд намуд, ки Созишнома оид ба таъсис намудани Трибунали байналмилалӣ ва Низомномаи[389] он аз ҷониби ИҶШС, ИМА, Британия Кабир ва Фаронсааз 26 июн то 8 августи соли 1945 дар конфронси лондонӣ, таҳия шудаанд. Ҳуҷҷати мазкур дар якҷоягӣ таҳия шуда, дар он мавқеи мувофиқ кардашудаи 23 давлатҳои аъзои конфронс дарҷ гардид ва принсипҳои оиннома аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ ҳамчун принсипҳои умумиэътирофгардида барои мубориза зидди ҷиноятҳо алайҳи инсоният тасдиқ гардиданд.

Мувофиқи он ки трибунали мазкур муқаррар шуда буд, муассисони Трибунали Нюрнберг ва Оинномаи Лондонӣ аз 8 августи соли 1945 суди адолатонаро нисбат ба натсистони асосӣ мехостанд. Трибунал зидди усули соддакардашуда вобаста ба иҷрои қарори конфронси (4-11 феврали соли 1945) давлатҳои иттифоқ, ки дар Ялта (Крым) баргузор гардид, баромад намуд. Пеш аз ҳама, айбдоркунандаи асосии аз ҷониби ИМА судяи Суди Олии ИМА Роберт Джексон волоияти қонуни макони амалишавии адолати судиро тарафдорӣ намуда, инчунин, шахсон дар асоси нишондодҳои объективонаи шоҳидот гумонбар ё сафед карда шуда эътироф шаванд.

[389] Соглашение между Правительствами СССР, США и Великобритании и Северной Ирландии и Временным Правительством Французской Республики о судебном преследовании и наказании главных военных преступников европейских стран оси от 8 авг. 1945// Действующее международное право. В трех томах. Том 1. Сост. проф. Ю.М. Колосов и проф. Э.С. Кривчикова. – М.: Московский независимый институт международного права, 1996. – С.763-770; Устав Международного военного трибунала для суда и наказания, главных военных преступников европейских стран оси. - стр. 763-770

Қарори Трибунали байналмилалии низомӣ дар Нюрнберг нишон медиҳад, ки судя Роберт Джексон ба мақсади мазкур ноил шуда, воқеияти он ки, 3 ҷавобгар сафед карда шуданд, 3 нафар ба ҳабси якумра, 4 нафар ба ҳабси зиндонӣ ва 12 нафар ба дор овехта шуданд дар ин бора шаҳодат медиҳад.

Усули судя Роберт Джексон дар Нюрнберг хусусияти универсалӣ дошт. Дар сухани ифтитоҳии худ гуфт, ки "даъвогари аслӣ дар ин мурофиа тамаддун" ва "тамаддун ҷавобро талаб мекунад: меъёрҳои ҳуқуқ чунон ақиб мондаанд, ки онҳо зидди чунин ҷиноятҳо, ки аз ҷониби ҷинояткорони вазифаҳои баландро ишғолкарда содиршудаанд мубориза бурда наметавонанд"[390]. Инчунин ӯ қайд кард, ки ҷиноятҳоеро, ки мо кушиш менамоем ҳукм намоем чунон бадқасдона буда, оқибатҳои харобиовар доранд ва тамаддун таҳаммул карда наметавонад, ки онҳо такрор шаванд[391]. Джексон изҳор дошт, ки "Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки тибқи протоколҳои мурофиаи судӣ, ки мо шахсонро имрӯз ҳукм менамоем таърих худи моро оянда ҳукм менамояд. Мо бояд барои ноил шудан ба беғаразӣ ва мукаммалии дарки ақлӣ кушиш намоем, то ки ин мурофиаи судӣ барои наслҳои оянда намунаи амлии умедворӣ ва адолат бошад"[392].

Барои таъмини айбдоркунӣ зидди ҷавобгарони натсист Суди Нюрнберг гумон дошт, ки он аз номи тамоми инсонҳо амал мекунад. Ғайр аз ин, суд гумон дошт, ки принсипҳои Нюрнберг ба таври универсалӣ амал хоҳанд кард. Суди Нюрнбер усули мазкурро тарафдори намуд вақте ки таъсис додани трибунали байналмилалии низомӣ дар Нюрнберг эълон шуд. Минбаъд, суд ҳуқуқи давлатҳоро барои таъсиси судҳои махсус ҷиҳати амалӣ намудани қонун тасдиқ кард. Ин зуҳуроти муҳим буд.

Дар Оинномаи Нюрнберг ғолибон то дараҷае тавонистанд соҳибихтиёрии миллӣ ва ҳудудҳои маҳдудкунии соҳибихтиёриро нисбат ба ҷавобгарии шахсӣ маҳдуд намоянд. Тибқи Оинномаи Нюрнберг "Шахси мансабдор будани айбодшаванда, сарвари давлат будани онҳо ё мансабдорони мақомоти ҳукуматӣ будани онҳо набояд ҳамчун асосӣ озод кардан аз ҷавобгарӣ ё сабук кардани ҷазо шавад"[393]. Суд дар идома изҳор дошт, ки фармоиши шахсони мансабдори болоӣ барои ҳимоя асос буда наметавонанд, ва дар ҳолати содир шудани ҷиноятҳо алайҳи инсоният дар тибқи қонунгузории дохилии давлат асосӣ ҳимоякунанда баррасӣ карда намешавад.

Аз ҳамин лиҳоз, дар Оинномаи трибунали Нюрнберг ва қароре, ки аз трибунал бармеояд, соҳибихтиёрӣ васеъ карда шуд ва одамон бевосита дар назди ҳуқуқи байналмилалӣ барои ҷиноятҳои содиркардаашон ҷавобгар

---

[390] Нюрнбергский процесс. Издание 2-е, исп. и доп. Сборник материалов Нюрнбергского процесса над главными немецкими военными преступниками в двух томах/ Подготовлен под редакцией К. П. Горшенина (глав. ред.), Р. А. Руденко и И. Т. Никитченко. Т.1 – М.: Государственное издательство юридической литературы, 1954. Стр.153.

[391] Нюрнбергский процесс. Т.1 С.101

[392] Нюрнбергский процесс. Т.1 стр.103

[393] Устав Международного военного трибунала для суда и наказания, главных военных преступников европейских стран оси от 8 авг. 1945// Действующее международное право. В трех томах. Том 1. Сост. проф. Ю.М. Колосов и проф. Э.С. Кривчикова. – М.: Московский независимый институт международного права, 1996. – С.763-770

ҳисобида мешаванд. Усули Низомномаи мазкур аз принсипи универсалии юрисдиксия, яъне ин шахсонро дар дилхоҳ макони содиршудаи ҷиноят метавон ҳукм кард, бармеояд. Албатта, принсипи болозикр соҳибихтиёрии миллиро ҳамчун монеаи ҷавобгарии шахсӣ намеҳисобад.

Чӣ гунае, ки Оинномаи трибунали Нюрнберг қайд мекунад, ҷиноятҳо алайҳи инсоният зиёд мебошанд. Ин ҷиноятҳо зидди дилхоҳ аҳолии шаҳрвандӣ аз ҷумла, куштор, нобуд сохтан, ғулом кардан ва дигар амалҳои ғайриинсонӣ равона карда шудаанд ё таъқиб намудан бо асосҳои сиёсӣ, нажодӣ ё динӣ. Оиннома кушиш мекард ҳамаи ҷиноятҳои нафратангезро, ки на танҳо ҷиноятҳои зидди ҷабрдидагон, балки зидди тамоми инсоният буданд, фаро гирад. Агар ҷиноятҳои мазкурро ҳамчун ҷиноятҳои зидди тамоми инсоният қабул мекарданд, онгоҳ мафҳуми юрисдиксияи универсалӣ нисбат ба онҳо татбиқ мегардид ва ҷинояткорон аз ҷониби суди дилхоҳ давлат ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд.

Зарурат ба қайд аст, ки Оинномаи трибунали Нюрнбергро дар баробари 19 давлати аъзои мурофиаи Нюрнберг давлатҳои дигар низ дастгирӣ намуданд, аз ҷумла: ШМА, Британия Кабир, Фаронса ва ИҶШС. Ғайр аз ин, давлатҳое, ки принсипҳои Оинномаи мазкурро дастгирӣ мекарданд, инчунин, ҷиҳати омодагӣ барои баррасии судии парвандаҳо намояндагони худро равон карданд.

Айни замон, юрисдиксияи универсалӣ мероси ҳуқуқии Нюрнберг мебошад. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки то Нюрнберг таъқиби судии ҷинояткорон барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлати муайян содиршуда танҳо аз ҷониби судҳои миллӣ амалӣ мешуд. Ин мафҳум аз ҷониби Нюрнберг ҳангоми даст кашидан аз ҷанбаҳои миллии соҳибихтиёрӣ нисбат ба ҷиноятҳои муқобили сулҳ, ҷиноятҳои низомӣ ва ҳангоми муайян намудани нуқтаи назари худ нисбат ба ҷиноятҳо алайҳи инсоният бартараф карда шуд.

Усули юрисдиксияи универсалӣ, ки Нюрнберг қабул намуд, эътирофи худро дар як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ пайдо кард. Конвенсияи оид ба генотсид аз соли 1948 генотсидро ҳамчун ҷиноят, ки нисбат ба он бояд принсипи универсалӣ татбиқ гардад, муайян кард, чунки генотсид – ҷиноятe мебошад, ки “содир шудани он боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад”[394].

Аз Трибунали байналмилалии низомӣ дар Нюрнберг сар карда ҳолатҳои зиёд буданд, ки усули юрисдиксияи универсалӣ ба таври равшан тасдиқи худро дарёфт. Ҳамин тариқ, мафҳуми юрисдиксияи универсалӣ ба таври возеҳ дар парвандаи Штатҳои Муттаҳидаи Амрико муқобили Лист[395] дар доираи мурофиаи Нюрнберг, таҳия ва тасдиқ шуда буд. Дар ин парванда афсарони олмонӣ барои ба дор овехтани гаравгонҳои шаҳрвандӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуда буданд. Ҷиноятҳо дар ҳақиқат зиёд буданд ва

[394] Конвенция о предупреждении преступления геноцида и наказании за него, 9 декабря 1948 г. // Действующее международное право. В трех томах. Том 2. Сост. проф. Ю.М. Колосов и проф. Э.С. Кривчикова. – М.: Московский независимый институт международного права, 1997. – С. 68-71

[395] United States v. List, Case № 7, 11. Trials of War Criminals Before the Nuremberg Military Tribunals Under Control Council Law № 10 (1948).

нобуд сохтани гаравгонҳоро аз давлатҳои зиёд дар бар мегирифтанд. Суд дар ин ҷо қайд кард, ки "ҷинояти байналмилалӣ – ин амалӣ эътирофшудаи умумӣ мебошад, ки масъалаи ҷиддии нигаронии ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд меорад ва бо сабабҳои асоснок онро ба танҳо ба юрисдиксияи давлат, ки нисбат ба он назорати муқаррарӣ дошта метавонад, гузоштан номумкин аст"[396]. Албатта, суд дар "парвандаи гаравгонҳо" ҷиноятеро дарёфт, ки ба юрисдиксияи Трибунали Нюрнберг дахл дошт.

Дар ҷаҳони имрӯза юрисдиксияи универсалӣ, ки дар мурофиаи Нюрнберг муқаррар гардид, ҳамчун асбоби адолат шуда метавонад. Онро ташкилотҳои байналмилалии ҳимоякунанда ҳамчун Авфи байналмилалӣ метавонад истифода барад. Ин дар ҳақиқат муҳим аст, ки нобаробарӣ миёни оқибатҳо барои шаҳрванд, ки куштор содир мекунанд ва барои ҳукмфармо, ки кушторро дар миқёсӣ калон содир мекунанд, бартараф карда шаванд. Ба ғайр аз ин, ба суд додани ҷинояткорон метавонад дигаронро аз содир кардани чунин ҷиноятҳо боз дорад.
Нюрнберг ба ҳолати ҷории амалкунанда, ки мо айни ҳол қарор дорем, таъсири васеъ расонидааст. Таъсири муҳими он юрисдиксияи универсалӣ ба ҳисоб рафта метавонад. Дар баробари он, ки дар ин замон мо метавонем оид ба принсипҳои адолати байналмилалӣ қарор бандем, аз Нюрнберг оғоз намуда вобаста ба амалӣ намудани он, хусусан он ҷое, ки роҳбарони байналмилалии дорои ҳокимияти сиёсӣ ҷалб шудаанд, мушкилии доимӣ дорем. Агар юрисдиксияи универсалӣ аз ҷониби аксарияти давлатҳо қабул шавад, он метавонад барои ҳалли масъалаи мазкур асосӣ муҳим бошад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми асосӣ барои таъсисдиҳии трибунали Нюрнберг дар таҳия намудани юрисдиксияи универсалӣ, ҷиҳати ба суд додани онҳое, ки ҳеҷ гоҳ суд нашуда буданд ва новобаста аз он ки дар кадом мансаб қарор доштанд, истифода шуда буд. Насли имрӯза барои амалӣ намудани принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиҳати идоракунии рафтори инсонӣ бояд бештар аз Нюргберг кӯшиш намояд. Дар баробари ин, дастрасии ҳуқуқи байналмилалӣ дар воқеияти ҳаррӯза васеъ карда шавад, то ин ки барои рафтори инсонӣ дастурамали амалкунанда бошад. Судяи Нюрнберг Роберт Джексон қайд кард, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ин на танҳо маҷмӯи принсипҳо аст ва он бояд ба талаботҳои тағйирёбандаи замона ҷавобгӯй бошад[397].

Дар айни замон ба суд додани шахсоне, ки ҳуқуқи байналмилалиро вайрон мекунанд, мушкилии асосӣ аст. Юрисдиксияи универсалӣ

[396] United States v. List, Case № 7, 11. Trials of War Criminals Before the Nuremberg Military Tribunals Under Control Council Law № 10 (1948).1241

[397] Судя Р.Джексон чунин баён кард: "Дуруст аст, ки Оинномаи трибунал амсоли ҳуқуқӣ надорад, вале ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҷамъи принсипҳои абстрактӣ ё тағийрёбанда бузургтар аст. Он натиҷаи шартномаҳо, созишномаҳо миёни миллатҳо ва одатҳои муққарраршуда аст. Вале ҳар як одат аз ягон амали муайян ба вуҷуд омада, ҳар як созишнома бо ташаббуси ягон давлат баста мешавад. Агар мо аз ҳамагуна принсипи инкишофёбии ҳуқуқи байналмилалӣ даст кашем ҳам мо наметавонем ҳуқуқи муқаррар намудани одатҳо ва бастани созишномаҳоро инкор намоем, ки ин худ сарчашмаи такмилёбӣ ва пурқувватшавии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад... Он тавассути қабули қарор мувофиқи принсипҳои муқарраршуда нисбат ба ҳолати нав татбиқ мегардад"// Мурофиаи Нюрнберг, т.1, с.145

метавонад ҳамчун усули мувофиқ ва яке аз мероси ҳуқуқии Нюрнберг ба таври пурра ба манфиати инсоният истифода шавад.

**Адабиёт:**


1. Конвенция о предупреждении преступления геноцида и наказании за него, 9 декабря 1948 г. // Действующее международное право. В трех томах. Том 2. Сост. проф. Ю.М. Колосов и проф. Э.С. Кривчикова. – М.: Московский независимый институт международного права, 1997.
2. Нюрнбергский процесс. Издание 2-е, исп. и доп. Сборник материалов Нюрнбергского процесса над главными немецкими военными преступниками в двух томах/ Подготовлен под редакцией К. П. Горшенина (глав. ред.), Р. А. Руденко и И. Т. Никитченко. Т.1 – М.: Государственное издательство юридической литературы, 1954.
3. Соглашение между Правительствами СССР, США и Великобритании и Северной Ирландии и Временным Правительством Французской Республики о судебном преследовании и наказании главных военных преступников европейских стран оси от 8 авг. 1945// Действующее международное право. В трех томах. Том 1. Сост. проф. Ю.М. Колосов и проф. Э.С. Кривчикова. – М.: Московский независимый институт международного права, 1996. – С.763-770; Устав Международного военного трибунала для суда и наказания, главных военных преступников европейских стран.
4. Устав Международного военного трибунала для суда и наказания, главных военных преступников европейских стран оси от 8 авг. 1945// Действующее международное право. В трех томах. Том 1. Сост. проф. Ю.М. Колосов и проф. Э.С. Кривчикова. – М.: Московский независимый институт международного права, 1996.
5. United States v. List, Case № 7, 11. Trials of War Criminals Before the Nuremberg Military Tribunals Under Control Council Law № 10 (1948).

# ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ (ИХТИСОС: 12.00.11) – СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.11)

## ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР МАСИРИ СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ: АҲАМИЯТ, ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМО

**Маҳмудов И.Т.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** +992935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Фишурда:** Мақола ба баррасии масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар замони истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар умум, муаллиф қайд менамояд, ки дар масири 30-соли Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун қисмати ҷудоношавандаи ҷомеаи ҷаҳон тамоми шароитҳои арзандаи ҳуқуқиву ташкилӣ, молиявию техникӣ ва иттилоотиву иртиботӣ барои фаъолияти бомаром ва самараноки низоми судӣ фароҳам оварда шудаанд. Дар заминаи қабул ва амалисозии чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ баҳри таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, такмили сохтори он, таъминоти моддию техникии судҳо, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои соҳа ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии судяҳо корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

Дар мақола баъзе таклифу пешниҳодҳо оид ба дурнамои фаъолияти ҳокимияти судӣ манзур шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Суд, ҳокимияти судӣ, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, низоми судӣ, адолати судӣ, аҳамияти ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, дурнамои ҳокимияти судӣ.

## СУДЕБНО-ПРАВОВАЯ РЕФОРМА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЗНАЧЕНИЕ, ДОСТИЖЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**Махмудов И.Т.,**
доцент кафедры судебного право и прокурорского надзора юридеческого факультета Таджикского национального университета, к.ю.н
**Тел.:** +992935044352

**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Аннотация:** Статья посвящена вопросу судебно-правовой реформы в период государственной независимости в Республике Таджикистан. В целом автор отмечает, что за 30 лет государственной независимости в Республике Таджикистан как неотъемлемой части мирового сообщества созданы все необходимые правовые, организационные, финансовые, технические, информационные и коммуникационные условия для эффективного функционирования судебной системы. На основе принятия и реализации четырех Программ судебно-правовой реформы проведена значительная работа по укреплению судебной власти, повышению статуса судов в обществе, совершенствованию ее структуры, материально-технического обеспечения судов, надлежащему кадровому обеспечению и повышению квалификации судей. В статье содержатся некоторые предложения о перспективах деятельности судебной власти.

**Ключевые слова:** Судебная власть, судебно-правовая реформа, судебная система, правосудия, значение судебно-правовой реформы, программы судебно-правовой реформы, перспективы судебной власти.

## JUDICIAL AND LEGAL REFORM IN THE YEARS OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: SIGNIFICANCE, ACHIEVEMENTS AND PROSPECTS

**Makhmudov I.T.,**
Associate Professor of Judicial Law
and prosecutor's supervision of the Law
Faculty of the Tajik National University,
Ph.D.
**Phone:** +992935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Annotation:** The article is devoted to the issue of judicial and legal reform during the period of state independence in the Republic of Tajikistan. In general, the author notes that over 30 years of state independence in the Republic of Tajikistan, as an integral part of the world community, all the necessary legal, organizational, financial, technical, information and communication conditions have been created for the effective functioning of the judicial system. On the basis of the adoption and implementation of four programs of judicial and legal reform, significant work has been done to strengthen the judiciary, improve the status of courts in society, improve its structure, the logistics of courts, adequate staffing and advanced training of judges. The article contains some suggestions about the prospects activities of the judiciary.

**Keywords:** court, judicial branch, judicial and legal reform, judicial system, justice, the importance of judicial and legal reform, judicial reform programs, perspectives of the judiciary.

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри соли 1991 аз арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарвати миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолори тоҷик дар интиҳои садсолаи гузашта маҳсуб меёбад. Касби истиқлолияти давлатӣ боис гашт, ки дар самти ба по мондани низоми нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ, муайян намудани шакли сохти давлатию идоракунӣ, таъсиси ниҳодҳои нави давлатӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ шароити арзанда ва муносиб фароҳам оварда шаванд.

Мавриди зикри хос аст, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилӣ дар самти тақвият ва густариши ҳокимияти судӣ фароҳам оварда шуданд. Мусаллам аст, ки ҳар як давлат новобаста аз сохти давлатӣ, режими сиёсӣ ва шакли идоракунии худ низоми кафолатҳои миллиеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини адолати иҷтимоӣ, қонуният, волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом ҳокимияти судӣ дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун дар ҷомеа мавқеи марказиро ишғол менамояд. Суд симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи он боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд.

Мувофиқи нуқтаи назари мутахассисони соҳа давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона ба роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки дар роҳи дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунӣ, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро пеш гирифта, ба таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, такмили сохтори судӣ ва тақвияти фаъолияти онҳо, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо, як қатор пешравиҳои назаррас ба даст оварда шаванд[398].

Бо дарназардошти вазъияти ноороми солҳои аввали соҳибихтиёрӣ ва мавҷуд намбудани заминаҳои муносиби конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар мамлакат, ба таври дахлдор амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва такмили фаъолияти низоми судӣ то андозае имконнопазир гашт. Бо вуҷуди ин, 10 марти соли 1992 бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои хоҷагӣ дар додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳури Тоҷикистон" ва 28 апрели соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[399] қабул карда шуданд. Дар ҳамин радиф барои амалӣ гардонидани адолати судӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳури Тоҷикистон соли 1993 бо Қарори

[398] Абдуллозода Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ.Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. С. 133-134.
[399] Ведемостҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1993. - № 3-4. – М. 58.

Раёсати Шурои Олӣ Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳи июни сол 1994 судҳои ҳарбии гарнизонҳо таъсис ёфтанд.

Лозим ба ёддоварист, ки ҳарчанд вожаи «ҳокимияти судӣ» аввалин маротиба дар Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-августи соли 1990 ифода бошад ҳам, вале он бори нахуст дар моддаи 9-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф карда шуд.

Яке аз музафариятҳои муҳимми Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши қонунгузорӣ гузоштани замина барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави мамлакат буд. Бинобар ҳамин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз дастовардҳои бузург ва нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мардуми шарифи Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо тарафдории аксарият Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуданд. Қабули Конститутсия дар воқеъ дар таърихи пешрафти ҳар як миллату давлат нақши созандаву калидиро иҷро менамояд. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад[400].

Қобили қайд аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутаммаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст. Дар боби 8-уми Конститутсия (моддаҳои 84-92) вазифа, мақсад, принсипҳои фаъолият, талаботҳо оид ба таъин ва интихоб шудани судяҳо, низоми судӣ мушаххас гардонида шуданд. Ҳамзамон дар Конститутсия як қатор принсипҳои калидии адолати судӣ, аз қабили эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс ва ғ. мустаҳкам карда шуданд.

Аз ин рӯ, бояд эътироф намуд, ки бо баробари қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як марҳилаи сифатан нав дар рушду инкишофи ҳокимияти судӣ ба миён омад.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳокимияти судӣ мустақил буда аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат,

---

[400] Маҳмудов И.Т., Абдуллоев Н.А. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2017. – 254 саҳ. С. 57-68; Маҳмудов И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ / И.Т. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. Душанбе. 2016. № 13-14. (46-47). Аз 7-уми сентябри соли 2016. С. 4-5.

ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки яке аз роҳҳои асосӣ ва пешқадамтарини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин ҳифзи судист. Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои асосии марбут ба ҳуқуқи инсонро эътироф намуда, инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намудааст. Ҳокимияти судӣ яке аз кафолатҳои асосии таъмини арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад менамояд.

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 силсилаи Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионӣ», «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои ҳарбӣ», «Дар бораи судҳои иқтисодӣ» ва «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд, ки барои ташаккули низоми ягонаи судии кишвар заминаҳои мусоидро фароҳам оварданд. Қабули ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ барои рушди ҳокимияти судӣ, ҳамчун аз рукнҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуда, аз дигар ҷониб барои ташаккули ҳайати нави низоми судии кишвар бо тартиби муқаррарнамудаи қонун замина гузоштанд.

Зимнан қайд кардан ба маврид аст, ки бо назардошти воқеан муҳим будани нақши мақоми судӣ дар бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд, мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ҳанӯз 14 апрели соли 1997, № 692 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба тасвиб расида буд, ки ин санад дар рушди минбаъдаи ҳокимияти судӣ нақши босазои худро гузошт.

Ба андешаи коршиносон тибқи фармони мазкур як қатор масоил, аз қабили таъсис додани вазифаҳои пристави судӣ ва ёрдамчиёни раисони судҳо, шумораи мувофиқи котибони маҷлиси судӣ, ҷудо кардани маблағҳо барои таъмини моддии судҳо, пардохти мукофотпулӣ ба машваратчиёни халқӣ, таъминоти модди судяҳо ва аъзои оилаи онҳо, таъмиру тармим ва таҷҳизонидани биноҳои судҳо, ба воситаи нақлиёт ва техникаи ёрирасон таъмин намудани судҳо пешбинӣ карда шуд, ки онҳо марҳила ба марҳила ҳалли худро ёфтаанд[401].

Бо дарназардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои дар ҷомеа солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд.

Яке аз масъалаҳои меҳварии тағйиру иловаҳои соли 1999-ро ба Конститутсия такмили мустақилиятии низоми идории судҳо ташкил медод. Дар заминаи амалишавии ислоҳоти конститутсионӣ 26 сентябри соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид

---

[401] Абдуллозода Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ.Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. С. 126.

карда шуд, ки дар роҳи устувор гардонидани пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд қадами устувор гузошта шуд. Дар заминаи ҳамин тағйироту иловаҳо Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми нави дастҷамъӣ таъсис ёфт, ки вазифаҳои он аз пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмили низоми судӣ-ҳуқуқӣ ва мусоидат намудан ба таҳкими мустақилияти судяҳо, таъмини ташкилӣ, молиявӣ, моддию техникии судҳо, хоста гирифтан ва таёр намудани номзадҳо ба вазифаи судягӣ ва коромӯз-судя, такмили ихтисоси судяҳо ва коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, ба истиснои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ иборат буд. Ҳамзамон дар ҳамин замина 6 августи соли 2001 Қонуни нави конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуда, қонунҳои қаблан қабулшудаи соли 1995 ба истиснои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳуриии Тоҷикистон" беэътибор дониста шуданд. Қонуни конститутсионии мазкур муносибатҳоро оид ба тарзи ташкил ва фаъолияти судҳо, ҳамчунин фаъолияти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба масъалаҳои таъмини ташкилӣ ва моддию техникии судҳоро танзим менамуд.

Ҳамзамон дар заминаи тағйиру иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2003 муҳлати ваколати судяҳо аз 5 ба 10 сол дароз гардида, синни ниҳоии номзадҳои ба вазифаи судягӣ пешниҳодшаванда 65 сол муқаррар гардид. Тағйиротҳои руйи кор омада дар воқеъ аз як тараф ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории миллии кишвар мусоидат намуда, аз дигар ҷиҳат ба рушду такомули минбаъдаи низоми судӣ ва ҳокимияти судӣ дар кишвар шароити арзандаро фароҳам овард.

Бо қаноатмандӣ месазад хотирнишон сохт, ки масъалаи инкишофу пешрафти низоми судӣ, таъмини мустақилияту шаффофияти фаъолияти судҳо дар Тоҷикистон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти олии сиёсии кишвар қарор дорад. Зеро таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё, омузиш ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низомҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳимтарин масъала ва баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иртибот доранд, аз ҷониби суд ҳал карда мешаванд. Аз ин рӯ, яке аз мавзуҳои марказии Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъалаи сол аз сол тақвият додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ва дар ин замина таҳия ва қабул намудани барномаҳои ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад. Аз ҷумла, зимни ироаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 20 апрели соли 2006, 15 апрели соли 2009, 24 апрели соли 2010, 26 апрели соли 2013, 23 апрели соли 2014 ва аз 22 декабр соли 2016 дар бораи такмили ҳокимияти судӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо ва қабули барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар масъалагузорӣ намуданд.

Дар заминаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таҳким бахшидан ба фаъолияти

минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини ҳамаҷонибаи қонунияту адолат бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010»; аз 3 январи соли 2011, таҳти № 976 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013»; аз 5-уми январи соли 2015, таҳти № 327 "Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017" ва аз 19 апрели соли 2019, № 1242 «Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» тасдиқ ва ба мавқеи иҷро вогузор карда шуданд.

Қабул ва амалишавии барномаҳои давлатӣ оид ба ислоҳоти судӣ дар кишвар шаҳодати ғамхориҳои рузафзуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти судҳои Тоҷикистон буда, барои тадриҷан боло бурдани нуфузу эътибори онҳо дар ҷомеа, ҳамчун ниҳоди ҷомеаи демократӣ хизмат менамояд.

Дар ҳамин ҳол раиси Суди Олии мамлакат қайд менамоянд, ки маҳз бо дастгирии бевоситаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат чор Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардид. Давра ба давра ин барномаҳо амалӣ карда шуда, баҳри таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, такмили сохтори он, таъминоти моддию техникии судҳо, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои соҳа ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии судяҳо нақши назараррас ба анҷом расонидаанд[402].

Дар заминаи амалисозии «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010» аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи иқтисодӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро", "Дар бораи судҳои ҳакамӣ", "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон" дар таҳрири нав қабул карда шуданд. Дар сохтори Суди Олии Чумҳурии Тоҷикистон, судҳои вилоят, суди ВМКБ, шаҳри Душанбе бошад соли 2010 коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ таъсис дода шуданд. Ҳамзамон ба мақсади интихоб ва ҷобаҷогузорри номзадҳо ба вазифаи судягӣ ниҳоди «судя-коромӯз» таъсис дода шуда, дар ин хусус ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷиикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахдор ворид карда шуданд.

Дар ин замина, иҷозати ба ҳабси пешакӣ гирифтани шахсони гумонбаршаванда ва айбдоршаванда, тавассути дастгоҳҳои алоқа гӯш кардан ва сабти гуфтугӯҳои чунин шахсон, ҳабси муросилот ва хабарҳои телеграфӣ ба салоҳияти судҳо вогузор гардид, ки барои баррасии пурра ва

[402] Шермуҳаммад Шоҳиён. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ //// Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.13.

ҳаматарафаи парвандаҳои судӣ ва пеш аз ҳама, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд муҳим мебошанд[403].

Ба мақсади дар амал пиёда намудани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013, як қатор корҳо дар самти ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусии онҳо ва дигар масъалаҳои ташкилии фаъолияти судяҳо ба сомон расонда шудаанд. Ҳамзамон дар заминаи ҳамин барнома қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурииии Тоҷикистон “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як зумра қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 чорабиниҳои зерин пешбинӣ шуда буданд: рушди қонунгузории мурофиавӣ; такмили сохтор ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; такмили сохтор ва фаъолияти судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе, судҳои шаҳру ноҳияҳо; ислоҳоти низоми судӣ нисбати ноболиғон; тадбирҳо оид ба таъмини иҷрои санадҳои судӣ, такмили сохтор ва фаъолияти иҷрочиёни суд; тадбирҳо оид ба таъсиси сохтори мустақили экспертӣ; рушди ёрии ҳукуқи ройгон; таъминоти моддӣ-техникии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, ки аксарияти онҳо амалӣ шуданд.

Тавре ки иттилоъ дорем, рӯзи 22-юми майи соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид. Дар натиҷа бо гирифтани 94,5 фоизи овози раъйдиҳандагон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт.

Аз ҷумла, мувофиқи тағйиротҳои воридшуда аз моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 12 хориҷ карда шуда, ҳамзамон як қатор навгониҳо ба боби 8-ум, ки “Суд” ном дорад, ворид карда шуд. Дар асоси тағйиротҳое, ки ба моддаи 86-и Конститутсия ворид карда шуд, минбаъд судяҳои суди ҳарбӣ, судяҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе бо тартиби муқарраркардаи қонуни конститутсионӣ ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд. Гузашта аз рӯзи 9 июни соли 2016 дар заминаи тағйиротҳои ба Конститутсия ворид кардашуда аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳо “Дар бораи барҳам додани Шӯрои адлияи

[403] Шермуҳаммад Шоҳиён. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ //// Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурииии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.13.

Ҷумҳурии Тоҷикистон", Дар бораи сохтори дастгоҳ, нақшаи идоракунӣ в ашумораи воҳидҳои кории Судӣ Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Дар ҳамин замина ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, № 1242 Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 қабул карда шуд, ки амалишавии он барои боз ҳам таҳким ёфтани ҳокимияти судӣ мусоидат хоҳад кард. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 идомаи барномаҳои пешинаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки бо Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 декабри соли 2018 асос ёфта, амалисозии тадбирҳои заруриро барои боз ҳам таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ ва такмили қонунгузорӣ доир ба фаъолияти судҳо, хадамоти иҷро, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Мақсад ва вазифаҳои Барнома аз такмили сохтор ва таҳкими фаъолияти судҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт иборат мебошад[404].

Дар умум барномаи мазкур амалишавии тадбирҳои мушаххасро дар самти такмили қонунгузорӣ ва такмили сохтор ва беҳдошти шароити моддию технкии судҳо, вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони судҳо дар бар мегирад. Ба мақсади амалӣ намудани барномаи мазкур нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки он асосан тадбирҳои зеринро фаро мегирад: такмили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"; омузиши масъалаҳои ба тобеияти судҳои иқтисодӣ мансуб донистани баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ нисбати соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ; таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" дар таҳрири нав; омузиши масъалаҳои ҷорӣ намудани мансаби ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; масъалаи ба бозомӯзӣ фаро гирифтани кормандони Суди конститутсионӣ ва суди Олии иқтисодӣ; такмили кодекси мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба татбиқи чораи пешгирии дар намуди ба ҳабс гирифтан; таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо"; баланд бардоштани мақоми маркази таълимии судяҳо; дар таҳрир нав қабул кардани Кодекси

404 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, № 1242.

гражданӣ, кодекси ҷиноятӣ ва кодекси манзил; омухтани масъалаи таъсиси судҳои минтақавӣ бо мақсади беҳдошти сифати санадҳои судӣ ва таъмини принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, баррасии шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ оид ба санадҳои судии судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

Дар асоси барномаи мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо" аз 25 июни соли 2021, № 1783 қабул гардида, лоиҳаҳои кодекси маданӣ, кодекси ҷиноятӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" омода гардида ба Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод шуданд. Ҳамчунин ба қонунҳои амалкунандаи соҳа як қатор тағйиротҳои дахлдор ҷиҳати беҳдошти дониш, маҳорати касбӣ, масъулият ва одоби судяҳо, такмили раванди бозомузии судяҳо ва баланд бардоштани самаранокии кори судяҳо ворид карда шуданд.

Ба масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аҳамияти хосса зоҳир карда мешавад. Масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон низ мавзӯи асосии аксарияти конференсияву ҳаммоишҳои илмии ватаниро ташкил медиҳад[405].

Маврид ба зикр аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ аз ҷониби як зумра олимону донишмандони маъруфи тоҷик, аз қабили Абдуллоев Н.А.[406], Искандаров З.Ҳ.[407], Маҳмудов И.Т.[408], Мирзамонзода Х.М.[409], Баҳриддинзода С.Э.[410], Раҳмон Д.С.[411], Азиззода У.А.[412], Хоҷаева Н.Б.[413], Исоев М.Ш.[414], Авзалов А.Х.[415], Диноршоҳ А.М.[416], Фозилов

---

405 Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. 292 саҳ. Дар маҷмӯаи мазкур як силсила мақолаҳои арзишманди илмии устодон, олимони соҳа, аспирантон, унвонҷӯён, кормандони низоми судӣ, прокурорҳо ва адвокатҳо чоп шудаанд. Ҳар як хонанда ва шавқмандони соҳа метавонанд аз он бардошти хубе дошта бошанд.

406 Абдуллаев Н.А. Национальный язык судопроизводства по уголовным делам: дисс. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 1971. – 198с.

407 Искандаров З.Х., Турахонова Д.Т., Каримова Т.Ф. Основные элементы, обеспечивающие организационную и функциональную независимость суда: компетентность, независимость и беспристрастность // Вестник Таджикского национального университета - № 1.- 2019. – С. 166-272.

408 Маҳмудов И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ / И.Т. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. Душанбе. 2016. № 13-14. (46-47). Аз 7-уми сенябри соли 2016. С. 4-5.; Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А ва н.и.ҳ. Диноршоев А.М. - Душанбе, 2015. С. 16.

409 Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007. – 186 с.

410 Бахриддинов С.Э., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Восприятие судебной системы населением Республики Таджикистан. Душанбе, 2013. – 61 с.

411 Рахмон Д.С. Прва человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы. – Душанбе, 2019. – 376 с.

412 Азизов У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / Под. ред А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – 608с. С. 435-439.

413 Хоҷаева Н.Б. Ислоҳоти судӣ-ҳукукӣ дар Тоҷикистон: мақсад ва вазифаҳои он // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳукуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 294 саҳ.С.227-243.

Н.Н.[417], Абдуллоев П.С.[418], Холиқов К.Н.[419], Шодиён И.Р.[420], Раҳмадҷонзода Р.Р.[421], Мирзоев С.Б.[422], Раҳматова З.М.[423], Обидова М.Н.[424], Абдулхонов Ф.М.[425], Табаров Н.Д.[426], Одинаев Р.С.[427], Буриев

[414] Исоев М.Ш. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи низоми судӣ ва назорати прокурорӣ // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд в амушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳукук, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 294 саҳ. С. 75-83.

[415] Авзалов, А.Х. Базе мулоҳизаҳо оид ба барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири Маҳмудов И.Т., Сафаров А.И. - Душанбе: Империал - Групп, 2015. - Саҳ. 264-274.

[416] Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – 225 с.; Диноршоев А.М., Сафаров Д.С., Хамдамова Ш.М. Процессуальные институты конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан / Под общей редакции А.М. Диноршоева. – Душанбе. 2015. – 133с.; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республики Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 200с.; Диноршоев А.М. Судебная власть в системе разделения властей в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / Под. ред А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – 608с. С. 439-450..

[417] Фозилов Н.Н. Инкишофи қонунгузории мурофиавии сивилистӣ дар солҳои Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи амалишавии барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурииии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ. 2019. 237саҳ. С.130-140.; Фозилов, Н.Н. и др. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан / под ред. М.З. Рахимова. – Душанбе: Азия-Принт, 2012. – 574 с.; Фозилов Н.Н. ва диг. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Точикистон /– Душанбе: ЭР-Граф, 2013. – 784 саҳ.

[418] Абдуллоев, П.С. Международно-правовая помощь при собирание и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации) / - М.: Юрлитинформ, 2015. – 224 с.; **Абдуллоев П.С.** Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: васоити таълимӣ. Эр-Граф., 2019. С.252.

[419] Холиков К.Н. Становление и развитие института конституционного надзора в Таджикистане. – Душанбе, 1998. – 200с.; Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / Отв. Ред. С.А. Авакьян. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 420 с.; Холиков К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан: статус, организация и деятельность. – М.: Изд-во Московского ун-та, 2009. – 272 с.

[420] Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд.юрид.наук / Шодиев Исмат Рахматуллоевич – Душанбе, 2009. – 176 с.

[421] Юлдошев Р.Р. Судебно-правовые реформы как отражение правовой политики Республики Таджикистан// Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд в амушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / Зери таҳрир доктори илмҳои ҳукук, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 294 саҳ. С. 252-260.

[422] Мирзоев С.Б. Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджиикистане: историко-правовое и общетеоретическое исследование. Дис. ... канд.юрид. наук / Мирзоев Саломатшо Бозорович – Душанбе, 2011 – 205 с.; Мирзоев С.Б., Диноршоев А.М. Мурофиаи судии конститутсионӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе.: “ЭР-граф”. – 2013. – 212 с.; Мирзоев С.Б. Конституционое правосудие в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 464 с.

[423] Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дисс. .. канд.юрид.наук. – М., 2017. – 200 с.

[424] Обидова М.Н. Право граждан на участие в отправлении правосудия: теоретико-правовое и конституционно-правовое исследование: автореферат дисс. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 2021.

[425] Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана (историко-правовое исследование) : дисс. .. канд.юрид.наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

[426] Табаров Н.Д. Институт военного судьи в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование):дисс. ... канд.юрид.наук.- Душанбе, 2018. – 193 с.

[427] Одинаев Р.С. Формирвание и развитие института мазалим в досовествком Таджикистане: дисс. ... канд.юрид.наук.- Душанбе, 2012. – 174 с.

И.Б.[428] ва дигарон оид ба махсусияти рушди ҳокимияти судӣ, низоми судӣ ва дигар падидаҳои адолати судӣ осори арзишманди илмӣ таълиф шуда, ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар оид ба адолати судӣ таклифҳои судманд баён шудаанд.

Ҳамзамон давоми солҳои соҳибихтиёрии кишвар аз ҷониби як гурӯҳ ходимони давлатӣ ва кормандони низоми судии кишвар низ, аз қабили Маҳмудзода М.А.[429], Ализода З.[430], Насриддинзода Э.С.[431], Шоҳиён Ш.[432], Абдуллозода Н.[433], Шоназаров С.А.[434], Завқизода С.А.[435], Мусоев О.[436], Фатҳуддинов В.[437], Ализода Ш.Ш., Муродзода А.А.[438], Абдуллозода Ф.Н.[439], Рахмон Д.С.[440], Пулодӣ М.К.[441], Ализода Ш.Ш.[442], Сафаров Б.А. ва

---

[428] Буриев Э.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика / Отв. Редакторы: академик Тахиров Ф.Т. и проф. Чирккин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.

[429] Маҳмудзода М..А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. – Душанбе, Эр-граф, 2017. – 632с.; Маҳмудзода М..А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ. Душанбе: Эр-граф, 2014. – 596 с.

[430] Ализода З. Эволюция института парвламента в Республике Таджикистан. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.; Ализода З.М. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тавассути мақомоти ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон //Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ , номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсен Сафарзода А.И. – Душанбе: “Империал-Групп”. 2015. 396 саҳ. С. 22-30.

[431] Насурдинов Э.С. Проблемы формирования и правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе, 2008. – 196 с.: Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 316 с.

[432] Шермуҳаммад Шоҳиён. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ //// Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.12-14.; Шермуҳаммад Шоҳиён Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. Қонуният. 2017. № 1.

[433] Абдуллозода Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ.Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷӣкистон. 2020. – 412 с.

[434] Шоназаров С.А. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе: «Эр-граф», 2015. – 252 с.

[435] Завкизода С.А. Судебная власть – гарантия защиты прав и свобод человеа и граждaниан в Республике Таджикистан // Государствоведени и прав ачеловека. Душанбе. 2020. № 3(19).; Завқизода С.А. Ташакул ва инкишофи асосҳои ҳукуқии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. № 2. (30). 2020.

[436] Мусоев О. Аҳамият ва зарурияти ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.88-110;

[437] Фатҳуддинов В. Ташкилёбии судҳои иқтисодӣ ва зарурияти омузиши фанни ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳукуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.22-35.

[438] Мурадов А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан: дис. … канд.юрид.наук. – М.: , 2014. – 190 с.

[439] Абдуллозода Ф.Н. Особенности формирования и развития Верховных судов Республики Таджикистан и России: советский и постсоветский период (сравнительное историко-правовое исследование): автореферат дисс. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 2020.

[440] Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан: дис. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 2019. – 177 с.

[441] Пулодӣ М.К. Ташакули ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ , номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи

Ойев Х.О.[443] ва дигарон паҳлуҳои мухталифи фаъолияти судҳои кишвар мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода шудаанд.

Боиси хушнудист, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ дар иртибот ба ислоҳот ва такмили минбаъдаи ҳокимият ва низоми судии кишвар андешаҳои созгор иброз шудаанд[444].

Масъалаи баррасии масоили мубрами фаъолияти судҳои кишвар дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии устодони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ қарор дорад. Таҳқиқу баррасии паҳлуҳои алоҳидаи ҳокимияти судӣ, низоми судӣ ва шаклҳои гуногуни мурофиаҳои судӣ аз самтҳои афзалиятноки нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраро дар солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, натиҷаи таваҷҷуҳи ҳамешагии омузгорони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ба масъалаҳои мавриди назар буд, ки устоди кафедра Мирзамонзода Х.М. соли 2006 дар шаҳри Москави Федератсияи Россия дар мавзӯи “Судебная система Республики Таджикистан (сравнительно-правовой анализ)” рисолаи номзадӣ ва соли 2021 дар мавзуи «Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд. Ҳамзамон омӯзгори кафедра Мирзоев С.Б. соли 2012 дар мавзӯи “Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджиикистане: историко-правовое и общетеоретическое исследование” рисолаи номзадӣ ҳимоя намуданд. Гузашта аз ин, аз ҷониби унвонҷӯи кафедра, директори маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқизода С.А. дар мавзӯи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию-ҳуқуқӣ» рисолаи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ омода шуда истодааст. Аз ҷониби онҳо як зумра монография

ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: “Империал-Групп”. 2015. 396 саҳ. С. 55-64.

442 Ализода Ш.Ш Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон //Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ , номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсен Сафарзода А.И. – Душанбе: “Империал-Групп”. 2015. 396 саҳ. С. 41-46.

443 Сафаров Б.А., Ойев Х.О. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2013. – 256с.

444 Ниг.: Маҳмудов И.Т.Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2017. – 254 саҳ. С. 57-68 (дар ҳаммуалифӣ); Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане /Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.121-138; Шаҳидуллозода Муҳаммадвалӣ. Пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ Асари ишорашуда. С. 50-60; Мусоев О. Аҳамият ва зарурияти ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари ишорашуда. С.88-110; Хоҷаева Н.Б. Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ташакулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асари ишорашуда. С. 145-162.

ва мақолаҳои арзишманди илмӣ омода ва нашр шудаанд, ки таклифу пешниҳодҳои онҳо бешак дар рушди ҳокимияти судӣ ҳиссагузор мебошанд[445].

Ба назари мо дар замони истиқлолияти давлатӣ дар самти таҳкиму густариши низом ва ҳокимияти судӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Ин ҷо метавон муҳимтарин дастовардҳои соҳаро дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ шартан ба таври зайл гурӯҳбандӣ кард:

- дар сатҳи конститутсионӣ бори нахуст мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ;

- муайян кардани ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, таъмини қонуният ба ҳайси таъиноти асосии ҳокимияти судӣ;

- бо дарназардошти инкишофи бемайлони муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва талаботи рузафзуни ҷомеа дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми судии мамлакат таъсис ёфтани Суди конститутсионӣ, Судҳои иқтисодӣ ва ва судҳои ҳарбӣ;

- амалан васеъ гаштани ваколатҳои суд дар самти баррасии парвандаҳо ва баҳсҳо оид ба ҳуқуқ;

- имплементатсияи меъёрҳои санадҳои байналмилалии пазируфташуда дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳо ва афзалияти онҳо нисбат ба қонунгузории миллӣ;

- фароҳам овардани низоми кафолатҳои мустақилияти судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ;

- фароҳам овардани низоми кафолати дастрасии ҳар як шахс ба адолати судӣ ва ҳифзи судӣ;

- тадриҷан вусъат ёфтани маблағгузории судҳо аз буҷети давлатӣ;

- ба роҳ мондани ҳалли масъалаҳои ташкилӣ, моддӣ-техникӣ ва ҷобаҷогузории кадрии низоми судӣ аз ҷониби низоми олии судӣ;

- таъсиси Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъсиси судҳои махсусгардонидашуда (коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ дар сохтори судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳо ва мувофиқ гардонидани онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; қабули

[445] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судов общей юрисдикции Республики Таджикистан (монография). Душанбе. 2020 - 160 с.; Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности экономических судов Республики Таджикистан (монография).Душанбе. 2018. 144 с.; Мирзамонзода Х.М. Системно-структурные начала совершенствования органов судебной власти Республики Таджикистан: современное состояние и анализ перспектив развития // Правовая жизнь. Душанбе. 2020. № 3 (31).; Диноршоев А.М., Мирзамонзода Х.М. Конституционный суд в системе разделения властей // Правовая жизнь. Душанбе. 2020. № 2 (30).; Мирзамонзода Х.М. Анализ реализации судебно-правовой реформы в Таджикистане и необходимость разработки концепции судебно-правой политики // Правовая жизнь. Душанбе. 2020. № 2 (30).; Завкизода С.А. Судебная власть – гарантия защиты прав и свобод человеа и гражданиан в Республике Таджикистан // Государствоведени и прав ачеловека. Душанбе. 2020. № 3(19).; Завқизода С.А. Ташакул ва инкишофи асосҳои хукукии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумхуриии Тоҷӣкистон // Ҳаёти хуқуқӣ. № 2. (30). 2020.

кодексҳои нав оид ба мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи граждани, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ;

- таъсиси ниҳоди "судя-коромӯз" дар қонунгузорӣ;

- танҳо ба салоҳияти суд вогузор намудани масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ[446].

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, мавриди амалишавии ислоҳотҳои судӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар ба ислоҳоти қонунгузорӣ ва институтҳои асосии он равона карда мешавад. Ҳол он ки ҷавҳари асосии ин гуна ислоҳотҳоро пеш аз ҳама – дигаргунии шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва касбӣ ташкил медиҳад. Ба ин хотир бояд зикр намуд, ки мақсади ислоҳоти судиро на танҳо таҳия ва қабули қонунҳои нав, муҳайё сохтани шароитҳои муносиби моддӣ-техникӣ барои фаъолияти судяҳо, балки дар навбати аввал мазмуну моҳияти онро ба вуҷуд овардани дигаргуниҳои куллӣ дар тафаккур, шуури ҳуқуқӣ ва менталитети касбии худи судяҳо ташкил медиҳад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки судяҳо дорои фарҳанг ва маърифати баланди ҳуқуқӣ бошанд[447].

Мавриди зикри хос аст, ки фаъолияти ҳокимияти судии кишвар дар маркази таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Аз ҷумла, зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони судҳои тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки дар маросими мавриди истифода қарор додани бинои нави Шӯрои адлияи Ҷумҳури Тоҷикистон санаи 11 августи соли 20004 баргузор гардид, ба мушкилоту пешравӣ, дурнамои соҳа ва масъалаҳои таъмини волоияти қонун мароқи хоса зоҳир карда шуд. Сарвари давлат таъкид карданд, ки : "...Умедворем, ки судяҳои мамлакат ба хотир амалӣ намудани меъёрҳои конститутсионӣ ва талаботи қонунҳои кишвар оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иносн, манфиати давлат ва корхонаю муассисаҳо ҳамаи имконияти мавҷударо истифода намуда, адолати иҷтимоиро дар ҷомеа таъмин менамоянд ва бо ин васила дар таҳкими ҳокимияти судии мустақил,беғараз ва нерӯманд ҳиссаи арзанда мегузоранд"[448].

Ҳамзамон, иштироки бевосита ва суханронии Сарвари Давлат дар мулоқот бо кормандони мақомоти судии мамлакат санаи 21 ноябри соли 2019 шаҳодати равшани ин гуфтаҳоянд. Зимни баргузории вохӯрии мазкур Президенти кишвар фаъолияти судҳои кишварро дар замони истиқлоли

---

[446]Маҳмудов И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ / И.Т. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. Душанбе. 2016. № 13-14. (46-47). Аз 7-уми сенябри соли 2016. С. 4-5.

[447] Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А ва н.и.ҳ. Диноршоев А.М. - Душанбе, 2015. С. 16.

[448] Ниг.: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судяҳо ва кормандони Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 11 августи соли 2004 // С.А. Шоназаров. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе: "Эр-граф", 2015. - С. 190. (252 саҳ).

давлатӣ ҳаматарафа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, онро мусбӣ баҳогузорӣ намуд. Ҳамзамон, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани фаъолияти судҳо, аз ҷумла таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан ба масъалаи интихоб, таъин ва хоста гирифтани судяҳо; дар доираи талаботи қонун сари вақт ва босифат таъмин намудани иҷрои санадҳои судӣ; баланд бардоштани сатҳу савияи донишҳои касбии судяҳо ва сайқал додани маҳорату малакаи онҳо; вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ оид ба пешгирии ҷиноят, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва худдори кардан аз кирдорҳои номатлуб; тақвияти таъминоти моддиву техникии судҳо; баррасӣ ва ҳалли саривақтии мурочиатҳои шаҳрвандон; таъмини баррасии қонунӣ ва асосноки парвандаҳо бо мақсади фароҳам овардани шароит арзанда дар самти ба амал баровардани адолати судӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар оянда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Аз ҷумла, Пешвои муаззами миллат таъкид доштанд, ки: “Нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар идораи давлат ва пешрафти ҷомеа хеле муҳим мебошад, зеро ҳокимияти судӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд. ... Барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту массисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд”[449].

Дар умум, бояд эътироф намуд, ки судҳои кишвар дар масири 30-соли Истиқлолияти давлатӣ фаъолияти босамарро анҷом дода, маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун қисмати ҷудоношавандаи ҷомеаи ҷаҳон тамоми шароитҳои арзандаи ҳуқуқиву ташкилӣ, молиявию техникӣ ва иттилоотиву иртиботӣ барои фаъолияти бомаром ва самараноки низоми судӣ фароҳам оварда шудаанд. Ҳамзамон қонунҳои амалкунандаи кишвар, ки бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асос ёфтаанд, фаъолияти боадолатонаи низоми судии беғараз, мустақил ва тибқи қонун таъсисёфтаро дар Тоҷикистон кафолат медиҳанд. Шароити кунунии сайёра ва вазъи зудтағйирёбандаи авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ бо назардошти омилҳои ҷаҳонишавӣ аз ҳар кадом судяҳои кишвар талаб менамояд, ки бо дарки масъулияти баланди иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва қарзи имониву инсонӣ дар назди Ватан амал намуда, фаъолияти худро барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати ҷомеаву давлат, корхона, муассиса, ташкилотҳо, пос доштан, эҳтиром ва таҳкими дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ равона намоянд.

---

[449] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21.11.2019 / www.president.tj (санаи мурочиат 22.11.2019)

Маврид ба зикр аст, ки ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ нақши асосӣ дорад, дар ҳамин радиф ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ гардида, аз ҷиҳати тарзи ташкилию сифатӣ ва миқдори ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ инкишоф ёфта истодааст[450].

**Дурнамои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар ба назари мо бояд бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани омилҳои зайл рушд ёбад:**

- Бо дарназардошти ба низоми сезинагии таҳсилот гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар пешниҳод менамоем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки мутахассисони соҳаи ҳукуқшиносиро омода менамоянд, ихтисоси алоҳида аз рӯйи ихтисоси - «фаъолияти судӣ-прокурорӣ-тафтишотӣ» оид ба тайёр кардани мутахассисони болаёқати соҳаи тафтишот, суд ва прокуратура таъсис дода шавад. Зарур аст, ки нақшаҳои таълимии ин ихтисосҳо бо дарназардошти тамоюлҳои муосири омода кардани кадрҳои ҳуқуқшиносӣ ва ба назари эътибор гирифтани талаботи бозори меҳант ва талаботи корфармоён таҳия карда шаванд;

- таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷ, аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ дар самти ба кор қабул кардани шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, прокуратура, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ нишон медиҳад, ки дар баробари доштани дипломи таҳсилоти олии зинаи бакалавр, ҳамзамон доштани дипломи риштаи магистратура низ талаб карда мешавад. Ҳамзамон феҳристи вазифаҳое, ки барои ишғоли онҳо бакалавр ва ё магистри ҳуқуқшинос довталаб шуда метавонанд, муайян шудаанд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки таҷрибаи қонунгузории ин кишварҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо дарназардошти мухолиф набудани он ба низоми ҳуқуқӣ, низоми таҳсилот ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ имконияти дар оянда дар қонунгузории амалкунандаи кишвар пешбинӣ шудани чунин муқаррарот ба миён гузошта шавад;

- айни замон тамоюлҳои муосири рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои олам, аз ҷумла кишварҳои пасошуравиро масъалаҳои зерин ташкил медиҳанд: хориҷ кардани давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ; тақвияти принсипи баҳсу мунозираи тарафҳо; аз ҷумла васеъ кардани амали принсипи баҳсу мунозираи тарафҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ бо роҳи ворид намудани падидаи "судяи тафтишотӣ"; тадриҷан аз ҳам ҷудо намудан ва таъмини мустақилияти функсияҳои тафтишоти пешакӣ ва назорати прокурорӣ; васеъ намудани ваколатҳои ҳимоятгар оид ба ҷамъ кардан ва пешниҳоди далелҳо; ҷорӣ намудани падидаи "аҳдномаи мурофиавӣ оид ба ҳамкорӣ"; ворид намудани асосҳои иловагии қатъи парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла оид ба ҷиноятҳои иқтисодӣ дар сурати пурра талофи кардани зарар ва баргардонидани маблағҳо ба буҷет; ба сифати далел эътироф намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ё

---

[450] Шермуҳаммад Шоҳиён. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ //// Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.13.

баъзе чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; таъмини иштироки ҳатмии тарафҳо дар давраи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он; ворид кардани унсурҳои адолати судии электронӣ; ихтисор кардани яке аз марҳилаҳои судӣ (масалан кассатсионӣ ва ё назоратӣ) бо роҳи ворид намудани марҳилаи аппелятсионӣ ва ғ[451]. Бо мақсад мувофиқ шуморем, ки аз ҷониби олимону кормандон ва донишмандони ватанӣ бо дарназардошти махсусияти қонунгузории миллӣ, таҳлили воқеияти ҳуқуқии кишвар ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ таклифу пешниҳодҳои илман асоснок ва мушаххас дар мавриди такмили қонунгузори мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайванди ба падидаҳои нави қонунгузории ишорашудаи кишварҳои ҷаҳон ва минтақа манзур карда шаванд;

- бо мақсади мувофиқ кунонидани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондустӣ, арзишу стандартҳои байналмилалӣ, ба назари эътибор гирифтани тамоюлҳои муосири таҷрибаи қонунгузории пешқадами кишварҳои хориҷ ва мувофиқ сохтани он ба лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории амалкунанди кишвар лоиҳаи нави Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шавад;

- бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам ва қонунгузории кишварҳои пешрафтаи дунё то ҳадди имкон боло бурдани синни ниҳоии судяҳои шаҳру ноҳия;

- таъсиси судҳои минтақавӣ бо мақсади баррасии шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ оидба санадҳои судии судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- рушди падидаи мурофиа дар суди марҳилаи назоратӣ бо роҳи таҷдиди назар намудани мӯҳлатҳо, ихтисори зинаҳои давраи мазкур, инчунин маҳдуд кардани асосҳои бекор кардани санадҳои судӣ.

- бознигарии мӯҳлатҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ ва мурофиаи иқтисодӣ ва ҷорӣ намудани принсипи "мӯҳлати оқилонаи баррасии парвандаҳо"

- бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешқадам коркарди механизми дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷорӣ намудани падидаи созишномаи ҳамкорӣ миёни тарафҳои айбдорӣ ва ҳимоя дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ.

- дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардонидани тартиби таъқиботи ҷиноятии шахсони дахлнопазир, аз ҷумла судяҳо; ҳамзамон коркади механизми хусусиятҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба доираи муайяни шахсони мансабдор.

**Адабиёт:**


1. Абдуллозода Н. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти судӣ.Душанбе: Нашриёти Академияи идоракунии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020.


[451] Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Абдуллоев П.С. Рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар давраи истиқлолият давлатӣ // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 саҳ. (монографияи дастҷамъона). С. 141-142.

2. Ведемостҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1993. - № 3-4. – М. 58.

3. Маҳмудов И.Т., Абдуллоев Н.А. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2017. – 254 саҳ. С. 57-68;

4. Маҳмудов И.Т. Нақши истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ / И.Т. Маҳмудов // Минбари ҳуқуқшинос. Душанбе. 2016. № 13-14. (46-47). Аз 7-уми сентябри соли 2016. С. 4-5

5. Шермуҳаммад Шоҳиён. Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва таҳкими ҳокимияти судӣ //// Мизони қонун (маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон). Душанбе, 2021. № 2.С.13-14.

6. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, № 1242.

7. Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. 292 саҳ.

8. Абдуллаев Н.А. Национальный язык судопроизводства по уголовным делам: дисс. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 1971. – 198с.

9. Искандаров З.Х., Турахонова Д.Т., Каримова Т.Ф. Основные элементы, обеспечивающие организационную и функциональную независимость суда: компетентность, независимость и беспристрастность // Вестник Таджикского национального университета - № 1.- 2019. – С. 166-272.

10. Маҳмудов И.Т. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон – тақозои замон // Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конвенсияи СММ оид ба зидди шиканҷа дигар муносибатҳои ғайриинсонӣ) / зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А ва н.и.ҳ. Диноршоев А.М. - Душанбе, 2015. С. 16.

11. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007. – 186 с.

12. Бахриддинов С.Э., Диноршоев А.М., Сафаров А.И. Восприятие судебной системы населением Республики Таджикистан. Душанбе, 2013. – 61 с.

13. Рахмон Д.С. Прва человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы. – Душанбе, 2019. – 376 с.

14. Азизов У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике // Судебная правовая политика в России и зарубежных

странах: коллективная монография / Под. ред А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – 608с. С. 435-439.

15. Хоҷаева Н.Б. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон: мақсад ва вазифаҳои он // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 294 саҳ.С.227-243.

16. Исоев М.Ш. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи низоми судӣ ва назорати прокурорӣ // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд в амушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 294 саҳ. С. 75-83.

17. Авзалов, А.Х. Базе мулоҳизаҳо оид ба барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015) / зери таҳрири Маҳмудов И.Т., Сафаров А.И. - Душанбе: Империал - Групп, 2015. - Саҳ. 264-274.

18. Диноршоев А.М. Конституционная регламентация и реализация прав и свобод человека и гражданина. – Душанбе, 2015. – 225 с.;

19. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С., Хамдамова Ш.М. Процессуальные институты конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан / Под общей редакции А.М. Диноршоева. – Душанбе. 2015. – 133с.;

20. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республики Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 200с.;

21. Диноршоев А.М. Судебная власть в системе разделения властей в Республике Таджикистан // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография / Под. ред А.А. Дорской. – СПб.: Астерина, 2019. – 608с. С. 439-450..

22. Фозилов Н.Н. Инкишофи қонунгузории мурофиавии сивилистӣ дар солҳои Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи амалишавии барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурииии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ. 2019. 237саҳ. С.130-140.;

23. Фозилов, Н.Н. и др. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан / под ред. М.З. Рахимова. – Душанбе: Азия-Принт, 2012. – 574 с.; Фозилов Н.Н. ва диг. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Точикистон /– Душанбе: ЭР-Граф, 2013. – 784 саҳ.

24. Абдуллоев, П.С. Международно-правовая помощь при собирание и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики

Таджикистан и Российской Федерации) / - М.: Юрлитинформ, 2015. – 224 с.; **Абдуллоев П.С.** Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: васоити таълимӣ. Эр-Граф., 2019. С.252.

25. Холиков К.Н. Становление и развитие института конституционного надзора в Таджикистане. – Душанбе, 1998. – 200с.; Холиков К.Н. Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан / Отв. Ред. С.А. Авакьян. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 420 с.; Холиков К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан: статус, организация и деятельность. – М.: Изд-во Московского ун-та, 2009. – 272 с.

26. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд.юрид.наук / Шодиев Исмат Рахматуллоевич – Душанбе, 2009. – 176 с

27. Юлдошев Р.Р. Судебно-правовые реформы как отражение правовой политики Республики Таджикистан// Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд в амушкилот (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014) / Зери таҳрир доктори илмҳои ҳукуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе, 294 саҳ. С. 252-260.

28. Мирзоев С.Б. Становление и развитие конституционного надзора и контроля в Таджиикистане: историко-правовое и общетеоретическое исследование. Дис. ... канд.юрид. наук / Мирзоев Саломатшо Бозорович – Душанбе, 2011 – 205 с.;

29. Мирзоев С.Б., Диноршоев А.М. Мурофиаи судии конститутсионӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе.: “ЭР-граф”. – 2013. – 212 с.;

30. Мирзоев С.Б. Конституционое правосудие в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 464 с.

31. Рахматова З.М. Административное судопроизводство в Республике Таджикистан: дисс. .. канд.юрид.наук. – М., 2017. – 200 с.

32. Обидова М.Н. Право граждан на участие в отправлении правосудия: теоретико-правовое и конституционно-правовое исследование: автореферат дисс. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 2021.

33. Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана (историко-правовое исследование) : дисс. .. канд.юрид.наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

34. Табаров Н.Д. Институт военного судьи в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование):дисс. ... канд.юрид.наук.- Душанбе, 2018. – 193 с.

35. Одинаев Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досовествком Таджикистане: дисс. ... канд.юрид.наук.- Душанбе, 2012. – 174 с

36. Буриев Э.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика / Отв. Редакторы: академик Тахиров Ф.Т. и проф. Чирккин В.Е. – Душанбе: Дониш, 2016. – 360 с.

37. Маҳмудзода М..А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. – Душанбе, Эр-граф, 2017. – 632с.; Маҳмудзода М..А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ. Душанбе: Эр-граф, 2014. – 596 с.

38. Ализода З. Эволюция института парвламента в Республике Таджикистан. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.; Ализода З.М. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тавассути мақомоти ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсен Сафарзода А.И. – Душанбе: "Империал-Групп". 2015. 396 саҳ. С. 22-30.

39. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования и правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе, 2008. – 196 с.: Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 316 с.

40. Шермуҳаммад Шоҳиён Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа. Қонуният. 2017. № 1.

41. Шоназаров С.А. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе: «Эр-граф», 2015. – 252 с.

42. Завкизода С.А. Судебная власть – гарантия защиты прав и свобод человеа и гражданиан в Республике Таджикистан // Государствоведени и прав ачеловека. Душанбе. 2020. № 3(19).; Завқизода С.А. Ташакул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. № 2. (30). 2020.

43. Мусоев О. Аҳамият ва зарурияти ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.88-110;

44. Фатҳуддинов В. Ташкилёбии судҳои иқтисодӣ ва зарурияти омузиши фанни ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ // Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.22-35.

45. Мурадов А.А. Правовые основы организации и деятельности Верховного Суда Республики Таджикистан: дис. … канд.юрид.наук. – М.: , 2014. – 190 с.

46. Абдуллозода Ф.Н. Особенности формирования и развития Верховных судов Республики Таджикистан и России: советский и постсоветский период (сравнительное историко-правовое исследование): автореферат дисс. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 2020.

47. Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан: дис. … канд.юрид.наук. – Душанбе, 2019. – 177 с.

48. Пулодӣ М.К. Ташакули ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ , номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсент Сафарзода А.И. – Душанбе: “Империал-Групп”. 2015. 396 саҳ. С. 55-64.

49. Ализода Ш.Ш Рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон //Рушди ҳуқуқи судӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 октябри соли 2015), зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ , номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. ва и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқук, дотсен Сафарзода А.И. – Душанбе: “Империал-Групп”. 2015. 396 саҳ. С. 41-46.

50. Сафаров Б.А., Ойев Х.О. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2013. – 256с.

51. Маҳмудов И.Т. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2017. – 254 саҳ. С. 57-68 (дар ҳаммуалифӣ);

52. Гафуров Х.М. Перспективы развития судов общей юрисдикции в условиях судебно-правовой реформы в Таджикистане /Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳали он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ). Зери назари мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Сино». 2014. С.121-138;

53. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судов общей юрисдикции Республики Таджикистан (монография). Душанбе. 2020 - 160 с.; Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности экономических судов Республики Таджикистан (монография).Душанбе. 2018. 144 с.; Мирзамонзода Х.М. Системно-структурные начала совершенствования органов судебной власти Республики Таджикистан: современное состояние и анализ перспектив развития // Правовая жизнь. Душанбе. 2020. № 3 (31).;

54. Диноршоев А.М., Мирзамонзода Х.М. Конституционный суд в системе разделения властей // Правовая жизнь. Душанбе. 2020. № 2 (30).;

55. Мирзамонзода Х.М. Анализ реализации судебно-правовой реформы в Таджикистане и необходимость разработки концепции судебно-правовой политики // Правовая жизнь. Душанбе. 2020. № 2 (30).;

56. Завкизода С.А. Судебная власть – гарантия защиты прав и свобод человеа и гражданиан в Республике Таджикистан // Государствоведени и прав ачеловека. Душанбе. 2020. № 3(19).;

57. Завқизода С.А. Ташакул ва инкишофи асосҳои ҳукукии танзими интихоби судяҳо дар Ҷумҳуриии Тоҷӣкистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. № 2. (30). 2020.

58. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судяҳо ва кормандони Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 11 августи соли 2004 // С.А. Шоназаров. Таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе: "Эр-граф", 2015. - С. 190. (252 саҳ)

59. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21.11.2019 / www.president.tj (санаи мурочиат 22.11.2019)

60. Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Абдуллоев П.С. Рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар давраи истиқлолият давлатӣ // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 саҳ. (монографияи дастҷамъона). С. 141-142.

# КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

## ТАКТИКАИ ПУРСИШ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ОШКОРКУНИИ ҶИНОЯТИ ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ НАШЪАОВАР

**Қодирзода Д.С.,**
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992989153232
**E-mail:** dalerkodirov1990@mail.ru

**Муқарриз:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда.** Дар мақола мафҳум, моҳият ва баъзе аз хусусиятҳои тактикаи пурсиш дар мавриди тафтиши гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур усулҳои муассири тактикаи пурсиш дар раванди тафтиши парвандаҳои самти мазкур мавриди таҳлил қарор гирифта, истифодаи онҳо дар амалияи тафтишӣ тавсия дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки нақши пурсишро дар ошкорнамоӣ, кушодан ва тафтиш намудани парвандаи ҷиноятӣ ба таври муфассал нишон диҳад. Дар мақола иброз шудааст, ки тактикаи дурусти пурсиш заминаи асосӣ барои амалинамоии дигар амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баромад мекунад. Ҳамчунин, нишон дода шудааст, ки парвандаҳои ҷиноятии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар аксар мавриҳо тафтишашон аз пурсиш оғоз меёбад. Муаллиф иброз менамояд, ки дар мавриде, ки пурсиш амали аввалини тафтиши дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии мазкур баромад мекунад, муфаттишро мебояд, ки ҳама кӯшишу маҳорати худро дар амалинамоии дурусти тактикаи пурсиш истифода намояд, чунки тақдири минбаъдаи тафтиши парванда аз инҷо маншаъ мегирад. Муаллиф вазъи содиршавии ҷинояти мазкурро низ мавриди таҳлил қарор дода, назари худро вобаста ба пешгирӣ, ошкоркунӣ ва тафтиши самараноки парвандаҳои ҷиноятии гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** Ҷиноят, тактика, тактикаи пурсиш, пурсиш, усул, тафтиш, ошкоркунӣ, маводи нашъаовар, воситаи нашъадор, моддаи психотропӣ, амалҳои тафтишӣ, чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

# ТАКТИКА ДОПРОСА И ЕЕ РОЛЬ В ПРОЦЕССЕ РАСКРЫТИЯ ФАКТОВ НЕЗАКОННОГО ОБОРОТА НАРКОТИКОВ

**Кодирзода Д.С.,**
доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета ТНУ, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992989153232
**E-mail:** dalerkodirov1990@mail.ru

**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, доцент

**Аннотация.** В статье рассматриваются понятие, сущность и некоторые особенности досмотровой тактики при расследовании преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков. Анализируются эффективные методы допросной тактики при расследовании дел в данной сфере и рекомендуются применение некоторых из них в следственной практике. Автор раскрыл в своей работе роль допроса в раскрытии, выявлении и расследовании уголовного дела. В статье указано, что правильная тактика допроса является основанием для проведения других следственных действий и оперативно-розыскных мероприятий. В свете того, что зачастую уголовные дела о незаконном обороте наркотиков начинаются с допроса, автор констатирует, что когда допрос является первым этапом расследования рассматриваемой категории уголовных дел, следователь должен приложить все свои усилия и умения в правильном осуществлении тактики допроса, так как от этого зависит будущая участь расследуемого дела. Также автор анализирует ситуацию с совершением данного преступления и предлагает свои взгляды на предупреждение, выявление, раскрытие и эффективное расследование уголовных дел о незаконном обороте наркотиков.

**Ключевые слова:** Преступление, тактика, тактика допроса, допрос, метод, расследование, обнаружение, наркотические вещества, наркотические средства, психотропные вещества, следственные действия, оперативно-розыскная деятельность.

# INTERROGATION TACTICS AND THEIR ROLE IN THE PROCESS OF UNCOVERING THE FACTS OF DRUG TRAFFICKING

**Qodirzoda D.S.,**
docent of the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Faculty of Law of TNU, Candidate of Legal Science
**Phone:** +992989153232

**E-mail:** dalerkodirov1990@mail.ru

**Reviewer:** Nazarov A.K., Doctor of Law, docent

**Annotation.** The article discusses the concept, essence and some features of inspection tactics in the investigation of crimes related to drug trafficking. Effective methods of interrogation tactics are analyzed in the investigation of cases in this area and the use of some of them in investigative practice is recommended. The author made an emphasis in his work on the study of the role of inquiry in the disclosure, initiation and investigation of a criminal case. The article states that the correct examination tactics is the basis for carrying out other investigative actions and operational search activities. In light of the fact that criminal cases on drug trafficking often begin with interrogation, the author states that when interrogation is the first stage of the investigation of the category of criminal cases under consideration, the investigator must make every effort and skill in the correct implementation of interrogation tactics, since it depends the future fate of the case under investigation. The author also analyzes the situation with the commission of this crime and offers his views on the prevention, detection and effective investigation of criminal cases on drug trafficking.

**Keywords:** crime, tactics, interrogation tactics, interrogation, method, investigation, detection, narcotic drugs, narcotic drugs, psychotropic substances, investigative actions, operational-search activity.

Пурсиш яке аз паҳншудатарин ва маъмултарин амали тафтишӣ ба ҳисоб меравад. Ба даст овардани тамоми маълумот аз шахси пурсишшаванда, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад, моҳияти пурсишро дар бар мегирад. Маълумоти дар раванди пурсиш бадастомада бояд дақиқ бошад, яъне ба воқеият мувофиқат кунад. Танҳо бо кумаки маълумоти дуруст ҳақиқат аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ барқарор мешавад, ки мақсади асосии тафтиш низ ҳамин аст.

Чи гунае, ки Голик Ю.В. менависад: «Пурсиш – амали мустақилонаи тафтишӣ буда, ба даст овардан ва муайянсозии шаҳодати шахс дар шакли мурофиавӣ дар бораи маълумот ва вазъияти ҷиноят барои барқарор кардани ҳақиқат аз рӯи парванда аҳаммияти муҳимдоштаро дар бар мегирад»[452].

Доираи масъалаҳое, ки дар рафти пурсиш бояд муайян карда шаванд, онҳо ба вазъияти мушаххаси тафтишӣ ва марҳилаи ибтидоии тафтиш вобастагӣ доранд[453].

Дар раванди пурсиш ва марҳилаи аввали тафтишот бояд манзараи воқеии дохили ҷиноят, ки аз сабабҳои психологии кирдори ҷиноятӣ иборат аст, ошкор карда шавад; мақсади ҷиноят; қарори қабулкарда дар бораи

[452] Голик Ю.В. Настольная книга следователя. С.П., 2008, – С. 333.
[453] Қодирзода Д.С. Методикаи тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин. Китоби дарсӣ. – Душанбе. 2021. – С. 157.

содир кардани он (пешакӣ тарҳрезишуда, мушаххас, хуб коркардшуда, дар нақша ва ҷой санҷидашуда, ҳамчун қарори вазъӣ ва таъхирнопазир, вақте ки қарор фавран иҷро карда мешавад); танзимкунандагони психологӣ (равонӣ)-и кирдорҳои ҷиноятӣ дар шакли мақсадҳои муайян ва воситаҳои содир кардани онҳо; бархурд (баҳогузорӣ)-и субект ба ҷинояти содиршуда дар раванди пурсиш муайян карда шавад.

Чи тавре, ки қайд намудем дар марҳилаи аввали пурсиш муфаттишро мебояд, ки мақсади содир намудани ҷиноятро муайян намояд. Ин ҳолат дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, чунки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ки ба даст овардан ё нигоҳ доштани ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бе мақсади фурӯши он, бо оқибатҳои ҳуқуқии худ аз амалҳои монанди ба мақсади фурӯш содиршуда фарқ мекунанд. Ба андешаи мо муайянкунии мақсади содиркунии ҷоноятҳои мухаддиротӣ ба бандубасти ҷиноят таъсири мусбии худро мерасонад. Аз ин рӯ, ба ҳар як парвандаи аз рӯи гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор зарур аст, то мақсади ба даст овардан ё нигоҳ доштани воситаҳои нашъадори аз ҷониби шахси ба ҷавобгарӣ кашидашуда муайян карда шавад. Барои муассир гузаронидани пурсиши шахсони мазкур дар аксари маврид дониши махсус дар соҳаи тиб, кимиё ва дорушиносӣ зарур аст.

Дар аксари мавридҳо зарур аст, ҳолатҳои зеринро барқарор кард:

- далелҳои мутааллиқ ба харид, кашондан ва фурӯши маводи нашъаовар;
- нақши шахси пурсишшаванда дар гурӯҳи ҷиноятӣ;
- ҳодисаҳои муайяни фаъолияти ҷиноятии гунаҳкор ва ҳар як аз шарикони ҷиноят;
- макони нигоҳдории маводи нашъаовар ва огоҳ будани шахси гумонбар аз он, ки ӯ махсусан бо маводи нашъаовар сару кор дорад, на бо маводи дигар.

Ба андешаи мо муфаттишро зарур аст, ки пеш аз оғози пурсиш тамоми маълумотҳоро дар бораи шахси пурсишшаванда омӯзад ва нақши ӯро дар низоми фурӯши маводи нашъаовар, муносибаташ бо дигар аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ, ба назар гирифтани рӯҳияи ҳар як аъзои гурӯҳи ҷиноятиро муайян намояд. Чунки содиркунандагони ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамавақт нақшаи пешакии содиркунии ҷиноятро тарҳрезӣ намуда, аз рӯйи он амал мекунанд ва ҳангоми пурсиш метавонанд нишондодҳои бардуруғи бофта пешниҳод намоянд. Ҳолати мазкур метавонад тафтишотро ба гумроҳӣ барад.

Дар робита бо ҳолатҳои мураккаби тафтишотӣ, муфаттиш бояд мавқеи пурсишро интихоб кунад. «Нашъамандҳо ва шахсони ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор машғулбуда пешакӣ вазъиятро меомӯзанд, из (нишона) ва далелҳои моддиро нест карда, барои пурсиш

омода мешаванд, на танҳо нишондоди худро, балки нишондоди наздикон, ҳамсоягон, дӯстон ва шарикони ҷиноятро пешакӣ омода мекунанд»[454].

Ҳангоме, ки парвандаи ҷиноятӣ дар муносибат ба шахси нигоҳдорандаи маводи нашъадор оғоз мешавад, муайян кардани нақш ва мақоми ӯ дар гурӯҳи ҷиноятӣ муҳим аст, инчунин бояд рӯшан кард, ки фаъолияти ҷиноятии ӯ танҳо дар доираи нигоҳдории маводи нашъадор маҳдуд мешавад ё инчунин дар фурӯши маводи нашъаовар миёнарав ҳаст. Чунин шахсон ҳангоми пурсиш дар аксари маврид, нисбат ба фаъолони гурӯҳи ҷиноятӣ нишондоди дуруст медиҳанд. Табиатан чунин ашхос, дар аксари мавридҳо, шахсони камбағал (нодор) ва нашъаманд мебошанд, ки на ҳама вақт вазнинии кирдори содиршударо дарк мекунанд. Бо чунин гумонбар муфаттиш бояд мавқеи «дилсӯзӣ»-ро интихоб карда, дар бораи тарзи зиндагӣ, даромадҳои зиёди ташкилкунандагони асосӣ, ки ба даст меоранд ва муқоисаи он ба маблағи ночизе, ки ба миёнарав ба ивази таваккали зиёд медиҳанд, ошно намояд. Дар баъзе ҳолатҳо шахси ба гумони нигоҳдории маводи нашъаовар боздоштшуда, мустақиман барои фош кардани онҳое, ки ӯро «фурӯхтанд», иқдом мекунад, махсусан замоне ки ҳама ҷавобгарӣ ба гардани нигоҳдорандаи нашъа вогузор мешавад.

Барои боз ҳам муассир гузаронидани пурсиш, сари вақт ошкор кардани нишондоди бардурӯғ ва маҳкум кардани пурсишшаванда барои пешниҳоди нишондоди бардурӯғ истифода аз усулҳои тактикӣ лозим аст. Усулҳои муассири пурсиши пурсишшаванда: Якум гузаронидани пурсиш дар шакли «нақли озод», ҳангоме ки гумонбар худ ҳодисаҳои ҷиноятро бе пурсиши муфаттиш нақл мекунад. Саволҳои дигар барои рушану ошкор шудани ҷиноят баъд аз нақли озоди гумонбар дода мешаванд.

Усулҳои мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои равонии пурсишшаванда асос ёфтаанд: аз як тараф, ӯ мехоҳад ҳама ҳодисаро чунон нақл кунад, ки кирдори худро дуруст нишон диҳад, аз тарафи дигар, ӯ бояд далелҳоеро, ки ба муфаттиш маълуманд, дар назар дошта бошад. Аҳаммияти пурсиш дар шакли нақли озод ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад. Шахси гумонбаршуда намедонад, ки муфаттиш то чи сатҳ аз фаъолияти ҷиноятии ӯ огоҳ аст, барои ҳамин дар нақли худ ӯ метавонад маълумоти дуруст дар бораи ҷиноят ва дигар шарикони ҷиноят пешниҳод кунад, махсусан барои он кирдорҳое, ки ба ӯ таъсиргузор нестанд ва бо ин ба ошкор шудани ҷиноятҳои қаблан ошкорнашуда ва ё барои муфаттиш номаълум мусоидат мекунад.

Дуввум, дар раванди чунин нақл «лағжиши забон» имконпазир аст, ки аз рӯи равоншинохтии судӣ маълумоти дақиқ рӯ мезанад, ки пурсишшаванда кӯшиши пинҳон кардани онро дошт. Сеюм, нақли озод барои муфаттиш имкони истифодаи усулҳои дигарро барои пешгирӣ кардани дурӯғҳо фароҳам меорад. Пешгирии саривақтии маълумоти

[454]Космодемьянская Е.Е. Тактико-психологические аспекты допроса несовершеннолетних наркозависимых лиц. // Вестник Сибирского юридического института ФСКН России. 2012. № 1 (10). –С. 50- 59.

бардурӯғ, ки барои гумонбар боиси бедор шудани ҳисси бефоида будани ироаи маълумоти бардурӯғро бедор мекунад, яъне маълумоти бардурӯғе, ки барои ба иштибоҳ андохтани раванди тафтишот равона шудаанд. Чунин усулҳо ҳангоми мавҷуд будани далелҳои раднопазири гуноҳи гумонбар истифода мешаванд.

Усулҳои мазкур ҳангоме ба кор бурда мешаванд, ки муфаттиш тафаккури баланди тафтишотӣ дошта, ҳангоми пайдо шудани маълумоти бардурӯғ аз ҷониби гумонбар, онро ошкор мекунад ва ин боис мешавад, ки гумонбар ҳангоми нишондод пешниҳод кардан парешон (худро гум кунад) шавад ва ё бенатиҷа будани баҳонаҳо барои бегуноҳии худро ҳис карда, тадриҷан ба пешниҳод кардани нишондоди дуруст рӯ меорад.

Ҳамин тавр, яке аз далелҳои муҳим дар парвандаи ҷиноятии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар пурсиш бо нишондоди шахси дастгиршуда мебошад. Муфаттиш бояд дар ҳар маврид ба пурсиши гумонбар эҷодкорона рафтор кунад, на аз рӯи «шаблон», то ӯро барои нишондод дар мавриди аъзои гурӯҳ ва дастгир кардани онҳо водор кунад. Барои амали тафтишотии босубот фазои муошират хеле муҳим аст. Усул ва тактикаҳои криминалистии тафтишоти ҷиноят барои амалҳои тафтишотии муосир ва ошкор кардани ҷиноят, аз ҷумла дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор, муҳим ба шумор меравад.

Ба андешаи мо сину соли пурсишшаванда дар мавриди бомуваффақона амалӣ намудани тактикаи пурсиш нақши муҳимро мебозад. Муфаттишро мебояд, ки пурсишро вобаста ба сину сол амалӣ намояд, ноболиғонро аз рӯйи дараҷаи инкишофи зеҳн, пиронсолон ва ё шахсоне, ки дар сину сол аз муфаттиш бузург мебошанд бо дараҷаи фаҳмиш ва аз рӯйи эҳтиром мавриди пурсиш қарор диҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми пурсиши ноболиғон пурсишро аз нафароне бояд оғоз кард, ки ба пешниҳоди нишондоди воқеиву дуруст майл доранд. Ба сифати чунин шахсон метавонад шахсе шавад, ки тағйироти рафтори ноболиғ дар ӯ эҳсос шуда, аз мавҷудияти аломатҳои нашъамандӣ дар ӯ дарак диҳад.

Аз рӯи ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар аз ҷониби ҷавонон ва наврасон содиршуда, пурсиши шоҳидон ҳамчун манбаи ба даст овардани маълумоти муҳимми криминалистӣ хусусиятҳои алоҳидаро дар бар мегирад. Ба сифати шоҳидон дар баррасии категорияи мазкури парвандаи ҷиноятӣ шоҳидони айнӣ дар боздошт шудани гумонбари ноболиғ мисли ҳамсояҳо, шиносони гумонбар, шахсони бо ӯ якҷо зиндагикунанда (волидайн), ашхоси истеъмолкунандаи маводи нашъадор, инчунин, шахсони ба сифати фаъол дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ширкатдошта пурсиш мешаванд. Муассир будани пурсиши шоҳидон ба дараҷаи лозимӣ аз сатҳи маълумотнокии муфаттиш аз ҳаҷми маълумот (нишондод) вобаста аст, ки ба шахсе, ки ҳамчун шоҳид ба пурсиш даъват мешавад, пешниҳод мешавад.

Бояд иқрор шуд, ки ҳангоми тартиб додани тактикаи пурсиш хусусиятҳои биологии мардону занон ба назар гирифта шавад. Чунон ки К.

А. Исаев менависад: «... барои тафтиши бомуваффақияти ҷиноят, ҳар як амали тафтишӣ аҳаммияти қатъӣ дорад, аз ҷумла, пурсиш, ки дар табиати худ амали гуногунҷабҳа, мураккаб, дорои раванд, ҷанбаҳои криминалистӣ, ташкилӣ, равонӣ аст ва ҳангоми пурсиши занҳо аз рӯи вазифаҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳо ба назар гирифта мешавад. Ба назар нагирифтани чунин хусусияти бунёдии ҳаётӣ-иҷтимоии инсон, ба монанди ҷинс, ки аксар вақт хосиятҳои рафтор ба мардон ҳамчун универсал қабул шудааст ва он аксар вақт ба сифати тафтиши ҷиноятҳои занон содиркарда таъсир мерасонад»[455].

Ба андешаи Дубинин Е.А. ба кор бурдани ин ё он усул ба омилҳои алоҳидае вобастагӣ доранд, ки ӯ барои намуна онҳоро «навъи ҷинояти содиршуда; вазъ ё ҳолати мурофиавии шахси пурсишшаванда; хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва инфиродӣ-равонии шахси пурсишшаванда; мавқеи интихобкардаи шахси пурсишшаванда дар раванди пурсиш; ҳаҷми далелҳои дар раванди пурсиш мавҷудбуда»[456] ном бурдааст.

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми тактикаи пурсиш назари пажуҳишгарони соҳаро ба худ ҷалб намудааст, ин тактикаи пурсиши шоҳид ба шумор меравад. Тафтиши парвандаҳои ҷиноятии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар нишон медиҳанд, ки пурсиши шоҳид имкони натанҳо ошкоркунии ҷиноятро фароҳам меоварад, балки маълумоти дақиқро дар бораи шахси ҷинояткор пешкаш мекунад. Ба фикри мо пурсиши шоҳид дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар заминаи асоси барои амалинамоии дигар амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад, чунки ҷараёни содиркунии ҷиноятҳои мазкур пурра ғайриошкоро мебошад.

Маълумотҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки маълумот дар бораи тағйирёбии доираи муносибати ноболиғ дар давраҳои зикршуда муқоиса карда шавад. Барои ин дархости маълумот оиди суҳбатҳои телефонӣ ва электронӣ, омӯзиши материалҳо аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи гумонбаршуда мувофиқи мақсад аст. Дар натиҷа, метавон тавассути инҳо шахсонеро ошкор кард, ки шахсони дигарро барои содиркунии ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва фаъолияти криминалии гардиши ғайриқонунии он ҷалб кардаанд.

Муфаттишро лозим аст, дар назар дошта бошад, ки ҳангоми пурсиш шоҳид метавонад аз ҳолатҳо нақл накунад, на аз ҳисоби он ки фаромӯш кардааст ва ё мехоҳад онҳоро пинҳон кунад, балки намедонад, ки нишондоди ӯ барои тафтишоти ҷиноят аҳаммият дорад ё не. Дар баъзе ҳолатҳо зарурати пурсиши шоҳидоне пеш меояд, ки худ бевосита шоҳиди

[455] Исаева К.А. Тактические особенности допроса женщин подозреваемых и обвиняемых: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Москва, 1995. – С. 5.
[456] Дубынин Е.А. Тактика допроса подозреваемого и обвиняемого: учеб. пособие. – Красноярск, 2006. – С.13.

муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар нестанд, вале дар бораи он тавассути шахси сеюм маълумот дорад.

Ҳангоми пурсиши чунин ашхос усулҳои тактикии зерин муассир мебошанд: бетаваҷҷуҳ будан ба аҳаммияти нишондоди шоҳидон, ошкор кардани фаъолияти ҷиноятии шахси манфиатдор, баъдан маълумот дар бораи шахси сеюм. Пурсиши шоҳидонеро, ки шоҳиди айнии ҷинояти нашъамандии аз тарафи ҷинояткорон содиршуда ба ҳисоб меравад, тартиб дода, муфаттиш ҳолатҳои баъдиро бояд ба назар гирад: оё шоҳид шоҳиди айнии як ё якчанд ҷиноят аст; оё ӯ аз наздикони гумонбар ҳаст ё не, агар ҳа, пас муносибати байни онҳо чигуна аст; хусусияти шахсӣ ва нақши воқеӣ дар парвандаи шахсе, ки бояд ҳамчун шоҳид пурсиш шавад, дар чист; шоҳиди мазкур чӣ мавқеъеро интихоб кардаст; оё ӯ нашъаманд аст. Дар раванди пурсиш шоҳид метавонад ҳолатеро ба вуҷуд орад, ки ба нахостани ӯ барои пешниҳоди нишондод алоқаманд бошад. Ин пеш аз ҳама ба ваъдаи дастгирии пурсишшаванда аз миёни шахсони ба ҷиноят алоқаманд, ё маҷбурсозии онҳо аз ҷониби шарикони амалиёти ҷиноятӣ бо маводи нашъаовар ва дигар омилҳои манфӣ алоқаманд аст. Ба андешаи баъзе олимон бояд розӣ шуд, ки гуфтаанд: «Шоҳидон – одамони оддие ҳастанд, ки баъзан аз ҷинояткорон дида гуноҳи кам надоранд. Як чизро дар хотир дошта, метавонанд аз чизҳои дигар фаромӯш кунанд»[457].

Вазъияти кунунии маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзоиши мунтазами паҳншавии воситаҳои нашъадор ва истеъмоли ғайритиббии он сахт вобаста аст. Наандешидани чораҳои зарурии муносиб аз болои вазъи мазкур ба амнияти кишвар ва беҳдошти саломатии миллат хатар эҷод мекунад. Аз рӯи ҳисоботҳои расмӣ, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи омори расмӣ соли 2020 дар ҷумҳурӣ шумораи беморони нашъамандӣ 5099 нафарро ташкил дод. Аз рӯи ин нишондод ба 100 ҳазор аҳолӣ 55 нафар нашъаманд рост меояд. Аз шумораи умумии беморони дар қайд буда 36,8% ба шаҳри Душанбе, 20,5% ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 17,6% ба вилояти Суғд, 14,6% ба вилояти Хатлон ва 10,5% ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рост меояд[458]. Ҳангоми тафтишоти ҷиноятҳои гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, нишондоди шоҳидон барои фош кардани ҷинояткорон ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо аҳаммияти калон дорад.

Чуноне, ки Раҳимзода Р.Ҳ. қайд менамояд, дар шумори чунин таҳдидҳо экстремизм, ҷиноятҳои муташаккилона ва коррупсия метавон гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва яккатор дигар тамоили номатлуброро, ки метавонанд ба амнияти давлат ва ҷамъияти мо зарар оваранд, ворид намуд[459].

---

[457] Еникеев М.И., Образцов В.А., Эминов В.Е. Следственные действия: понятия, тактика, технология: учебное пособие. М.: ТК Велби, Издательство Проспект, 2009. – С. 12

[458] Шарҳи вазъи маводи нашъаовар дар ҶТ дар соли 2020, саҳ 56.

[459] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 4-ум. – Душанбе: “Эр-граф”, 2017. – С.18.

Тибқи моддаи 200 Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ ҷараён ва натиҷаи пурсиш дар протоколи инъикос карда мешаванд[460]. Дар протоколи пурсиш чигунагии обекти додашуда, чӣ тавр бастабандӣ шудани он (навъи баста, муҳр, навиштаҷот), оё раванди тартибдодашудаи протоколи чораҳои тафтишотӣ-ҷустуҷӯиро фаро мегирад, кӣ онро тартиб додааст, «зархарид» дар бораи шахсе, ки ба ӯ борро дод, чӣ маълум кард, - насаб, ном, номи падар, лақаб, нишона, ҷои аниқи фурӯш, дар кадом ҳолат ва ба фикри «зархарид», ӯ чӣ гирифтаст (ягон навъи воситаи нашъадор), дар ин лаҳза боз кӣ ҳузур дошт; - кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба кадом самт рафтанд ва фаҳмиши «зархарид» дар бораи чизи бадастовардааш, чӣ тавр ва дар куҷо ҷинояткорон дастгир шуданд ва ғайра пурра бояд тавсиф шавад.

Дастгиршудагон чӣ гуна худро муаррифӣ карданд, оё кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кӣ будани шахсияти онҳоро дуруст маълум карданд; – тартиб ва ҷобаҷогузории ашёъ ва нишонаҳои ёфтшудаи кирдори ҷиноятӣ дар бинои ҷустуҷӯшаванда, раванд ва натиҷаи тафтиш (назорат)-и шахсони дастгиршуда; – тавзеҳот аз ҷониби дастгиршудагон ва ҳозирон, ҳолатҳои ихтиёран супурдани ашёъи муомилоташон манъшуда; – ашёи ошкоршуда чӣ гуна бастабандӣ шудаанд, чӣ гуна муҳр зада шудаанд, дар рӯи онҳо чӣ навиштаҷоти фаҳмонданӣ мавҷуд буд ва онҳо аз тарафи кӣ имзо шуда буданд; – далелҳои тартиб додани протокол (дар бораи кӣ тартиб дода шудааст, оё моҳияти ҳодисаҳо дар он дуруст тавсиф шудаанд, протоколро кӣ хонда, имзо гузоштааст); – оё кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба дастгиршуда ягон навъ фишор оварданд (фишори физикӣ ё равонӣ).

Маълумоти сабтшуда дар протоколи пурсиши шоҳид, ки дар амалиёти оперативӣ ҷустуҷӯӣ ба сифати шоҳид иштирок дошт, далелҳои истисноӣ ва раднашавандае мебошанд, ки мутобиқи кодекси мурофиавии ҷиноятӣ оид ба фаъолияти ҷиноятии шахси дастгиршуда ба даст оварда шудаанд. Дар асоси маълумоти пешниҳодкардаи шоҳид, қонунӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии гузаронидашуда, аз ҷумла, дар мавриди мусодираи моддаҳои муомилоташон манъшуда ва ашёи ба онҳо алоқаманд баҳо дода мешавад. Мавриди зикр аст, ки аз рӯи парвандаи мазкур шоҳидон бисёр вақт аз пешниҳоди нишондод, аз сабаби фишор аз ҷониби гунаҳкорон, даст мекашанд. Барои ҳамин, дар марҳилаи аввали тафтишот чораандешӣ ҷиҳати пешгирии фишор ба шоҳидон бояд андешида шавад: аз номи мустаор истифода бояд кард, айбдоршавандаро бо роҳи ҳабс кардан, ҷудо кардан аз дигарон, ҳимоя кардан ва ғайра нигоҳ дошт.

Ҳангоми пурсиши истеъмолкунандагони моводи нашъаовар, аз ҷумла шахси нашъаманд, ки дар нигоҳдории моводи мухаддир гунаҳкор дониста

[460] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564, mmk.tj (санаи муроҷиат 25.02.2022).

мешавад, иловатан масъалаҳои зерин дар протокол бояд дарҷ карда шаванд:

- манбаъҳои ба даст овардани маводи нашъаовар;
- кай ва аз кӣ харида шудани он;
- эҳтимоли ҷой доштани маслиҳати пешакӣ;
- бо кадом нарх харидори шудани як баста мавод;
- ҳадафи нигоҳдории маводи нашъаовар[461]

Ба фикри мо, интихоби дурусти усулҳои тактикӣ аз ҷониби муфаттиш, имкони муқаррар кардани маълумот дар бораи хусусияти кирдори ҷиноятӣ, ҳолатҳо ва натиҷаи он, маълумот дар бораи вазъият ва чигунагии ҷиноят, восита ва механизмҳои инкишофи давраҳои ҷиноят, маълумот дар бораи шакл ва дараҷаи гуноҳ, ангеза ва мақсади содир кардани ҷиноят, маълумоте, ки барои эътироф кардан замина шуда, дорои заминаи ҳуқуқии аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, ки таркиби ҷиноятро тавсиф мекунанд, мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**

1. Голик Ю.В. Настольная книга следователя. С.П., 2008, – С. 333.
2. Дубынин Е.А. Тактика допроса подозреваемого и обвиняемого: учеб. пособие. – Красноярск, 2006. – С.13
